Раёсати Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

# Илм ва Ҷомеа

**Маҷаллаи академии илмию оммавӣ**
**№ 2 (10), 2018**

Маҷалла 17 декабри соли 2015 аз тарафи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст ва дар як сол чор маротиба нашр мешавад.

**Муассис:** Раёсати Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Сармуҳаррир:** Нозим Нурзода
**Котиби масъул:** Фирдавс Ниёзӣ
**Саҳифабанд ва тарроҳ:** Ибодов Бозорбой

**Ҳайати мушовара:** Фарҳод Раҳимӣ, Абдуҷаббор Раҳмонзода, Талбак Назаров, Мӯсо Диноршоев, Саидмурод Фаттоҳзода, Собит Неъматуллоев, Пӯлод Бобоҷонов, Комил Бекзода, Ёрмаҳмад Ниёзӣ.

www.ravshanfikr.tj

# ФЕҲРИСТИ МАВЗӮЪҲО

## РАВАНДҲОИ СИЁСӢ ВА ИСТИҚЛОЛИЯТИ ФИКРӢ

**С. Ятимов.** *Иммануил Кант ва ташаккули субъекти сиёсӣ..................*
**Комил Бекзода.** *Бузургӣ чист ва бузургон кистанд?............................*
**Ёрмаҳмад Ниёзӣ.** *Чаро зарурати ҳифзи истилоҳи забони тоҷикӣ пеш омадааст?........................................................................................*
**Тоҷинисо Муродова.** *Истиқлолияти миллӣ ва нақши он дар шаклгирии андешаи миллӣ.......................................................................*
**Нозим Нурзода.** *Ибни Сино ва Шаҳобуддини Суҳравардӣ - эҳёгарони ҳикмати миллӣ..........................................................................*

## ФАРҲАНГСОЛОРӢ, МАОРИФПАРВАРӢ ВА ҶАҲОНБИНИИ АЛТЕРНАТИВӢ

**Ҳабибулло Раҷабов.** *Тасвири бархӯрдҳои мазҳабӣ дар ҳикояи Иброҳим Ҷалис "Ғуломи озод"* ..............................................................
**Қосимшо Искандаров.** *Таърих ва суннатҳои ҷашни Наврӯз дар Афғонистон........................................................................................*
**Нурмуҳаммад Одинаев.** *Сарчашма ва сабақҳои таърихии ҳаракати маорифпаривarии тоҷик.......................................................................*
**Комил Бекзода.** *Ҷалолиддини Балхӣ дар талоши инсони худшинос.......*
**Исомиддин Шарифзода.** *Хурофагарой ва паёмадҳои иҷтимоии он.......*
**Пирмаҳмад Нуров.** *Забони илмии тоҷикӣ ва меъёру шартҳои истифодаи истилоҳоти иқтибосӣ дар он.............................................*
**Фирдавс Мирзоёров.** *Тафсири вожаҳои ҳуҷҷатгузорӣ дар «Луғати Айнӣ»...........................................................................................*
**Меҳр Собириён.** *Ислоҳоти Мейҷӣ дар Ҷопон-намуна барои кишварҳои рӯ ба рушд........................................................................*
**Мехрдод Қурбониён.** *Фарқияти илму хурофот....................................*

## БОЗЁФТҲО ВА АНДЕШАҲО

**Абдуалӣ Абдуманнонов, Фирӯза Абдуманнонова.** *Энергия: нақши калидӣ аз атом то ситора....................................................................*
**Номвар Қурбонов.** Таърихи физика: аз хронология то кашфиёт.....

**Аслиддин Салимов.** *Инсоншиносӣ ва қобилияти шинохт....................*
**Ҳусейнбой Қиёмиддинов., Бозорбой Ибодов.** *Опыт государственного регулирования инновационного предпринимательства за рубежом.......*

## ТАҲИЯ ВА ТАДВИН

**Сергей Сергеевич Брюхоненко.** *Аппарат искусственного кровообращения (Аутожектор). (составитель* **Дидавар Бекзода***)..........................................................................................*
**Суҳроби Аржанг.** *Чаро бояд исломро нақд кард ва мавриди пурсиш ва муҳокима қарор дод?* (таҳияи **Меҳр Собириён**)...............

## РАВАНДҲОИ СИЁСӢ ВА ИСТИҚЛОЛИЯТИ ФИКРӢ

**С. Ятимов**
*доктори илмҳои сиёсӣ,*
*узви вобастаи Академияи илмҳои*
*Ҷумҳурии Тоҷикистон*

# ИММАНУИЛ КАНТ ВА ТАШАККУЛИ СУБЪЕКТИ СИЁСӢ

### Муқаддима

Мақсади аслӣ ва ниҳоии инсоният – таъмини осудагӣ, рушди фард ва ҷомеа мебошад. Таҷрибаи дунё нишонгари он аст, ки ин ҳадаф фақат тавассути тарбия, таълим ва ҳамчун натиҷаи он - ташаккули рӯҳи инсони комил метавонад амалӣ гардад.

Дар асари дигаргуниҳои фавқулодаи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангие, ки дар се даҳсолаи охир, тавассути Қаҳрамони миллии мардуми тоҷик дар мамлакат ба вуқӯъ пайваст, рӯҳи миллӣ дар сарзамини тоҷикон **"паноҳгоҳи худро ёфт ва дар он зиндагӣ мекунад"** (таъбири Гегел). Акнун барои мо ҳаётан муҳим аст, ки **"шуълаи ин шамъи муқаддасро эҳтиёт намоем, ба он ғизои маънавӣ диҳем. Ғамхорӣ кунем, ки хомӯш нашавад. Ва олитарин зуҳурот - шуурнокӣ ва худшиносӣ завол наёбад"** (В.Ф. Гегель. Наука логики: Т.1. -М.: 1974. -С. 81).

Бояд маълум бошад, ки ин кори осон нест. Осон ҳаст, фақат барои **"ақлҳо ва характерҳои рӯякӣ..., ки холигӣ ва донишҳои сатҳии худро ҳамчун афзалият, моил ба мақсад ва натиҷаи фаъолияти интеллектуалии худ қаламдод карданӣ мешаванд"** (таъбирҳои В.Ф. Гегель дар боби сифати андеша. Ҳамон ҷо, саҳ. 82). Баръакс, ин амал заҳмати системавии дарозмуддат, тахассусмандона ва мақсаднокро тақозо дорад.

Дар маркази ҳалли масъала Инсон, Шахс меистад. Ин кашфиёт нест. Ҳамсин ва ҳамқадами одамизод аст. Ҳар миллат ба дараҷаи рушди тафаккур, талаботи рӯзмарра, пешбинӣ, ояндасозии миллӣ, дидгоҳу тасаввурот оид ба ин омили ҳаётан муҳим, омӯзиш ва тадқиқоти хешро баён кардааст.

Арзишмандӣ ва пойдории миллат баробар ба шумора ва сифати андешамандони миллӣ аст, ки дар сухану амал тавони пешбурд ва таъмини рушди миллиро доранд.

Ҳамин тариқ, мавзӯи баҳси мақола таҳлил ва баррасии баъзе аз ақидаҳои файласуфи маъруфи немис **Иммануил Кант (1724-1804)** оид ба ташаккули тарбия ва ба камол расонидани шахсро дар бар мегирад. Моҳияти масъала, аз тарбия намудан ва ба воя расонидани субъекти воқеии сиёсӣ, ки тавони таъмини манфиатҳои миллиро **"дар ин дунёи оҳандил"** (таъбири Ҳофиз) дошта бошад, иборат аст.

Яке аз принпсипҳои асосие, ки И. Кант эҷод ва ба он такя кардааст, **"қонуни асоснокии басанда - равон кардани тафаккур ба ҳадди (манзалати) донишҳои воқеӣ (дар амал санҷидашуда)"** мебошад. Дар ҳамин асос, олими немис дар ҳама намуди фаъолият, пеш аз ҳама, сохтани инсон, мақсадгузориро дар мадди аввал мегузорад.

**Мақсад ҳамчун асос барои ташаккули субъект**

Ҷавҳари давлатро, тавре Арасту таъкид кардааст, Инсон дар бар мегирад. Ба ҳамин хотир, сохтани Инсон аз муҳимтарин лоиҳаи инсон ва албатта, худи давлат мебошад.

**Дар чунин лоиҳа мақсадгузорӣ нақши асосиро иҷро мекунад. Яъне падару модар, муассисаҳои таълимӣ, ҷомеа ин ва ё он одамро барои шуғли муайян омода месозанд**.

Ҳамин тариқ, мақсади тарбия **"саравал ҳамчун натиҷаи ниҳоӣ дар майнаи инсон дар шакли орзу, умед, ният, нақша вуҷуд дорад".** Дар чаҳорчӯби тафаккур тасаввур карда мешавад. **Хайрият, ки ин амал, дар муқобили дигар мавҷудоти биологӣ инстинктивӣ нест. Бошуурона аст.** Ақаллан, ба хотири он ки дар дараҷаи мақсадгузорӣ тасаввурот дар бораи сифати **объекти мавриди назар (айни ҳол одам) ва шуғли ояндаи он пайдо**

**мегардад.** Муайян мешавад, ки вобаста ба он, ба чӣ гуна таълим, тарбия, таҷриба, санҷиш ва хулосабарорӣ ниёз дорад. Ва таъмини мақсад аз кадом мундариҷа, зинаҳо, шароит ва муҳит, имконот, фазову вақт вобаста аст. **Дараҷа ва муҳиммияти мақсади ниҳоӣ - баробар ба масъулияти таъмин ва омода кардани матои инсон аст**. Муҳтавое, ки барои таъйиноти иҷтимоии шахс мувофиқ, тобовар ва самаранок бошад.

Маҳз дар асараш **"Дар бораи педагогика" (соли 1803), И. Кант** дар бораи идея сухан ронда, бо ишора ба сохтани инсон таъкид мекунад: **"Идея мафҳум дар бораи ба камолот ва рушди муайян расонидан аст, ки то ба ҳол он дар ин поя нест"** ва орзу мекунад: **"Шояд тарбия зина ба зина ба дараҷаи боло мерасад ва ҳар як насл қадаме ба пеш, барои камолоти инсоният мегузорад"** (Ҳамон ҷо, саҳ. 448)**.**

Ҷои шубҳа нест, вақте чунин мақсадгузорӣ ҳаст, субъекти масъул эътиқодманд аст, ки объекти таъсир (инсон) айни замон комил нест. Ниёз ба барномарезӣ, таваҷҷуҳ ва парасторӣ дорад. Ба тарзи дигар, аз ибтидо то интиҳо - бадастории мақсад заҳмати зиёдро тақозо менамояд.

Тарбияро дар доираи масъулият ва мафҳуми аслӣ наметавон масъалаи шахсӣ номид. Мақсад аз он, пеш аз ҳама, манфиати ҷомеа ва муассисаи аслие, ки барои амният ва рушди он ҷавобгар аст, яъне давлат дар назар дошта мешавад. Илм, фарҳанг, маориф, таълим ва тарбия - пойдевори аслии таъмини амнияти давлати миллӣ мебошад.

Он мушкилотро ҳам эътироф бояд кард, ки аз гузоштани мақсад (муайянкунии идея) то расидан ба воқеияти баробар ба натиҷаи дилхоҳ, фосила тулонӣ ва ниҳоят мушкил аст. **Сабаб он аст, ки муҳити атроф, аз ҷумла алоқаҳо, муносибатҳо, миёнҷигариҳо, воқеияти ҷамъиятӣ, таҷрибаи зиндагӣ, саҳнаи ҳаёт, қонуният ва равандҳои хоси худро дорост.** Ҳадаф гоҳо номуайян, ғайрихоҳиш метавонад зери суол монад.

Ба ин нигоҳ накарда, И. Кант дилгармона таъкид мекунад: **«Мақсад - ҳама вақт мавзӯи майл, шавқ, рағбат ва машғулият аст. Он мустақиман, тавассути амал ба даст овардани чизеро дар назар дорад. Ҳаммонанди қонун** *(фармонравоӣ ва таъмини амал -*

*С.Я.*) **зарур аст эҳтиром дошта бошад»** (И. Кант. Дин фақат дар доираи ақл. -М.: 1980. -С. 31).

Олими бузург на ҳама мақсадро барои инсон мусоид ва мувофиқ шуморида, қотеона таъкид мекунад: **"Ҳамон мақсадро** (*оне, ки дар назар дорем - С.Я.*) **воқеӣ шуморидан мумкин аст, ки Ақл дар назди мо мегузорад"** (Ҳамон ҷо, саҳ. 31).

И. Кант хотирнишон месозад, зуҳуроти субъективӣ он аст, ки инсон дар вобастагӣ ба ҳиссиёт, ҷаҳонбинӣ ҷавҳари мақсадро чӣ гуна тасаввур мекунад. Хушбахтии хешро дар кадом шакл дидан мехоҳад. Аммо гаштаву баргашта таъкид менамояд, ки **"мароми олии ҳар шахс бояд некӣ ва некукорӣ бошад. Гарчанде худи мақсад маҷмӯи синтетикӣ** (*баҳамовардашудаи ҷузъҳои тасаввурот - С.Я.*) **маҳсуб мегардад. Он маҳсули абстраксияи таҷрибаи мусбӣ** *(санҷидашуда - С.Я.)* **буданро мадди назар дорад».**

Ҷолиби таваҷҷуҳи маҳз аст, ки мутаффаккири сатҳи ҷаҳонӣ ин гуна суханҳоро дар асараш **"Дин фақат дар доираи ақл"** таъкид месозад. *Дар омади сухан, месазад таҳти ин ном даҳҳо китоб навишт.*

### Оид ба мантиқи тарбия

И. Кант муътақид аст, ки **"ҳама мавҷудот дар табиат, чӣ зинда ва чӣ ғайризинда, тибқи қоида арзи ҳастӣ мекунанд. Об мувофиқи қонуни кашиш ҷорӣ мешавад..., моҳӣ дар об, парранда дар ҳаво, ҳама дар асоси қоидаи муайян ҳаракат мекунанд"** (И.Кант. Логика. -М.: 1980. -С. 319.). Аммо файласуфи немис таъкид мекунад, ки чунин тасаввурот дониш нест. Биниш аст. **"Агар дар назари мо намояд, ки чунин фаҳмро дарёфтем, мо гуфта наметавонем, ки қонуниятҳои ин тавр шакл гирифтани зуҳурот бароямон маълуманд"** (Ҳамон ҷо, саҳ. 319).

Дар ин маврид, Кант байни тасаввуроти омӣ *(сода, одӣ, рӯзмарра, авомона)* ва донишҳои илмӣ *(қонуниятҳои пайдоиш ва тараққии зуҳуроти табиат ва ҷамъият, ки таҷрибаи зиндагӣ онҳоро тасдиқ кардааст)* тафовути ниҳоят ҷиддӣ мегузорад. Маҳз ба ҳамин хотир, файласуф ба Одам - хусусияти физиологии ӯ, ҳамчун комилтарин мавҷудоти табиӣ умед мебандад: **"Инсон**

**ягона мавҷудест, ки воқеият ва зарурияти тарбияи ҳатмии ӯ аз муҳимтарин амал маҳсуб мегардад. Зери маънои тарбия, мо парасторӣ** (*нигоҳдорӣ, дастпарварӣ - С.Я.*), **интизом** (*истодагарӣ, тобу тоқат, тамкин, худдорӣ, таъмини амали муайяншуда - С.Я.*), **омӯзиш, ҳамзамон маърифатнок карданро дар назар дорем"** (**И.** Кант. О педагогике. -М.: 1980. -С. 445).

Донишманди олмонӣ бовар дорад, ки мавҷудоти биологии ғайри соҳиби шуур, аз замони тавлид ба тарзи инстинктивӣ барои тозагӣ, ҳолати гигиении худ кӯшиш мекунад. Барои таъмини амнияти худ, то ҳадди имкон, саъй менамояд. Барои мисол, агар бачаи ҳайвон ҳангоми тавлид гаштан бо овоз (*мисли гиряи кӯдаки навзод*) дар бораи ба дунё омадани худ дарак медод, дар шароити ҷангал ягонтои онҳо зинда намемонд. Тӯъмаи дигар ҳайвонҳо мегаштанд. **"Дуруст аст, ки бисёре аз ҳайвонот ба ғизо ниёз доранд, аммо на ба парасторӣ"** (Ҳамон ҷо, саҳ. 445). Новобаста аз он ки бо таваллуд гаштани одам - мукаммалтарин ҷузъиёти табиӣ рӯи олам меояд, он ба ғамхорӣ, нигоҳубин, тарбияи ниҳоят ҷиддӣ ниёзманд аст. **"Зери маънии "ғамхорӣ" кӯшиш ва заҳмати падару модар дар назар дошта мешавад, ки фарзанд натавонад қувва ва имконоти худро бар зарари худ истифода намояд"** (Ҳамон ҷо, саҳ. 445)**"**.

## Мавқеи шахс дар тарбия

Файласуфи машҳур, ки фаҳм ва дарки мантиқи сухани илмии ӯ дар мавзӯоти табиат, ҷамъият ва тафаккур ниёз ба истифода аз фарҳангҳои тафсирии илмҳои гуманитарӣ, дақиқ ва пешомӯзии чандин адабиётро дорад, дар мавзӯи тарбияи инсон кӯшиш мекунад мақсадашро хеле одӣ, бо мисолҳои равшан ба хонанда расонад.

Ӯ дар мавҷудоти биологии бешуур зарурати ҳатмии тарбияро намебинад. Тавре хотиррасон гардид, онро туҳфаи табиат, ҳамчун инстинкт мешуморад. Аммо нақши Одамро дар тарбияи шахс ниҳоят бузург меҳисобад. Ва медонад, ки **"ҳеҷ кас тасодуфан инсони нек нагаштааст"** (Афлотун). Олими немис дар муқоиса бо ин ду зуҳуроти биологӣ ҳам, имкон барои мисоли ибратомӯз пайдо мекунад. Кант муътақид аст, ки ҳайвонот аз

якдигар ҳеҷ чизеро намеомӯзанд, ба хотири барномарезӣ шудани амали онон аз нигоҳи ирсият, аммо ба ғайр аз паррандаҳои хушхон. Ба ақидаи ӯ, агар тухмҳои гунҷишкро зери боли булбул гузоранд, ҳангоми чашм ба дунёи ҳастӣ кушодан онҳо дар ҳақиқат гунҷишк мемонанд, аммо сарояндагии булбулро шунида, ҳамчун натиҷаи таълим, якумр ба он тақлид мекунанд. На ба авлоди худ - гунҷишк. Кант таъкид менамояд: **"Онҳо сурудхониро аз калонҳояшон меомӯзанд. Мароқангез аст. Гӯё дар мактаб бошад. Паррандаи бузург бо тамоми қувват назди бачаҳои нав аз тухм баромадаи худ месарояд. Паррандаҳои навзод бошанд, бо гулӯи ниҳоят заифи хеш он гуна овозҳоро аз худ мебароранд... . Ҳамин тариқ, чун анъана паррандаҳо аз насл ба насл садоҳои худро ба якдигар меомӯзонанд"** (Ҳамон ҷо, саҳ. 447).

Хулосаи олими машҳур он аст: **"Бояд таъкид сохт, ки одамро фақат Одам тарбия мекунад - одаме, ки айнан мисли худаш тарбия гирифтааст"** (Ҳамон ҷо, саҳ. 448 )**.**

И. Кант дар бораи сифати одаме, ки касеро роҳ нишон медиҳад, ислоҳ карданӣ мешавад, раҳбарӣ ва тарбия мекунад, ниҳоят сахтгир аст: **"камбудие, ки дар таъмини интизом ва тарбияи баъзеҳо содир карда мешавад, дар навбати худ шахсро тарбиятгари бад... мегардонад"** (Ҳамон ҷо, саҳ. 447)**. Мантиқи аслии талаботи файласуфи бузург масъалаи мураббӣ, муаллим ва тарбиятгар аст. Устодро И. Кант меъмори бузурги қасри манзалати маънавии инсон мешуморад.**

Албатта, ҳар кас нишона, баранда ва давоми умри маънавии авлод ва падару модари хеш аст. Муҳим он аст, ки тарбияи фарзанд дар ихтиёри ашхоси тасодуфӣ наафтад.

Таърихи миллатҳо ҳазорҳо мисол дорад, ки ҳангоми ба дасти ашхоси ифротӣ афтодани фарзандон, онҳо на танҳо ба бегонагон, балки ба падару модар ва хоҳару бародари хеш раҳм накардаанд. **Қотили падару модар ва хоҳару бародари хеш гаштаанд. Сари Мирзо Улуғбеки 56 соларо, 27-уми октябри соли 1449 дар Самарқанд, ҳангоми адои намоз, фарзандаш Абдулатиф ваҳшиёна бо ханҷар аз тан ҷудо кардааст. Ҳисси таассуби динӣ бар қотил аз меҳри фарзандӣ, муносибати эҳтиромона ба яке аз бузургтарин олимони риёзидон, ситорашинос, ки дар қатори шаш донишманди сатҳи ҷаҳонӣ дар Аврупо эътироф гаштааст,**

**шахсияте, ки зиёда аз 40 сол амири Мовароуннаҳр буд, ғолиб омадааст.**

Боиси таваҷҷӯҳ аст, ки **устоди Мирзо Улуғбек олими машҳур ва шоири шинохта Ориф Озарӣ ва устоди писари қотилаш шахси ниҳоят мутаассиби дин Аббос буд.** Барои асоснокии қатли падар, писар аз муллоҳои замон фатвои хаттӣ ҳам гирифтааст. Ба тарзи дигар, амали манҳуси ҷинояткорона на дар ҳолати саросемагӣ, ҳиссиёт, қаҳру ғазаб (аффект), балки мақсаднок, бошуурона роҳандозӣ гаштааст. Маҳз ба ҳамин хотир, И. Кант таъкид кардааст: "**Тарбиядидаи бадахлоқ, шахсияти бадахлоқро тарбия мекунад**" (Ҳамон ҷо, саҳ. 451).

**Дар рӯзҳои мо Алӣ Сакра, ҷавони 20 сола, узви "Давлати исломӣ", дар шаҳри Раққаи Сурия, тибқи фармони роҳбари дастаи террористӣ, бо истифода аз силоҳи оташфишон модари худро, ки муқобили бедодгариҳои писараш ва ҳаммаслакони ӯ ибрози норозигӣ карда буд, дар майдони марказии шаҳр, намоишкорона ба қатл расонид. Ва ин наворро маҳз ба хотири пайравӣ кардани дигарон ба ин амали ваҳшиёна, дар саҳифаҳои интернетӣ гузошт.**

Баъд аз ин, чӣ гуна метавон дар бораи шахсиятҳои бузурги таърихии миллати тоҷик мисли Осимӣ, Исҳоқӣ, Ғуломов, Ҳайдаршо, Шерализода, Латифӣ, Олимпур, Назаршоев ва ҳазорҳо нафар орифони кишвар, ки дар ақлу хирад, илму дониш ифтихори сарзамини тоҷикон буданд, сухан гуфт. **Онҳо бо супориши бегонагон, аз ҷониби фарзандони ҳамин миллат кушта шуданд. Ин нақшаҳоро душманони миллати тоҷик бо дасти худи тоҷикон амалӣ карданд.** Роҳбарони маҳаллии ин гурӯҳҳои террористӣ, худ дуруст хондаву навишта наметавонистанд. Дар ҷамъият, ҳатто дар хонадони худ, одитарин эҳтиром ва манзалат надоштанд. **Мисли воқеияти имрӯз.**

Мақсади Заҳҳок рабудани ақлу хиради инсонӣ буд, тавассути морон. **Ҳанӯз ҳам ин нақшаҳо хеле дақиқ, беш аз пеш фаъол ва боиси нигарониианд. Мубориза байни торикӣ ва рӯшанӣ, ҷаҳл ва дониш, некӣ ва бадӣ, садоқат ва хиёнат, ҳақиқат ва дурӯғ мавзӯҳои абадӣ ва беохири таърихи инсоният ҳастанд.** Аммо,

**Ҳар кӣ бо душмании халқ равон аст чу баҳр,**
**Зуд бошад, ки сари хеш чу гирдоб хӯрад.**

*(Сайидо)*

### Интизом дар доираи тарбия

Муҳимтарин истилоҳе, ки И. Кант дар мавзӯи тарбия ва ташаккули шахсият истифода мебарад, "интизом" аст. Яъне меъёрҳое, ки қоидаҳои рафтори шахсро ҳамон тарзе, ки ҷамъият эътироф кардааст, ба таври дигар, риояи низом, тартиби муайянгашта дар назар дошта мешаванд.

Файласуфи маъруф барои таъкид ва тақвияти фикри худ ба хотири он, ки хонанда ба мантиқи сухани ӯ ҳарчӣ амиқтар ворид гардад, амали инсонро ба рафтори ҳайвон дар муқоиса мегузорад. Яъне, **"яке аз методҳои асосии мантиқии донистани олами беруна ва арзишҳои маънавӣ. Дарки ҳама гуна предмет ва зуҳурот аз он оғоз мешавад, ки мо онро аз дигар предметҳо фарқ мекунем. Умумияти онҳоро муайян месозем"** (С. Кондаков. Логический словарь-справочник. - М.: 1976. -С. 232-233).

Файласуфи бузург вазни семантикии ин калимаро нишонрас, принсипиалӣ, мақсаднок ва муътақидона кор мефармояд: **"Интизом, ё истодагарӣ (***тобу тоқат, таҳаммул, тамкин - С.Я.***) инсонро аз ҳолати ҳайвонӣ мебарорад"** (Ҳамон ҷо, саҳ. 445).

"Интизом" дар доираи фаҳми И. Кант, қоидаҳои рафтори шахс мебошад, ба пуррагӣ ба он талаботе, ки ҷомеа ниёз дорад, муқаррар намудааст, мувофиқат мекунад. Инсон ҷузъи ҷомеа аст. Ва дар амали худ, зарур аст манфиатҳои онро ба инобат бигирад. Албатта, бидуни шак, одам дар ҷомеа мухторият, мустақилият ва ташаббусро дорост. Аммо ин сифатҳо дар доираи азбаркунии маърифат, ки фақат дар асосҳои илмӣ сурат мегирад, манфиатҳои миллиро бояд дар назар дошта бошад. Агар ҷузъиёти биологии муқобили инсон тибқи инстинкт амал кунад, **"дар бораи ӯ табиат ғамхории ирсиро таъмин карда бошад, барои инсон зарур аст, ки худаш ақл дошта бошад. Фақат ба он такя намояд. Инсон инстинкт надорад, худи ӯ нақшаи амалашро коркард ва муайян месозад".**

И. Кант нақши тарбиятгарро муҳим дониста, таъкид карданӣ мешавад, модоме, ки инсон аз рӯзи аввали чашм ба дунё кушодан дар ҳолати ғайриқобили худкифой аст, ниёзи зарурӣ ба парасторро дорад. Файласуфи олмонӣ бо умед хотирнишон карданӣ мешавад, ки **"банни одам тавассути заҳмати худ, давра ба давра, бояд кӯшад то дар худ сифатҳоеро ба бор орад, ки мансуб ба табиати одамӣ бошанд".** Муҳиммияти масъаларо на дар бозгашт, ақибравӣ, пасмонӣ, балки дар рушди доимии инсон мебинад. Ба монанди он ки сароғоз одам ҳамчун ҷузъи маҳсули таҳаввулоти биологӣ аз доираи ҷоҳилӣ, ваҳшоният ба фарҳангсолорӣ, маданиятпарварӣ ва дунёи тамаддунӣ ворид гаштааст. Хулосаи олими барҷаста он аст, ки **хирад ва таҷрибаи зиндагӣ, мафҳумҳои устувори ба наслҳо, ба мерос гузошта мебошанд. Сухани И. Кант давоми мантиқии лафзи бузурги Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ аст, ки мардумони бохирад дар ҳар давру замон маърифат, донишро гирд карданд, гиромӣ доштанд ва ба наслҳои оянда пешкаш намуданд** (Ҳамон ҷо, саҳ. 444)**.** Яъне, ҳар давра ба дӯши одамони замони худ масъулияти бузургро вогузор мекунад. Онҳоро масъул месозад. Набояд шубҳа кард, ки олими немис дар ин маврид бозгашт ба **"гузаштаи ноб"**-ро дар назар дорад. Он мантиқе, ки ҷанги шаҳрвандиро дар Тоҷикистон асос гузошт, идеологияе, ки бисёре аз манотиқи мусулмоннишинро ба хонаи **"бедоду ситам", "маҳкамаи ҷабр" ва "мазористон"** (таъбирҳои С. Айнӣ) мубаддал сохт. Ин гуна тарзи тафаккур ба характери миллии мардуме, ки **"манзалати дили дунёи куҳани мутараққиро бо илми хештанофаринӣ, на бо ормонҳои бепояи бегонапарастӣ касб кардааст** (*таъбири Х. Моргентау дар ворастани Пруссия аз таъсири Папаи Рим)*, **хос нест.**

Баръакс, хатари бозгашт ба ҳолати ваҳшоният И. Кантро доим хавотир мекунад. Маҳз ба ҳамин хотир таъкид менамояд, ки дар ҷавҳари инсон табиати ваҳшигӣ доимо боқӣ мемонад, аммо **"интизом намегузорад, ки одам аз таъйиноти худ, ҳамчун инсон, ба он ҳолат бозгардад"** (И. Кант. О педагогике. -М.: 1980. -С. 446). Ба андешаи ӯ, **"низом ҳаст, ки инсонро аз ваҳшоният халос мекунад".**

Файласуф таълимро ҷузъи тарбия мешуморад. Онро қисмати ниҳоят муҳим ва фоидаовари тарбия медонад. **Аммо ақл, хирад, маънавиёти инсониро дар madди аввал мегузорад.** Онро асоси зиндагӣ меҳисобад. Омили дигари расидан ба хушбахтӣ ва комгориро намебинад. Баръакси ин амалро фоҷиабор арзёбӣ мекунад. Ҳамнавои ин фикр аст: **"барои он ки инсон ба тарзи шоиста зиндагӣ кунад, ӯ бояд Ақлро пеша намояд, вагарна роҳи халосӣ ҳалқа мемонад"** (Диоген Синопский, файласуфи Юнони қадим).

И. Кант, ҳамчун шахсияти содиқ ба анъанаи илмпарварӣ, маърифатсолорӣ ва дақиққории мардуми хеш, ки аз худ намунаҳои бузурги ақлонии инсониятро, ҳам дар илмҳои дақиқ ва ҳам дар соҳаҳои гуманитарӣ, дар хидмати ҷаҳониён гузоштааст, **риояи қонун, тартиб ва низоми давлатиро дар ҷойи аввал мегузорад.** Берун аз қонун зистанро барои инсон таҳқир ба худи инсон мешуморад**: "Ваҳшигарӣ - берун аз қонун зистан аст"** (Ҳамон ҷо, саҳ. 446). Дар ин раванд, ба ҳаётан муҳим будани интизом таъкид мекунад: **"Интизом маҷбур мекунад, ки инсон дар чаҳорчӯби қонуни инсонгарӣ зиндагӣ кунад ва ҳукумати қонунро дарк намояд"** (Ҳамон ҷо, саҳ. 446).

И. Кант таъкид месозад, ки бо гузашти айём инсон дар назди худ ҳисобот медиҳад. Аз сарчашмаҳое, ки таълим гирифтааст, тарбия дидааст, ёдоварӣ мекунад. Камбудӣ ва муваффақияти зиндагии худро дар назди виҷдонаш таҳлил ва арзёбӣ менамояд. Хулоса мебарорад: **"Одаме нест, ки дар овони наврасӣ ва ҷавонӣ бепарастор монда бошад. Дар синни камолот инро худаш мушоҳида мекунад: ҳам камбудиро дар интизом ва ҳам дар пояи бархӯрди фарҳанги зиндагӣ".** Баҳои файласуф дар ду қисмати муҳимтарини зиндагӣ ба характери миллии ӯ ҳамчун олмонӣ, мушаххас ва қотеона аст: **"Камбудӣ дар интизом - бадии бузургтаре аст нисбат ба норасоӣ дар фарҳанги рафтор. Охиринро метавон батадриҷ ислоҳ кард. Аммо ваҳшигиро наметавон решакан намуд. Беинтизомро дар синни камолот ислоҳ кардан ғайриимкон аст"** (Ҳамон ҷо, саҳ. 448).

Ба ақидаи файласуфи бузург, мантиқ ва муҳтавои интизом, оне ки ӯ дар муваффақияти ҳар амал омили аслӣ мешуморад, бояд хеле барвақт вориди батни инсон гардад.

**Ба фикри ӯ, одам аз хурдӣ, аз наврасӣ зарур аст эҳсоси ҷиддӣ кунад, ки дар зиндагӣ на ҳама чиз барои ӯ иҷозат дода мешавад, ки дар тасаввур ва дараҷаи майлу хоҳиши ӯ меғунҷад.** Ҳаётан муҳим аст, ки ин ақида як умр дар зершуур, дар ҷаҳоншиносии ӯ, дар муносибат ба атроф маҳфуз бошад. Инсон дар ягон ҳолат андоза, меъёр ва ҳадди амалро фаромӯш накунад. **И. Кант дарки ин фаҳм, натиҷаи чунин тарбияро аз илм ҳам болотар мешуморад**. Маҳз ба ҳамин хотир иброз медорад: **"Дар аввал кӯдакро ба мактаб на барои он мефиристанд, ки онҳо чизеро омӯзанд. Барои он равон мекунанд, ки наврасон, аз ҳама муҳим, батадриҷ ба ором нишастан одат кунанд. Дақиқан он тартиберо риоя намоянд, ки барояшон муайян шудааст"** (И. Кант. О педагогике. -М.: 1980. -С. 445). Баъдан, сабаб ва муҳтавои ин гуна талаботро хулосабандӣ карда, файласуфи маъруф хотиррасон мекунад - ҳамаи ин корҳо маҳз ба хотири он аст, ки **"... дар оянда инсонҳо, ҳатто ба майнаашон наояд, натавонанд тасаввур кунанд, ки барои онҳо ҳар кореро дилашон мехоҳад, эб (муносиб, мувофиқ, сазовор, арзанда) дониста мешавад, раво бинанд".**

Тавон ва дар арсаи вақт қудрати даст кашидан аз амали ғайри қобили қабулро барои инсон, шарт ва натиҷаи муҳими тарбияи инсон мешуморад.

## Шахс ва ҷомеа

Тавре ки маълум аст, аз замонҳои қадим муносибати шахс ва ҷомеа аз мавзӯоти муҳимтарини илмҳои ҷамъиятшиносӣ маҳсуб мегардад. Он дигар илмҳои инсониро низ дар доираи салоҳияти худ дар бар мегирад.

Ақидаҳо дар ин маврид гуногунанд. Кӯшиши мутлақияткунонии бартарии муносиботи субъектӣ - объектӣ ва баръакс ба назар мерасад.

И. Кант барҳақ хулосабарорӣ мекунад, ки одам, табиатан, майли ниҳоят ҷиддӣ ба озодрафторӣ дорад. **Ӯ муътақид аст, ки мухторияти амалро ҳар кас дар доираи эҳсос, дарк, фаҳм, ҷаҳонбинӣ, хислат, масъулият ва дониши худ тасаввур менамояд.** Худро ҳақ мешуморад. Аз рӯи он амал карданӣ мешавад. Аммо олими немис зидди мутлақсозии ин муносибот аст. **Ӯ бовар**

**дорад, ки асоси ҳама гуна муносибатро манфиат ташкил мекунад**. Тарбия низ бояд инро ба назар бигирад. Бидуни чунин ҷузъиёт тарбия наметавонад пурра ва муассир бошад. Мавқеи Кант дар ин маврид ниҳоят ибратомӯз аст: **тамоми кӯшишро бояд ба харҷ дод, ки мантиқи омӯзиши "манфиат"-и шахс ба тарзи ҳатмӣ манфиати умумиинсониро дар назар дошта бошад,** барои он ки **"дар бораи хушбахтии дигарон кӯшиш карда, мо хушбахтии хешро дармеёбем"** (Афлотун).

Ба хотири он ки одам ба эътироф ва назардошти чунин манфиат одат кунад, онро чизи ҳатмӣ шуморад, **"ба ин низом бояд аз овони хурдӣ одат кунонида шавад. Вагарна дер мешавад, ислоҳи ӯ имконнопазир мегардад. Дар ӯ эҳсоси худписандӣ, мағрурӣ, ман-манӣ ғолибият пайдо мекунад" (**И. Кант. О педагогике. -М.: 1980. -С. 446**).**

Чунин муносибат тасдиқи суханҳои Саъдӣ аст, ки мефармояд:

**Ҳар кӣ дар хурдияш адаб накунанд,**
**Дар бузургӣ фалоҳ аз ӯ бархост.**
**Чӯби тарро чунонки хоҳӣ, печ,**
**Нашавад хушк ҷуз ба оташ рост.**
*(С. Шерозӣ. Гулистон. -Д.: 2008. -С. 163)*

Бархилофи тасаввуроти ғалат дар бораи озодрафторӣ, И. Кант аз тарзи ҳаёти қабилаҳое, ки дар дараҷаи шуури ваҳшигӣ ба сар мебаранд, ёдовар мешавад. Ӯ хотиррасон мекунад, ки гарчанде онон солҳо бо аврупоиҳо якҷо рӯзгор мебинанд, ҳаргиз ба ҷаҳонбинӣ, тарзи ҳаёту рафторашон ҳамрайъӣ ва монандии барояшон судманд пайдо намекунанд. "**Майл ба озодӣ"** доранд. Озодие, ки аз мавқеи аврупоиҳо, аз пояи ваҳшигӣ болотар нест. Дар тасаввури И. Кант **"арзишҳои умумиинсонӣ"** аз тафаккури содалавҳонаи мафкураи танги динӣ-мазҳабии иртиҷоӣ, ки аз он **"шамси фалак хиҷил шудааст"** (таъбири Ҳофиз), куллан фарқ мекунад. Барои ӯ ҳар дастоварде, ки инсониятро дар рӯзгори айнӣ (воқеӣ, имрӯзина) ба зиндагии наку расонидааст, соҳибтамаддун гардонидааст, барои донистани муаммои табиату ҷамъият водор ва ғолиб кардааст, бояд дастрас ва мавриди

эътирофу қабули ҳамагон бошад. **И. Кант мантиқан суол мегузорад: "Озодӣ! Аммо ба кадом самт?".** Олими барҷаста маҳз зуҳуроти болозикрро ҳамчун **"майл ба озодӣ"** эътироф кардааст. Хулосаи таҳлили ӯ барои баъзе аз тоифаҳои мардум, ҳамчун хулосаи бади ташхиси тиббии беморӣи сиҳатнопазир аст – оне, ки дар ҷавонӣ, сарфи назар аз сифати физиологии майна тарбияи носолимро дид, ғайри имкони ислоҳ мебошад. Чунки "**дами гарм ба оҳани сард таъсир натавон кардан"** (*таъбири Саъдӣ*).

Дар шароити имрӯза ҳаракатҳои "маъруф"-и террористӣ – экстремистӣ ва қувваҳои ҳаракатдиҳандаи онон далели ин даъво мебошанд. Таъсири шаҳди мухаддирии ақидаҳои ифротии маълум қобили муолиҷа нест. Таърихи замони истиқлол ҳам шаҳодат аз он аст, ки агар майнаи баъзе аз ашхос аз овони кӯдакӣ ва наврасӣ ба догматизми ақидатӣ моил намегашт, номи онҳо ҳатман дар қатори на сӯзанда, балки бо потенсиали ақлоние, ки аз табиат ба онон дода шудааст, ба созандагӣ муаррифӣ мешуд.

Қувваҳои геополитикӣ аз маводи нашъадор ҳам ба маънои аслӣ ва ҳам ба маънои маҷозӣ (маънавӣ, ақлонӣ, ифротгароӣ) ба навъи аҳсан истифода мекунанд. И. Кант хотирнишон мекунад, ҳар кӯшиши фард барои озодӣ, ки манфиати ҷомеаро сарфи назар мекунад, навъи амал аст, **"аммо ин майли нек барои озодӣ нест, тавре, ки Руссо ва дигарон гумон мекунанд, балки ваҳшигист. Маҳз барои ҳамин ниҳоят зарур аст, ки инсонро хеле барвақт барои ба талаботи ақл тобеъ кунонидан омӯзиш кард"** (Ҳамон ҷо, саҳ. 446).

Файласуф муътақид аст, ки асоси маънавиёт, ахлоқ, ҷаҳонбинӣ, муносибати шахс ба ҷомеа низ аз овони бачагӣ, наврасӣ муайян мешавад. Низоми ҷомеа маънои онро дорад, ки ҳар фард дар зиндагӣ, дар рафтор ва ҳам "**гуфтор ҳамчун навъи рафтор"** (Гегел) ҳадди худро донад. Надонистани ҳудуд, салоҳияти маънавӣ ва риоя накардани он дар муносибатҳо мушкилӣ ва бадбахтиҳо ба бор меорад. Ба ақидаи ӯ, зиндагии воқеӣ қонуният ва равандҳои худро дорад. Дар олами атроф на ҳама чиз ба хостҳои фард сохта шудааст. Чунин шароит, мушкили рӯзгор як умр одамро таъқиб мекунад. И. Кант ба ҳамин муносибат таъкид месозад: **"Агар дар овони ҷавонӣ ҳама**

**чиз ба хоҳиши одам ранг бигирад, амалӣ шавад, ба ӯ ягон муқобилият, эътироз ва вокуниши донистани ҳад омӯзонида нашавад, он вақт дар инсон як навъ хислати ваҳшигӣ боқӣ мемонад. Чунин ҳолати рӯҳӣ тамоми умр ӯро дунболагирӣ мекунад"** (Ҳамон ҷо, саҳ. 446).

Фарзанди солеҳ бояд донад, ки зиндагӣ яксон, якмаром нест ва **"ганҷу мору гулу хору ғаму шодӣ баҳаманд"** (С. Шерозӣ. Гулистон. -Д.: 2008. -С. 186).

Ду мафҳумро олими немис хеле устодона, бамавқеъ ва барҳақ истифода мекунад: "**меҳрубонии** (нармӣ, навозиш, шафқат, лутф) **модарӣ"** ва "**воқеияти рӯзгор**"-ро: **"Ниҳоят бад мешавад аҳволи касе, ки дар наврасӣ ба эрка кардани** *(нармӣ, мулоимӣ, аз худ равонидан - С.Я.)* **волидайн "сарфароз" гардида бошад. Зеро, вақте ки фарзанд мустақилона вориди дунёи ҳастӣ мегардад, аз чор тараф ба мушкилот, монеаҳо рӯ ба рӯ мешавад"** (Ҳамон ҷо, саҳ. 446).

Фарзанд аз неъмати мавҷуд бояд шукргузор бошад. Аз он тибқи ақлу андеша истифода кунад. Андоза ва меъёрро фаромӯш нанамояд, чунки "**дахл** (даромад – С.Я.) **оби равон асту айш осиёи гардон"** (С. Шерозӣ. Гулистон. -Д.: 2008. -С. 164). **Ӯ ҳушдор медиҳад: "Чун неъмат сипарӣ гардад, сахтӣ барию пушаймонӣ хӯрӣ"** (Ҳамон ҷо, саҳ. 164).

И. Кант бо таҳлил аз рӯзгори оилаҳои сарватманд изҳори нигаронӣ мекунад. Мутафаккири озмуда, бо афсӯс таъкид менамояд: **"фарзандони онон гумон мекунанд, ки ҳама вақт зиндагиву рӯзгорашон мисли он аст, ки гӯё дар хонаи падару модарашон бошанд. Бе ягон азобу машаққат мехӯранд, менӯшанд" ва мепӯшанд.** Агар тарбия мақсаднок набошад, **"махсусан насли одамони сармоядор якумр мисли кӯдак боқӣ мемонад, ба монанди бошандагони ҷазираи Таитӣ"** *(корбезор, ақибмонда, нотавон, дастнигар, ҳақир, аммо мағрур ва худпараст – С.Я.),* **(**И. Кант. О педагогике. -М.: 1980. -С. 459**).** Ин ҳолатро Саъдӣ ҳам таъкид кардааст:

**Ҳарифи сифла дар поёни мастӣ,**
**Наяндешад зи рӯзи тангдастӣ.**
**Дарахт андар баҳорон бар фишонад,**

**Зимистон лоҷарам бебарг монад.**

*(С. Шерозӣ. Гулистон. -Д.: 2008. -С. 165)*

Маҳз ба ҳамин хотир Кант хулоса мебарорад, одамоне, ки тавассути рӯзгори пурмашаққат ва меҳнати ҳалолу пурбаракат ба рӯзгори нек расиданд, фарзандонашонро ба дояи пурэътимод месупориданд. Ба тарзи дигар, **"Ҷабри устод беҳ аз меҳри падар**"-ро (Саъдӣ) авлотар медонистанд ва **"Устухонҳояш аз ман ва гӯшту пӯсташ аз Шумо"** *(С. Айнӣ, таҷрибаи падар дар парвариши шахсияти ӯ)* мегуфтанд. Андешаи онро мекарданд, ки дар рӯзгори серу пур ва мутантани онон мабодо **фарзанд "аз даст наравад".**

Давоми мантиқи сухани И. Кант иборат аз он аст, ки инсон ба донистани қадри арзишҳои молӣ ва маънавӣ, ки ҷамъият, падару модар ва наздиконаш дар натиҷаи меҳнати рӯзмарра ба он ноил гаштаанд, ӯ аз онҳо истифода намудааст ва истифода менамояд, бирасад. Ба он арҷгузорӣ кунад. **Агар тарбия, таҳсил, омӯзиш, насиҳат, маслиҳат, таъмини низоми рафтор, ахиран, намунаи рафтори худи падар дар зиндагӣ таъсир расонида натавонад, охирон ҳадде, ки ӯро метавонад аз нобудии маънавӣ ва албатта ҷисмонӣ ҳам наҷот диҳад, ба писар омӯзонидани тавони фаҳми таҷрибаи зиндагии инсонист.** Инро Кант охирин имкони аз махлуқи (матои) одамӣ сохтани шахсият дар ҷодаи донистани меъёри рафтор медонад. Кант бисёр хоҳони он аст, ки ин гуна шахс ҳарчӣ барвақтар ба **"пешпохӯрӣ"** ва мушкилоти "**бепарастории модарӣ"** дар зиндагӣ, дар амал рӯ ба рӯ шавад. Мустақил гардад. Дар ин маврид, олими барҷаста ба эҳтимолияти бедор гаштани **"шуурнокии хобида",** ки шояд дар ирсияти (генетикаи) он боқӣ монда бошад, умед мебандад. Ба ақидаи ӯ, **рӯ ба рӯ гаштан бо мушкилиҳои зиндагӣ аз назди пойгоҳи дари иҷрои хоҳишҳо, майлҳо, ронданҳо ҷавонро ваъдаи сарватманд шудан надиҳад ҳам, бояд дар ботини ӯ ақл, масъулият, ҷузъиёти хештаншиносиро ба кор дарорад. Омӯхтан аз таҷрибаи рӯзгор, охирин умеди файласуфи немис аз марди ҷавон аст.**

Дар ҳар сурат, "озодӣ" аз мавзӯоти ниҳоят муҳиммест, ки И. Кантро водори андеша мегардонад. Вай ба худ савол медиҳад: **"Яке аз мушкилтарин проблемаи тарбия аз он иборат аст: чӣ гуна "итоат кардан ба маҷбурии қонунӣ" бо масъалаи "истифода аз озодии дар ихтиёрдошта" омезиш дода шавад"** (И. Кант. О педагогике. -М.: 1980. -С. 458). Ӯ хотиррасон мекунад: **"маҷбуркунӣ худ як зарурат аст. Ҳар замоне, ки менигарам, маҷбуркуниро дар баробари озодӣ мебинам"** (Ҳамон ҷо, саҳ. 458).

Маълум аст, ки мутафаккири бузург, новобаста аз қадру манзалати сатҳи ҷаҳонӣ доштан ва эътирофи ҳамагон гардидан, дар иҷрои вазифаи падарӣ худро ниҳоят ҷиддӣ ва масъулиятнок мешуморад. Ё маҳз ба ҳамин тарз ба дигарон мақсад ва роҳу усули тарбияи фарзандро фаҳмонданӣ мешавад: **"Ман бояд фарзанди худро ба он одат кунонам, ки чӣ гуна вай ба маҳдудияти озодии худ одат кунад, онро паси сар намояд. Ҳамзамон, аз ҳамин гуна маҳдудиятҳо хуб истифода карда ҳам тавонад. Агар ин тавр нашавад, ҳама корҳо беҳудаанд. Фарзанде, ки аллакай аз тарбияи падару модар берун рафтааст, наметавонад аз озодии худ истифода кунад"** (Ҳамон ҷо, саҳ. 458).

Олими дақиқкори олмонӣ ба воқеияти рӯзгор объективона муносибат мекунад. Медонад, ки зиндагӣ роҳи ҳамворе нест. Одат кунонидан ба фаъолияти пурсамари инсониро тавассути кулли имконот мадди назар мегирад. Маҷбуркуниро на танҳо истисно намешуморад, баръакс, қотеона таъкид мекунад: **"Маҷбуркунӣ зарур аст!"** (Ҳамон ҷо, саҳ. 458). Дар ин маврид, чизи ҷолибе андешаро фаро мегирад. Ӯ ба хонандаи асари худ, ки шояд аз мардуми нисбатан камҳавсала ҳам бошад, гуфтанӣ аст, ки: **"Ҳар кӣ тарсад зи малол, андӯҳи ишқаш на ҳалол"** (Ҳофиз).

И. Кант **"истифода аз маҳдудиятро барои озодӣ"** ба тарзи фалсафӣ, ниҳоят дурандешона ва мақсаднок истифода менамояд. Ба андешаи мо, сарфи пурсамари вақт, фаъолияти тахассусмандона, тавъам (ҳамроҳ, якҷоя) донистани фаъолияти корӣ бо сайқал додани донишу малакаи касбӣ, ҳатман боиси натиҷаҳои барои инсон қонеъкунанда, ки худ озодии мантиқии

инсон аст, мегардад. **Қаноатмандӣ аз натиҷаи фаъолияти касбӣ навъи озодии гуворои шахсият аст.**

И. Кант арзишмандии натиҷаи тарбияро дар он мебинад, ки агар фарзанд тавонад, ҳолатҳои ғайричашмдошти рӯзгорро мардонавор паси сар намояд: **"Ӯ бояд хеле барвақт муқовимати ҳатмиеро, ки ҷомеа (атроф) ба вай нишон медиҳад, бинад, эҳсос намояд. Барои он ки аз уҳдаи вазифаи мушкили дар пешистодааш барояд, худро эҳтиёт карда тавонад, қудрати тоқат карданро дар рӯ ба рӯи маҳрумиятҳо дошта бошад, меҳнат кунад, заҳмат кашад, ба дастмузд муяссар шавад, ки дастнигар намонад"** (Ҳамон ҷо, саҳ. 458).

Андешаи файласуфи маъруф нисбати муносибат ба мушкилӣ, саҳлкорӣ ва саҳлҷӯӣ дар рӯзгор ҷолиби таваҷҷуҳ аст. Дар ин мавзӯъ омирона таъкид мекунад: **"Моил будан, ҷустани роҳи осони ҳаёт - аз ин бадтар дар зиндагӣ дигар коре нест"** (Ҳамон ҷо, саҳ. 482).

**Андешаи фаҳми мушкилӣ, ҷустуҷӯи ақлонии роҳҳои ҳаллу фасли он ба тарзи системавӣ, зиндагии инсонро дунболагирӣ мекунад**.

И. Кант ҷавҳари аслии заҳматҳои шахсро дар нексириштӣ мебинад. Дар ин маврид мутафаккири бузург таъкид мекунад, ки **"инсон на танҳо барои тамоми намуди фаъолият омода бошад, балки чунин тарзи тафаккурро бояд интихоб намояд, ки ҷавҳари онро фақат некӣ ва накукорӣ дар бар гирад. Кори нек он аст, ки мавриди пазириши ҳамагон аст. Ва ин гуна рафтор, мақсади ҳар шахс дар алоҳидагӣ аст" (**И. Кант. О педагогике. -М.: 1980. -С. 454).

Тарбияи ақлониро И. Кант аз муҳимтарин ҷузъиёти фаъолияти самараноки инсонӣ мешуморад. **Ба ақидаи ӯ, онеро ҳушманд ва боақл шуморидан мумкин аст, ки дар ҷомеа, дар байни мардум, дар миёни кормандон бо фарҳанги гуфтор, рафтор, муносибат ба кор манзалати шоиста дошта бошад**. Ӯро муҳим ва муассир шуморанд. Ҳамзамон, "**эҳтиром гузоштан ба дигарон, доштани шеваи неки муошират, риояи сабк ва арҷгузорӣ ба инсонҳо шароит фароҳам меорад, ки имконоти ононро мақсаднок истифода кунанд"** (Ҳамон ҷо, саҳ. 454). Айни чунин мантиқи ахлоқӣ, ки маънии **"Хизмат кун, то хизматгор ёбӣ"**-ро дорад,

Саъдӣ беҳтар ва бо сабки бадеӣ иброз доштааст: **"Муроди ҳар кӣ барорӣ, мутеи амри ту гашт"** (С. Шерозӣ. Гулистон. -Д.: 2008. -С. 173).

Ба андешаи ин ҷониб, аслан ҳарф сари муносибати одии одамӣ, одамигарӣ ва некукорӣ меравад.

### Оид ба тарбияи характер

Тибқи андешаи И. Кант, характер маҷмӯи нисбатан устувори ҳолатҳои рӯҳиву равонии инсон аст. Дар баробари факторҳои иҷтимоӣ омилҳои физиологии инсон, вазъи иҷтимоӣ, воқеияти зиндагӣ, муҳити атроф, алоқаҳо ва миёнҷигариҳо аз омилҳое ҳастанд, ки моҳият, мундариҷа ва самтгирии хислати инсониро муайян мекунанд.

Таҳлили эҷодиёти И. Кантро дар муносибати гносеолигии ӯ нисбати характери инсон, дар маҷмӯъ, ба чор унсур ҷудо кардан мумкин аст: **Аввалан,** хусусиятҳое, ки рафтори инсонро дар умум мадди назар мегиранд. Аз қабили доштани масъулият, нангу номус, ҳисобот додан дар назди виҷдони хеш, падару модар, наздикон ва ҷамъият оид ба он ки дар чаҳорчӯбаи ин талабот ӯ то кадом андоза интизории шахсони мавриди назарро ҳамчун инсони аз лиҳози иҷтимоӣ масъул ба ҷо овардааст, ба боварии онон сазовор гаштааст; **дуюм**, муносиботи инсон бо наздикон, дӯстон, ҳамкорон, ҷомеа; **сеюм,** ҷаҳонбинӣ, тарзи муносибат ба воқеъияти ҷомеа, самти афзалиятноки мавқеъгирии идеявӣ, эътиқодӣ ва асосноккунии он аз нигоҳи илм, маърифат; **чаҳорум** ва муҳимтар аз ҳама, **муносибати инсон ба меҳнат, мушкилот, тавоноии паси сар кардани монеаҳо.** Ин қисмати характери инсониро И. Кант моҳият ва мундариҷаи зиндагӣ **- ягона меъёри баҳо додани сифати инсон, "матои бофташудаи он" мешуморад.**

Файласуфи барҷаста муътақид аст, ки асоси характерро принсипҳо ташкил мекунанд. Яъне, одам дар зиндагӣ ба кадом авлавиятҳо афзалият медиҳад, чӣ чизро муҳимтарин, асоситарин, таҳкурсӣ, арзишманд, асос мепиндорад, ба он эҳтиром ва эътиқоди хоса дорад, онро сароғози амал ва муқаддасот мешуморад. Аз кадом зуҳурот фосилагирӣ кардан мехоҳад. Барои ҳамин, дар олам сухани ҳикматомези И. Кант

**"Характер - амал кардан аз рӯи принсипҳост" аз машҳуртарин ҷузъиёти шинохти структуравии характери инсонӣ эътироф карда мешавад.** Ба ақидаи ӯ, **"принсипҳо ба таври худ ҳамон қонунҳо мебошанд, аммо характери субъективӣ доранд".** Сарчашмаи чунин принсипҳоро ҷавҳари шуури худи шахс мешуморад: **"ин гуна принсипҳо аз ақли инсонӣ бармеоянд".**

Файласуфи немис таъкид месозад, ки як амал, як рафтори хуб ва ё номатлубро набояд иштибоҳан характери шахс номид, хулосаи нодуруст баровард. Баръакс, хислат ва сифати инсон гуфта, маҷмӯи гуфтор, рафтор ва амали ӯ дар назар дошта мешавад. Борҳо такрор гаштани сабки рафтор - ишораи ҷиддӣ ва хулоса дар бораи характери инсон аст.

И. Кант муҳимтарин ҷузъиёти характери фаъолияти фикрии майнаи инсонро дар иродаи ӯ мебинад. **Ирода гуфта, амали бошууронаи инсонро мадди назар дорад, ки ӯ мушкилоти дар пешаш истодаро сарфи назар карда, амали мақсадноки худро ба даст меорад.** Ба тарзи дигар, ирода - қудрат ва тавоноии инсон аз болои худи инсон аст. Дар ҳаракатҳои шахс ҳамон вақт вуҷуд доштани ирода эҳсос карда мешавад, агар ӯ тавонад монеа, мушкилоти пешомадаро паси сар кунад. **На бо эҳсосоти номатлуб, беасос, зери таъсири омили бегона, балки дар асоси дарк, фаҳми бозсанҷишуда аз рӯи андеша ва хирад амал намояд. Ва натиҷаи тасмимаш баъдан боиси озори хотираш нагардад. Хиҷолат накашад.**

Шахсеро, ки камбуди иродаро аз худ ба намоиш гузоштааст, сарфи назар аз малака, дониш, таҷрибаи зиндагӣ, наметавон марди муваффақ номид.

Сифати мардонагӣ ҳамрадифи иродатмандии инсон аст. Маҳз барои ҳамин Ҳофиз қотеона иброз доштааст, ки аз талаб даст намедорад, то коми ӯ ба даст наояд. Ё ҷони ӯ ба ҷонон мерасад, ё доштани ҷонро сарфи назар мекунад. Ба тарзи дигар **"ғолибият насиби касест, ки ҷонбозӣ мекунад".** Мутафаккири олмонӣ фақат ҳамин гуна шахсро мард номидааст.

И. Кант таъкид месозад, ки "**маънавиёт мансуб ба характер аст: "Sustine at abstine" - сабр намо, худдорӣ кун. Ин аст омодагӣ барои хирадмандии бурдборона** (И. Кант. О педагогике. -М.: 1980. -С. 491). Чунки **"тоқат кардан, сабру таҳаммул намудан - асоси**

**хиради инсонист"** (Афлотун). Ӯ таъкид менамояд, шахсе мехоҳад дар худ хислати некро тарбия кунад, бояд тавони онро дошта бошад, ки **аз майл, шавқ ва рағбате, ки ба обрӯи ӯ халал ворид месозад, худдорӣ намояд.** Аз баҳри рағбати ҳиссиётӣ барояд. Ҳангоми эҳсоси мушкилот, нобарорӣ тавонад худро идора кунад. Файласуфи машҳур хотиррасон менамояд: **"Sustine - яъне тоқат кун, одат кун ба хирадмандии таҳаммулпазирона".**

Файласуфи номӣ характери таҳаммулпазирӣ, пуртоқатӣ ва маҳз дар ҳамин асос расидан ба сарбаландӣ ва мустақилияти шахсиро кори саҳл намешуморад: **"Агар хоҳӣ, ки муҳтоҷи дигарон набошӣ, бояд мард бошӣ, ҳадди ақал ба ҳамин гуна хислат моил бошӣ"** (Ҳамон ҷо, саҳ. 491). И. Кант барои ноил гаштан ба чунин хислат роҳ нишон медиҳад: **"Барои ин худро ба он омода намой, ки ба дархост ва хоҳиши ту "не" мегӯянд, ба ту муқобилият нишон медиҳанд"** (Ҳамон ҷо, саҳ. 491).

Омӯзиши забон ва услуби эҷодӣ, сабки иншои асарҳои И. Кант дар бораи хислату характери худи ин шахсияти бузург беҳтарин мавод аст.

Маълум аст, ки файласуф як умр ранҷ дидааст ва заҳмат кашидааст, то маъруфияти ҷаҳоншумул пайдо кунад. Маҳз ба ҳамин хотир, вақте дар бораи шахсоне, ки соҳиби иродаи қавӣ нестанд, интизоми онон ниёз ба ислоҳи ҷиддӣ дорад ибрози андеша менамояд, оҳанги гуфтораш омирона, суханҳояш нишонрас ва қотеона садо медиҳанд. Мехоҳад гӯяд, ки **"вафо хоҳӣ аз умр, ҷафокаш бош"** (Ҳофиз).

Ӯ нисбати шахсе, ки кори имрӯзро ба фардо мегузорад, хушбин нест. **Зеро одами танбал як умр дар тараддуди оғози кадом як коре ҳаст**. Ба ҳамин маъно, И. Кант маломатомез мефармояд: "**Ба шахсе, ки корашро мудом ба рӯзи дигар мемонад, одамон чандон эҳтиром намегузоранд. Чунин амал мансуб ба ислоҳи замони оянда аст. Рафъи хулқи бад корест маҳол. Ин гуна одамро на ҳаҷ ислоҳ мекунад, на рӯза"** (Ҳамон ҷо, саҳ. 492).

Муҳимтарин ҷузъи шахсият коркарди характер аст. **"Агар хулоса карда гӯем, характер он аст: чизеро қавл додем, гуфтем, бояд онро амалӣ созем. Vir propositi tennax - мегӯяд Гораций - ана ин аст характери аслӣ!"** (Ҳамон ҷо, саҳ. 492).

Масъалаи ҷолиби таваҷҷуҳи махсусе, ки И. Кант мехоҳад диққати хонандаро ба худ ҷалб кунад, вазифа, масъулият ва уҳдадорӣ аст. Талаби онро дорад, ки марди ҷавон ба он сарфаҳм равад: **"Амал, кор, фаъолият барои ман қимат аст, на барои он ки мувофиқ ба хоҳиши ман аст, балки барои он, ки бо иҷро кардани ин кор ман вазифаи худро адо мекунам"** (Ҳамон ҷо саҳ. 503).

И. Кант таъкид месозад, **ягона восита, роҳ ва усуле, ки сифати шахсияти инсон, дараҷаи камолоти ӯро фаҳмидан мумкин аст, меҳнат ва натиҷаи кори ӯст. Фақат амал, фаъолият, ки самаранокии он ба дониш, малакаи касбӣ ва ақлу фаросати шахс вобаста аст, кӣ будани инсонро муайян месозад.** Сатҳи дониш, натиҷаи кор қодир аст "**бандаро озод ва хоҷаро пойбанд дар мушкил гардонад**" (маънӣ аз Саъдӣ).

Дар вобастагӣ ба чунин масъулият, мутафаккири оламшумул хотиррасон мекунад: **"Дар ниҳоди мо чизе ҳаст, ки таваҷҷуҳи моро ба худ ҷалб месозад: 1) худи мо, 2) онҳое, ки мо бо онҳо бузург шудем, ба воя расидем, 3) имконоте, ки ба мо шароит фароҳам меоварад, то мо ба раванди хушбахтии мардум амале иҷро намоем" (**Ҳамон ҷо, саҳ. 504).

## Генетика ва тарбия

Дарк кардан амали беохири ворид гаштан ба моҳияти масъала аст. Фаҳми қонуниятҳои ташаккули инсон, махсусан, аз лиҳози ақлонӣ, маънавӣ, аз мафҳуми "одам" то муайян кардани "сифати шахсият" ҷараёни беохири **"таҷассум ёфтани материя дар худи инсон"** мебошад. Дар ин ҷараён ҳис, дарк ва пайдо гаштани тасаввурот мавқеи калидиро ишғол мекунанд.

Ба ғайр аз он ки инсон дар вақт, фазо ва муҳити муайян ташаккул ёфта ба камол мерасад, ҳамчунон мо муқобили **"тасаввуроти содалавҳона нисбати он ҳастем, ки дар инсон фактори биологии муайянкунанда умуман вуҷуд надорад. Инсон зуҳуроти ҷамъиятӣ аст, аммо ҳамчун қисми табиат мавҷуди биологӣ мебошад"** (П.Н. Федосеев. Проблема социального и биологического в философии. -М.: 1977. -С. 19). Дар батн, зери таъсири вазъ, ҳолат ва вақти хоса, ҷудогона пайдо шудааст, шакл гирифтааст. Яъне ҳарф сари матои инсонӣ меравад, ки дар

кадом муҳит, шароит, аз чӣ гуна мавод "бофта" шудааст. Оё ин матоъ, на танҳо тавони муқобилият, истодагарӣ, балки инкишоф карданро ҳам дорад, ё не. Маҳз аз ҳамин лиҳоз, омӯхтани фактори ирсият аз ҷузъиёти муҳимми ташхиси инсон мебошад. Дар ҳар сурат, онро сарфи назар кардан ҳаргиз мумкин нест, чунки **"тарбият яксон асту табиат мухталиф"** (Саъдӣ).

Оид ба омили генетикӣ дар шинохт ва тарбияи шахс андешаҳои ҷолиби диққат вуҷуд доранд. Барои мисол, агар шахс аз лиҳози зоҳирӣ монанд ба падару модари худ бошад, пас барои чӣ ин гуна шакл гирифтани ҷузъиёти ботини инсон мавриди назар аст, маводи олитарини табиат - органи материалии фикрронии одам - майна, хуҷайра ва нейронҳои он ҳам монандӣ надошта бошад?

Маълум аст, ки вазъи материалӣ-физиологии майна барои тақдири ояндаи инсон мавқеи ҳалкунанда дорад. Ҳарф сари имконоти (тавони) материяи шакли олӣ меравад. Оё он омода аст, қудрати қабул, коркард (андеша, мулоҳиза), фаҳми муҳиммияти масъаларо дошта бошад? Мо бояд муътақид бошем, ки одам наметавонад ба пуррагӣ хислати бад дошта бошад. Ва ё баръакс. **"Майнаи инсон қудрати бузурги моил будан ба инъикоси тамоми шаклҳои маълумотро дорад. Ин ҳолат барномаи фоҷиавии генетикиро сарфи назар мекунад"** (Д.К. Беляев. Современная наука и проблемы исследования человека. - Вопросы философии. 1981. Т.3. -С. 15). Яъне дар тамоми ҳолат имкони таъсири мусбӣ расонидан ба фарзанди одам ва аз ӯ натиҷаи дилхоҳи иҷтимоиро интизор шудан мумкин аст. Аммо **"ҳамаи ин мансуб ба шахсе аст, ки барномаи генетикии он нуқсон надорад. Ба меъёр мувофиқат мекунад. Дар ҳолати вайрон гаштани барномаи генетикӣ, ниёзҳои иҷтимоӣ бо имконоти биологӣ дар зиддияти ниҳоят ҷиддӣ қарор мегиранд"** (Н.П.Дубинин, И.И. Карпец, В.Н. Кудрявцев. Генетика. Поведение. Ответственность. М.: 1989. -С. 20).

Комилан мувофиқат накардани эҳсос, дарки рӯйдод ва ҳодисаҳо, шаклгирии тасаввурот, ҳамчунон фаҳми муҳити атроф, инъикоси раванди зуҳурот, агар он баробарвазн ба воқеият набошад, комилан мувофиқат накардани хислат, характери фарзанд ба падару модар, агар аъмоли онҳо ба

некномӣ эътироф гардида бошад, **нишонаи ниҳоят ҷиддии хароб гаштани барномаи генетикӣ миёни падару модар ва фарзанд аст.** Далел он аст, ки фарзанд наметавонад зери қаноти падару модар парвариш ёфта, ҳар лаҳза, ҳар сония рафтори ононро бубинад, суханонашонро шунавад, зиндагиашонро назорат кунад, аммо чизе аз волидайн наомӯхта бошад. Баръакс, таъсири муҳит, ашхоси беруна бар ӯ ғолибият пайдо мекунад. Сухани Фирдавсӣ:

**Писар, к-ӯ надорад нишон аз падар,**
**Ту бегона хонаш, махонаш писар**,-

танҳо маънои монандии зоҳирии писарро дар назар надорад. Ба ду маънӣ ифода шудааст. Ҳам аз ҷиҳати шаклӣ (зуҳуротӣ) ва ҳам аз ҷиҳати ботинӣ (сиратӣ ва моҳиятӣ). **Дар ин байт оҳанги эътироз низ вуҷуд дорад, нисбат ба фарзанде, ки интизории падар ва атрофиёнро дар хислат рафтор, кирдор, махсусан нисбат ба меҳнати ҳалол ба ҷо намеорад, ба ӯ монандӣ, пайравӣ намекунад. Рафтораш боиси таассуф аст.** Ин ҳолат шоир ва мутафаккири бузургро ба он водор кардааст, ки вобаста ба мансубияти ҳақиқии фарзанд ба падар, хулосаашро дар шакли шубҳа баён созад.

Боиси нигаронист, ки чунин натиҷа - **дар барномаи генетикӣ рух додани тазоди материалии манфӣ** ислоҳнопазир аст. Гоҳо шаклҳои гуногуни номуваффақии иҷтимоӣ ба бор меорад. Дар баъзе ҳолат оқибати фоҷиабори иҷтимоӣ дорад. **Боиси таассуф аст, ки дар ин ҳолат бешуурӣ ҳамчун навъи шуур вориди иҷрои вазифаҳои функсионалии органи қабули маълумот, коркард ва тасмимгирӣ (майнаи инсон) мешавад**. Аз ин мисолҳо дар таърихи инсоният ва рӯзгори мо ҳазорҳо метавон овард.

**Маълум аст, ки дараҷаи номувофиқатии ирсият дар наслҳо бештар ба структураҳои физиологияи нейронҳо, ки асоси функсияи майнаи инсонро ташкил мекунад, вобастагӣ дорад.** Ба ғайр аз ин, дар муносибати нейронҳо ҳазорҳо омилҳои дигари узвҳои дохилии инсон амал мекунанд. Ҳамаи онҳо вобаста ба ҷараёнҳои функсионалии дохилӣ, сифати мубодилаи моддаҳо дар ҳолатҳои гуногун қарор доранд. Ин вазъият, ки шояд аз миллиардҳо ҷузъиёти функсионалӣ иборат бошад, "нусха"-и пурра шудани одамро аз одам дар дараҷаҳои гуногун сарфи назар мекунад. Ба ҳам наомадани инсонҳо **("мувофиқат**

**накардани ситораҳо")** маҳз аз ҳамин ҷиҳат ба омили ботинӣ вобастагӣ дорад. На берунӣ.

**Дар доираи вазъи тафсиргардида, нафароне, ки дар ирсияташон бемориҳои рӯҳӣ доранд, умуман дар назар дошта намешаванд. Эҳтимоли ғайри меъёрҳои солим рафтор кардани наслҳои онон сабабҳои воқеӣ ва интизоршаванда дорад.**

Дар ҳар сурат, инсон наметавонад нусхаи генетикӣ бошад. Аз ӯ ин натиҷаро набояд интизор буд. Майнаи инсон қобилияти беохири ифодагарии рангоранги табиат ва ҷамъиятро дорад. Дар вобастагӣ бо шакл, мундариҷа ва тарзи таҷассумёбии воқеияти атроф ва муҳит маводи биологӣ "гирифтори" муҳити иҷтимоӣ мегардад.

Ҳамзамон, эҳтимолияти он вуҷуд дорад, ки фарзанд, аз ҳама пеш бо падару модар омӯхт мешавад, унс мегирад, одат мекунад. На ҳама рафтори волидайн, махсусан намунаи рафторе, ки лоиқи пайравӣ ҳаст, барои ӯ чун омили муассир боқӣ мемонад.

Маҳз барои ҳамин, намунаи мушоҳида, рафтори алоқаҳои берунаи шахсӣ - дӯстон, рафиқон, устодон, қаҳрамонони асарҳои бадеӣ, маълумоти васоити ахбори умум дар майнаи ҷавон вокунишро дар шакли эҳсос, дарк ва тасаввурот ҳамчун чизи нав, ҷолиб инъикос мекунад. Алоқаҳо, дӯстон, рафиқон, ҷаҳонбинӣ ва хислати онон дар шаклгирии наврасон ва ҷавонон гоҳо нақши ҳалкунандаро мебозад. Саъдӣ дар ин маврид ишораҳои хирадмандона ва асосноки илмӣ овардааст, ки дар тасвири бадеӣ ниҳоят дилчасп, гуворо ва хушоянданд:

**Ҷомаи Каъбаро, ки мебӯсанд,**
**Ӯ на аз кирми пилла номӣ шуд,**
**Бо азизе нишаст рӯзе чанд,**
**Лоҷарам, ҳамчу ӯ гиромӣ шуд.**

*(С. Шерозӣ. Гулистон. -Д.: 2008. -С. 167)*

На аз ин камтар қимати бузурги андешамандӣ дорад, шеъри дигари Саъдӣ, ки матлааш ин аст:

**Гили хушбӯй дар ҳаммом рӯзе,**
**Расид аз дасти маҳбубе ба дастам...**

Эътиқоди ҳатмӣ он аст, ки хонанда давоми ин шеърро ба пуррагӣ медонад. Ва овардани матни комили он, шояд, чандон зарурат надошта бошад.

Падару модар, муассисаи ба санҷиш ва истифодаи захираҳои инсонӣ ниёздошта, зарурат барои донистани алоқаҳои фарзанд ва дуюмӣ - шахси муайяни мавриди назарро доранд. Дар ин ҳолат, **алоқаҳои муайянкунанда ва муайяншаванда, якҷониба, дуҷониба ва бисёрҷонибаро фарқ бояд кард. Ва омӯхт**. Аммо дар ҷамъият, бисёр вақт сифат ва структураи алоқаҳо тағйир меёбанд. **Ононе, ки вориди алоқа дар ҳолати бетарафӣ, аммо мақсаднок мегарданд, дар оянда метавонанд вобаста ба имконоти ақлонӣ, ақидатӣ ва материалӣ, худ бо мақсади ғаразнок структураи нақшҳоро тағйир диҳанд. Худашон муайянкунанда гарданд ва аввалӣ муайяншаванда бошад. Рӯшод ва ё пасипардагӣ истифодагар ва корфармой шаванд. Ин ҷузъиёт барои шаклгирии одам ҳамчун шахсият ва дурнамои маънавиёти он хатари ҷиддӣ дорад.** Албатта, шахсони зирак, айёр, ғаразкор алоқаҳои муассирро ба ҳар роҳ меҷӯянд. Мақсаднок бо онҳо "дӯстӣ" "рафоқат", "садоқат"-и шахсӣ ва "аҳди хоҳариву бародарӣ" ба намоиш мегузоранд. **Ба боварӣ сазовор мегарданд**. Маккорона, пинҳонӣ мақсад ва нияти худро амалӣ месозанд. **Аммо суиистифода кардани чунин алоқаҳо ба шахсе муяссар мешавад, ки ҳадафи интихобкардааш ниёзи ҷиддӣ ба илм, маърифат ва ақлу фаросат дошта бошад. Чунин норасоиҳо бар ӯ аён гардад**. Маҳз ҳамин ҳолатро Антисфен Афинский *(солҳои 444\435 - 370\360 то замони мо, аз шогирдони ниҳоят эътирофгардидаи Суқрот)* бо чунин тарз шарҳ медиҳад: **"Инсонеро, ки боақл, соҳибилм, соҳибмаърифат аст, "аз ҷои худаш гирифта ба ҷои дигар гузоштан"** (*яъне фиреб кардан, гумроҳ намудан, аз роҳ баровардан, ғаразнок истифода бурдан*) **ниҳоят мушкил аст. Зеро ақл, дониш, хирад худаш вазн дорад. Нафаре, ки ақл надорад, сабук аст. Дар ӯ чизе, ки номбар шуд, яъне вазн дар шакли ақл, нест. Ӯро осон аст аз ҷо ҷунбонидан ва истифода бурдан. Ақл бошад, худаш қувва аст, қудрат аст. Вазни он имкони ба ҳар роҳ бурдани шахси соҳибақлро намедиҳад. Ӯ**

**мустақил аст. Муҳтоҷ ба орияти (қарз гирифтани) ақли бегона нест. Устувор аст.** (Большая книга мудрости. М.: 2015. -С. 55).

Ба ҳамин хотир, алоқаҳои инсон дар шакли дӯст, рафиқ, ҳамнишин бояд шаффоф, ба тарзи одӣ омӯхта шаванд. Надонистани алоқаҳо, муносибатҳо гумроҳӣ аст.

Аз рӯи хислати дӯст, рафиқ ҳатман сифати шахсияти инсон, фарзанд, ҳар касе, ки бошад, ошкор мешавад. Яъне **"рафиқи ман - худи ман ҳастам. Аммо дар симои дигар".**

Шакли таҷассум ёфтани воқеият дар майнаи инсон ва ҷараёни аз рӯи он интихоб кардани навъи рафтор, барои пайдо кардани тасаввуроти эътимоднок нисбати сифати шахс ниҳоят мушкил аст. **Таҳлили таҷриба, мутаассифона, баёнгари он аст, ки рафтори номатлуб ва пайравӣ ба он дар таҷрибаи ҷомеа воқеияти бештар дорад.** Баръакс, омӯзонидани сифатҳои неки инсонӣ ҳама вақт заҳмату ҷигархуниро талаб мекунад.

**Вақте ки ба омӯзиши алоқаҳо ва муносибатҳо ниёз пайдо мешавад, зарурати муайян кардани умумият дар шахсияти инсонҳо, сифат, характер ва нуқтаи манфиатҳо, тамоюлҳо низ зарурат ба дақиқ карданро доранд. Инро ташхиси сабабии зуҳур кардани алоқаву муносибатҳо номидан мумкин аст.**

Мансубияти генетикӣ ҳамчун навъи алоқа ва муносибатҳо омили ҷиддии шинохти моводи инсонӣ аст. Аммо он ҳаргиз ҳалли пурраи масъалаи шинохти субъект буда наметавонад. Ин ҳолат вазифаҳои тарбияро, ки яке аз мақсадҳои муҳимтарини он сохтани ҷомеаи мутамаддин ва солеҳро дар назар дорад, мушкил мегардонад.

Аммо барои И. Кант ҳама гуна тафовутҳо **(ғайр аз ирсияти мувоҷеҳ ба мушкилоти равонӣ)**, ки дар майнаи инсони солеҳ ҳаст, барои тарбия мушкил надорад. Ӯ қотеона таъкид мекунад: **"Тарбия санъат аст... ҳар як насл метавонад зина ба зина ҳамон намуди тарбияро ба роҳ монад, ки тавассути кушодани имконоти табиии он, мутаносибан ва мақсаднок инсониятро ба таъйиноти худи инсон расонад"** (И. Кант. Трактаты и письма. М.: 1980. -С. 449).

## Хулоса

Иммануил Кант, асосгузори идеализми классикии немис, аз бузургтарин шахсиятҳое аст, ки фалсафаи Ғарбро бо афкори фавқулода нодири худ ғанӣ гардонидааст. Умри тӯлонии хешро сарфи мусолиҳати материализм ва идеализм кардааст.

Мо мақсаднок аз таҳлили афкори И. Кант оид ба тадриси дин дар айёми наврасии бачагон сарфи назар кардем. Фақат як нуқтаро ёдовар шуданӣ ҳастем, бо вуҷуди он ки номбурда шахсияти тақводор буд, асарашро маҳз ба тарбияи инсон бахшидааст ва тавсия медиҳад, ки дар айёми наврасӣ аз омӯзиши рукнҳои мазҳабӣ худдорӣ кунанд, беҳтар аст. Ба ақидаи ӯ, вақте ки кӯдак аз илми дунявӣ хуб баҳравар нест ва бо қонуниятҳои табиат, ҷамъият ва тафаккур ошноӣ надорад, чун аз нигоҳи мазҳабӣ фаҳмид, ки дар дунё қуввае ҳаст, ки ба ҷои инсон фикр мекунад, ғами ӯро мехӯрад, тақдири ӯро муайян месозад, шояд дигар дилаш аз илм хунук шавад, мустақилиятро гум кунад. Олими немис чунин кори муҳимро баъди расидан ба синни балоғати насли одам тавсия мекунад.

Мутафаккири бузург мантиқи тарбияро дар шахсе мувофиқи мақсад мебинад, ки ӯ барои ҷомеа манфиатовар бошад, қувваю қудраташ барои омӯзиши илм, донише, сарф гардад, ки зиндагии рӯзмарраи инсонро осон гардонад.

И. Кант қимати тарбияро аз таълим болотар медонад. Барҳақ, таълимро мутеъ ва ҷузъи тарбия мешуморад.

Ба ақидаи ӯ, интизом, тартиб, масъулият аз бузургтарин ҷузъиёт дар системаи ягонаи раванди сохтани инсон аст.

Олими бузург нисбати шахсияте, ки тарбия ва таълим ба ӯ бовар карда шудааст, талаботи ниҳоят ҷиддӣ пешниҳод мекунад. Муътақид аст, тарбияи фарзандро набояд ба ашхоси носанҷида, ки худ ниёз ба тарбия доранд, бовар кард. Таъсири ақидаи ифротӣ, бегона, ғайриилмӣ фарзандро аз он маърифате, ки падару модар доштааст, ҷудо мекунад. Ӯро бегона мегардонад.

И. Кант ба шахсони сарватманд ҳушдор медиҳад, ки маҳз онҳо ба тарбияи фарзанд бештар таваҷҷуҳ намоянд. Агар ҷигарбанди онон дар овони кӯдакӣ, наврасӣ ва ҷавонӣ истилоҳоти "не", "нест", "чунин имкониятро оилаи мо надорад", "барои чунин шароит мо бояд боз андак заҳмат бикашем" ва монанди инҳоро нашунида бошад, маҳдудиятро дар хоҳишҳо,

қонеъ кардани талабот, рафтор, тарз ва сабки гуфтор, эҳтироми ҷиддӣ ба калонсолон, тоқати шунидан ва эътироф кардани далели муқобилро аз хурду бузург надошта бошад, дар оянда, ҳангоми бо воқеияти зиндагӣ рӯ ба рӯ гаштан ба мушкилоти ҷиддӣ дучор хоҳад шуд.

Ба фикри ин ҷониб, бояд кашфиёти И. Кант ҳисобид андешаеро, ки дар ҳоли заҳмати маҷбурӣ (режими одии корӣ), марди ҷавон имкони озодиро тавассути меҳнат, заҳмат, фаъолияти пурсамари эҷодкорона ёбад. Зиндагиашро ободтар кунад. Озодиеро, ки ӯ орзу мекунад, ҳамин тариқ, бо беҳтар кардани рӯзу рӯзгораш ёбад.

**Озодиро И. Кант, ки чил соли ҳаёти худро дар рӯзгори пурмашаққати устоди донишгоҳ гузаронидааст, дар риояи қонун, меҳнату заҳмате, ки ба манфиати ҷомеа равон карда шудааст, мебинад. На дар чизи дигар.**

Ҳамзамон И. Кант муваффақияти амали инсонро дар доштани характер медонад. Файласуфи бузург гаштаву баргашта таъкид месозад, ки ҳар фард барои шахсияти комил шудан, бояд "таъйинот"-и худро фаҳмад. Тасаввуроти дақиқ дошта бошад, ки дар оянда кӣ мешавад.

Эътиқоди муаллифи ин сатрҳо иборат аз он аст, ки талаботи И. Кант нисбати мухтаво, роҳ, усул ва методҳои аз одам сохтани шахсият, талабот нисбати матои инсон, ки бешубҳа субъекти муҳимми сиёсӣ хоҳад шуд, тақозои замон аст.

Дар хулосаи асараш файласуфи машҳур бо дарки масъулияти бузург талаб мекунад: **"Дар охир таваҷҷуҳи ҳар як ҷавонмардро ба зарурати додани ҳисоботи ҳаррӯза дар назди худ водор бояд сохт, ки ӯ дар охир имкони дурусти ҷамъбасти зиндагиашро дошта бошад"** (Ҳамон ҷо, саҳ. 504).

## Охирсухан

Кулли мавҷудоти олам, ки дар фазо ва вақт, ба ҳар навъе ки бошад, бо якдигар дар алоқаи диалектикӣ ҳастанд. Аз рӯи принсипи системавӣ ва функсионалӣ амал мекунанд.

Оне ки мо шоҳиди ҳаррӯзаи "хушбахтӣ" ва "бадбахтӣ"-и миллатҳо ҳастем, **шодем, аммо мехӯрем ғамҳои халқи дигаре ва**

**макону маскани тороҷгаштаи онон пеши назари мост** (М. Турсунзода), падидаи фавқулода ва фавқуттабиӣ нест. Сабабҳои одӣ, сирф заминӣ дорад. Маҳсули майна, мақсадгузорӣ ва натиҷаи амали инсон аст. **Маърифатнокӣ, нангу номуси ҳар фард дар алоҳидагӣ меъмори зиндагии шахсии ӯ ва миллат дар маҷмӯи шаҳрвандон муайянкунандаи тақдири хеш мебошанд.** Маҳз ба ҳамин хотир, Абуалӣ Ибни Сино фармудааст: **"Моҳияти ҳастиро дар худи ҳастӣ бояд ҷуст".**

Сифати шахсият ва дар умум миллат, ҳангоми бурду бохти давлатҳо ҳамчун омил ва сабаб, ҳазорсолаҳо мадди назари таҳлилгарони сиёсӣ ва олимон қарор доранд. "**Вақте ки мо омилҳои моддӣ, материалиро пурра сарфи назар мекунем ва фақат омили инсониро ҳамчун муайянкунандаи иқтидор ва тавони миллӣ ба ҳисоб мегирем, албатта, шумора ва сифати миллатро дар назар дорем. Дар ин ҳолат характери миллӣ, ахлоқ ва маънавиёти миллӣ ҳамчун сифати миллат маҳсуб мегардад"** (H. G. Morghentay. Politics among natioms. N.York.: 1964. -P. 121). Ҳамзамон, олими маъруфи олмонитабори амрикоӣ қудрати миллатро (давлатро) на дар шумораи зиёд, балки дар сифати он **(ақл, хирад, тахассусмандӣ, масъулиятнокӣ, омодагӣ дар ҳифзи манфиатҳои миллӣ**) мебинад: "эътироф кардани он нуқта, ки миқдори аҳолӣ омил ва нишонаи пурқувватии давлат мебошад, фикри хато аст" (Ҳамон ҷо, саҳ. 121).

Зуҳури як нафар фарзанди одии миллат, ки аз наврасӣ то камолот дар кураи оташи зиндагӣ обутоб ёфта, аз имтиҳоноти тоқатфарсои **"рӯзгори пурозори сангдил"** мегузарад, **"боғбонии боғи хазонро"** ба уҳда гирифта, онро сарсабзу хуррам мегардонад, мардумашро аз **"раҳзани нахуфтаи даҳр эмин мебарад"**, бо **"илму фазле, ки дар чиҳил сол даровaрда буд"** (Ҳофиз) ӯро наҷот мебахшад, намунаи ибрат аст: барои наврасон, ҷавонон, ҳар нафаре, ки хуни нофи ӯ ба ин сарзамин саҷда кардааст. Мушкилнописандӣ, сабру тоқат, таҳаммулпазирӣ, ҷавонмардӣ, ақлу хирад, соҳибназариро аз Ӯ бояд омӯхт. Давра ба давра, насл ба насл ин маънавиётро, ҳамчун мароми пойдории миллат, ба ояндагон бояд расонд.

Ин зиндагӣ ва таҷриба одӣ нест. Маҷмӯи хирад ва ифодагари ақлу заковати миллат дар тӯли садсолаҳост, ки дар

сухан ва амали як Шахсияти бузурги он таҷассум ёфт. Аз ин падида ифтихор бояд дошт. Ба Ӯ пайравӣ кард. Аз Ӯ намуна гирифт.



**Комил БЕКЗОДА**
***файласуф***

# БУЗУРГӢ ЧИСТ ВА БУЗУРГОН КИСТАНД?

## 1. Сабаби навиштани ин мақола чӣ буд?

Дар солҳои 60-уми асри XX файласуфи машҳури тоҷик устод Акбари Турсон дар яке аз мақолаҳои худ гуфта буд, ки «дар фарҳанги имрӯзаи тоҷик Дорои Дӯст мақоми Суқротро дорад». Зиёиёни он рӯзгор сари ин ибора бо ҳам баҳсу мунозираҳо намуданд. Гуфтугӯи гарми ҳар ду дӯсти шодравон Сарвар Амирҷон ва Нафасбек Раҳмонӣ то ҳол дар хотирам зинда аст... Мушкилӣ сари он буд, ки ҳар нафаре бузургиро бо меъёр ва тарозуи худ месанҷид ва назариёти ҳарифро қабул намекард. Ҳамин тавр, он баҳсҳо ба натиҷае нарасиданд ва оқибат хомӯш шуданд...

Бо фаро расидани айёми бозсозӣ сарчашмаҳо ва адабиёти гуногуни илмӣ ва фарҳангӣ вориди Тоҷикистон гардид... Ин китобҳо барои ҷаҳон кӯҳна, вале барои мо нав буданд. Ҳама саросемавор ба мутолиа рӯй овардем...

Мутолиаҳои мо ғайримуназзам ва пароканда буд... Вале мавзӯъҳо тозагӣ ва тароват доштанд... Махсусан, китобҳои урупоии тарҷимашуда ба забони форсӣ ва русӣ...

Мавзӯи «бузургӣ» ва «бузургон» дар фарҳанги урупоӣ таърихи зиёда аз садсола дорад. Барои мисол, нависандае чун Стефан Свейг (1881-1942) доир ба бузургии ҳунар ва шахсияти Л.Толстой, Ф. Достоевский, Р. Ролан, Стендал, Балзак, Гёлдерлин, Г.Клейст, Д. Казанова... таҳқиқоти тарҷимаиҳолӣ ва психологӣ навиштааст. Андре Моруа (1885-1967), нависандаи франсавӣ, асарҳои зеринро ба мавзӯи бузургӣ ва бузургон бахшидааст: «Ҳаёти Шелли», «Зиндагиномаи Дизраэли», «Байрон», «Тургенев», «Ҳаёти Жорж Санд», «Зиндагии Виктор Гюго», «Се Дюма», «Ҳаёти Балзак», «Таҳқиқе доир ба Диккенс», «Аз Пруст то Камю». Ин нависандагон ҳунари нависандагии

худро ба таҳлил ва тафсири бузургони гузашта ва муосири худ бахшида буданд. Дар фарҳанги Шӯравӣ силсилаи «Ҳаёти инсонҳои бузург» (ЖЗЛ) тақлиде буд ба жанри автобиографии урупоӣ.

Баъдҳо дар сатҳи адабиёти ҷаҳонӣ кор ба он анҷомид, ки баъзе муаллифон дар ин мавзӯъ китобҳои дастҷамъона таълиф намуданд... Ба ин маъно, ки дар як китоб сирати фарҳангии чандин бузургро мавриди таҳлил ва баррасии илмӣ ва равоншиносӣ қарор доданд.

Машҳуртарин муаллиф дар ин ришта Луис Унтермайер (1885-1977) ба ҳисоб меравад. Луис соли 1955 китобе таълиф кард бо номи «Офарандагони ҷаҳони нав», ки дар тарҷимаи форсиаш (соли 1377=1999, Теҳрон, нашри Марказ) 972 саҳифаро дар бар мегирад. Китоб бо Чарлз Дарвин (1809-1882) оғоз гардида, бо Дайлон Томас (1914-1953) ба поён мерасад. Дар маҷмӯъ, муаллиф зиндагиномаи 92 бузурги сатҳи ҷаҳониро мавриди баррасӣ қарор додааст.

Чанд сол баъд ва ба таври дақиқ, соли 1978 муаллифи амрикоӣ доктор Майкл Ҳарт [Michael Hart] китобе ба нашр расонид бо номи «Таҳқиқе дар зиндагии сад бузурги ҷаҳон». Таваҷҷуҳ шавад, ки рақами 92 китоби доктор Луис дар китоби Ҳарт ба 100 мубаддал гардид! Ҳамин тавр, ин мавзӯъ писанди айём шуд ва имрӯзҳо мо дар дӯконҳои китобфурӯшии Душанбе даҳҳо китобро дар мавзӯъҳои «Сад файласуфи бузург», «Сад донишманди бузург», «Сад нависандаи бузург», «Сад шоири бузург» ба забони русӣ дучор меоем...

Ҷойи таъкид ва ёдоварӣ аст, ки ҳамаи ин китобҳо бо муқаддимаи мухтасаре оғоз мегарданд ва муаллифон аз баҳси «бузургӣ» сар мепечанд. Аз нигоҳи илмӣ ин шеваи муаллифон дар мавзӯи мазкур аз рӯйи савоб нест. Агар сухан аз боби бузургии нависандагон аст, бояд бо далелу бурҳон меъёрҳои бузургиро пешниҳод намуд, то хонанда қонеъ гардад, ки ин ё он нависанда аз рӯйи чунин ва чунон меъёрҳои илмӣ ба мақоми бузургӣ расидааст. Мутаассифона, бори дигар бояд таъкид шавад, ки муаллифони арҷманди ин китобҳо дидаю дониста ин масъулиятро ба гардан гирифтанӣ нестанд... Ва оқибат кор ба ин ҷо мерасад, ки ҳар хонанда ё завқу фаҳмиши шахсии худро меъёри асосӣ қарор дода, баҳси «бузургӣ» ва «бузургон»-ро то ба

discharged хархашаю ҷидол бурда мерасонад...Ва кор то ба ин ҷо ҳам расидааст...

Дар таърихи 4 майи соли 2006 [№17 (35)] дар рӯзномаи «Миллат» панҷ шеъри шоири овозадори мо Устод Бозор Собир ба чоп расид. Мавзӯи ин панҷ шеър аз ин қароранд:

Шеъри якум, дар бораи бузургии худи Устод;

Шеъри дуюм, дар мавзӯи бузургии найнавози мумтоз - Қурбоналии Ёқуб;

Дар шеъри сеюм, ки «Назми мо то асри XX» ном дорад, асосан дар боби бузургии Абдуллои Дӯст, Саъдӣ ва Фирдавсӣ изҳори назар шудааст.

Ба таври мушаххас доир ба Абдулло мегӯяд:

*«Ростӣ, аз ҳар падарсолори шеъри обшӯст,*
*Бартарӣ дорад чу шоирпеша Абдуллои Дӯст».*

Байти охири ин шеър чунин аст:

*Хатм шуд бо Саъдию Фирдавсӣ шеъри бостон,*
*Шоираш Саъдист, Фирдавсӣ-худои шоирон.*

Мо ба ин назари Устод эътирозе надорем. Ақидаи шахсии ҳар андешамандро эҳтиром мегузорем... Ва Устод ба андозаи кофӣ далелу бурҳони худро ба шакли шеърӣ дар ин пораҳо ғунҷонидааст... Яъне Устод соҳиби назарияи хоси худ аст, доир ба бузургӣ ва бузургон... Мо ҳам ҳаминро мехостем... Назари мушаххас бо далелу бурҳон…..

Ҳамин тавр, ду шеъри охирин доир ба мақоми бародараш Иброҳими Собир ва дар боби хидматҳои фарҳангии бонуи фарзона ва далери тоҷик Бӯринисо Бердиева баҳс мекунанд...

Кормандони Пажӯҳишгоҳи фалсафаи Академияи илмҳои Тоҷикистон ба номи академик А.М.Баҳоваддинов ин шумораи рӯзномаро бо шавқу завқи хосе мутолиа намуданд... Баҳс карданд... Махсусан, доир ба шеърҳои Устод Бозор Собир, байни насли ҷавон ва насли бузургсол, далелу бурҳонҳое радду бадал гардид... Ин баҳсу мунозираҳои гарми имрӯза гуфтугӯҳои зиёиёни солҳои 60-уми асри XX-ро дар атрофи мақолаи устод Акбари Турсон ба хотир меоваранд...

Солҳо гузаштанд... Сохти сиёсии Тоҷикистон ҳам дигар шуд. Вале аҳли фарҳанги мо ҳамон аст, ки буд...

«Рӯди ман, олам дигар шуд, ту ҳамон астӣ, ҳамон!»

Баҳсҳо ҳоло ҳам дар доираи «қолу мақоли» паси девор ва ҳуҷраҳои идораю кӯчаю бозор... Ба ҳамон шеваи солҳои шастум... Вале бо далелу бурҳонҳои андак дурушттар... ва носуфтатар...

## 2. Саҳми мо дар ин баҳс аз чӣ иборат аст?

Масъала масъалаи миқдори саҳм нест. Масъала, масъалаи масъулият аст. Мо масъулем... Ба ҳукми вазифа ва ихтисос... Ба сифати корманди Пажӯҳишгоҳи фалсафа... Ногуфта пайдост, ки мавзӯи «бузургӣ» яке аз масъалаҳои умда ва ҷавҳарии илми фалсафа мебошад. Ҳам фалсафаи ватанӣ ва ҳам фалсафаи ба истилоҳ, буржуазӣ... Дар китобҳои дарсии фалсафа ин мавзӯъро зери унвони «Нақши шахсият дар таърих» зикр мекунанд. Ин шахсият метавонад сарлашкар, сиёсатмадор, нависанда, пайғамбар, файласуф, шоир, донишманд, шоҳ, президент, вазир, равшанфикр, зиёӣ, рӯҳонӣ, ориф ва ғайра бошад.

Ин аст, ки соҳиби ин қалам бидуни ҳеҷ як иддао ва хоксориҳои дурӯғин аз худ мепурсад:

Чаро мавзӯи бузургиро аз нигоҳи илмӣ баррасӣ намекунанд? Ва чаро аз пеши худ сари ин мавзӯъ қазоватҳои сатҳӣ ва нобаҷо менамоянд? Ва дар натиҷа ҳамаро ба гумроҳӣ меандозанд...

Пас, бояд таҳқиқ кард, ки воқеан, нишонаҳои бузургӣ кадоманд ва чӣ шахсиятҳое аз ин нишонаҳо бархӯрдоранд?. Дар акси ҳол, ин баҳсҳои мо маъно ва ҳадафе нахоҳанд дошт. Он чӣ мо мегӯем, танҳо нуқтаи назари шахсии мост... Ва ин ақидаро ба гардани касе бор карданӣ ҳам нестем. Танҳо ба ин умед мебандем, ки ин навиштаи мо оғозе бошад барои ҷалби таваҷҷуҳи аҳли илм сари ин мавзӯъ. Ҳақиқати масъала дар ин боб, баъди баҳсу мунозираҳои донишмандон маълум хоҳад гашт. Ҳарчанд ин пешниҳодоти мо ба ҷуз андешаҳои хусусӣ ва фарзияҳои муқаддамотӣ беш нестанд, вале мехоҳам дар байни қавсайн таъкид намоям, ки ин фарзияҳо дар заминаи сарчашмаҳои гуногуни илмӣ ва таҳлили мантиқӣ-таърихӣ фароҳам омадаанд.

Ва ҳамин тавр бояд пурсид: Нишонаҳои бузургӣ аз чӣ иборатанд? Аз рӯи кадом меъёру нишонаҳо мо метавонем ин ё он шахси гузашта ва ҳозираро бузург ба шумор оварем? Ҷавобҳои мушаххас ва конкретии мо доир ба ин саволҳо аз ҳашт нуқтаи зер иборатанд:

## ЯКУМ:

Шахси ҳақиқатан бузург ҳеҷ гоҳ даст ба худкушӣ намезанад! Чаро? Барои он ки Зиндагӣ аз ҳама арзишҳои ҷаҳони инсонӣ бузургтар ва муҳимтар аст. Касе, ки ба дасти худ зиндагии хешро аз байн мебарад, бузург нест. Бузургони бисёре дар ҷаҳон даст ба худкушӣ задаанд... Муҳаққиқони муосир сабабҳои худкушии онҳоро муайян кардаанд. Ва худи онҳо ҳам дар васиятномаҳои худ ба ин маъно чизҳое гуфтаанд... Гуфтаанд, ки онҳо ба хотири дину ақида, ватану миллат, молу сарват, нангу ном, зану фарзанд, мақому мансаб ва шуҳрат даст ба худкушӣ задаанд... Ба хотири ноил шудан ба зиндагии абадӣ дар биҳишт, ба хотири номи нек дар дунё, дар роҳи шараф, номуси шахсӣ, хонаводагӣ ва миллӣ, барои таъкид ва исботи вафодорӣ, ҷавонмардӣ, некномӣ, ростӣ, адолат, инсоф, шарофатмандӣ, ғурури мардонагӣ, ҳақиқатпарастӣ ва ё ба хотири интиқом аз душман, ба сабаби танҳоӣ, ранҷу бемории бедаво, ишқи ноком, ба хотири расидан ба зиндагии ҷовидона дар он дунё ва ғайра... даст ба худкушӣ задаанд.

Бале. Медонем. Ҳамаи инҳо муҳиманд. Вале бо вуҷуди ин ҷойи зиндагии як шахси муайяну конкрети таърихиро гирифта наметавонанд. Чаро ки ин шахс дигар такрор намешавад. Чаро ки худкушӣ роҳи ҳал нест... Динҳову миллатҳову ватанҳо давом мекунанд ва такрор мешаванд. Вале зиндагӣ барои инсони фард, ба гуфти Бедил, такрорнашаванда аст:

*Зиндагӣ маҳруми такрор асту бас,*
*Ин шарар чун ҷилва як бор асту бас.*

Содиқ Ҳидоят, нависандаи маъруф ва машҳури Эрон дар асри XX, се дафъа кӯшиши худкушӣ намуд. Ва оқибат маротибаи сеюм соли 1951 дар Париж ба воситаи газ ба зиндагии худ поён бахшид. Як нависандаи ҳамдиёраш гуфтааст: «Мо Содиқ

Ҳидоятро он рӯз дар болои бистар хобида ёфтем. Танҳо бо ин фарқ, ки нафас кашиданро фаромӯш карда буд!»

Аммо Абуҳаёни Тавҳидии Шерозӣ, мутафаккири асри X, зиёда аз сад соли умри худро ҳамвора бо дарду ранҷ ва мусибат гузаронд, вале боре фикри худкуширо ба хотир наёвард... Чун рамзи эътироз баъзе аз китобҳояшро оташ зад! Ба ҳар ҳол худашро не! Бузург он гоҳ бузург аст, ки болотар аз мушкилоти ночизи рӯзгор қарор дошта бошад... Ва бузургӣ ба хотири дигарон аст, на ба хотири шахси худ...

Мутаассифона, бисёранд бузургоне, ки даст ба худкушӣ задаанд. Барои намуна, ин чанд нафарро номбар мекунем: Суқрот, Диоген, Зенон, Сенека, Эрнст Ҳеменгуэй, Стефан Свейг, Ван Гог, Владимир Маяковский, Сергей Есенин, Салвадор Аленди, Александр Фадеев, Мадам Боварӣ ва бисёри дигар [Доктор Фахрӣ Даббоғ, «Марги ихтиёрӣ». Бейрут, 1987, саҳ. 180-184, ба забони арабӣ].

**ДУЮМ:**

Шахси бузург дар заминаи фарҳанги миллати худ ба бузургӣ мерасад ва онро идома мебахшад... Ҳарчанд ки илму дониш симо ва сирати умумибашарӣ доранд... Ҳувияти миллӣ меъёри ҷавҳарист... Мушаххас аст... Ба биология ва табиат пайвастагӣ дорад... Ба таърих, забон ва ваҳдати фарҳангӣ далолат мекунад. Мисол: забони эсперанто аз нигоҳи илми забоншиносӣ комилтарин забон аст. Ба ҳеҷ миллат мансуб нест. Ҳамаи забонҳои дунё дар он саҳм доранд. Бо вуҷуди ин, ба ҳеҷ як аз забонҳои «нокис» ва зиндаи ҷаҳон рақобат карда наметавонад. Чаро? Барои он ки заминаи ҳаётии забонҳои зинда қавму миллатҳои мушаххас ҳастанд, ки ҳамеша дар ташаккулу такомул мебошанд. Аммо забони эсперанто аз калимоти кӯҳна, фарсуда ва суфташудаи забонҳои гуногун сохта шудааст. Миллат ва ё қавме муайян заминаи забони эсперанторо ташкил намедиҳад. Ин забон вақту фазои мушаххаси таърихӣ надорад.

Ва бузурге, ки дар заминаи тамаддуни ҷаҳонӣ парвариш ёфтааст, ҳоли забони эсперанторо дорад. Ба ин маънӣ, ки симои мушаххаси миллӣ ва қавмӣ надорад. Беҳувият аст. Дар як навъ бунбасти эҳсосотӣ, ақидавӣ, миллӣ ва таърихӣ қарор дорад... Ба инсонҳо ва хонандагони мавҳум, нашинохта ва абстрактӣ хизмат мекунад... Хонандаи мушаххас надорад... Дар суханонаш меҳр, эҳсос, гармӣ, лутф, кашиш, ҷозиба ва самимияти миллӣ нест...

Муҳаббати ӯ ба сӯйи хонандаи ношинос ва номаълум равона шудааст... Барои маҳбубияти хешро пешбинӣ кардан, кафолате надорад... Намунае аз ин гурӯҳи бузургонро нависандагон ва ҳунармандони космополит ва интернатсионалист ташкил медиҳанд. Агар аз Чингиз Айтматов ва Темур Зулфиқоров оғоз кунем, он гоҳ баҳси мо ҳамаи онҳоеро дар бар хоҳад гирифт, ки ба забони русӣ эҷод мекунанд, вале миллаташон рус нест. Дар Урупо ҳам бисёранд бузургоне, ки ба забонҳои машҳури зиндаи урупоӣ асар эҷод мекунанд, вале худ аз нигоҳи нажодӣ ба соҳибони он забон мансуб нестанд... Чаро ки аз нигоҳи имрӯз, забон (ҳар забоне, ки бошад) василa ва абзор нест. Забон ҳастӣ, ҷавҳар ва моҳияти ҳар як инсони мушаххаси соҳибзабонро ташкил медиҳад. Ногуфта пайдост, ки забони бегона ва ғайримиллӣ ҷавҳари ҳунари эҷодкорро ба таври боиставу шоиста дар бар гирифта наметавонад. Асарҳои бузурги ҳунарӣ ба забонҳои миллӣ эҷод мешаванд, на ба забони эсперанто!

Дар таърихи фарҳанг номи чанд тан аз бузургони миллатдӯст ва ватанпараст зикр гардидааст:

Гераклит - файласуфи миллатдӯсти Юнони Қадим;

Абулқосим Фирдавсӣ - шоири ватанпараст ва миллатдӯсти Эрон;

Ҷорҷ Байрон - шоири миллатдӯсти англис;

Фихте - файласуфи миллатдӯсти Олмон;

Унамуно - шоир ва файласуфи ватанпарасти испанӣ;

Содиқ Ҳидоят - нависандаи ватандӯсти муосири Эрон;

Анис Мансур - нависандаи миллатдӯсти муосири араб;

Сергей Есенин - шоири миллатпарасти рус;

Луи Арагон - нависандаи миллатдӯсти франсавӣ;

Алберт Камю - файласуфи ватанпарвари франсавӣ;

Ибни Муқаффаъ - миллатпарасти асримиёнагии форс;

Борбад - хунёгари миллатпарасти эронӣ;

Стефан Свейг - нависандаи миллатпарасти яҳудии австриягӣ;

Алиакбари Деҳхудо - донишманди ватанпарасти муосири Эрон;

Абӯабдулло Рӯдакӣ - шоири миллатпарасти форс-тоҷик;

Суҳравардии мақтул - файласуфи миллатдӯсти форс-тоҷик;

Мирзода Ишқӣ - шоири ватанпарасти Эрон;

Гёте - шоири миллатпарасти олмонӣ;

Франс Фанон - файласуфи ватанпараст ва миллатшиноси алҷазоирӣ;

Аҳмадшоҳи Масъуд - мубориздизи роҳи озодӣ дар Афғонистон;

Лоиқ Шералӣ - шоири миллатпарасти муосири тоҷик;

Бозор Собир - шоири ватанпарасти муосири тоҷик;

Акбари Турсон - файласуфи ватандӯсти муосири тоҷик;

Садриддин Айнӣ- донишманд ва нависандаи маъруфи миллатдӯсти тоҷик дар асри XX. Бузургии ҳамаи инҳо заминаи миллӣ дорад.

## СЕЮМ:

Марди ҳақиқатан бузург, худи Зиндагиро ҳадафи аслӣ ва асосии инсонҳо медонад. На ҳадафҳои авомфиребонаи сиёсӣ, динӣ ва идеологиро... Ва мегӯяд: «Ҳадафи зиндагӣ худи зиндагист!» Берун аз ин зиндагии заминӣ ва реалӣ ҳадаф ва маъное ҷустан - ин ба бероҳа рафтан аст… Марди бузург ҳамин зиндагии одӣ, сода ва маъмулиро, ки ҳамаро фаро гирифтааст, асос ва ҷавҳари ҳамаи бузургиҳо медонад. Мисоли барҷастааш дар таърих, шоири шаҳири олмонӣ Иоан Волфганг Гёте (1749-1832) будааст.

Аз ин қабиланд: Эпикур, Ибни Ровандӣ, Абӯбакри Розӣ, Ибни Сино, Умари Хайём, Фридрих Нитше, Николай Фёдоров, Алберт Швейтсер, Ошо Раҷнич, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир.

Вале баъзе бузургони дигар хилофи ин назар будаанд. Аз ин ҷумла метавон рӯҳониёни масеҳӣ, орифони исломӣ, риёзатпешагони будоӣ, ҷайнӣ ва ғайраро номбар кард. Намунаи машҳуртаринашонро Масеҳ, Будо, Монӣ, Плотин, Пифагор, Шайх Аҳмади Ҷомӣ, Абулалои Мааррӣ ва Артур Шопенгауэр ташкил медиҳанд.

## ЧОРУМ:

Бузурги воқеӣ мардумдӯст ва инсонсолор аст. Ҳадафи зиндагии шахсии худро хидмат кардан ба дигарон медонад. Ин як воқеият аст. Зиндагии яккаву танҳо маъное надорад. Худи Парвардигор ҳам аз ранҷи танҳоӣ оламу одамро офарид (Ривояти Тавротӣ). Шахсияти барҷаста ҳамеша худро ҷузъе аз мардум медонад ва барои саодати кулли башар талош меварзад. Дар таърихи башарӣ бузургони мардумгурез кам набудаанд... Мардумбезорӣ, аз нигоҳи илми муосир, нишонаи бузургии

марди ҳунар нест. Балки аз маҳдудият ва каммоягии ин ё он шахси таърихӣ гувоҳӣ медиҳад. Дар фарҳанги исломӣ бузургоне чун Ҳасани Басрӣ, Робияи Адавия, Иброҳими Адҳам, Молики Динор, Боязиди Бастомӣ ва Абусаиди Абулхайрро ба ин гурӯҳ дохил намудаанд.

Вале бузургони инсонпарвар бисёр будаанд ва ҳоло ҳам ҳастанд. Барои намуна, ин чанд номро зикр мекунем: Алберт Швейтсер, Муҳандос Ганди, Робиндронат Тагор, Саъдии Шерозӣ, Абуҳаёни Тавҳидӣ, Муҳаммад Муин, Лев Толстой, Абубакри Розӣ, Ошо Раҷнич, Фейербах, Дейл Карнегӣ, Уитмен, Николай Федоров, Бертранд Рассел, Жан Пол Сартр, Симона де Бовуар, Максим Горкий, И. Мечников, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Садриддин Айнӣ, Аҳмади Дониш.

## ПАНҶУМ:

Марди бузург ҳамеша ба ақли солим, илму дониши воқеӣ ва ба тақозои зиндагӣ такя мекунад. Душмани ҳама гуна хурофот ва боварҳои авомфиребона аст... Хоҳ боварҳои мазҳабӣ бошанд ва хоҳ идеологияҳои сиёсӣ... Ба ин гурӯҳ шахсиятҳои бисёре вориданд. Ва ҳамаи онҳо дар замони худ машъалбардорони илму дониши ҳақиқӣ будаанд. Барои намуна ва мисол, ба таври феҳраствор чандеро номбар мекунем:

Гераклит, Демокрит, Эпикур ва Арасту - аз Юнон;

Ибни Сино, Абурайҳони Берунӣ, Закариёи Розӣ, Абунасри Форобӣ, Насируддини Тусӣ, Сайид Нафисӣ, Абдурраҳмони Бадавӣ - аз фарҳанги исломӣ;

Г.Галилей, Ҷ.Бруно, И.Нютон, А.Эйнштейн, Н.Коперник, Ч.Дарвин, Ф.Бэкон, Т.Эдисон, И.Павлов, Д.И.Менделеев ва бисёри дигар - аз фарҳанги асримиёнагӣ ва муосири Урупо;

Устод Акбари Турсон - дар Тоҷикистон.

## ШАШУМ:

Шахсияти воқеан бузург, озодандеш ва равшанфикр аст. Мехоҳад ба андешаҳои маҳдуд, маҷрӯҳ, бунбастӣ ва болупаршикастаи ҳамзамонони худ озодӣ ва парвоз бахшад... Онҳоро аз зиндони маънавӣ наҷот диҳад. Ин як ҳадафи пок ва маъсумонаи инсонӣ аст, ки ба ғайр аз хизмати холисона ба ҳамнавъон ғарази дигаре надорад (Мутаассифона, дар таърих ҳамеша равшанфикронро бад фаҳмидаанд ва бо ченакҳои маҳдуди дину давлат фаъолияти онҳоро арзёбӣ намудаанд).

Равшанфикрон ва озодандешони ҳамаи давру замонҳо ва миллатҳо ин масъулиятро бар дӯш доштаанд, ки дилу дидаҳои гирифтор ба зулмати мавҳумот ва хурофотро офтобӣ намоянд. Хуршеди донишро ҷойгузини шабҳои тираю ҷаҳлу нодонӣ кунанд... Онҳо талошҳои бардавоми худро дар ин масъулияти виҷдонӣ ва инсонии худ медонанд... Равшанфикри воқеӣ корвони зиндагии башарро ба сӯйи ояндаи шарофатманд, озод ва инсонӣ ҳидоят менамояд. Бузургони озодандеш дар ҷаҳони мо хушбахтона хеле фаровон будаанд. Чаро ки инсон табиатан мехоҳад, ки «бидонад ва озод бошад» (Арасту).

Барои намуна чандеро ном мебарем: Гераклит, Демокрит, Эпикур, Суқрот, Диоген, Ибни Ровандӣ, Абубакри Розӣ, Ибни Муқаффаъ, Умари Хайём, Волтер, Жан Жак Руссо, Фейербах, Унамуно, Фридрих Нитше, Шопенгауэр, Ҳайдеггер, Ясперс, Сартр, Камю, Бердяев, Достоевский, Фрейд, Бернард Шоу, Бертран Рассел, Колин Вилсон, Ошо Раҷнич, Бозор Собир, Лоиқ Шералӣ.

**ҲАФТУМ:**

Бузурги ҳақиқӣ худкифо аст. Мустақил аст. Ба қувва ва истеъдоди худ такя дорад. Ба кумаки моддӣ ва маънавии дигарон умед намебандад... Аз рӯйи завқу андешаи худ кор ва эҷод мекунад. Хидмат ба дигаронро вазифа ва масъулияти хеш медонад. Ба як калима: Бояд нақши даст ва фикраш дар осори ӯ ҳувайдо бошад. Дар таърихи фарҳанги ҷаҳонӣ шахсиятҳое будаанд, ки худ фаъол ва эҷодкор буданд. Вале худ қалам ба рӯйи коғаз намекашиданд... Ба ҷойи онҳо шогирдонашон ин корро анҷом медоданд. Зоҳиран дар ин маврид айбу нуқсоне нест, вале бояд гуфт, ки ба меъёрҳои бузургӣ мувофиқат намекунад. Чун мо ба таври қатъӣ бовар карда наметавонем, ки ин кашфиётҳо ва навгониҳои фарҳангӣ сад дар сад самараи фикру андешаи он бузургмард бошад. Барои мисол, метавон гуфт, ки фаъолиятҳои иҷтимоӣ ва илмии Суқрот дар Юнон ва Шамси Табрезӣ дар Эрон мавриди шак ва шубҳаанд. Ба ин маъно, ки агар Афлотун аз номи Суқрот «Муҳовара»-ҳои фалсафии худро наменавишт, шояд номи Суқрот дар таърих ба ин дурахшандагӣ ҷилва намекард. Қиссаи Шамси Табрезӣ ҳам чунин аст. Шамс худаш чизе наменавишт. Осоре таълиф намекард. Танҳо шифоҳӣ ба шогирдон насиҳат мекард ва ба саволҳои динӣ ва илмиашон ҷавоб медод. Шогирдон ҷавобҳои

ӯро дар дафтарҳояшон сабт мекарданд. Ин навиштаҳои шогирдон то ба замони мо расидаанд. Бо номи «Мақолот»-и Шамси Табрезӣ. Яъне гуфторҳо ва суханрониҳои Шамси Табрезӣ. Ин гуфторҳо дар шакли китоб 500 саҳифаро ташкил медиҳанд. Китоби ҷолиб ва судманд аст. Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ дар «Девон» ва «Маснавӣ» баъзе мавзӯъҳои ин китобро бо назму наср иқтибос кардааст. Вале шуҳрати Шамси Табрезӣ аз рӯйи ин китоб нест. Балки шуҳрати ӯ ба сабаби «Девон»-и ашъори Ҷалолиддини Балхӣ аст, ки дар ғазалиёти худ номи Шамсро барои худ тахаллус интихоб намудааст. Агар Мавлоно чунин намекард, яқинан Шамс ба сифати як сӯфии қаторӣ ва гумном дар таърихи фарҳанг боқӣ мемонд. Ҳадафи ин шарҳу баёни муфассал ин аст, ки шахси бузург бояд худаш масъулияти ҳунар ва эҷоди худро ба уҳда бигирад. Агар чунин накунад, шарти бузургиро иҷро карда наметавонад. Ба ин маънӣ, бузургӣ ҳаққи ҳалоли Афлотун ва Ҷалолиддини Балхист, ки ҳунари худро бо дасту қалами хеш рӯйи қоғаз сабт намудаанд. Хизматҳои таърихӣ ва фарҳангии Суқроту Шамс ҳам ба ҷойи худ арзандаанд, вале мутаассифона ба ченак ва меъёри бузургӣ-ҷавоб дода наметавонанд. Бисёре аз бузургон, паёмбарон, авлиё, сӯфиён, орифон, эшонҳо, ҳукамо, шайхон, пирон ва ғайра, ки даъво доранд илму донишро аз роҳи ғайб, ба воситаи ваҳӣ ва пайғоми илоҳӣ ба даст овардаанд, ба ин гурӯҳ мансубанд. Ин бузургон танҳо василае будаанд дар ихтиёри қувваҳои ғайбӣ ва фавқуттабиӣ... Қувваҳое, ки исботи ҳақиқати онҳо ба ҷуз бовар ва имон дарёфт карданӣ нест... Ин ҳам масъалаест, ки баҳси дигареро металабад...

Мутаассифона, шеваи кори Суқроту Шамс ба меъёри бузургӣ ҷавобгӯй нест. Бузургӣ худкифоӣ аст... Истиқлол аст... Суқроту Шамс мустақил набуданд. Вобастаи шогирдони худ буданд... Вобастагӣ заъф ва нотавонист... Нотавонӣ хилофи бузургист... Нотавонӣ таслим ва бечорагист...

**ҲАШТУМ:**

Марди бузург бояд дар зиндагии хусусӣ ва иҷтимоияш мустақил ва озод бошад. Ба ин маънӣ, ки аз ҳисоби заҳмату талоши бардавоми худ зиндагии хонаводагӣ ва ҳунарии худро таъмин намояд. Ғулом ва бандаи хешу табор, ёру дӯст, ҳукумату сиёсат, ҳизбу мазҳаб ва дигар қувваҳои сиёҳкори иҷтимоӣ набошад. Ин шеваи зиндагӣ, дар сурате ба ҳунарманди бузург

даст медиҳад, ки дидаю дониста, дар роҳи амалӣ намудани ҳадаф ва идеали худ иқдом ва фидокорӣ намояд. Ин қарор ва тасмими ӯ, сад дар сад қарори худогоҳона ва фидокорона аст. Худаш аз оқибатҳои кори худ огоҳ аст. Эҳтимол медиҳад, ки ба он ҳадаф ва идеали худ мерасад ва ё дар ин роҳ ҳалок мегардад. Дар ин ҷода барои ӯ роҳи сеюм вуҷуд надорад. Ва роҳи интихобнамудаи худро зимнан ғоя ва маънии зиндагии шахсии худ медонад. Ин тасмим ва иқдоми хеле ва хеле хатарнок аст. Ҳам барои шахсияти бузург ва ҳам барои муосиронаш. Бесабаб нест, ки мардуми Чин мегӯянд:

«Марди бузург балои ҳамагон аст!»

Ин ҳикмати халқӣ тафсилоти рангорангеро дар бар дорад... Ва яке аз он тафсилот ин, ки мафҳуми «бузургӣ» саропо хатар аст! Ҳам барои марди бузург ва ҳам барои инсонҳои қаторӣ... Ба андешаи мо сабаб он аст, ки шахси бузург зиндагии инсонҳои маъмулиро бо арзишҳо, идеалҳо, ҳадафҳо ва шиорҳои нави худ ба «маҳшар» табдил медиҳад! Маҳшар, қиёмат ва растохез ба ҳар маъное, ки фаҳмида шавад, ҳодисаи ҷиддӣ ва такондиҳанда аст... Ҳеҷ касе нисбат ба он бетафовут буда наметавонад...

Аллома Муҳаммад Иқбол (1877-1938) ба сари мусалмонони асри XX чунин «маҳшаре» овард... Баъди «марги» ҳазору чандсадсола... Вале онҳо маънои ростини ин растохезро дарк накарданд... Аксуламал нишон доданд… Онро рад карданд... Худи Иқболро мавриди накӯҳиш қарор доданд... Баъдҳо Иқбол ин иқдоми худро таҳлил намуда, дар китоби «Ҷовиднома» [«Куллиёти форсӣ», Исломобод, 1997, с. 334] ба наслҳои баъдина ҳушдор медиҳад, ки аз ин ҳодиса ибрат бигиранд. Мегӯяд:

*«Он чӣ ман кардам, ту ҳам кардӣ, битарс,*
*Маҳшаре бар мурда овардӣ, битарс!»*

Дар ин байт «Ман» Иқбол аст ва «Мурда» мусулмонони шарқии замони ӯ мебошанд. Шояд ҳамин мисол барои тафсири мушкилоти бузургӣ дар дунёи одамӣ басанда бошад... Мутаассифона, дар таърихи фарҳанги башарӣ чунин шахсиятҳои далер ва фидоӣ бисёр набудаанд. Ангуштшуморанд. Ва ҳоло ҳам зиёд нестанд. Ва ба таври мушаххас инҳо мебошанд:

Суқрот, Диоген, Эпикур, Гераклит, Ибни Равандӣ, Мансури Ҳаллоҷ, Сӯҳравардии Шайх-ул-ишроқ, Ибни Муқаффаъ, Абулқосими Фирдавсӣ, Умари Хайём, Ибни Сино, Сайд Ҷамолуддини Афғонӣ, Сайд Қутб, Алӣ Шариатӣ, Муҳаммад Иқбол, Бозор Собир, Волтер, Винсент Ван Гот, Николай Федоров, Фридрих Нитше, Аббос Маҳмуди Аққод, Анис Мансур, Абдурраҳмон Бадавӣ, Унамуно, Мартин Ҳайдеггер, Алберт Камю, Георгий Гурҷиев, Ошо Раҷнич ва Холиқ Мирзозода.

## ОХИРИН МУЛОҲИЗА:

Барои ин баҳсро хулоса ва ҷамъбаст намудан ҳоло барвақт аст... Ин вазифаро ба уҳдаи хонандагон вомегузорем... Ба ин умед, ки нуқтаи назари хешро дар ин боб пешниҳод намоянд....

Ҳар мақоланависе ба таври худ пешбинӣ мекунад, ки баъди нашри мақола чӣ хоҳад рух дод. Аз ҷумла ман ҳам. Пешбинии ман аз ду эҳтимол беш нест. Яке, ин ки ҳамаи хонандагон сукут ихтиёр мекунанд. Ва дуюм, ин ки ба ин нуктаҳои ҳаштгона сахт эътироз менамоянд. Аз ин гузашта, доманаи баҳси онҳо ба он бурда мерасонад, ки арзишҳои суннатии гузаштаро мавриди баррасӣ қарор медиҳанд... Чунонки Устод Бозор Собир назми ҳазорсолаи моро дар шеъри худ таҳлил намудааст... Болотар аз хаёл ва фантазия ин ки мероси фарҳангӣ ва илмии бузургони давраи Шӯравиро, аз рӯйи ин меъёрҳо ва ё меъёрҳои дигаре мавриди санҷиш қарор диҳанд... Дар ин сурат, баҳс дар ҷодаи илмӣ ва фарҳангӣ давом хоҳад кард...

Агар ниме аз ин пешбиниҳо амалӣ гардад, соҳиби ин қалам масъулияти фарҳангии худро дар назди муосирон иҷрошуда ба шумор меоварад.



**Ёрмаҳмад НИЁЗӢ**
*файласуф*

## ЧАРО ЗАРУРАТИ ҲИФЗИ ИСТИЛОҲИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ПЕШ ОМАДААСТ?

Дар ҷараёни таърихи такомули забонҳои минтақаҳои ОсиёиМарказӣ, аз ҷумла кишварҳои имрӯзаи Тоҷикистон, Афғонистон, Эрон, Ҳиндустону Покистон ва як қисме аз Чин забонҳои ҳинду-аврупоие чун санскрит, суғдӣ, бохтарӣ, паҳлавӣ, пашту, урду ва чандин забонҳои дигар ташаккулёфта, дар омезиш бо ҳамдигар забони ҷадидеро ба вуҷуд овfarданд. Дар ин раванди табиӣ ва таҳаввулоти иҷтимоӣ баъзе забону гӯишҳо истиқлолияти нисбии худро ҳифз намуда, баъзе гӯишҳои як забоне воҳид аз ҳам ҷудо шуданд ё аз байн рафтанд. Ин раванди табиии такомули таърихии забонҳоро аз ҳамҷудошавӣ (дифференсиатсия) ё якшави (интегратсия)-и забонҳо меноманд.

Дар замони Ҳахоманишиҳо ин раванд бо таъсири сиёсати замон як тамоили ҳамгироӣ касб кард ва махсусан, шохаи портӣ-паҳлавии забонҳои бумии қаламрави Ҳахоманишиён нисбат ба дигар шохаҳои забон авлавият пайдо кард, зеро маҳдудаи ягонаи сиёсӣ табиатан тақозо менамуд, ки дар саросари қаламрави кишвар забоне ягона мавриди истифода қарор бигирад. Аммо ин раванд баъди шикасти давлати Сосониён ва ҳуҷуми арабҳо ба он сарзамин марҳилаи дигари забониеро ба вуҷуд овард. Ба ибораи дигар, марҳилаи таҳаввул ва инқилоби иҷтимоии охирҳои асри VI ва VII, ки дар минтақа сурат гирифт, ба забон низ таъсир гузошт.

Дар ин марҳилаи таърихӣ хат омили муҳимми баҳамоварандаи фарҳангҳо буд, зеро хати паҳлавӣ бо хати суриёниву ибрӣ ва хатҳои дигари қавмҳои сомӣ бунёде ягона дошт. Аз ин рӯ, хати форсӣ ҳамчун хати умумӣ баъд аз 200 сол дар баробари забони арабӣ чун хати расмии хилофат қабул

гардид ва то ибтидои асри XX мавриди истифодаи мардумони мусулмони ин марзу бум қарор гирифт. Аммо баъди асри 15-16 таҳаввулоти дигаре дар минтақаи Хуросон ва Мовароуннаҳр сурат гирифт. Бо ба қудрат расидани Сафавиён мазҳаби ташайюъ мазаҳаби расмӣ давлатӣ эълон шуд. Ин омил сабаби ба вуҷуд омадани гусасти азиме дар байни форсизабонон гардид. Маҳз ҳамин омил яке аз сабабҳои аз ҳам дур гаштани гӯишҳои забони ягона гардид.

Дар қарни XX, баъди тақсимоти нави ҷаҳон аз тарафи абарқудратҳо, дар заминаи осори адибию фарҳангии асрҳои 16-17 тамоили дигаре ба таври ошкоро дар фарҳангу забони миллии мо ба вуҷуд омад, ки онро мафҳумҳое чун «форсии тоҷикӣ», («тоҷикии форсӣ») ва ё «забони тоҷикӣ» ифода мекунанд. Ин се истилоҳ низ мафҳумҳое мебошанд, ки дар раванди инқилобҳои иҷтимоӣ ба хотири ҳимоят аз ҳувияти миллию арзишҳои илмию фарҳангии гузаштагони ин марзу бум аз ҷониби донишмандоне чун устод Садриддин Айнӣ матраҳ гардида, дар фурсати андак мавриди истифодаи умум қарор гирифтанд.

Забон мафҳуме зинда ва ҳамвора дар ҳаракат аст ва ҳамқадам бо рушду пешрафти ҷомеа тағйиру такомул ва инкишоф меёбад. Ҷараёни таҳаввулу ташаккули таърихи забони модарии мо, тоҷикон пайваста дар тараққию такмил аст. Дар ин раванд, албатта, омили геополитикиро наметавон сарфи назар кард. Миллати тоҷик (баъди солҳои 20-уми асри XX) мисли гузашта, ба дифференсиатсияи забонӣ дучор гардид. Барои ҳимояи манфиатҳои худ дар минтақаҳои гуногуни қаламрави як забон дар асоси гӯишҳои маҳаллӣ забонҳои гуногун ба вуҷуд омаданд. Бо баёне дигар, сохторҳои мустақили сиёсии қаламрави як забон муҷиби ба забони мустақил мубаддал гардидани гӯишҳои мухталифи як забон гардид. Падидаи забони порсӣ дар кишвари Эрон, забони дарӣ дар кишвари Афғонистон ва забони тоҷикӣ дар Тоҷикистон мисоли равшане аз масъалаи дифференсиатсияи забонист, ки ҷанбаҳои назарии он дар илми забоншиносии муосир хеле густардаву жарф пажӯҳида шудаанд. Ҳамзамон бояд зикр кард, ки ин дифференсиатсия боиси шукуфоӣ ва заминаи гуногунандеширо дар ҳавзаи фарҳанги ориёӣ ба вуҷуд овардааст, ки дар оянда метавонад чандфарҳангӣ

ва гуногунандеширо дар Эрон, Афғонистону Тоҷикистон тарвиҷ диҳад.

Дар ин раванди азҳамҷудошавӣ, махсусан дар Тоҷикистон бояд аз ҷиҳате забон ба шинохту андешаи қишрҳои мухталифи ҷомеа наздик карда мешуд, то мерос ва андӯхтаҳои илмию фановарии ҷаҳони муосир дастраси ҳамагон қарор мегирифт ва аз тарафи дигар, идеологияҳои ҳоким барои бароварда сохтани ҳадафҳову мудирияти сиёсии худ ба мардум наздик мешуданд, ки ин хосси тамоми идеологияҳо мебошад. Масалан, назарияпардозон ва созандагони идеологияи ислом ва коммунизм тамоми масъулиятҳои иҷтимоиро сода ва оммафаҳм гардониданд, то ҳамагон ба дарки моҳияти он ба осонӣ даст ёбанд ва ба ин васила мудирияти сиёсии ин идеологияҳо осон шавад.

Ҷиҳати дигари таҳаввулоти иҷтимоии ин давра бо таъсири инқилоби равшангароёни Аврупо, ки аз роҳи Туркияву Россия ба қаламрави фарҳанги бумии Осиёи Марказӣ ворид шуда, тамоилҳои гуногунро ба вуҷуд оварда, барои густариши андешаҳои маорифпарварон ва эҳёи илмҳои табиатшиносӣ замина фароҳам овард, сурат гирифт. Аммо бояд мутазаккир шуд, ки фарҳанги дунявии аврупоӣ аз тариқи шинохти туркҳо ва русҳо ба манотиқи Осиёи Марказӣ интиқол ёфт, ки бо асли аврупоии он фарқ мекард, яъне то андозае таҳриф гардида, дар ҷомеа ниҳодина нашуд.

Забони асрҳои миёна, ки бо таъсири исломи сиёсии он даврон ва арабипардозиҳову туркигароиҳо ташаккул ёфта, аз оммаи мардум фосила дошт, ба таҳаввулоти асрҳои XIX-XX мувофиқ шуда наметавонист. Ин забон бештар забони ашрофию дарборӣ буда, мардумписанд набуд ва барои осон кардани мушкилоти зиндагии мардум кореро анҷом намедод. Ҳамчунин илмҳои табиӣ ва дақиқ дар хидмати идеологияҳои динӣ қарор доштанд.

Яке аз мушкилоти ин давр барои абарқудратон ва истеъморгарони дар қаламрави таҳти тасаллуташон қарордошта миллатсозие буд, ки ба манфиаташон хидмат кунад. Аз ин рӯ, дар ин раванди геополитикӣ моделҳои гуногуни миллатсозиро пешниҳод менамуданд. Иттиҳоди Шӯравӣ аз модели

миллатсозии фаронсавиҳо истифода карда, забонро унсури асосии миллатсозӣ қарор дод ва унвони кишварро аз забони он баргирифт. Пеш аз ҳама, дар ин раванди бисёр ҳассосу тақдирсоз маҳз олимону ходимони сиёсӣ барои сохтани миллати тоҷик ва ҳифзи арзишҳову манфиатҳои миллии худ мубориза бурда, дар асоси арзишҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии муосир нафаси тозае бар умри миллати хеш афзуданд.

Воқиятҳое, ки дар боло зикрашон рафт, зарурати дар заминаи лаҳҷаҳои гуногуни минтақаҳо забони дигареро бо вижагиҳои фарқкунандаи худ ба вуҷуд оварданро матраҳ намуд. Дар ин марҳилаи таърихии таҳаввулоти иҷтимоию сиёсӣ миллати тоҷик дар заминаи мероси ғании фарҳангии суннатӣ ва забонҳои бумӣ (манзур забонҳои шарқӣ ва ғарбии эронӣ), забони тозаеро барои ҳифзи ҳувияти хеш ба вуҷуд оварда, дар баробари идеологияҳои муҳоҷим то андозае муқовиматпазир шуд. Талошҳои пайгиронаи рӯшангарону донишмандони ин давра моро аз нобудшавӣ нигоҳ дошта, барои сохтмони худӣ заминаҳои муносиберо фароҳам овард, ки моро дар ниҳоят, ба истиқлоли миллӣ расониданд.

Баъд аз пароканда гардидани Иттиҳоди Шӯравӣ ва тағйири равандҳои геополитикӣ боз як раванди дигари баҳамоӣ ва азҳамҷудоӣ ба таври табиӣ дар ҳоли ташаккул ва такомул аст. Дар ҳоле ки ҷаҳон ба раванди ҳамгироӣ ё ба иборае дигар, ҷаҳонишавӣ рӯ оварда истодааст, иддае аз коршиносон бар ин назар ҳастанд, ки забони форсӣ ё порсӣ метавонад дар ин ҳамгироӣ ва бархӯрди тамаддунҳо барои таҳаввули ҳамгироии минбаъдаи забонҳои минтақавӣ (тоҷикӣ, форсӣ ва дарӣ) мусоидат кунад. Амо яке аз хатарҳое, ки имрӯз ҷомеаи ҷаҳонӣ ва махсусан, ҷомеаи моро рӯз то рӯз бисёр таҳдид мекунад ва осебпазирии ҷомеаҳоро бештар месозад, фазо ва заминаи сиёсишавии ислом ва ифротишавии ҷомеаҳои ин ҳавзаи забонӣ аст. Ин тасмими қатъии коршиносон аз пуштибонии забони ягонаи порсӣ ё форсӣ раванди ифротишавии мардуми ин минтақаро метавонад вусъат бахшад, ки ин таҷрибаро ҷомеаи тоҷик дар ибтидои солҳои истиқлолият дошт ва ҷомеаи камогоҳу камдониши моро ба ҷомеаҳои хатарзои Покистону Афғонистон ва Эрон табдил дода, ҳазорҳо нафар қурбони ин вабои аср

метавонанд гарданд. Ин аст, ки ба ин масъала, ки аз ҳассосиятҳои сиёсию мадании муосир маҳсуб меёбад, ҷиддӣ таваҷҷуҳ бояд намуд, то иштибоҳоти пешина моро дунболагир нашаванд ва амнияту суботи минтақавиро халалдор насозанд.

Хулоса, ба ақидаи мо, истилоҳи забони тоҷикӣ барои вазъи имрӯзи мо ва сохтани ҳувияти миллӣ муносиб мебошад. Моро лозим аст, ки ба мушкилоти дигари ҷомеа таваҷҷуҳи бештар намоем, яъне ислоҳоти иҷтимоию сиёсӣ ва иқтисодиро марҳила ба марҳила пайгирӣ карда, сатҳи зиндагӣ ва рифоҳи шаҳрвандонро бештар ба вуҷуд оварем, то аз таҳдидҳо эмин монда, ҷойгоҳи худро дар сохтори имрӯзаи ҷаҳон ҳифз кунем.

**Тоҷинисо МУРОДОВА**
*номзади илмҳои фалсафа*

# ИСТИҚЛОЛИЯТИ МИЛЛӢ ВА НАҚШИ ОН ДАР ШАКЛГИРИИ АНДЕШАИ МИЛЛӢ

Истиқлолияти миллӣ асоси ташаккулёбии пешрафти фарҳангу тамаддуни миллат буда, мардумро ба худшиносиву соҳибихтиёрӣ водор месозад. Аммо набояд фаромӯш кард ва ақли солимро ба кор бурд, ки моҳият ва мафҳуми худшиносӣ ва соҳибихтиёриро дар замони Истиқлолият бо равиши дурусташ дарк намуд, чунки худшиносӣ ва соҳибихтиёрии мутлақ ҳамеша инсонро ба гумроҳӣ ҳидоят мекунад. Аз ин ҷо, мо бояд ин истилоҳи озодӣ, соҳибихтиёриро дар бисёр мавридҳо ба таври нисбӣ истифода барем, дар он ҳадде, ки давлат ба мо онро медиҳад, ҳамон ҳадро риоят намоем. Дар айни замон ба қонунҳо ва дастурҳое, ки аз тарафи давлатамон ба мардум пешниҳод мешавад, эҳтиромгузориро набояд фаромӯш кард.

Тавассути Истиқлолияти миллӣ мардуми мо, ки солҳои тӯлонӣ дар хоби гарон буданд ва аз худ ва фарҳанги худ дур шуда буданд, ба худшиносии фарҳангу тамаддуни хеш қадам ниҳода, барои муайян намудани ҳувияти миллӣ ва мавқеияти худ дар арсаи байналмилалӣ саъю талош намуда истодаанд. Дар ин ҷо заҳматҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон қобили зикр ва дастгирӣ аст. Чунки Истиқлолият ва Ваҳдати миллӣ рушди иқтисодӣ, пешравии ҷомеаро худ ба худ таъмин намекунад ва пойдору устувор намемонад, зеро ки бояд фаромӯш накард, ки давлати миллӣ, истиқлолияти он, рушди ҷомеа ҳамеша ба ҳифзу ҳимоя ниёз дорад. Аз ин рӯ, масъалаи баланд бардоштани сатҳи донишу маърифати сиёсии мардуми кишвар, ташаккул додани худшиносии миллӣ муҳим буда, дарки зарурати Ваҳдати миллӣ

ва умумимиллӣ муттаҳидии миллатро устувор менамояд ва ояндаи онро таъмин месозад.[1]

Ба туфайли нури истиқлолият мардум ва ҷомеа ба худшиносӣ – ҳувият, шинохти фарҳангу тамаддун, маънавиёт ва миллати худ огаҳӣ пайдо карданд. Файзи истиқлолият неъмати бузургест, ки 26 сол қабл бо саъю талошҳои мардумамон ва Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон ба даст омад. Бинобар ин, метавонем чунин мисраъҳои шоирро нисбати Пешвои маҳбубамон биёрем:

*Илоҳӣ, сояаш поянда бод,*
*Чу меҳраш толеъи фархунда бод.*
*Худову халқ аз ӯ розиву шокир,*
*Мардум аз лутфи ӯ осудахотир.*[2]

Истиқлолияти миллии ҳар як қавму миллат ин рамзи хушбахтиву саодат, миллият ва махсусан, худмуайянкуниву худшиносии вай дар байни дигар миллату кишварҳои дунё мебошад. Бинобар ин, ҳамчун як намояндаи ватани азизи хеш вазифадорем, ки Истиқлолияту Ваҳдати миллии кишварамонро ҳамчун дастоварди пурарзиш ва неъмати бебаҳо бипазирем ва онро аз тамоми арзишҳои дигар муқаддамтар бидонем.

Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз суханрониҳояшон бо намояндагони ҷавонони мамлакат фармуда буданд, ки « …мо насли калонсол кӯшиш мекунем, ки барои баланд бардоштани ҳисси ватандӯстиву худшиносии миллӣ, сатҳи маърифату донишандӯзӣ, рушду такомули маҳорату малакаи ҷавонон мусоидат карда, сиёсати давлатро вобаста ба масъалаҳои таҳсил… дар амал татбиқ намоем».[3]

Чунонки Ҷаноби Олӣ мефармоянд, сатҳи тараққиёт ва эътибори байналмилалии кишвар аз он вобаста аст, ки ҷавонон

---

[1] Назирова Латофат. Истиқлолу ваҳдати миллӣ-бузургтарин дастоварди миллати куҳанбунёд. Маҷ.: Ваҳдат-ҷавҳари ҳастии миллат ва омили рушди устувории кишвар. Душанбе, 2016.-С.17

[2] Таҳлили девон ва шарҳи ҳоли Имодуддин Фақеҳи Кирмонӣ. Навиштаи дуктур Аҳмади Нозирзодаи Кирмонӣ. Теҳрон, 1374.-С.170

[3] Раҳмонов Эмомалӣ. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Ҷилди 6. Душанбе, 2006.-С.143

то чӣ андоза дорои маърифати сиёсиву фарҳангӣ ва ихтисосу дониши муосир буда, ҳадафу вазифаҳои худро вобаста ба бунёди давлати ҳуқуқбунёд, демократӣ ва дунявӣ дарк менамоянд.[4]

Дар замони ҳозир мо бояд диққати асосиро ба таълиму тарбия, маънавиёт ва пешрафти насли муосир – ҷавонон равона намоем, зеро ки ояндаи кишварамон, пешрафту тараққиёт, зебоиву шукуфои он аз онҳо вобаста аст. Ба ҷавонон омӯзем, ки онҳо мавқеъ ва мақоми худро дар ҷомеа донанд ва бо ахлоқу одоби ҳасана, бо меҳнати ҳалолу зиндагии боифтихоронаи хеш барои пешрафту ободии Ватани худ саъю талош намоянд.

Ҳисси ватандӯстиву меҳанпарастӣ, қадрдониву дӯст доштани ватану миллат ва фарҳангу тамаддуни худ, мубориза ба муқобили ҳар гуна унсурҳои бегона, ки боиси халалпазирии пешрафти зиндагӣ ва осоиштагии мардуму сиёсати мамлакатамон мешаванд, ҳифзи давлату миллат ва марзу сарҳадҳои он аз вазифаҳои аввалиндараҷаи тамоми мардуми кишвар, махсусан ҷавонон мебошад.

Мероси бойи мутафаккирону адибони гузаштаамон дарси ибрати хубе шуда метавонад барои бедории ҳисси ватандӯстиву садоқату вафодорӣ ва фарҳангу тамаддун дар рӯҳу вуҷуди мо. Мутафаккири бузурги форсу тоҷик Аҳлии Шерозӣ (асрҳои XV-XVI) қабл аз вафоташ дар ғазале васият менамояд, ки пас аз вафот маро дар паҳлуи Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ мадфун созед, чунки эшонро қиблагоҳи хеш донистааст:

*Ҷоям ба рӯзи воқеа паҳлуи ӯ кунед,*
*Ӯ қиблаи ман асту рухам сӯи ӯ кунед.*
*Нахле бароваред баланду ба сӯяш,*
*Хокам ба ёди қомати дилҷӯи ӯ кунед.*[5]

Мутафаккири сиёсатмадори асри XIV Имоди Фақеҳи Кирмонӣ дар маснавиҳои «Суҳбатнома», «Сафонома», «Туҳфат-ул-муҳибин», «Китоб-ул-маориф», «Муҳаббатнома» ва «Тариқатнома» шоҳу амиронро ба сохтору ободии марказҳои илмӣ – фарҳангӣ ва хайрхоҳиву адл даъват менамояд. Ӯ, аз як

[4] Ҳамон ҷо
[5] Аҳлии Шерозӣ. Девони ашъор. Бо эҳтимом ва тасҳеҳи Ҳомиди Раббонӣ. Теҳрон, 1369.-С.3

тараф, ба онҳо панду насиҳатҳо дода, худи онҳоро раҳнамоӣ бо омӯзиши илму фарҳанг менамояд. Аз тарафи дигар, барои ҳифзу пароканда нашудани аҳли илму адаб ва ватану сарзамини хеш талош намудааст.

Саъю кӯшишҳои Имоди Фақеҳ бештар ба хотири он буд, ки тавассути шоҳу амирони замон кори давлату давлатдорӣ ба манфиати мардуму аҳли илму адаб то ҳадде дуруст ба роҳ монда шавад ва сарзамини ватанаш аз куфру залолат ва ҷабру ситами ситамгарону золимон нисбатан дар амон бошад.

Шоир ва мутафаккири маъруфи асрҳои XVII-XVIII Мирзо Муҳаммад Соиби Табрезӣ дар айёми ҷавонӣ ба кишварҳои Осиёи Хурд, Наҷафу Бағдод, Кобул ва ҳамчунин Маккаву Мадина ва баъдан ба Ҳиндустон сафар намуда, дар он ҷо муддати чанд соле ба хотири вазъи ноҳинҷори муҳити иҷтимоӣ ва дилмондагӣ аз мардум мондагор мешавад:

*Ранҷидаем агар зи ватан, ҳақ ба дасти мост,*
*Чун ранҷҳо зи селаи ихвон кашидаем*[6]

Соиб дар Кобул таваққуф намуда, ба Мирзо Аҳсануллоҳ, мутахаллис ба Аҳсан ва машҳур ба Зуфархон, ки аз тарафи Султони Ҳинд ҳукумрони он ҷо таъин шуда буд, робитаи дӯстӣ пайдо мекунад. Зуфархон пас аз муддате ба хидмати салтанати Шоҳиҷаҳон даъват мешавад. Ӯ Соибро ҳамроҳи худ ба он ҷо бурда, ба унвони устоди худ мепазирад. Соиб дар Ҳиндустон пас аз муддате ҳамчун як адиб ва шоири тавоно дар сабки ҷадид («сабки ҳиндӣ») машҳур мегардад ва вазъаш аз лиҳози иқтисодӣ низ бад набуд. Аммо бо вуҷуди ин ӯ натавонист, ки он ҷо то охир бимонад, зеро ки ҳисси ватану ватандӯстӣ ӯро осуда нагузошт ва аз Хоҷа Абулҳасан ва Зуфархон иҷозаи баргаштан ба ватан мекунад:

*Шаш сол беш рафт, ки аз Исфаҳон ба Ҳинд,*
*Афтодааст тавсани азми маро гузор.*
*Ҳафтодсола волиде пирест бандаро,*
*К-аз тарбият бувад ба манаш ҳаққи бешумор.*
*Дорам умеди рухсатӣ аз остони ту,*

[6] Ҷаҳонгири Мансур. Муқаддимаи «Девони Соиби Табрезӣ». Теҳрон, 1374.-С.9

*Эй, остонат Каъбаи умеди рӯзгор.*
*Бо ҷабҳаи гушодатар аз офтоби субҳ,*
*Дасти дуо ба бадарқаи роҳи ман бардор.*[7]

Замоне ки Соиби Табрезӣ дар Ҳиндустон буд, беҳтарин вазъро дошта, мавриди эҳтиром қарор гирифта буд. Вале бо ҳамаи ин нигоҳ накарда, Соиб аз иқомат дар Ҳинд изҳори норизоятӣ карда, бо камоли хоҳиш ба ватан баргаштанро қабул мекунад:

*Ҳаргиз аз Ҳинд маҷӯ айши Суфоҳон Соиб,*
*Файзи субҳи ватан аз шоми ғарибон маталаб.*[8]

Дар бисёр ҳолатҳо қалбу рӯҳи Соиб барои ватан месӯзад ва ба ёд меорад қиссаи ҳазрати Яъқуб ва азизи Миср ҳазрати Юсуфро:

*Соиб аз доғи ғарибӣ ба ватан месӯзад,*
*Ҳамчу Яъқуб муқиме, ки азизаш сафарист.*[9]

Шоир ва мутафаккири бузурги ватанпарвар ва инсонпарвари халқи тоҷик Сайидои Насафӣ (асрҳои XVII-XVIII), бо вуҷуди он ки дар Мовароуннаҳр зиндагии сахту қашшоқонае дошт ва мамониатҳои зиёдеро аз тарафи ҳокимону маъмурони кишвари худ аз сар мегузаронид, аз ватани худ дил канда натавонист. Ҳол он ки бе ёру дӯстони худ ва аҳли илму адаб бештар вақтҳо дилтанг мешуд ва эҳсоси танҳоӣ мекард:

*Ҳар кас зи Ҳинд ояд, пурсам зи хату холат,*
*Худро диҳам тасаллӣ баргашти зоғ бе ту.*
*Эй ғунча, Сайидоро сайри чаман мафармой,*
*Бошад сари бурида гулҳои боғ бе ту.*[10]

Аз ашъори Сайидо бармеояд, ки замони зиндагии Сайидои Насафӣ ба замони ҳукмронии Аштархониён дар Мовароуннаҳру Хуросон (1599-1703) рост меояд. Дар давраи мазкур

---

7 Ҳамон ҷо.-С.10
8 Ҳамон ҷо.-С.268 ( ғаз. 617)
9 Ҳамон ҷо
10 Сайидои Насафӣ. Асарҳои мунтахаб. Душанбе, 1977.-С.297

Мовароуннаҳр ба маҳаллаи ғоратшудае табдил ёфта, кашмакашҳо ва мунокишаҳои хунин, зулму ғоратгарии маъмурони ҳукмрон нисбат ба молу зиндагии мардуми заҳматкаш, қашшоқиву нодорӣ беҳад меафзояд ва саросари кишварро фаро мегирад:

*Фалак ба қомати пири хамида мемонад,*
*Ҷаҳон ба деҳаи тороҷдида мемонад….*
*Даруни ҷомаи рангини хеш дунёдор,*
*Ба кирмҳои бирешимтанида мемонад.*[11]

Сайидо барои ватани худ ва мардуми сарсони он нигарону парешон буд ва иллати бадбахтиҳои аҳли илму адаб, санъаткорон, ҳунармандону косибон ва заҳматкашонро дар зулму истисмори ҳокимони давр медид, ки аз дасти онҳо мардум рӯ ба гурез оварда буданд:

*Эй ситамгар, зи куҷо тозаву тар меоӣ,*
*Доман олуда ба хуноби ҷигар меоӣ.*
*Дар бағал шишаву ханҷар ба камар меоӣ,*
*Чеҳра афрӯхта чун майи назар меоӣ.*[12]

Аз таҳлилу баррасии мухтасари ашъору афкори ватандӯстиву меҳанпарастии мутафаккирони дар боло номбаршуда бармеояд, ки доштани ахлоқи ватандӯстиву ватанпарварӣ ва миллатдӯстӣ кумаки бузурге ба феълу атвори инсонӣ ва мавқеияти ӯ дар ҷомеа аст.

Муҳаққиқи барҷастаи таърихи фалсафа, академик Олимов К. махсус таъкид намудаанд, ки «Таҳқиқи амиқтари мероси мутафаккирон ва адибони тасаввуф нишон медиҳад, ки дар баробари нуқсонҳо ва маҳдудияти афкорашон, ки муҳри замонашон дар он ҳувайдост, дар осори онҳо андешаҳои зидди таассубу ҷаҳолат, зоҳирпарастии динию риёкорӣ мақоми муҳим дорад. Имрӯз ин гуна ақидаҳои мусбати онҳо дорои аҳамият буда, дар муборизаи идеологӣ ба муқобили мубаллиғони

---

[11] Сайидои Насафӣ. Асарҳои мунтахаб. –С.245
[12] Сайидои Насафӣ. Куллиёти осор. Душанбе, 1990.-С.175

экстремизми сиёсӣ ва ифротгароёни динӣ, аз ҷумла ифротгароии исломӣ, зарур мебошад.»[13]

Чунонки дар боло қайд намудем, корнамоии эҷодӣ ва инсонпарваронаю миллатдӯстӣ ва ватанпарварии гузаштагони мо барои насли муосир як намуна ва дарси ибрат аст. Чаро онҳо дар замону шароитҳои сахту мудҳиш тавонистанд аз миллату ватан ва фарҳангу тамаддуни худ бо ақлу заковат ва диди воло ҳифозат кунанд. Пас, чаро мо наметавонем аз кишвару миллат ва фарҳангу тамаддуни хеш бо пайравӣ аз маънавиёти онҳо пайравӣ кунем?!

Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар баромадҳояшон возеҳу равшан таъкид намудаанд, ки саҳми халқи тоҷик ба ганҷинаи илму фарҳанги умумибашарӣ аз тарафи оламиён кайҳо эътироф шудааст. Аз ин ҷо, аз назари Ҷаноби Олӣ: «... олимони мо бояд ворисони арзандаи ниёгони хеш буданашонро дар фаъолияти ҳаммарӯза собит созанд ва ба комёбиҳои назаррас муваффақ шаванд».[14]

Тараққиёту пешрафти ҷомеаи Тоҷикистон дар замони муосир дар ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсӣ раванди ҳодисаҳои мухталифро ташкил медиҳанд. Дар шароити кунунӣ «масъалаи таъминоти амнияти милливу давлатӣ аҳамияти аввалиндараҷа ва бағоят муҳим пайдо намудааст. Зеро солҳои охир дар ҷаҳон як силсила тамоюлоти хатарнок, аз қабили терроризми байналмилалӣ, экстремизм ва хатарҳои марбут ба гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир»[15] ва ғайраҳо дар ҳаёти ҷамъиятӣ реша давонда, аз як тараф, иллату монеаи инкишофу пешрафти ҷомеаи шаҳрвандӣ гардида, аз тарафи дигар, дар шароити носозгории равандҳои иқтисодӣ ва маданияти шаҳрвандӣ иттиҳодияи ҷамъиятии бешумор дар ҳолатҳои мушаххас метавонанд мардуму ҷомеаро ба ихтилофот, муқовимат ва моҷароҳо рӯ ба рӯ гардонад. Бинобар ин, ба хотири он ки чунин ҳодисаҳо ба вуқӯъ наояд, бояд бо ризоияти

---

[13] Олимов К. Паёме, ки муждаи пешрафту саодат аст.Рузномаи «Ҷумҳурият», 15 феврали соли 2018. №35 (23 37687).-С.2

[14] Раҳмонов Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Ҷилди чорум. Душанбе, 2002.-С.66. 472 с.

[15] Раҳмонов Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Ҷилди 6. Душабе, 2006.-С.254. 542 с.

шаҳрвандон арзишҳои умумибашариро ба раҳбарӣ гирифт. Яке аз чунин самтҳои муносибатро рӯ овардан ба худшиносии миллӣ ва адолати иҷтимоӣ ташкил медиҳад, ки дар осори ҷовидонаи бузургони илму фарҳанг дар тӯли таърихи инсоният боқӣ мондааст. Дар баробари дигар бузургоне, ки дар боло ишора намудем метавонем Абӯалӣ Ибни Сино, Муҳаммад Закариёи Розӣ, Носири Хусрав, Саъдии Шерозӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Мавлонои Балхӣ, Соиби Табрезӣ, Сайидои Насафиро ном бурд, ки барои бунёд ва таҳкими адолати иҷтимоӣ, ки маънои баробарии ҳамаи инсонҳо дар ҳуқуқҳо ва имкониятҳоро доранд, саъю талоши зиёде намуданд. Ин бузургон, бо вуҷуди он ки дар дохили доираи муҳити исломӣ таълиму тарбия гирифта, фаъолияту эҷодиёти худро такмилу ташаккул додаанд, ҳадафмандона барои ҳуқуқи озодӣ ва ба даст овардани истиқлолияти давлату миллат инсонҳоро тарбия намуданд. Ин хостаҳои онҳоро мо метавонем дар ҷомеаи шаҳрвандии муосир, ки шакли иттиҳоди мардум аст, он ҳаёти моддию маънавиро таъмин менамояд ва хостаҳою манфиатҳои онҳоро қонеъ мегардонад, низ амалӣ намоем. Вале мо наметавонем мазмуну арзишҳои худшиносии миллиро дарк намоем, то он даме ки худи мафҳуму моҳият ва арзиши худшиносиро дарк карда натавонем ва он вақт ки онро бо ақлу тафаккури худ дарёфтем, он гоҳ ба қаъри худшиносӣ ва ҳувияти миллӣ дохил шудан мегирем. Аз ин ҷо, агар инсон худшиносии миллӣ дошта бошад, нисбати миллату кишвари худ ва арзишҳои милливу суннатии он эҳтиромро қоил мегардад. «Арзишҳои умумимиллӣ ва умумидавлатии Тоҷикистони соҳибистиқлол ва ҳифзу манфиатҳои кишвар бояд аз ҳама гуна манфиатҳои сиёсӣ, мазҳабӣ ва гурӯҳӣ боло бошад ва пойдевори тарбияи ватандӯстии ҷавононро фаро гирад»[16].

Худшиносии миллӣ диди инсонро нисбати дунёву асрори пӯшидаи он васеъ гардонида, ӯро аз гумроҳиву ҷоҳилӣ наҷот мебахшад ва нисбати арзишҳои миллии худ ва миллатҳои дунё бо бархӯрди мусбат наздик мешавад.

[16] Раҳмонов Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Ҷилди 6. Душанбе, 2006.- С.146

Дар замони муосир илму маърифат ва фарҳанги созандагӣ дар дунёи муосир пешрафта ва рӯ ба тараққӣ буда, аз як ҳолат ба ҳолати дигар дар гузариш аст. Ва агар дар ин замони гузаришу тағйироту таҳаввулот инсон худшинос ва соҳиби тафаккуру ҷаҳонбинии васеъ набошад, дар тангроҳа монда, дар раванди зиндагии ҳамарӯза ҳаракату амал карда наметавонад.

Истиқлолият ва ваҳдати миллии кишварамон имконият ва шароит фароҳам овард, ки мардум нисбатан озод ва худшинос бошанд ва пайгири масъалаҳои муҳими рӯз гарданд ва ба муқобили ҳар гуна унсурҳои бегона, ки ба зарари пешрафти зиндагиамон аст, мубориза кунанд. Ба андешаи муҳаққиқи шинохтаи тоҷик Олимов К., «Ваҳдати миллӣ асоси осудагӣ ва ободии зиндагӣ буда, ба қадри он расидан, онро ҳифз кардан кафолати хушбахтии наслҳои имрӯзу оянда мебошад».[17]

Аз ин ҷо, ҳифзи истиқлолият ва ваҳдати миллии ватанамон аз вазифаҳои муҳими тамоми мардуми кишварамон мебошад ва дар ин ҷо нақши худшиносии инсон ва ахлоқи ҳамидаи ӯ хеле бузург аст. Зеро ки муҳофизони истиқлолияту ваҳдати миллӣ бояд дар навбати аввал мардуми оқилу бомаърифат, дорандаи ахлоқи нек, донишманду худшинос ва миллатдӯсту ватанпарвар бошанд.

Ба туфайли дастгирии хирадмандонаи Пешвои миллатамон мардуми мо ба омӯзишу аз худ намудани арзишҳои миллӣ, фарҳангу суннат ва таълимоту осори мутафаккирону донишмандони гузашта пардохта баҳрабарӣ аз онҳоро сармашқи кори худ донистанд. Махсусан, дар амал татбиқ намудану истифодабарии панду ҳикматҳои ахлоқию иҷтимоӣ ва раҳнамоиҳои онҳо барои кишвардорию давлатдорӣ, омӯзиши илму дониш, барои пешрафти ҳаёту зиндагии инсону инсоният қобили зикр ва таваҷҷуҳ аст. Чунки солҳои қабл мо танҳо ниёгонамонро ба таври механикӣ меомӯхтем, аммо истифодаи мероси гаронбаҳои онҳо барои беҳбуди тафаккуроту зеҳният ва тарбияи маънавиамон камистифода буд. Чунонки Саъдии бузургвор фармудаанд:

---

[17] Олимов К. Нақш ва аҳамияти иҷлосияи ХУ1 дар таъмини сулҳ ва ваҳдати милл дар Тоҷикистон. Андешаҳо доир ба фалсафа, ирфон ва худшиносии миллӣ. Душанбе, 2014.-С.171

*Илм, чандон ки бештар хонӣ,*
*Чун амал дар ту нест, нодонӣ.*
*На муҳаққиқ бувад, на донишманд,*
*Чорпое, бар ӯ китобе чанд.*
*Он тиҳимагзро чӣ илму хабар,*
*Ки бар ӯ ҳезум аст ё дафтар.*[18]

Мисраъҳои боло ба он маънӣ аст, ки донишманд дониши хешро ба кор барад ва аз он ба худ ва дигарон баҳра расонад. Донистану ба кор набурдан ҳамчун анбор кардани дониш беҳуда аст.

Мутафаккири бузурги асрҳои ХУ-ХУI Шамсуддин Муҳаммад Лоҳиҷӣ нақши илму донишро дар пешрафт ва ташаккули тафаккури инсон бузург медонад:

*Илм ояд, ҷаҳлҳо пинҳон шавад,*
*Офтоби илм чун тобон шавад.*
*Мушкили олам барот осон шавад,*
*Гар шавӣ бедор аз ин хоби гарон.*[19]

Фармудаҳои Шамсуддин Муҳаммад Лоҳиҷӣ дар хусуси тафсияи нафс ва ҳосил кардани камолоти инсонӣ, аз ҳамнишинони бад ва носолеҳ дурӣ намудан, ба мардумони поксиришт ва хушахлоқу хирадманд ҳамсуҳбат будан дорои аҳамияти тарбиявӣ мебошанд. Чунонки марди донову оқил бо суҳбати хеш ҳамнишинонро ҳамеша бо аъмолу рафтор ва кирдори нек даъват менамоянд:

*Суҳбати доно аҷоиб раҳмат аст,*
*Суҳбати нодон дар ин раҳ заҳмат аст….*
*Суҳбати некон талаб кун дар ҷаҳон,*
*Бо бадон маншин, ки гардӣ бад бад-он.*[20]

---

[18] Нақши ҷонварон дар сухани Саъдӣ. Гузориши Фаридун Ҷунайдӣ. Теҳрон, 1368.-С.77
[19] Шамсуддин Муҳаммад Лоҳиҷӣ. Асрор-уш-шуҳуд. Теҳрон, 1361.-С.67
[20] Ҳамон ҷо.-С.28

Ҳамин тариқ, омӯзишу аз худ намудани осору зиндагии гузаштагонамон ба тамоми мардуми мо, махсусан ҷавонон ғизои маънавӣ бахшида, онҳоро ба худшиносиву худогоҳӣ водор месозанд, зеро ки имрӯз ҷомеаи навбунёди мо худшиносиву миллатдӯстӣ ва ахлоқиёти неку ақлу хиради волоро тоқазо менамояд. Боиси хушбахтӣ аст, ки таълимоти фалсафӣ, ахлоқӣ ва иҷтимоии гузаштагони мо саршор аз андешаҳои инсондӯстиву ваҳдатгароӣ буда, дар тарбияи ҳисси ватанпарвариву ифтихори миллӣ ва ваҳдату ягонагии миллат ва истиқлолияти он мақоми бузурге дорад.



**Нозим НУРЗОДА**
*муҳаққиқ*

# ИБНИ СИНО ВА ШАҲОБУДДИНИ СУҲРАВАРДӢ - ЭҲЁГАРОНИ ҲИКМАТИ МИЛЛӢ

Дар олами андешаи ирфонӣ ва фалсафии миллӣ Ибни Сино ва Шайх Шаҳобуддини Суҳравардӣ ҷойгоҳи вижаеро моликанд ва ин ҳар ду ба сифати бузургтарин андешамандони ду буъди (соҳаи) андешаи башарӣ – ирфон ва фалсафа шинохта ва пазируфта шудаанд. Муҳаққиқоне, ки дар риштаи ирфон ва фалсафаи форсӣ-тоҷикӣ тахассус доранд (аз ҷумла Сайид Ҳусайни Наср, Ҳенри Корбен, Ғуломҳусайн Иброҳими Динонӣ, Атоуллоҳи Тадайюн, Абдурафеъи Ҳақиқат, Зиёуддини Саҷҷодӣ ва дигарон) бар он таъкид намудаанд, ки дар орову афкори ин ду шахсияти дар илм мутаолӣ дар масоили фалсафие, ки ба эҳёи андеша ва тафаккури миллӣ иртибот доштанд, ҳамрангӣ ва наздикӣ мушоҳида мешавад. Барои ба ин масъала рӯшанӣ андохтан, мо тасмим гирифтем, сараввал роҷеъ ба шахсияти ирфонӣ ва фалсафии Шаҳобуддини Суҳравардӣ маъруф ба «*Шайхи ишроқ*» иҷмолан иттилоъ бидиҳем (дар сурате ки шахсияти Ибни Сино машҳур аст ва ҳоҷат ба шиносонидан надорад).

Дар таърихи тасаввуф ва ирфони исломӣ мо бо се мутасаввиф, ки ҳар се Суҳравардӣ ном доранд, дучор меоем. Нахуст, Абунаҷиб Наҷибуддини Суҳравардӣ аз машоихи соҳибном буда, дар Бағдод нашъунамо кард ва дорулмулке таъсис намуд, ки дар таърих ба номи «*Дор-ул-мулки Наҷибия*» шуҳрат доштааст. Соли вафоти ӯро 563-и ҳиҷрӣ(1126-и мелодӣ) тахмин намудаанд.[1] Дувум, Шайх Шаҳобуддин Абуҳифз Умар бинни Муҳаммад бинни Абдуллоҳ бинни Амӯя Бикрии Суҳравардӣ, ки муаллифи китоби машҳури «*Авориф-ул-маориф*» буда, Шайх Саъдӣ ӯро муршид(пир)-и хеш медонистааст ва

[1] Атоуллоҳи Тадайюн. Шайхи ишроқ – мадеҳасарои нур. Теҳрон, 1377. С.24

ҳангоми таҳсил дар мадрасаи «Низомия»-и Бағдод ба хонаи ӯ мерафта, аз мавъизаҳояш баҳраманд мегаштааст. Севум, Шаҳобуддин бинни Яҳё Амираки Суҳравардӣ машҳур ба «Ш*айхи ишроқ» ё «Шайхи мақтул*».[2]

Тибқи иттилои манобеъ, Абулфутӯҳ Шаҳобуддин Яҳё бинни Ҳабаш бинни Амираки Сухравардӣ соли 549 –и ҳиҷрӣ мутобиқ ба 1155-56 –и мелодӣ дар қарияи Сухраварди Занҷон(наздики Теҳрони имрӯза) ба дунё омадааст ва таҳсилоти аввалияи худро назди Маҷдуддини Ҷилӣ дар Мароға ва таҳсилоти болотарро назди Зоҳируддини Қорӣ дар Исфаҳон ба поён расонидааст. Дар ин давра ӯ бо яке аз намояндагони барҷастаи илми каломи исломӣ Имом Фахруддини Розӣ ҳаммактаб буд.[3] Дар шаҳрҳои Бағдод ва Ҳалаб бо машоихи сӯфия ва донишмандон мусоҳиб шуд ва пиру муршидаш Маҷдуддини Ҷилӣ завқу ваҷду закои ӯро дида, Шаҳобуддинро ба кашфу шуҳуд хонд. Дар Ҳалаб бо Малик Зоҳир – подшоҳи он дӯстӣ пайдо кард. Бо уламои салатанати Малик Зоҳир ба мунозира мепардохт ва чун уламои он замон, хосса, уламои дарбор хеле мутаассиб буданд, ба тозиёнаи баҳси ин ҷавони донишманд тоб наоварда, дар пайи шикасти ӯ шуданд. Уламо ба Малик Зоҳир шикоят бурда, хоҳони қатли ӯ шуданд, вале шоҳ аввал розӣ нашуд. Сипас, уламо назди падари Зоҳир шикоят карданд, ки ин мард(Шаҳобуддини Суҳравардӣ) дину дунёро бар шумо мешӯронад. Ва падари Малик Зоҳир Салоҳуддини Аюбӣ писарро маҷбур сохт, ки фатвои қатли Суҳравардиро содир намояд. Ҳамин тариқ, бар асари таассуби шадиди уламои Ҳалаб Шаҳобуддини Суҳравардӣ соли 587-и ҳиҷрӣ /1191-и мелодӣ/ ба қатл расонида шуд. Аз ин сабаб, ба «Шайхи мақтул» низ мулаққаб шудааст.

Дар муддати умри кӯтоҳи худ Суҳравардӣ асарҳои зиёди ирфонӣ ва фалсафӣ эҷод кард. Теъдоди асарҳои ӯро муҳаққиқон 45-то гуфтаанд.[4] Расоили арабии ӯ «*Маториҳот», «Ҳикмат-ул-ишроқ», «Таворик-ул-анвор», «Лавомеъ-ул-анвор», «Ан-нагамот-ус-самовия», «Рисолат-ул-гурбату гарбията»* ва таълифоти форсии Шайхи ишроқ «*Партавнома», «Ҳаёкил-ун-нур», «Алвоҳи*

---

[2]Атоуллоҳи Тадайюн. Шайхи ишроқ – мадеҳасарои нур. Теҳрон, 1377. С.26
[3]Зиёуддини Саҷҷодӣ. Муқаддимае бар мабонии ирфон ва тасаввуф. Теҳрон, 1372. С.121
[4]Маҷмӯаи осори форсии Шайхи ишроқ. Теҳрон, 1373. С. 19

*имодӣ», «Рисолат-ут-тайр», «Овози пари Ҷабраил», «Ақли Сурх», «Сафири Симург», «Яздоншинохт», «Фӣ ҳақиқат-ул-ашё ё Мунис-ул-ушшоқ», «Лугати мурон»* ва ғайра дар рушду тавсеаи фалсафаи ирфону тасаввуф, билхусус, фалсафаи ишроқӣ(интуитивӣ), ки худ асосгузори ин ҷараёни фикрӣ дар асрҳои миёна маҳсуб мешуд, нақши муассир гузоштанд.

«*Шайхи ишроқ*» унвон гирифтани Шаҳобуддини Суҳравардӣ бад-он хотир будааст, ки ӯ ҳикмати ишроқиро ба майдони маърифати исломӣ ворид сохт. Суҳравардӣ таъкид мекунад, ки ҳар кӣ аз фалсафаи арастуӣ, мантиқу риёзиёт ва тасаввуф ба хубӣ огоҳӣ дорад ва аз таассубу гуноҳ дур аст, бо эҳсоси дарунӣ ҳақиқати ҳикмати ишроқиро пай мебарад[5]**.** Ӯ дар даврони исломӣ нахустин касе буд, ки бо шева ва тариқаи махсус, бо шуҳуди ботинӣ ҳикмати ишроқро ба майдон овард. Ҳикмати ишроқӣ мушоҳидае виҷдонӣ ва муоинае ирфонӣ аст, ки ба василаи он ҳақиқати вуҷуд, чунонки ҳаст, падидор мегардад.[6] Ба таъбири содатар, ҳикмати ишроқ ҳикмати пешиниён – аҷдодони мо мебошад, ки бар асари таҳоҷуму ҳамалоти аҷнабӣ аз байн рафта буд ва дар асрҳои миёна, бо ба вуҷуд омадани манбаъу заминаҳои иҷтимоию фикрӣ муҷаддадан ба майдони баҳсу андеша ворид гардид.

Дар маркази ҳикмати аҷдодӣ нуру рӯшноӣ меистад. Тибқи таълимоти ишроқӣ, нур ва рӯшноӣ асос, бунёд, реша ва тору пуди ҳастиро ташкил мекунад. Ишроқ фалсафаҳои қабл аз зардуштӣ, зардуштӣ, монавӣ, юнониро дар худ таҷассум мекунад. Суҳравардӣ ба тамоми фалсафа ва андешаҳои дар замонаш роиҷбуда эҳтиром дошт ва аслан, худро ворисӣ ду суннати фикрӣ: эронӣ ва юнонӣ медонист ва чунин андеша дошт, ки ҳамаи фарзонагони қадим шореҳи як ҳақиқати маънавианд. Ӯ фалсафа ва ҳикмати хусравонӣ ва паҳлавии Эрони бостонро, ки минбаъд дар ҳикмати юнонӣ нуфуз пайдо карда буд, ба ирфон ва ҳикмати исломӣ пайваст.[7] Акнун ба

---

[5]Осаф Осафӣ. Мабонии фалсафа. Теҳрон: Огоҳ, 1370. С. 251.

[6]Ниг.: доктор Ғуломҳусайн Иброҳими Динонӣ. Шуоъ, андеша ва шуҳуд дар фалсафаи Суҳравардӣ. Теҳрон: Ҳикмат, 1364. С.23

[7]Зиёуддини Саҷҷодӣ. Муқаддимае бар мабонии ирфон ва тасаввуф. Теҳрон, 1372. С. 124

масъалаи муносиботи маънавӣ ва фикрии Ибни Сино ва Шаҳобуддини Суҳравардӣ мутаваҷҷеҳ мешавем.

Ибни Сино пайрави фалсафаи машшоӣ (ақлӣ, назарӣ) ё ба истилоҳ, арастуӣ буд ва ба қавли муҳаққиқон, Шайхурраис дар охири умр ба фалсафаи аҷдодӣ, яъне ба ҳикмати ишроқӣ (завқӣ-интуитивӣ) рӯ овард ва дар ин боб осори гаронбаҳое бо номи «Ҳикмат-ул-машриқийин» нигошт, ки қисмати ночизе аз он бо номи «Мантиқ-ул- машриқийин» боқӣ мондааст.[8] Дар рисолаи «Фӣ моҳияти ишқ» Ибни Сино аз манобеи афлотунӣ, арастуӣ ва плотинӣ ёд ва дар партави андешаҳои онон хомафарсоӣ мекунад. Ибни Сино дар натиҷаи омӯзиш ва таҳқиқи муфассали ҳикмати Юнон ба натиҷае мерасад, ки сарчашмаи афкори юнонӣ ҳамон ҳикмати завқӣ ё ишроқист, ки ниёконаш онро ба вуҷуд овардаанд ва минбаъд дар ҳикмати юнонӣ тадовум пайдо кардааст.[9] Таъсири андешаҳои Афлотун ва Плотинро, ки Суҳравардӣ ононро идомадиҳандагони ҳикмати ишроқӣ медонист, метавон дар рисолаҳои «*Ҳай бинни Яқзон», «Саломон ва Абсол», «Ат-тайр» ва қасидаи «Айния»*-и Ибни Сино мушоҳида кард, ки ба гунаи рамзӣ нигориш ёфтаанд.[10]

Шайхи ишроқ фалсафаи ниёгони худро, ки бар пояи андеша ва завқ таҳия шуд буд, дар даврони исломӣ эҳё кард ва онро бар мабнои ҳикмати юнонӣ устувор сохт. Суҳравардӣ ба се ҳакими бостонӣ: Ҳермис, ки уламои исломӣ ӯро Идрис пайғамбар гуфтаанд, Зардушт ва Афлотун сахт эътиқод дошта, худро пайрави онон медонист. Ӯ Ҳермисро *«Волид-ул-ҳукамо»(Падари ҳакимон),* Зардуштро «*Ҳакими фозил*» ва Афлотунро «Имом-ул-ҳикмат» (Пешвои ҳикмат) номида, Афлотунро «раиси ҳукамои ишроқӣ» ва Арастуро «Раиси ҳукамои машшоӣ» муаррифӣ кардааст.[11] Дар ҷаҳони андешаи фалсафии асрҳои миёна ду ҷараёни овозадори фикрӣ: машшоӣ (Арасту) ва ишроқӣ (Афлотун) мутадовил буд. Шаҳобуддини Суҳравардӣ бунёдгузори фалсафаи ишроқӣ дар Шарқ ва Ибни Сино

[8] Шаҳобуддин Яҳё Суҳравардӣ. Ҳикмат-ул-ишроқ. Теҳрон, 1355. С.274

[9] Доктор Сайид Ҳусайни Наср. Назари мутафаккирони исломӣ дар бораи табиат. Теҳрон, 1342. С. 346

[10] Доктор Сайид Нурулҳақ Ковиш. Маҷмӯаи мақолот. Ҷилди якум. Душанбе, 2000. С. 289

[11] Доктор Ғуломҳусайн Иброҳими Динонӣ. Шуоъ, андеша ва шуҳуд дар фалсафаи Суҳравардӣ. Теҳрон: Ҳикмат, 1364. С. 24

асосгузори фалсафаи машшоӣ дар ҷаҳони ислом маҳсуб меёбанд. Суҳравардӣ ба фалсафаи Ибни Сино ихлос дошт, то ҷое иддаъо кардааст, ки кори фалсафаи ишроқии худро аз ҷойе шурӯъ намудааст, ки Ибни Сино фалсафаашро дар он ҷо ба поён расонидааст.[12] Ба таъбири дигар, Суҳравардӣ аз мақтаъгоҳи фалсафаи Ибни Сино андешаи ишроқиро оғоз кардааст. Зимнан, Ибни Сино, ҳикмати машшоии худро ҳикмати ом (омма) ва ҳикмати машриқӣ (ишроқӣ)-ро ҳикмати хавос (хосон) хондааст.[13]

Чи навъе ки дар боло тазаккур додем, Шайхи ишроқ ба осори Ибни Сино, хусусан асарҳои дар овохири умр таълифнамудаи ӯ бештар ихлос ва алоқамандӣ доштааст. Аз рӯйи нақли Шаҳрзӯрӣ, Шайхи ишроқ «*Ишорот ва танбеҳот*»-и Ибни Синоро тарҷума кардааст.[14] Шаҳобуддини Суҳравардӣ дар ду рисолаи худ, ки яке бо номи «*Ғурбату-л- ғарбия*» ва дигаре «*Рисолат-ут-тайр»* маълуманд, ба расоили Ибни Сино ва ҳикмати машриқии ӯ истинод кардааст. Дар ин замина ӯ таъкид намудааст, ки баъди хондани қиссаҳои «*Саломон ва Абсол», «Ҳай бинни Яқзон», «Ат-тайр»* хостам баъзе навоқисе, ки дар қиссаҳои Ибни Сино, аз назари ишроқу шуҳуд вуҷуд дошт, ислоҳ намоям. Ба ин далел, ба тариқи рамз достони «*Қиссат-ул-ғурбату-л ғарбия*»-ро навиштам.[15] Шайхи ишроқ ба ин назар буд, ки дар қиссаҳои ирфонии Ибни Сино «*Ат-тайр», «Саломон ва Абсол», «Ҳай бинни Яқзон»* назариёте вуҷуд доранд, ки дур аз таълими Арастуанд, яъне ин назарот ишроқианд. Ба қавли Ибни Сино, такомул ва висол ба марҳилаи ишроқ роҳест, ки аз он бозгашт нест ва ҳар кӣ ба Машриқ сафар кард, аз он олами анвор боз намегардад.[16]

Дар «*Ҳикмат-ул-машриқийин»* Ибни Сино аз шеваи машшоӣ канорагирӣ мекунад ва таъкид месозад, ки асарҳои қаблиам

---

[12]Доктор Ғуломҳусайн Иброҳими Динонӣ. Моҷарои фикри фалсафӣ дар ҷаҳони ислом. Ҷилди дувум. Теҳрон, 1377. С. 210

[13]Доктор Сайид Ҳусайни Наср. Назари мутафаккирони Шарқ дар бораи табиат. Теҳрон, 1377. С. 277

[14]Шаҳобуддин Яҳё Суҳравардӣ. Маҷмӯаи мусаннифоти Шайхи ишроқ. Ҷилди 3. Теҳрон, 1373. С. 47

[15]Доктор Ғуломҳусайн Иброҳими Динонӣ. Шуоъ, андеша ва шуҳуд дар фалсафаи Суҳравардӣ. Теҳрон: Ҳикмат, 1364. С. 488

[16]Атоуллоҳи Тадайюн. Шайхи ишроқ – мадеҳасарои нур. Теҳрон, 1377. С.125

барои омма таълиф шудаанд ва акнун ҳикмати машриқиро барои хоссагон менависам. Дар ин асар Ибни Сино ба фалсафаи бостонии эронӣ руҷӯъ мекунад ва бад-ин тариқа дар эҳёи ҳикмати миллӣ саҳм мегирад. Мутаассифона, аз ин осори гаронмояи Ибни Сино нукоти парешоне боқӣ мондааст. Ба ҳар сурат, Шайхи ишроқ дар ин ҷода аз Ибни Сино таъсир пазируфтааст. Фарқи асосии назароти ишроқии Ибни Сино, ки дар «*Ҳикмат-ул-машриқийин*» ба таври мармуз ифода ёфтаанд, аз орои Суҳравардӣ дар он аст, ки Шайхи ишроқ дар корбурди тамсилот ва ташбеҳот аз таълими ҳукамои хусравонӣ (ҳакимони зардуштӣ дар давраи Сосониён) барои исботи назарияи «*Нур ва зулмат*»-и хеш матолибе ҷолиб овардааст.[17]

Суҳравардӣ бар асари ихлосу иродатмандии зиёде, ки ба ҳикмати машриқии Ибни Сино дошт, дар пайравии ӯ «*Рисолат-ут-тайр»*-и худро менависад ва дар он аз мароҳили маърифат ва шинохти ҳақиқат бо шеваи завқу ишроқ ва кашфу шуҳуд (интуитсия) қисса мекунад. Қиссаи «*Ат-тайр»*-и Ибни Сино ва «*Рисолат-ут-тайр*»-и Суҳравардӣ ба ҳам мушобеҳанд. Шабоҳат то дараҷаест, ки ҳадсу гумонҳоро дар мавриди аз забони арабӣ тарҷума кардани қиссаи мазкурро аз тарафи Шайхи ишроқ қавӣ месозад. Ба сухани дигар, чунин ба назар мерасад, ки Суҳравардӣ қиссаи «*Ат-тайр*»-и Ибни Синоро аз арабӣ хеле олӣ тарҷума кардааст, вале муҳаққиқон моли Суҳравардӣ будани «*Рисолат-ут-тайр»*-ро яқин кардаанд.[18] Худи Суҳравардӣ таъкид мекунад: «*Ман осори Ибни Сино ва Форобиро хондаам ва «Рисолат-ут-тайр*»- и ман аз рисолаҳои «*Ат-тайр*»-и Ибни Сино ва Имом Ғаззолӣ нашъат гирифтааст»[19].

Ибни Сино тавассути қиссаҳои адабӣ-фалсафии «*Ат-тайр», «Саломон ва Абсол», «Ҳай бинни Яқзон»* ва Шаҳобуддини Суҳравардӣ ба василаи насри бадеӣ-ирфонии ба форсӣ таълифнамудаи худ: «*Партавнома», «Ҳаёкил-ун-нур», «Алвоҳи имодӣ», «Рисолат-ут-тайр», «Овози пари Ҷабраил», «Ақли Сурх», «Сафири Симург», «Яздоншинохт», «Фӣ ҳақиқат-ул-ашё ё Мунис-ул-ушшоқ», «Лугати мӯрон»* шинохт ва маърифати олами моддӣ

---

[17]Атоуллоҳи Тадайюн. Шайхи ишроқ – мадеҳасарои нур. Теҳрон, 1377. С.126
[18]Шаҳобуддин Яҳё Суҳравардӣ. Маҷмӯаи мусаннифоти Шайхи ишроқ. Ҷилди 3. Теҳрон, 1373. С. 47
[19] Атоуллоҳи Тадайюн. Шайхи ишроқ – мадеҳасарои нур. Теҳрон, 1377. С.154

ва маънавиро ба тариқи рамзу тамсил ва ташбеҳоту истиорот таҷассум намудаанд. Онҳо роҳи раҳоиро аз нодонию ҷаҳолат дар доноӣ ва огоҳӣ дида, инсонро ба шинохти воқеият ва маърифати ҳақиқат аз тариқи паймудани марҳилаҳои диққату муроқибат ва донишу маърифат (сайру такомули ақлонӣ ва ишроқӣ) даъат намудаанд.[20]

Ибни Сино дар намат(қисм)-и 9-уми китоби «*Ишорот ват-танбеҳот*» ба масъалаи ирфон ва орифон таваҷҷуҳ намуда, роҷеъ ба аҳволу мартабаи онҳо бо иштиёқмандӣ изҳори назар кардааст: «*Орифонро мақомот ва дараҷоте аст, ки дар дори дунё бад-он махсус мебошанд ва дигарон аз он бебаҳраанд; ба зоҳир дар қолаби ҷисмонии тан қарор доранд, вале дарвоқеъ, онро андохта ва аз он муҷаррад шуда ва ба олами қудс боло рафтаанд. Эшонро асроре аст, ки аз дигарон пинҳон буда; низ умуре аз эшон зоҳир мешавад, ҳар кӣ онро идрок кунад, азим мешуморад*»[21]. Бад-ин минвол, робита ва муносиботи маънавии Шайхи ишроқ Шаҳобуддини Суҳравардӣ бо Шайхурраис Абӯалӣ ибни Сино дар асрҳои миёна сурат гирифт ва натоиҷи дилхоҳ ба бор овард.

Фалсафа ва ҳикмати хусравонӣ ва раванди омӯзишу пазириши фарҳанги аҷдодӣ (ишроқӣ) тавассути афкори Суҳравардӣ ва мактаби ирфонӣ-фалсафии ӯ – ишроқия ва минбаъд «*суҳравардия*» дар ҳавзаҳои мухталифи фикрии асрҳои миёна то хеле муддат идома пайдо кард.

Натиҷаи матлаби иҷмолиро, ки ба мубтакирон ва идомабахшони фалсафаи миллӣ-аҷдодӣ дар асрҳои миёна -- Ибни Сино ва Шаҳобуддини Суҳравардӣ ихтисос ёфтааст, метавон дар ин чанд нуқта хулоса ва ҷамъбаст кард:

1.Агар Ибни Сино поягузори мактаби машшоӣ(арастуӣ) дар даврони исломӣ муаррифӣ шуда бошад, Шаҳобуддини Суҳравардӣ бунёдгузори ҳикмати ишроқӣ(хусравонӣ-паҳлавӣ) дар Машриқзамин маҳсуб меёбад.

2.Ибни Сино дар авохири зиндагӣ ба фалсафаи аҷдодӣ-миллии худ, ки баъдтар таҳти истилоҳи «*ҳикмати хусравонӣ*» (ҳикмати ишроқӣ-машриқӣ) дар қаламрави андешаи

---

[20]Доктор Муҳаммад Ҷаъфари Ёҳақӣ. Фарҳанги асотир ва ишороти достонӣ дар адабиёти форсӣ. Теҳрон, 1369. С. 510-511

[21]Ниг.: Доктор Сайид Иброҳими Дебоҷӣ. Ибни Сино ба ривояти Ашкарӣ ва Ардаконӣ. Теҳрон: Амири Кабир, 1363. С.63

эронитаборон(форсу тоҷикон) мавриди омӯзишу пазириш қарор гирифт, руҷӯъ кард, яъне ба асли фалсафаи миллӣ бозгашт. Суҳравардӣ бошад, ин нуктаро аз оғоз, ҳангоми таҳсил дар Мароға, Исфаҳон ва Шероз дарёфта буд. Аз ин ҷо маълум мегардад, ки дар ҳавзаҳои таълимӣ-тадрисӣ, фикрӣ ва илмии асримиёнагӣ мероси арзишманди ниёкон – ҳикмати паҳлавӣ ё хусравонӣ то дер замоне мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор дода мешудааст.[22]

3. Ибни Сино ва ҳам Шаҳобуддини Суҳравардӣ аз ҷуръат ва ҷасорати беандоза бархӯрдор буданд. Махсусан, ҷуръату ҷасорати Шайхи ишроқ боиси истиқболи гарми ҳакимону мутасаввифони минбаъда гардид. Дар чандин ҷаласаи додгоҳи шаҳри Ҳалаб, ки ба хотири қатли Суҳравардӣ аз ҷониби уламои мутаассиб ташкил шуда буд, ӯ аз андеша ва бовари фалсафии хеш барнагашт ва дар ҳимояи ирфони фалсафӣ-ишроқӣ, то охир, бидуни тарсу ҳарос ҷаҳду талош варзид. Ин иқдом, ки бар мабнои ҷуръату ҷасорати иҷтимоӣ ва фикрии ҳакими ишроқӣ сурат гирифта буд, боиси он гардид, ки ӯ дар ҷаҳони андешаи ирфонӣ ва фалсафӣ ба сифати бузургтарин ҳаким ва орифи миллӣ шинохта ва пазируфта шавад.

4.Ибни Сино дар «*Ҳикмат-ул-машриқийин*», қиссаҳои адабӣ-фалсафии «*Ат-тайр», «Ҳай бинни Яқзон», «Саломон ва Абсол», «Қасидаи айния»* ва Шаҳобуддини Суҳравардӣ дар ҳамаи асарҳояш, ки миқдоран 47-то оморгирӣ шудаанд, ба баёни ҳикмати завқӣ-ишроқӣ(интуитивӣ) пардохтаанд. Ривояте то имрӯз дар ҳавзаҳои баҳсӣ побарҷост ба ин мазмун, ки вақте аз Суҳравардӣ мепурсанд: Ту афзалӣ ё Ибни Сино? Посух медиҳад: «*Дар ҳикмати баҳсӣ (назарӣ -- Н.Н.)бо ӯ баробар ё болотар, валекин дар ҳикмати завқӣ(интуитивӣ -- Н.Н.) аз ӯ афзалам».*[23] Муҳаққиқи асримиёнагии таърихи фалсафа Шаҳрзӯрӣ, ки дар шарҳи оро ва андешаи Суҳравардӣ таълифот анҷом додааст, дар ҳикмати завқӣ ва баҳсӣ хеле моҳир будани ӯро тасдиқ кардааст.[24]

5.Натиҷаи ҷаҳду талошҳои устувор ва самимонаи ин ду абармарди майдони андешаи фалсафӣ ва ирфонӣ ба ин анҷомид,

---

[22]Атоуллоҳи Тадайюн. Шайхи ишроқ – мадеҳасарои нур. Теҳрон, 1377. С.157
[23]Абдурафеъи Ҳақиқат. Таърихи улум ва фалсафаи ironӣ. Теҳрон, 1372. С.613
[24]Абдурафеъи Ҳақиқат. Таърихи улум ва фалсафаи иронӣ. Теҳрон, 1372. С.613

ки минбаъд ҷараёни фикрии тозае бо номи ҳикмати мутаъолия дар симои Садруддини Шерозӣ(мулаққаб ба Мулло Садро), Мирдомод, Баҳоуддини Омулӣ(машҳур ба Шайх Баҳоӣ) ва дигарон ба вуҷуд омад ва кори ҳикмати ишроқӣ тавсеа ва идома ёфт.

6.Ибни Сино ва Суҳравардӣ бо эҳёи суннати фикрӣ -- ҳикмати завқӣ ё ишроқӣ(машриқӣ) дар ҷомеаи ғафлатзада, хурофотӣ ва бегонашудаи асримиёнагӣ, ки дар фақри маънавӣ ба сар мебурд, ғояи тозаи фалсафии аҷдодиро, ки дар бедории ақвоми дар зери асорати аҷнабӣ қарордошта нақши муассир дошт, роҳандозӣ намуданд. Ҳадафи ниҳоии инқилоби фикрӣ, илмӣ ва фарҳангие, ки ин ду донишманд анҷом доданд, дар бедор кардани андешаи аҳли ҷомеаи хурофотмаоби форсӣ-тоҷикии асрҳои миёна зоҳир мегардид, вале ин ҳадаф то имрӯз ношинохта боқӣ мондааст. Умед аст, ки муҳаққиқони муосири таърихи фалсафаи тоҷик таҳқиқи ин масъалаи ҳассоси миллиро дар оянда ҷиддӣ пайгирӣ менамоянд ва аз ин тариқ мушаххасоти ҳикмати машриқӣ ва ишроқӣ, ки фарогирандаи ҳувияти фалсафии миллианд, ба аҳли илму дониш ва фарҳангиёни минтақа ва ҷаҳон пешкаш мегардад.

## ФАРҲАНГСОЛОРӢ, МАОРИФПАРВАРӢ ВА ҶАҲОНБИНИИ АЛТЕРНАТИВӢ



**Ҳабибулло РАҶАБОВ**
*ҳиндшинос*

# ТАСВИРИ БАРХӮРДҲОИ МАЗҲАБӢ ДАР ҲИКОЯИ ИБРОҲИМ ҶАЛИС "ҒУЛОМИ ОЗОД"

Дар арафаи соҳибистиқлол шудани Ҳиндустони мустамликавӣ бо сабаби тақсим шудани ин мамлакат, бо сабаби зиддиятҳои динӣ фоҷиаҳое ба амал омадаанд, ки мислашро дар таърихи муносибатҳои мусулмонону ҳиндувони Ҳиндустон касе ёд надошт. Худи талабгорони бунёди Покистон шояд ҳеҷ тахмин карда наметавонистанд, ки ин боиси азимтарин даҳшатҳо ва бадбахтиҳои ҳар ду ҷониб мешавад. Вале онҳое, ки аз ин бархӯрдҳо манфиат меҷустанд, ба мақсад расида, парвои садҳо ҳазор қурбоншудагону бе манзили зист мондаҳо надоштанд. Ҳамаи ин аз ҷониби онҳое, ки ҳадафҳои асосии тарафдорон ва созмондиҳандагони ин ҳодисаи пурфоҷиаро ба хубӣ дарк кардаанд ҳеҷ гоҳ ва дар ягон шакл дастгирӣ наёфтааст. Таҳлилгарони замони нав низ аз ҳар паҳлӯе, ки ба ин масъала нигоҳ накунанд, агар дар замирашон дилсӯзие ба инсон дошта бошанд, агар хайрхоҳи воқеии дар амониву оромӣ зистани мардумони гуногунмазҳаб бошанд, бояд андешаҳои худро ба ҳамон самте равон кунанд, ки пеши роҳи бадбинӣ, оштинопазирӣ ва дар ҳамин поя ба вуҷуд омадани бархурдҳои мазҳабӣ гирифта шавад. Душманони бо ҳам ором зистани ҳиндувону мусулмонҳо эҳсоси диндорӣ, нигаҳдории одату

анъанаҳо ва сабукандешагии баъзе намояндагонро аз ҳар ду ҷониб бо усулҳои борҳо таҷриба кардаашон истифода бурда, оташҳои нафрату харобазоркунии хомӯшшударо боз гоҳ-гоҳе аз нав равшан кардани мешаванд. Танҳо ашхоси аз ақл бегона нисбат ба ин масъалаҳо метавонад бепарво бошад ва оқибатҳои даҳшатовари ҳар навъ задухӯрд ва кашмакашиҳои ба диндорӣ алоқамандбударо пайхас накунад. Адибони пешқадами Ҳиндустон ба ин масъала борҳо эътибор дода, кӯшиш кардаанд бемаънӣ, зиёновар ва тӯҳфа ба душманони ором зистани мардум буданашро дар асарҳои бадеӣ ва мақолаву баромадҳояшон собит намоянд. Ҳоло барои ба ин масъала пурратар равшанӣ андохтан зарур аст ба мисолҳои дақиқ рӯ оварем. Ба маврид аст, як назаре ба як ҳикояи яке аз адибони маъруфи урдузабон, ки ба мавзӯи зери борони фоҷиаҳо тақсим шудани Ҳиндустон ва бо ҳамдигар дарафтодани ҳиндувону мусулмонҳо эътибор додааст, нигарем. Зеро бо ин васила бори дигар на танҳо андозаи ваҳмангези воқеаҳои тақсимшавӣ, балки ҷараёни гум кардани ақли солимро низ дида метавонем.

Нависандаи маъруфи урдузабон Иброҳим Ҷалис (1923-1977) дар таърихи адабиёти урду – яке аз адабиётҳои Ҳиндустону Покистон, ҳамчун адиби тараққипарвар, ҳикоянавис ва ҳаҷвнигори бомаҳорат ба ҳисоб меравад. Ӯро бо адибони забардасти ҳиндӣ Ҳаришанкар Парсаӣ (1922-1995) баробар мегузоранд. Вай аслан дар Ҳайдаробод зиндагӣ мекард. Чун Ҳайдаробод дар қаламрави Ҳиндустон монд, адиб маҷбур шуд ба Покистон кӯчад. Бо сабаби задухӯрдҳои мазҳабӣ дар Ҳайдаробод мондану зистан барои ӯ ва ҳазорҳо дигар мусулмонҳои ин минтақа ниҳоят хатарнок буд ва зиндагии адиб шояд ба таври фоҷиавӣ он ҷо поён меёфт. Ин ҳам яке аз нишонаҳои бехонумон шудани одамон дар ҳолати ноилоҷ тарки ҷойи доимии зист кардани онҳо дар ҳамон солҳои шум буд. Адиб пас то охири умр бештар дар Покистон дар шаҳрҳои

Лоҳур ва Карочӣ зиндагӣ кардааст. Ҳангоми оғози ҷангҳои бародаркушӣ ӯ ҳамагӣ 24 сол умр дошт, вале ин ҷангҳо ӯро якбора дигар карданд ва якбора гӯё калонсол шуд ва мисли умрдидаву таҷрибадорон ба ин ҳодисаҳо бо афсӯс ва ғамгинона нигоҳ мекард ва ба мулоҳиза баҳо медод, ки дар асарҳояш бе таъсир намондаанд. Яке аз ҳикояҳои Иброҳим Ҷалис "Ғуломи озод" ("Азад ғулам") ном дорад, ки  маҳз ба ноумедию барбод рафтани орзуҳои оилаи яке аз ҷабрдидагони замони кашмакашиҳои осебовари мазҳабӣ бахшида шудааст. Ба оғози ҳикоя шинос шуда ҳеҷ гумон намекунед, ки ин асар аз воқеаҳои мудҳиш нақл мекунад: "Ҳамсари бобу Динмуҳаммад  Шакиран аз пагоҳӣ боз дар хона барои ҷамъ кардани анҷомҳояш ин тарафу он тараф даву тоз дошт. Таъбаш болида ва ҳар лаҳза суруди шӯхеро замзама мекард. Шакиран аз он сабаб хурсанд буд, ки акнун ин хонаи фартутро, ки ҳаждаҳ сол чун ҷои иқомати доимиаш буд, тарк менамояд. Тамоми ин солҳо онҳо аз баҳри бисёр чизҳо гузашта, сарфакорӣ менамуданд, на либоси дуруст мехариданду на ғизои комил, то ин ки пасандозе барои сохтани хонаи шахсӣ барои духтари ягонаашон Фахирану шавҳараш ҷамъ кунанд. Ҳоло хона сохта шудааст. Фахиран низ ба шавҳар баромадааст. Акнун Шакиран интизор аст, ки кай шавҳараш меояду онҳо то расидани торикӣ ба хонаи нав мекӯчанд". Хонанда аллакай ҳамроҳи Шакиран хурсандӣ карданист ва кунҷковона интизори он аст, ки Шакиранро дар хонаи нав бинад ва ба хушҳолӣ ва амалӣ шудани орзуҳои ҳаждаҳсолаи як оилаи меҳнатдӯсти беозор  ҳамроҳ шавад. Вале дар як дам барбод рафтани орзуҳо ва фаророасии рӯзҳои тира пеши назар меояд. Тасвири табдилёбии хушӣ ба бадбахтӣ дар андак фурсат худ як навъ услубест, ки бисёр адибон, алалхусус адибони Ҳинду Покистон,  онро моҳирона дар лаҳзаҳои зарурӣ истифода мебаранд. Ин усул ҷолибият ва таъсирбахшии мазмунро афзоиш медиҳад. Дар айни ҳол барои он, ки далелҳои урён хусусияти

ахборӣ нагиранд, ҳатман бояд бадеият ворид карда шавад. Дар ҳикояи ”Ғуломи озод” бофтаҳои адиб. ба хотири ороиши бадеӣ, он қадаре нестанд, ки тасвири воқеаҳои дар асл рӯй додаро бо ҳамаи он даҳшатҳое, ки дар бар мегиранд рӯйпӯш кунанд. Баръакс мебинем, ки бо ин ороишҳо ҳадафи адиб боз равшантар менамояд.

Динмуҳаммад кӯчи худро дар се ароба бор карда бо аҳли оила, ки аз ҳамсар ва духтараш Фахиран иборат буд, ба сӯи хонаи нав роҳ мегирад. Каме муомилаи сард, ки бо сабаби зуд тайёр нашудани Шакиран, байни зану шавҳар ҷой дошт, бо эҳсоси он, ки ба хонаи нав наздик мешуданд аз байн меравад: “Ҳар чи қадаре ки онҳо ба хонаи нави худ наздик мешуданд, ҳамон қадар Динмуҳаммадро хушҳолӣ фаро мегирифт. Ашкҳо дар чашмони Фахиран хушк шуданд. Акнун вай ҳам шод буду табассум мекард. Шакиран низ пурра ором шуд ва ранҷиш аз шавҳар дидааш аз байн рафт”.

Ҳамин тариқ, Динмуҳаммад акнун дар хонаи нав аст. Ин ҷо адиб каме тавақуф намуда, огоҳона як ишорае мекунад, ки он соли рӯй додани ҳодисаро дақиқ месозад. Ин ишора хеле ба маврид менамояд: “Бобу Динмуҳаммад дар бари дарвозаи ҳавлӣ алакай лавҳаи ”Ҳавлии Фахиран, соли 1946”-ро овехта буд”. Адиб бо ин васила огоҳ мекунад, ки асоси воқеа бофта нест ва маҳз ба солу ҷой ва ҳодисаҳои муайяни таърихӣ тааллуқ дорад. Дар хонаи нав пас аз муддате тӯйи арӯсии Фахиран мешавад ва акнун зану шавҳари орзуяшон амалӣ шуда умед доранд орому беташвиш умри боқимондаро паси сар мекунанд. Динмуҳаммади шаступанҷсола ба нафақа баромаданист. Лекин он замони оромие, ки дер боз интизораш буданд баробари расидананаш поён меёбад. Шавҳари Фахиран Шермуҳаммад, ки дар сафар, дар шаҳри Калкатта буд, сафарро қатъ карда нохост ба хонааш бармегардад. Ана аз ҳамин ҷо сар мешавад он қиссае, ки ба хотири он адиб ин ҳикояро навиштааст. Зарур аст ин ҷо боз аз

ҳикоя барои хубтар намоён шудани саҳнаи ваҳшигариҳои ба ақл рост намеомадагӣ иқтибос биёрем. Шермуҳаммад ба ҳавлӣ даромадан замон мегӯяд: "- Медонед чӣ, модар. Хуб шуд, ки ман ҳамроҳи худ Фахиранро набурда будам. Дар шаҳр ошӯб аст, Байни ҳиндувону мусулмонҳо задухӯрд оғоз ёфт. Дар кӯчаи Маник Тола, ҷое, ки ман иқомат мекардам, кушокушӣ сар шуд. Ман ҳама чизро монда бо мушкилии зиёд аз он ҷой гурехта омадам.

Шермуҳаммад аз Калкатта ҷон ба саломат бурда раҳо ёфта фирор карда бошад ҳам ҳодисаҳои хунин ӯро бе охир дар ҳар қадам думболгир мекарданд. Дар шаҳри Амбала, ки ҳамагӣ дар якчанд мил дуртар аз шаҳри Деҳлӣ воқеъ аст, ӯ мебинад, ки кушокушӣ байни одамон аллакай соати чори пагоҳӣ сар шуда будаст.

Шермуҳаммадро воҳима зер карда буд. Вай таъкид кард: - Ҳарчӣ зудтар, худи ҳозир хонаро тарк кардан лозим, - бо ҳаяҷон гуфт ӯ. – Ҳамаи мусулмонҳо ба сӯйи Покистон шитоб доранд. Дигар як лаҳза ҳам ин ҷо истодан мумкин нест. Зуд гурехтан лозим. Анҷомҳоро ҷамъ кунед!

Ин суханҳоро модарарӯс шунида чун девона фарёд зад:

Не! Ҳеҷгоҳ! Ин хонаи ман аст. Ман аз ин ҷо ба ҳеҷ куҷо намеравам. Ман ҳаждаҳ сол пайсаҳои ночизро ҷамъ карда ин хонаро сохтам. Акнун ту мегӯӣ, ки онро партофта равам. Ман ба ҳеҷ куҷо намеравам, ва духтарамро низ намемонам, ки равад. Ту зуд тохта рав! Байни мо дигар чизе нест!

Шермуҳаммад худро гум кард, вале боз таъкид намуд:

-Модари азиз, ман чӣ тавр Шуморо бовар кунонам? Вақт рафта истодааст. Мефаҳмед, ки ҳамаи моро хатари сахт таҳдид дорад.

Дар ҳамин вақт Динмуҳаммад давида омад ва ба овози даҳшатнок гуфт:

-Мегурезем! Зуд анҷомҳоро ҷамъ кунед. Танҳо чизҳои заруриро гирифта, дигар ҳама чизро ин ҷо гузоред! Тезтар! Тезтар! Зуд тайёр шавед!

Шакиран, ки шах шуда монда буд, якбора ба ғазаб дод зад:

Бас! Хомӯш шав! Ту магар девона шудӣ! Ман ба ҳеҷ куҷо намеравам. Хонае, ки барояш ҳаждаҳ сол пул ҷамъ карда сохтам, партофта намаравам.. Ту рав, вале ман намеравам”

Барои ҳар як инсон хона азизтарин сарват, беҳтарин ҷой ва қулайтарин манзили осудагии бемалол зистан аст. Дар Ҳиндустон миллионҳо одамон дар орзуи хонаи шахсианд. Дар солҳои соҳибистиқлолии ин мамлакат ҳукумат то андозае барои ба хонаи шахсӣ таъмин намудани бехонаҳо то андозае чораҳо меандешад, вале 50-60 сол ҳанӯз он муҳлате нест, ки ин навъ масъалаи душвор ҳалли худро ёбад. Дар ҳар ҳолат хонаи ҷудогона сохтан на ба ҳама муяссар мегардад. Садҳо монеаҳо, мушкилиҳо ва норасогиҳо барои ин боис мешавад. Барои бисёр касон ин орзуи соҳиби хона шудан аз насл ба насл гузашта амалӣ нашуда мемонад. Барои он камбизоатҳое, ки бо мушкилии зиёд соҳиби ин сарвати бебаҳо шудаанд, онро муфт аз даст додан, бадбахтие мебошад баробар бо фоҷиаи шадид. Манзараи аз ноилоҷӣ абадан тарки хонаи хеш кардан, ё сӯзондани он аз тарафи ашхоси мухолиф дар пеши назари соҳибони хона, қариб дар ҳамаи асарҳои ба задухӯрдҳои арафаи озодшавӣ ва аввалин солҳои ба истиқлолият бахшида дида мешавад. Дар чунин кашмакашиҳои хунин аз ҳама муҳим ҷон ба саломат бурдан аст, вале ин ҳам муҳим аст, ки урёну бе сарпаноҳ зистан оё зистан ҳисоб мешавад? Ҳикоя роман нест, ки муаллиф ҳар як воқеаи хурду калонро муфассал баён кунад, лекин кӯшиши як воқеаро пурратар баён кардан дар он аз ҷониби нависанда имкон дорад ва дар ҳар як ҳикоя ба анҷом расонидани ин кӯшиш дида мешавад. Дар тасвири ҳодисаҳои ба ҷудошавӣ дахл дошта аз чор чизи аз ҳама муҳим адибон пеши худ вазифа гузоштаанд ёдовар

шаванд. Ин аввало – бадбинӣ, дуюм – куштор, сеюм – ғоратгарӣ ва чорум – хонаҳоро оташ задан. Агар ин чор амали разилона пурратар гуфта нашаванд, пас аз тасвири ҷангу ҷадалҳо, яъне бардоштани ин масъала ҳадафи адиб чист пӯшида мемонад. Дар ҳикояи ”Ғуломи озод” ба истиснои ду саҳифаи аввал, боқӣ ҳама саҳифаҳо оҳанге доранд маҳзун. Адибони Ҳиндро доимо як савол ором намегузорад, ки чаро чунин бадбахтӣ рӯй дод? Барои ҳамин ҳам ҳар он чи ба ҳамон чор кори разилонаи дар боло зикр шуда дахл дорад, онро намемонанд бе тафсил гуфта шавад. Ҳоло 70 сол мешавад, ки Ҳиндустону Покистон озоданд, вале ҳанӯзам хавфи ҳар лаҳза аз нав авҷ гирифтани задухӯрдҳои мазҳабӣ аз байн нарафтааст. Ҳанӯзам душманони ягонагию дӯстии хиндувону мусулмонҳо дар дохили ин мамлакатҳо ва хусусан берун аз инҳо барои расидан ба ҳадафҳои нопоки худ омодаанд боз моҷароҳоро ба вуҷуд оранд. Моҷароҳоро асос нест, вале оқибат ҳаст. Асос надоштанашро дар ҳамаи чунин асарҳо, аз ҷумла, дар ҳикояи Иброҳим Ҷалис ”Ғуломи озод” мебинем. Ҳамкору ҳамсояи Динмуҳаммад Картар Синҳ, ки ҳинду аст, аз хонаи нав сохтани ҳамкораш ҳасад мебурд ва ҳамеша гумон мекард, ки Динмуҳаммад пурра бо пули ришва ин хонаро сохтааст. Вай ин гуна суханҳоро баланд-баланд мегуфт. Азбаски Динмуҳаммад шахси ришвахӯр набуд, ин суханҳо ба ӯ сахт мерасид, вале чун моҷароҷӯ набуд тоқат мекард. Ҷангу парешонӣ чунин мавридест, ки ашхоси кинагиру бахил ва моҷароҷӯ ҳаққу ноҳақ ба озордиҳиву қасдгирӣ медароянд. Динмуҳаммад бо аҳли оилааш ҳанӯз хонаро тарк накарда буд, ки Картар Сингҳи аз шароб маст медарояду чунин гуфтугӯи дилхароше мешавад:

“Якбора садои тақ-тақ задани дарвоза шуд. Динмуҳаммад бо тарс дарвозаро кушод. Дар остонаи дар Картар Сингҳ меистод. Вай маст буд. Динмуҳаммадро дида баланд хандид, пас ногаҳон ҷиддӣ шуда гуфт:

-Бобу Дин, натарс. Ман барои куштани ту наомадаам. Ҳа-ҳа-ҳа! Туро Ҷогидар Сингҳ ва Моҳанлал куштанианд. Ман дӯсти ту, бародари ту ҳастам, барои ҳамин омадам, ки туро огоҳ кунам. Ҳа-ҳа-ҳа! Кай гурехтанӣ бобу Дин? Ҳа-ҳа-ҳа!

Бобу Динмуҳаммад ба сӯйи Картар Сингҳ нигоҳи оҷизонае карда оҳиста пурсид:

-Куҷо гурезам, Картар? Куҷо гурезам, дӯстам?

Картар Сингҳ мастомаст сар меҷунбоду қоҳ-қоҳзанон хандида гуфт:

-Ту бояд ба Покистони худ гурезӣ. Покистон – беҳтарин ҷой барои ришвахӯрҳо, Дин бобу, ҳа-ҳа-ҳа!

Дар дигар вақт Бобу Дин барои ин таҳқир ҷавоби сазовор медод, лекин ҳоло маҷбур буд хомӯш монад".

Динмуҳаммад ҳанӯз то вокзали роҳи оҳан нарасида хонаашро оташ мезананд. Пас он лаҳзаҳои пурдаҳшате, ки адиб тасвир мекунад, ягон хонандаро бетафовут намемонад: “Қатора пур аз одам...Тарси марг ва азми зистан ин бадбахтҳоро ба қатораи ба Покистон мерафтагӣ овардааст. Ба гӯш садои тир ва нолаи онҳое, ки қурбони ин тирҳо мешуданд зуд-зуд мерасид. Дар дурии чор мил сарҳади роҷанишинии Патиала, сарҳади марг. Дар водии Патиала қатори мошинҳои ҳарҷогард, боркаш ва мошинҳои зиреҳпӯш сӯйи деҳаҳо оташ кушода, майдонҳои шукуфонро хароб намуда, ба тарафи вокзал, ба ҷое, ки қатора гурезаҳоро аз Патиала бароварда мебурд шитоб мекарданд”.

Қаторае, ки дар он Динмуҳаммад мерафт дар истгоҳи Сарҳинд лаҳзае қарор мегирад. Ҳарчанд фаромаданро манъ карда бошанд ҳам, Шермуҳаммад барои ҳамсари аз ташнагӣ дар азият будааш фаромада об оварданӣ мешавад, вале тир хӯрда дигар ба қатора савор шуда наметавонад. Тақдири баъдинаи ӯ маълум нест. Шояд барои адиб мушкил аст, ки азоби аз ақл беруни ӯро худ эҳсос карда тасвир намояд. Адиб ҳамин қадар ёдовар мешавад, ки Динмуҳаммад бо ҳамсару духтараш то

Ҷоландҳар, Амритсар ва дар охир то Лоҳур мерасанд, вале Шермуҳаммад ҳамроҳи онҳо нест. Вай дар истгоҳи марг мондааст. Дар Лоҳур Динмуҳаммад як хонаи холӣ меёбад, ки соҳибаш ҳинду будасту аз тарси кушта шудан ба Ҳиндустон гурехта рафтаст. Дар ин хона ҳама чиз муҳайё буд. Собиқ хӯҷаини хона шояд фақат ҷон ба саломат бурда бошаду халос. Динмуҳаммад баъзе зару завари зану духтарашро фурӯхта як мошинаи дарздӯзӣ мехарад ва худ ҳам коре меёбад. Акнун чунин менамояд, ки дигар ҳама азобҳо пушти сар шудаанд, вале дере нагузашта аз ҷумлаи он мусулмонҳое, ки пештар аз Ҳиндустон омада ба вазифаҳои баланд соҳиб шуда буданд, яке хонаи Динмуҳаммадро зери чашм мекунад ва маҷбуран ба воситаи политсия кашида мегирад. Шикояти Динмуҳаммадро касе гӯш кардан намехоҳад. Шакирану Фахиран ноилоҷ гадоиро пеш мегиранд. Ин ҷо бубинед, ки як мусулмон акнун ҳариси мансабу чиз шуда, як мусулмони дигарро, ки гирифтори рӯзи сиёҳ аст,дида наметавонад ва бераҳмона бадмуомилагиро ба кор мебарад.

Дар ҳикояи "Ғуломи озод" боз бисёр дигар чизҳои гуфтанӣ ҳаст, вале мо ба ду нуқтаи дигари ҳикоя, ки ниҳоят ҷолиб аст диққат медиҳему бас. Иброҳим Ҷалис аз забони қаҳрамони ҳикояи худ чунин саволро ба миён гузоштааст: "Чаро ҳукуматҳои мо хонаҳоро оташ мезананд? Чаро одамонро ба кӯчаҳо пеш мекунанд, ки онҳо ё гирифтори марг, ё гадоӣ мешаванд? Чаро онҳо давлати ғаму андуҳ, ятимон ва гадоёну марг бунёд мекунанд?" Аҷаб саволҳое, ки ниёзманди шарҳи иловагӣ нестанд. Менигарем ба дигар хулосаи адиб: "Ҳиндустону Покистон озодиро бо қимати қурбониҳои бешумор ба даст даровларданд. Онҳо то ба ин озодӣ расидан аз болои куҳ-куҳ ҷасадҳо, дарё-дарё хун ва бо қимати шикасту пора-пора шудани ҳазорҳо оилаҳо гузаштанд. Ғазаби мардум, ҳасрати дидори азизони фаношуда, беномус кардани занҳо ва ятиму

бекас мондани кӯдакон – ана ҳосиле, ки ин озодӣ овард”. Ҳикояи Иброҳим Ҷалис ”Ғуломи озод” баробари як асари бадеӣ будан боз чанд саҳифаест аз таърихи талхи пора шудани Ҳиндустони бузург.



**Қосимшо ИСКАНДАРОВ**
*доктори илмҳои таърих*

# ТАЪРИХ ВА СУННАТҲОИ ҶАШНИ НАВРӮЗ ДАР АФҒОНИСТОН

Наврӯз қадимтарин ва зеботарин ҷашни ориёиҳо мебошад, ки он на танҳо дар кишварҳои форсизабони имрӯза, балки дар тамоми Осиё ҷашн гирифта мешуд. Мувофиқи маъхазҳои таърихӣ ва ҷуғрофиёии қадим, суруду достонҳо, ривоятҳои асотирӣ ва фолклори мардумӣ Наврӯз ва суннатҳои он аз қадим то ба имрӯз аз насл ба насл гузаштааст.

Наврӯзу баҳорро ҳамчун ба зиндагии пас аз марг шабоҳат медиҳанд. Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ гуфтааст:

*Гуфт Паёмбар ба асҳоби кибор,*
*Тан мапӯшонед аз боди баҳор.*
*К-он чи бо ҷисми дарахтон мекунад,*
*Низ бо ҷони шумо он мекунад.*

Наврӯз дар фарҳанги тоҷикон рӯзи нав, рӯзи зиндагии нав, рӯзи шодӣ, рӯзи адлу эътидол, рӯзи бахшоиши гуноҳҳои якдигар, рӯзи оштӣ аст. Дилҳо, андешаҳо ва дастҳо метавонанд аз ин рӯз ва дар ин рӯз ба ҷониби якдигар майл кунанд, некӯиро пеша кунанд.

10 феврали соли 2011 бо саъю кӯшиши роҳбарони Тоҷикистон, Эрон, Афғонистон, Туркия, Озарбойҷон, Қазоқистон, Қирғизистон ва Туркманистон Қатъномае дар бораи Рӯзи ҷаҳонии Наврӯз таҳия ва ба Иҷлосияи 64 Маҷмаи умумии СММ пешниҳод гардид ва 23 феврал Иҷлосия қатъномаро тасвиб намуда, Наврӯзро ҷашни байналмилалӣ эълон кард. Дар Иҷлосияи Маҷмаи умумии СММ таъкид шуд, ки Наврӯз ҳамчун забони муштараки миллионҳо инсон дар Осиё, шибҳақораи Ҳинд, Осиёи Марказӣ, Ховари Миёна, Қавқоз,

Балкан, ҳавзаи Баҳри Сиёҳ ва бисёре аз нукоти дигари ҷаҳон даромадааст. Имрӯз беш аз 300 миллион нафар Наврӯзро дар саросари ҷаҳон гиромӣ медоранд. Бузургдошти Наврӯз-бузургдошти решаҳо, таърих ва арзишҳои тамаддунҳои дурахшони башарист, ки дар тӯли қарнҳо арзишҳои инсониро мунтақил сохтаанд. Тарвиҷ ва пешбурди фарҳанги зиндагии созгор бо табиат яке дигар аз ҷанбаҳои Наврӯз аст, ки ҳамон бо бисёре аз аҳдофи Созмони Милали Муттаҳид аст. Ба гуфтаи Муншии умумии СММ Пан Ги Мун «Аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид ҳамчун рӯзи байналмилалӣ эътироф гардидани Наврӯз дар бораи дарки бештари аҳамияти ин ҷашн на танҳо дар минтақаҳое, ки онро таҷлил менамоянд, балки дар саросари ҷаҳон шаҳодат медиҳад»[1].

Дар бораи пайдоиши ҷашни Наврӯз маълумоти дақиқ нест.Ба қавли донишманди афғонистонӣ А.Меҳройин тақвимҳои ахтаршиносии(ситорашиносӣ) қадим шаҳодат медиҳанд, ки дар соли **5287 пеш аз милод** нахустин шаҳаншоҳи ориёӣ Каюмарс дар ин рӯз(Наврӯз) тоҷи шоҳӣ ба сар ниҳод ва тахташро дар дохили куҳ барпо намуда, ба муқобили аҳриманон бархост. Аз ин ҷост, ки ӯро Гаршоҳ ё Ғаршоҳ(шоҳи кӯҳистон) ном гузоштаанд[2].Дар Наврӯнома»-и Хайём Каюмарс аввалин подшоҳест, ки ба рӯзу моҳҳо ном гузошт ва солшумориро ибтидо гузошт, то одамон бидонанд. Субҳи барвақт вақте Офтоб ба бурҷи Ҳамал мерасад коҳинонро даъват кард ва фармон дод, ки солшумориро аз ҳамин рӯз оғоз кунанд[3].

Аммо зоҳиран аз он замон таҷлили Наврӯз шояд шакли анъанавиро нагирифт, зеро дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, «Наврӯзнома»-и Хайём ва баъзе дигар манбаъҳои дигар бунёдгузори анъанаи ҷашни Наврӯз Ҷамшедро медонанд.

Гузашта аз он, ба қавли баъзе донишмандон маҳз шаҳри Балх (вилояти Балхи имрӯзаи Афғонистон) зодгоҳи ҷашни Наврӯз будааст.

А.Меҳройин менависад: «Пас аз як даври пурраи Наврӯз

---

[1] Авранг Мурод. Ҷашнҳои Эрони бостон- Теҳрон: Бино, 1325(1946).

[2] Меҳройин Абдулфайёз. Балхи бостонӣ ва чеҳраи имрӯзи он//Балхи имрӯз. 21 марти соли 2009.

[3] Омар Хайям. Навруз-наме// Магия Навруза. Алматы, 2006.- С.43-101.

(1507 солу нӯҳ рӯзу 23 дақиқаю 12 сония) Йимо ё Ҷамшед машҳуртарин шоҳаншоҳи сулолаи Пешдодии Ориёно дар соли 3679 пеш аз милод бо хатми кори сохтмони шаҳри Бахдӣ(Балхи имрӯз) тоҷи шоҳӣ ба сар мекунад ва Наврӯзро бо як тантанаи бузург ҷашн мегирад[4].

Дар «Шоҳнома»-и А.Фирдавсӣ омадааст:

*Ба фарри каёнӣ яке тахт сохт,*
*Чи моя бад-ӯ гавҳар андар нишохт.*
*Ки чун хостӣ, дев бардоштӣ,*
*Зи Ҳомун ба гардун барафроштӣ.*
*Чу хуршеди тобон миёни ҳаво,*
*Нишаста бар-ӯ гоҳ фармонраво.*
*Ҷаҳон анҷуман шуд бар тахти ӯй,*
*Шигифтӣ фурӯ монд аз бахти ӯй.*
*Ба Ҷамшед бар гуҳар афшонданд,*
*Мар он рӯзро «рӯзи нав» хонданд.*
*Сари соли нав ҳурмузи фарвадин,*
*Баросуд аз ранҷ дил тан зи кин.*
*Бузургон ба шодӣ биёростанд,*
*Маю ҷому ромишгарон хостанд.*
*Чунин ҷашни фаррух аз он рӯзгор*
*Бимондаст аз он хусравон ёдгор.*[5]

Ривояти дигар аст, ки Ҷамшед сайри олам мекард, чун ба Озарбойҷон расид фармуд тахташро ба ҷойи баланде рӯ ба ҷониби машриқ бигзоранд ва худ тоҷ, ки бо сангҳои қиммат оро дода шуда буд бар сар ниҳод, бар он тахт нишаст ва ҳамин, ки офтоб тулӯъ кард ва партаваш бар он тоҷу тахт афтод шуое дар ғояти равшанӣ падид омад.Мардум аз он шод шуданд ва гуфтанд: «Ин рӯзи нав аст»[6] ва ба қавле Ҷамшед аввал Ҷам ном дошт ва баъд аз ин ҳодиса азбаски офтоб ва дурахши он дар забони паҳлавӣ «шед» аст, аз ин рӯз ба баъд ба номи ӯ изофа

---

[4] Меҳройин Абдулфайёз. Балхи бостонӣ ва чеҳраи имрӯзи он//Балхи имрӯз. 21 марти соли 2009.
[5] Фирдавсӣ Абулқосим. Шоҳнома. Дар 6 ҷилд.Ҷ.1. Теҳрон, 1370 (1991).
[6] Панҷширӣ Азиз Аҳмад. Наврӯз ва ойини он дар пӯияи торих// Стурай. Шумораҳои 28-29, 1387 (Вежаномаи наврӯзӣ).- С.12-15.

шуд, яъне «Офтобмонанд».

Аммо ақидаи дигар низ вуҷуд дорад, ки Наврӯз пеш аз Ҷамшед низ таҷлил мешудааст. Масалан АбӯрайҳониБерунӣдар «Осор-ул-боқия» зимни тайиди суханони А.Фирдавсӣ меафзояд: «Он рӯз рӯзи тозае буд, Ҷамшед ид гирифт, агарчи пеш аз он ҳам Наврӯз бузург ва муаззам буд»[7].

Аз ин нигоҳ назаре ҳаст, ки қабилаҳои ориёӣ то ба фалоти Эрон муҳоҷир шуданашон Наврӯзро ҷашн мегирифтаанд. Дар суханронии худ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар таҷлили дуюмини ҷашни ҷаҳонии Наврӯз дар шаҳри Теҳрон аз ҷумла гуфт: «Чунонки аз манобеи таърихии бостонӣ бармеояд, қавмҳои ориёии қадим, ки аввал дар ҳудуди Мовароуннаҳр ва атрофи он ба сар мебурданд, қабл аз сарозер шуданашон ба сарзамини имрӯзии Эрон ҳам Наврӯзро чашн мегирифтаанд. Як қисмате аз сарзамини эшон, ки минтақаи бузурги кӯҳистонии Бадахшону Ҳиндукушро дар бар мегирифт ва сарзамини ниҳоят сарде ба шумор мерафт, расидани фасли баҳор барои эшон дар ниҳояти интизорӣ ба анҷом мерасид, бад-ин хотир буд, ки ин ҷашн дар мунтаҳои шукӯҳу азамат таҷлил меёфт.Ва ҳам ин амал то ба имрӯз дар ин минтақа азизу муҳтарам аст»[8].

Донишмандони ошно бо матнҳои қадими таърихӣ менависанд, ки дар оғози таърихи ориёиҳо ду маданият қарор дорад, яке маданияти ведӣ ва дигаре авестоӣ. Маданияти ведӣ дар ҳудуди 1400 сол қабл аз милод вуҷуд доштааст ва маданияти авестоӣ 1200 сол қабл аз милод. Донишманди афғонистонӣ доктор Абдулғафури Орзу менависад: «Муаррихон бовар доранд, ки дар давраи маданияти авестоӣ ориёиҳо аз марҳилаи рамадорӣ, кӯчигарӣ ва хонабадӯшӣ убур карда, ва бо кашфи истеъдоди борварии замин, саканагузин ва ва мутаватан

---

[7] Ҳамин ҷо С.20.

[8] Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таҷлили дуюмини ҷаҳонии ҷашни Наврӯз // http:// www. prezident.tj / habarho _ 280311a.html/

мешаванд. Ин истиқрор ва саканагузинӣ мусодиф бо подшоҳии охирини шоҳи пешдодиён, яъне Йимо (Ҷамшед) аст» [9].

Инак ҳазорон сол аз пайдоиши Наврӯз мегузарад ва аз ҳамон замон то соли 1866 дар шаҳри кӯҳани Балх ҳам дар давраи зардӯштӣ, ҳам дар давраи буддоӣ ва ҳам дар даврони ислом ҷашни Наврӯз бо як шукӯҳу шаҳомати хос барпо мегардид. Соли 1866 маркази вилоят аз шаҳри кӯҳна ба шаҳри Мазори Шариф кӯчид, ки аз он таърих то имрӯз ин маросим бо рангу бӯйи хоси мазҳабӣ ва миллию давлатӣ барпо мешавад. Фақат толибон ҷашни Наврӯзро дар Афғонистон мамнӯъ эълон карда буданд.

Шаҳри Мазори Шариф маркази вилояти Балх дар нахустин рӯзи соли нав рангу равнақи дигаре дорад. Ин шаҳр пеш аз оғози Наврӯз ба хотири зиёрати мақбараи Ҳазрати Алӣ(халифаи чоруми мусулмонон) ва зиёраткунандагони он маркази таҷамуъ ва рафту омади мардум аст. Даҳҳо ҳазорон тан аз бошандагони вилояти мухталифи Афғонистон дар ин шаҳр ҳузур меёбанд, то дар маросими афрoштани алам ё ҷандаи Сахӣ, ки бо матои сабз пӯшонида шудааст, иштирок кунанд[10]. Тавре маълум аст Ҷамшед пас аз сохтани шаҳри Балх деворҳоро бо дирафшҳои рангоранг зинат дода буд ва ин зеҳнияти таърихӣ то ҳол боқӣ мондааст. Аммо сабаби боло кардани алам дар мақбараи Халифаи 4, ҳазрати Алӣ ин аст, ки дар давраи ислом ҷашни Наврӯз дар Хуросон як ранги мазҳабӣ гирифт ва гӯё дар ин рӯз ҳазрати Алӣ ба хилофат расидааст ва бо бардоштани ҷанда ё алам ин рӯз таҷлил мешавад. Алам, ки дарозии он 20 метр аст, ба қавле аз тарафи амири Афғонистон Шералихон (1868-1879) аз ҷангалҳои Бухоро оварда шудааст[11].

Пас аз барафроштани алам аз тупҳо 30 бор оташ зада мешавад ва селаи кабӯтарҳои сафеди мақбараи ҳазрати Алӣ бар фарози он парвоз мекунад. Мардум бовар доранд, ки агар алам ё ҷанда ба осонӣ бардошта шавад он сол соли нек ва пурбаракат

[9] Ҳамин ҷо С.21.
[10] Ҷанда(ҷаханда) аз забони узбекӣ аст, маънои дирафш ё аламро медиҳад.
[11] Ниҷробӣ Умед. Наврӯзи бостон// Стурай. Шуморaҳои 28-29, 1387 (Вежаномаи наврӯзӣ).–С.25-27.

хоҳад буд ва агар ба сахтӣ бардошта шавад онҳоро соли мушкиле пеши рӯ аст.

Ин маросим дар нахустин рӯзи соли нав (Наврӯз) сурат мегирад ва бо хатми ин маросим милаи Гули сурх оғоз мегардад. Гули сурх ҳамон Гули лола аст, ки дар ин вақт дар ҳама ҷо мерӯяд ва нишонаи баҳор ва аз тарафи дигар рамзи Балх аст. Агар дар Эрон бо чаҳоршанбеи сурӣ Наврӯз даромада бо сездаҳбадар хатм шавад, дар Балх ҷашн то 40 рӯз идома меёбад ва пас аз он ҷамъияти бузурге начандон бузургтар аз нахустин рӯзи соли нав, дар маросими поён кардани ҷандаи муборак иштирок мекунанд. Дар ҷараёни ҳамин чиҳил рӯз ҷашнгирӣ аз Наврӯз идома меёбад.

Мардумони ин сарзамин маросим ва суннатҳои зиёди Наврӯзро ҳифз кардаанд ва иҷро мекунанд: дидор аз дӯстон ва хешу табор, рафтан ба гӯристон ва дуо кардан ба арвоҳи гузаштагон, маросими барафрӯхтани оташ ҳамчун рамзи гармӣ ва маҳзари покӣ, баргузор намудани мусобиқоти паҳлавонӣ, бузкашӣ, оташпаронӣ (салют), сурудхонӣ, шуъбадабозӣ (сирк) ва ғайра. Дар замони пеш аз рӯйдодҳои инқилобӣ (1978) ва ҷангҳо дар маҳале, ки бо номи Чаҳорбоғ маълум аст хаймаҳои зиёд мезаданд ва дар давоми 40 рӯз мардумони зиёде аз вилоёт ба ин ҷо омада, аз консертҳои бузургтарин ҳофизони Афғонистон мисли устод Вароҳанг, устод Раҳимбахш ва ғайра лаззат мебурданд.

Яке аз суннатҳои муҳим тар кардани гандум, рӯёндани сабза ва пухтани суманак аст. Хонаводаҳо онро ба унвони назри бароварда шудани ҳоҷатҳояшон бо маросими махсус баргузор медоранд. Аслан маросими суманакпазӣ маросими дастаҷамъӣ аст, ки шабона зери садои суруди махсусе анҷом мегирад. Дар Афғонистон оҳанги машҳури суманак ин аст:

*Суманак назри баҳор аст,*
*Духтарҳо давраш қатор аст.*
*Суманак дар ҷӯш мо кафча занем,*
*Дигарон дар хоб мо дафча занем.*

Ё

*Суманак пайки баҳор аст,*
*Милаи шабзиндадор аст.*

*Ин хушӣ соле як бор аст,*
*Соли дигар ё насиб.*
*Орзу имшаб хурӯшад,*
*Суманак дар худ биҷӯшад.*
*Дили хуш ҷома бипӯшад,*
*Соли дигар ё насиб.*

Баъди аз пухта шудани суманак онро ба дастархони наврӯзӣ мегузоранд.Муҳимтарин маросими наврӯзӣ паҳн кардани дастархони «ҳафтсин» аст. Мардум дар ин вақтҳо хона мероянд, ҳама ҷойро пок мекунанд, либоси нав мепӯшанд, бӯйи хуш дуд медиҳанд, гулу шириниву шарбат мениҳанд ва дар дастархон ҳафт чиз, ки номашон бо ҳарфи «син» шуруъ шуда бошад мегузоранд. Дар Афғонистон гузоштани санҷид, себ, сабзӣ, сир, сумоқ, самну, сирко расм аст. Баъзан дар анъанаи дастурхони наврӯзӣ гузоштани сикка (танга) низ расм аст.

Ҳама ин навъҳои ғизоҳо, ки аз қадим омадаанд рамзӣ буда, муносибати ногустастанӣ бо зиндагии иҷтимоии ориёиҳо доранд:

- Санҷид- нумоди даъват ба ақл;
- Себ- нумоди саломатии фард ва ҷомеа;
- Сабзӣ –нумоди садои хуши халқӣ ва исор;
- Самну- нумоди намоиши қудрат ва мубориза бо заъф;
- Сир- нумоди мавъиза, нигаҳдошти ҳуқуқи афрод ва адами таҷовуз ба ҳуқуқи фардӣ;
- Сика- нумоди пазириши номулоиматии зиндагӣ;
- Сумоқ- нумоди сабр, адолат ва умед»[12].

Собиқ сафири Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар Тоҷикистон, шоир ва муҳаққиқ Абдулғафури Орзу менависад, ки баъзе донишмандон ба ҷойи сика ва сумоқ сирко ва самаруқро қарор додаанд ва ҳафтсинро чунин шарҳ додаанд:

- Санҷид нишоне аз мутановеъулмизоҷ будан аст;

[12] Ҳамин ҷо С.22.

- Себ – сунбуле аз ҳамнавоӣ ва ва нишоне аз оромиши қалб ва нумоде аз такомули тазодҳост;
- Сабзӣ- нишоне аз ҳулули баҳор ва рӯиши сабзаҳост;
- Самну-нишоне аз ҳулули Наврӯз ва дигаргуниҳои табиат аст;
- Сир- нишоне аз устувории ҷисмонӣ ва ва омодагӣ барои кор аст;
- Сирко- сумбуле аз ҳосили баҳор аст, ки мумкин аст бо ҳама хубиҳояш харобиҳое низ дар пай дошта бошад;
- Саморуқ- нишонае аз чатри ҳимояти табиат ва худованд дар тули сол аст[13].

Баъзеҳо бовар доранд, ки қабл аз ислом дар дастархони наврӯзи суннати ҳафтшин маъмул будааст:

*Рӯзи Наврӯз дар замони Каён,*
*Мениҳоданд хусравони ҷаҳон.*
*Шаҳду ширу шаробу шакари ноб,*
*Шамъу шамшод ва шона андар хон.*

Ба ақидае баъзе аз донишмандон таркиби калимаҳои арабии он далолат аз ин кадимият намекунад.

Ривояте аст, ки яке аз хонҳои узбеки Мовароуннаҳр амир Абдулло деги бузургеро, ки аз фулузоти ҳафтҷӯш дар Самарқанд сохта шуда буд, дар соли 1050 хиҷри қамарӣ ба Балх интиқол дод. Дар он дег оби ҳафт мева омода сохта, барои зойирин тавзеъ мешуд[14].

Ба ғайр аз Балх, дар дигар шаҳрҳои Афғонистон ҳам ҷашни Наврӯз барпо мегардад, ки баъзе расму анъанаҳои дигарро дар бар мегирад. Кобулиҳо дар ин миён шухрати махсус доранд. Масалан, суманак ва «ҳафт мева» чизе аст, ки дар гузаштаҳои дур бештар дар Кобул ривоҷ доштааст. Аммо ҳоло ин анъана дар дигар шаҳрҳои Афғонистон низ дида мешавад.

---

[13] Ҳамин ҷо С.22.

[14] Ниҷробӣ Умед. Наврӯзи бостон// Стурай. Шумораҳои 28-29, 1387 (Вежаномаи наврӯзӣ).–С.25-27.

Кобулиҳо мегӯянд, ки истифода аз сабзиҷот дар нахустин рӯзи соли нав ба маънии дидан ба ояндаи сабз ва доштани соли нави сабзу пурбор аст. Дегҳои суманак тақрибан дар бисёре аз хонаҳо чумча мехурад ва духтарони ҷавон ба даври он то нимаҳои шаб овозхонӣ мекунанд ва фардои он суманакро хурдаю тақсим менамоянд. Мегӯянд, ки вақте дари ҳар хонаеро бикубӣ ҳатман дар дохили он пиёлае аз ҳафт мева вуҷуд дорад ва пазироии гарм аз меҳмонон низ бо ҳамин ҳафт мева аст.

«Сабзалақад(лағад)» низ аз ҷумлаи русуму анъаноти дерина аст, новобаста ба он ки насли ҷавон бо шӯхӣ мегӯянд, ки сабзаро набояд лағад кард, зеро ин амал кори манфӣ аст ва аз зебоии табиат мекоҳад[15].

Истироҳатгоҳҳои Кобул маҳалли таҷаммӯи мардумони ин шаҳр аст, бо ҳаёҳуи бесобиқа ва ҳузури хонаводаҳои хандону умедвор ба оянда.

Яке аз суннатҳои хуби наврӯзӣ суннати «Гулгардонӣ» ва «Булбулхонӣ» аст, ки дар ин рӯз ҷавонон аз талу теппаю дарраҳо гулҳои наврӯста чида, ҳамдеҳагони худро табрик мекунанд ва аз омадани баҳори хуҷастапай башорат медиҳанд.

Ҳиротиҳо низ бо ҷашни соли нав хушҳолиҳояшонро бо умедҳои тоза оғоз мекунанд. Дар Ҳирот ин ҷашн кӯтоҳ аст, аммо чаҳоршанбеи аввали сол чеҳраи шаҳр истироҳатгоҳҳои онро ранги дигаре медиҳад. Аз оғози нахустин рӯзи соли нав то чаҳоршанбеи ҳафта ҷашнҳо идома дорад, аммо бузургтарин ҷашн ба рӯзи чаҳоршанбе аст, мардум ба хусус занон дар истироҳатгоҳҳо ҳузӯр меёбанд. Кӯдакону дигар мардум низ дар ин ҷашн иштирок мекунанд, то соли навро хуҷаста дошта бошанд.

Наврӯз дар Қандаҳор, Хуст, Пактиё, Бомиён ва дигар шаҳрҳои Афғонистон бо каме тафовут ҷашн гирифта мешавад. Ягона ҷойе, ки Наврӯз ҷашн гирифта намешавад, ду вилоят-Кунарҳо ва Нуристон аст. Ҳатто мегӯянд, ки дар Наврӯз табрик гуфтан касеро ба сифати таҳқир шуморида мешавад[16]. Тундравони исломӣ дар ин ду вилоят ақида доранд, ки фақат ду

[15] Ҳасос С. Ҷашни Наврӯзи бостон дар Афғонистоне // Стурай. Шумораҳои 28-29, 1387 (Вежаномаи наврӯзӣ).- С.40-42.
[16] Ҳамон ҷо С.22.

ид дар ислом қабул аст ва таҷлил аз ҷашни Наврӯз гӯйё пайравӣ аз оташпарастон ва зардуштиҳо мебошад.

Ҳамин тавр, чашни Наврӯз аз куҳнатарин ва зеботарин ҷашнҳо дар Афғонистон, махсусан дар байни мардуми тоҷик бо як шукӯҳу шоҳомати хос ҷашн гирифта мешавад ва суннатҳои ин ҷашн аз насл ба насл гузашта, ҷузъе аз фарҳанг ва тарзи зиндагии мардум шудаанд.

**Нурмуҳаммад ОДИНАЕВ**
*ходими илмии Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ*

## САРЧАШМА ВА САБАҚҲОИ ТАЪРИХИИ ҲАРАКАТИ МАОРИФПАРИВАРИИ ТОҶИК

Маорифпарварӣ ҳамчун ҷараёни иҷтимоӣ дар охири қарни XVII дар Аврупои Ғарбӣ оғоз гардида, дар охири асри XVIII тадриҷан марказҳои бузурги фарҳангию сиёсии Аврупоро фаро гирифт. Намояндагони бузурги ин ҳаракат дар Англия Франсис Бэкон (1561-1626), Ҷон Лок (1632-1777), дар Фаронса Декарт (1596), дар Олмон Иммануэл Кант (1724-1804) бо ақоиди пешқадами ислоҳотгаронааш дар олами Ғарб табаддулоти иҷтимоиеро ба вуҷуд оварданд. Пеш аз он ки ҳаракати маорифпарварӣ шакл мегирифт, тамоми тору пуди Ғарби асримиёнагиро калисо зери тасарруфи худ нигоҳ медошт, илму ҳунар ва кашфиёти илмӣ зери нуфузи қудрати шоҳону ҷоҳталабон монда, хурофоти мазҳабиву схоластикӣ ҷомеаи онрӯзаро ба мақсади ниҳонӣ истифода мебурд. Донишманди аврупоӣ Ҷон Дун дар "Асри рӯшангарӣ" ном асараш вазъи онрӯзаи Аврупои ба ҷунбишомадаро чунин арзёбӣ мекунад: "Дар нахустин рӯзҳои асри рӯшангарӣ аксари файласуфон аз нерӯи хиради инсон ва равиши илмӣ ба ҷойи имон, отифа, вафодорӣ хурофа ва фармонбардорӣ аз қудрат ба унвони беҳтарин абзори ҳалли мушкилоти озордиҳандаи иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ дифоъ мекарданд"[1].

Дар охири асри XVI ва ибтидои асри XVII бошад, чанд кашфиёти муҳим, назири қувваи ҷозибаи Нютон, чопи китоб, борут ва қутбнамо ба вуқӯъ пайваста, ҷомеаи дар ғафлатмондаи Аврупои Ғарбиро такони бузург дод ва онҳоро аз хоби гарони чандинасра бедор кард. Ин кашфиёт чашми мардуми онрӯзро як қадар боз карда, асрори табиати пурмуаммо барои инсони

[1] Ҷон, Дон. Асри рӯшангарӣ / Тарҷумаи Маҳдии Ҳақиқатхоҳ.–Теҳрон, 1382.

ҷӯянда ва созанда кушода шудан гирифт. Хосатан, кашфиёти Нютон аввалин бор дар ҷаҳони онрӯза табаддулоти фикрӣ ба вуҷуд оварда, боиси зуҳури назариёти тоза дар шинохти олам, табиат ва одам гардид. Ҷон Дун оид ба аҳамияти кашфиёти Нютон чунин менигорад: "Нютон аз тариқи навиштаҳояш назари қувваи ҷозибаро ироа кард, ки олам як муаммои даркношуданӣ нест, балки ба назар мерасад, монанди як мошин бо диққат кор мекунад ва аз қавонини тағйирнопазирии табиат пайравӣ менамояд. Ва инсон метавонад бо мантиқ ва мушоҳида ин қавонинро дарк кунад. Назариёти Нютон дар андешаи инсон инқилобе ба вуҷуд овард ва... на танҳо дарки илмиро густариш дод, балки пуле буд, ки инқилоби илмиро ба асри рӯшангарӣ муттасил сохт"[2].

Рӯшанфикрони он рӯзи Аврупо ба он талош варзиданд, ки ҷомеаро ба чунин фаҳмиши воқеан тозаи иҷтимоӣ раҳнамун карда, тамоми ақоиди гузашта ва хурофоти ҳукмронро аз диди интиқодӣ баррасӣ намоянд. Муҳимтарин нишондиҳандаи рӯҳияи ин давра майли зиёд ба донистани асрори табиат ва истифодаи он ба инсон мебошад. Ин рӯҳия бар он водор кард, ки тамоми дастовардҳои илмии гузашта мавриди назари танқидӣ қарор гирад. Ин раванд аз Нютон оғоз гардида, дар осори илмии Бэкон, Декард, Ҷон Лок ва Кант идома пайдо кард. Яке аз пешгомони ин наҳзати илмӣ Ҷон Лок-донишвар ва файласуфи бисёр арҷманди инглисӣ буд. Ӯ дар навиштаҳояш назарияи бисёреро матраҳ кардааст. Лорк мисли чанд мутафаккири асри худ ба вуҷуди «Қонуни табиӣ» эътиқод дошт. Бар асоси назарияи ӯ, ҳамон тавре ки қавонини табиат бар нерӯҳои ҷозиба ва магнитӣ ҳоким аст, қавонони дигар низ ба рафтори инсон низом мебахшад. Аммо, инҳо қонунҳое нестанд, ки қонунгузорон аз минбари порлумон ва шаҳрдорӣ вазъ мекунанд, балки қавоиде ҳастанд, ки аз тариқи корбурди ақл қобили идроканд.

Ин маънӣ дар боби рӯшангароии китоби «Фарҳанги истилоҳи адабӣ» чунин арзёбӣ шудааст: «Ҷавҳари аслии ин наҳзат (наҳзати рӯшангарӣ – О. Н.) эътиқод ва имон ба хиради инсон, ба манзалаи ҳалоли (бозкунанда) ҳамаи мушкилоти ӯ мебошад. Бар ин асос ба коргирии ақли солим сабаб мешавад, то

---

[2] Ҳамин ҷо С.19.

тирагии ҷаҳлу хурофот ва таассубот зудуда ва инсон ба ҷои иткоъ (такя кардан) ба сунани ноозмуда бар таҷриба ва озмоиш эътибор кунад ва ба воситаи ҳақоиқи таҷрибашуда ба қавонини куллӣ даст ёбад»[3].

Тавре мебинем, вазифаю ҳадафҳои ин ҳаракат пеш аз ҳама раҳобахшии ҷомеа аз ҷаҳолату нодонии замони тираю тор буд. Барои расидан ба ин ҳадаф ғарбиён бештар ба воқеияти амал ва воситаи ҳақоиқи таҷрибашуда такя намуда, аз анъанаву одатҳои ноозмуда даст кашида, ҷаҳлу хурофот ва таассубро фурӯ менишонданд. Ин талош аксар ба олами Ғарб имконпазир гардида, дар як муддати кӯтоҳ тамоми Аврупоро фаро гирифт. Иммануил Кант вазъи ислоҳотхоҳонаи замонро дурусту саҳеҳ дарк карда, дар мақолае таҳти унвони «Рӯшангарӣ чист?» ҷанбаҳои назарии онро аз нигоҳи иҷтимоӣ арзёбӣ кардааст. Кант инсонро аз ҳама тамоюли номатлубе, ки асрҳо ҳоким буд, раҳо кардан ва барои расидан ба ин ҳадаф ақлро раҳнамуни инсон дидан мехоҳад. Яъне, "раҳоии инсон аз вазъи худхостаи ҳақорат ва дастёбии ӯ ба мароҳили булуғе, ки дар таслим ва хисороташ барои ба коргирии фаҳми худ бидуни кӯмаки дигаре мутаҷалло мешавад"[4].

Кант замони то рӯшангариро «вазъи худхостаи ҳақорат» ҳисобида, «раҳоии инсон»-ро дар ҳоли «ба коргирии фаҳми худ бидуни кумаки дигаре» қобили таваҷҷуҳ ба шумор меоварад. Ба назари мо, шояд «коргарии фаҳм» дар фаҳмиши Кант ташаккули тафаккури илмию ислоҳотхоҳӣ, «бидуни кумаки дигар» дар асоси хусусиятҳои хоси ҳамон кишвар амалисозии ҳаракати рӯшангарӣ бошад. Чи хеле ки мебинем, Кант ҷонибдори мустақилонаи ҳалли мушкилоти сиёсиву иҷтимоӣ буда, ӯ аз интиқоли иҷбории инқилобҳои сунъӣ дар оянда нигаронӣ дорад.

***

Русияи подшоҳӣ ва аморати Бухоро чун узви ҷомеаи ҷаҳони муташаккил аз дигаргуниҳои иҷтимоию сиёсии ҷаҳони онрӯза дар канор набуданд. Вазъи ногувори сиёсиву иҷтимоии ин кишварҳо ба ҳама гуна ислоҳоти ҷиддӣ тақозо дошт. Аз

---

[3] Фарҳанги истилоҳоти адабӣ.–Теҳрон, 1384.
[4] Кант, Иммануэл. Сочинения. Том 6.–Москва, 1966.–С. 25-35.

кишварҳои Аврупо ҳама гуна таҳаввули илмию сиёсӣ ва иҷтимоӣ бештар ба ҷомеаи Русияи подшоҳӣ таъсир мерасонд. Асосгузорони марксизм вазъи Русияро ба назар гирифта, чунин пешгӯӣ карданд: «Афкори танқидие, ки аз мактабҳои немисии мо қариб билкул ғоиб шудааст, ҳамоно дар Русия паноҳгоҳе ба худ пайдо кардааст» ва дар ҷои дигар меафзоянд: «Русия отряди пешқадами ҳаракати револютсионии Европа аст»[5].

Чунон ки мебинем, дар Русия таъсири ақоиди пешқадами Аврупо боло рафта, вазъи инқилобӣ рӯз то рӯз фаро мерасид. Ин вазъи кишварҳои гирду атрофро низ ба ҷунбиш меовард. Дар он замон Русия ягона кишваре буд, ки метавонист мамолики атрофро ба ҷунбиш оварда, бедор созад. Марксистон хусусиятҳои иҷтимоии кишварро ба инобат гирифта, нақши Русияро дар болоравии рӯҳияи инқилобии сарзаминҳои ҳамсоя эътироф кардаанд: «Ҳукмронии Русия барои баҳрҳои Сиёҳу Хазар, барои Осиёи Марказӣ барои бошқирдҳову тоторҳо таъсири мадание дорад»[6].

Дар ин замон Русия маркази ҳама гуна ислоҳоту дигаргуниҳо қарор гирифта буд. Ислоҳоте, ки дар Русия Пётри Кабир гузаронд, аз таъсири Ғарб берун набуд. Яке аз маорифпарварони бузурги тоҷик Шарифҷон-махдуми Садри Зиё дар «Рӯзнома»-и худ аз Пётри Кабир бо эҳтиром ёдовар мешавад: «Пётри якум подшоҳи Русия, ки соли 1682 мелодӣ ба салтанат расид ва кишвари худро ба сӯйи тамаддуни Ғарб раҳнамун шуд, ба истилоҳ «панҷарае ба сӯйи Ғарб боз намуд ва Русияро ба радифи мамолики бузурги Урупо бароварd»[7]. Аз ин сабаб, таваҷҷуҳи рӯшанфикрони онрӯзаи Бухорои амирӣ, хосатан Аҳмади Дониш ва Садри Зиё бештар ба Пётри I равона шуда буд. Онҳо вазъи фарҳангиву иҷтимоии Русияро пазируфта бошанд ҳам, сиёсати забткории Русияи подшоҳиро қабул надоштанд. Садри Зиё дар боби «Сабаби харобӣ ва шикасти давлати рус» хусусиятҳои Русияи онрӯзаро чунин баён мекунад:

---

[5] Ашӯров, Ғаффор. Маорифпарварӣ – ҳамчун ҷаҳонбинии илмӣ.–Дар маҷмӯаи “Ҷашнномаи Айнӣ”. Ҷилди Х.–Душанбе: Дониш, 2003.
[6] Ҳамин ҷо С.10-37.
[7] Ҳамин ҷо С.193.

*Чу давре ба дунё зи олам гузашт,*
*Зи нахват дигаршон сар аз адл гашт.*
*Асоси адолат бадал шуд ба ҷавр,*
*Рифоҳи раъият сар омад ба давр.*
*Гаҳе аз яҳудон кашидӣ димор,*
*Ки гаштанд овораи ҳар диёр.*
*Гаҳе арманиро намуди ситам,*
*Ки хатту забонашон равад бар адам[8] (6. 194).*

Чи хеле ки мебинем, Садри Зиё сиёсати онрӯзаи ҳукумати Русияро ба риштаи танқид кашида, чунин вазъи ногузири инқилобиро пешгӯӣ мекунад:

*Вале чун ба мардум ситам пеша кард,*
*Ҳама бех вайрон аз он теша кард.*
*Дили халқро хаставу реш кард,*
*Ҳама халқро душмани хеш кард.*
*Чу озурда шуд қалби мардум тамом,*
*Ҳаме хостанд аз Худо интиқом[9].*

Таъкидан бояд изҳор кард, ки Аҳмади Дониш ва рӯшанфикрони дигар рӯшангарии онрӯзаи Русияро пазируфта бошанд ҳам, сиёсати Русияро ҳаргиз қабул надоштанд. Шояд Садри Зиё ҳамчун сиёсатмадори пешқадами замон ҳамроҳшавии истилои Осиёи Миёна аз ҷониби Русияро қабул надошта бошад. Зеро дар оянда маълум гардид, ки ин ҳамроҳшавӣ ба аморати Бухоро таъсири назаррасе ба вуҷуд наовард. Устод Р. Ҳодизода 1968 дар китоби «Адабиёти тоҷик дар нимаи дуюми асри XV» ин вазъро хеле хуб ба мушоҳида гирифтааст: «Ҳукумати подшоҳӣ барои баланд бардоштани дараҷаи маданӣ ва маорифи халқи маҳаллӣ ғамхорӣ намекард. Пас аз ба Русия ҳамроҳ шудани Осиёи Миёна усули таҳсил дар мактабу мадрасаҳо тағйир наёфт ва ҳамон тариқаи тадриси схоластикии асримиёнагӣ дар системаи маориф давом мекард»[10].

---

[8] Ҳамин ҷо С.194.
[9] Ҳамин ҷо С.195.
[10] Ҳодизода, Расул. Адабиёти тоҷик дар нимаи дуюми асри XVII ва охири асри XIX.– Душанбе: Дониш, 1966.

Ин маънӣ дар навиштаҳои аксари маорифпарварон, аз ҷумла Аҳмади Дониш, Садри Зиё, Садриддин Айнӣ ба мушоҳида мерасад. Зеро агар ҳукумати вақти Русия таъсир расонида метавонист, аввалан амир Абдулаҳад ва амир Олимхон чун тарбиятгарони мактаби Русия имкон меёфтанд дар Бухоро дигаргуниҳо ба миён оваранд. Шояд ин гуна ислоҳотро пешвоёни оли манғит мехостанд, вале дар дохили кишвар дастгирӣ надоштанд. Аз рӯйи шаҳодати устод Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ «тараққихоҳон нахуст аз амир Абдулаҳадхон (1885-1910), ки дар Петербург таҳсил дида ва аз ҷаҳон огоҳӣ ёфта буд, ислоҳот умед доштанд. Ӯ низ ислоҳот ҷорӣ кардан мехост, вале унсурҳои иртиҷоӣ ва қозӣ Бадриддин нагузоштанд, ки амир дар ин роҳ қадаме бардорад. Амир Абдулаҳад аз фишори «уламои беилм ба дод омада, оқибат аз пойтахт саргурез шуд ва ба соли 1897 иқоматгоҳи худро аз Бухоро ба Кармина ном ҷое (дар 100-километрии шимолии шарқии Бухоро) бикӯчонид.

Он гоҳ равшанфикрон чашми умед ба амир Олимхон (1910-1920) дӯхтанд» (6. 269).

«Уламои беилм», махсусан қозӣ Бадриддин дар байни амир ва мардум садди чиние сохта буданд, бинобар ин, ҳадафҳои ислоҳотии амир ба мардум, ҳатто ба мадрасаҳо намерасид. Барои кушодани мактаби усули нав, рӯзнома ва ҳатто ислоҳоти ҷузъӣ амир бе розигии қозӣ Бадриддин ягон чорае дида наметавонист. Аз як тараф, Бухорои амирӣ ба ин ислоҳот тайёр набуд, аз тарафи дигар, монеаҳои сунъӣ аз ҷониби «уламои беилм»-е, ки дар атрофи амир мавқеи намоён доштанд, ба ягон дигаргунӣ имкон намедод. Бинобар ин, истилои Осиёи Миёна ва инқилоби болшевикӣ аз ҷониби Русия тавассути пантуркистони тотору бошқирд ба таври маҷбурӣ ва нотайёр интиқол шуда буд.

Ба қавли файласуф Ғаффор Ашӯров «равиши диалектикаи таърих дар Осиёи Миёна чунин омад, ки дар Тошканд, Бухоро инқилоб рух дод ва вазъият ба куллӣ дигар шуда, ба инкишофи минбаъдаи маорифпарварӣ хотима гузошт. Аз ин рӯ, маорифпарварӣ вазифаи таърихии худро иҷро карда натавонист, чунки инқилоби рухдода муҳтоҷи консепсияи иҷтимоӣ-сиёсии

маорифпарварон набуд»[11] (З. 36).

Агар ин инқилоб вазифаи таърихиашро дар Осиёи Миёна иҷро менамуд, мардум дар як фазои пешқадами баробарҳуқуқӣ қарор мегирифт. Баъд аз ин воқеаи таърихӣ тақсимоти ҳудудӣ тавре гузаронида шуд, ки хосатан мардуми тоҷик дар як гӯшаи вайронаи таърих дар тобеияти ҷумҳуриҳои ҳамсоя дар ҳолати таҳқир монд.

***

Имрӯз дар матбуоту саҳифоти шабакаи Интернет ва дар марказҳои илмӣ масъалаи маорифпарварӣ аз нав мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар ин чанд соли охир асари зиёде дар ин масъала чоп шуд, ки ҷолибтарини онҳо «Рӯзнома»-и Садри Зиё мебошад. Таҷдидан ба чоп омода намудани осори Аҳмади Дониш, Садри Зиё, Фитрат, устод Айнӣ ба бисёр масъалаҳои муҳими ин давр назари ҷиддитаре ба вуҷуд хоҳад овард. Он нуктаҳое, ки аз ин осор дар давраи Шӯравӣ ихтисор шудаанд, барқарор гардиданд. Устод М. Шакурӣ бо назардошти ин ҷиҳати масъала дар назди адабиётшиносии муосир чунин масъалагузорӣ мекунад: «Чанде аз касонеро ки Садри Зиё номбар кардааст, мо то имрӯз намедонистем ва бояд бидонем. Ва муайян намудани ин ки онҳо чӣ касоне буданд, хеле душвор омад. Дар бораи бархе аз онҳо дар замони Шӯравӣ пиндорҳои дигаре доштем ва акнун бояд онҳоро дурусттар бишносем. Баъзе воқеаҳоро то охири қарни бист маънои дигар медодем ва имрӯз маънои аслии онҳоро бояд биҷӯем. Мо дар ин тавзеҳот (тавзеҳот ба рӯзномаи Садри Зиё – О. Н.) гоҳ кӯшише пеш гирифтем, ки муҳтавои аслии баъзе рӯйдодҳо ва фаъолияти касонеро ҷустуҷӯ бикунем. Маънидоди тозаи мо шояд ба фаҳмиши Садри Зиё наздиктар бошад ва ё баръакс аз фаҳмиши ӯ каму беш дур бошад»[12].

Дар ҳақиқат хулосаҳои илмие, ки то солҳои 90-уми асри гузашта мо нисбат ба рӯшанфикрони охири асри XIX ва ибтидои

---

[11] Ашӯров, Ғаффор. Маорифпарварӣ – ҳамчун ҷаҳонбинии илмӣ.–Дар маҷмӯаи "Ҷашнномаи Айнӣ". Ҷилди Х.–Душанбе: Дониш, 2003.

[12] Шарифҷон-махдуми Садри Зиё. Рӯзнома. Вақоеънигории таҳаввулоти сиёсӣ-иҷтимоии Бухорои шариф тайи нимаи поёнии амороти хоноти манғит бар асоси ёддоштҳои рӯзонаи Шарифҷон махдуми Садри Зиё – охирин қозикалони Бухоро / Таҳқиқ ва пажӯҳиши Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ.–Теҳрон: Маркази аснод ва хадамоти пажуҳишӣ, 1382.–500 с.

асри XX доштем, имрӯз бо дастрас шудани бархе аз осорашон ранги дигар мегиранд. Бо дастрас шудани осори онҳо назари аҳли таҳқиқ нисбат ба маорифпарварӣ ва ҷадидон воқеитар мегардад. Назари сиёсиву иҷтимоии маорифпарварон ва ҷадидонро аз вазъи он рӯз бояд баҳо додан ба мақсад созгор мебошад.

Муҳаққиқони давраи Шӯравӣ зуҳури таълимоти маорифпарвариро дар мафкураи Аҳмади Дониш ба сафарҳои ӯ ба Русия вобаста медонистанд. Ин ақида чун фарзияи бебаҳс то имрӯз мавриди қабули аҳли таҳқиқ қарор дорад. Аз ҷумла, ба таъкиди Р. Ҳодизода «ифодаи барҷастатарини таъсири мусбат ва пурифодаи маданияти рус ба вуҷуд омадани равияи маорифпарварӣ дар афкори сиёсӣ-иҷтимоӣ ва ҳаёти адабӣ буд, ки бунёдгузор ва тартиботчии барҷастаи он нависанда ва мутафаккири бузурги аср Аҳмади Дониш буд»[13].

Дар он ки Аҳмади Дониш бунёдгузори ин равия аст, ҳеҷ шакку шубҳа нест, вале ба масъалаи сарчашмаи асосӣ донистани маданияти рус дар зуҳури равияи маорифпарварӣ шояд таҷдиди назар намудан беҳтар бошад. Зеро дар он замон сарчашмаҳое, ки ба ҷунбишҳои сиёсӣ-иҷтимоӣ боис мегардиданд, дар дохили аморат низ вуҷуд доштанд. Масалан, дар Бухоро ҳамчун дар Аврупои томаорифпарварии замони эҳё илму маориф зери нуфузи дину мазҳаб қарор дошт, хурофот ва анъанаҳои шахшудаи асримиёнагӣ дар тору пуди ҳаёти иҷтимоии мардум ҷой гирифта буданд, ба ягон ихтирои илмӣ ё техникӣ роҳ набуд ва ғайра, ки ҷомеаи онрӯзаро ба таркиш оварда буд. Вале ин таркишро бояд касе ба вуҷуд меовард ва алайҳи ҳамаи зуҳуроти манфӣ эътирози аввалинро баён мекард, ки ин имкон ба Аҳмади Дониш даст дод.

Муҳаққиқон ин масъаларо зоҳиран ба инобат гирифтани омилҳои берунӣ хеле хуб баррасӣ карда бошанд ҳам, аксаран вазъи дохилиро сарфи назар кардаанд. Зеро, агар ин ҷунбиш танҳо ба Аҳмади Дониш ва таъсири фарҳанги рус вобаста мебуд, пеши роҳи онро аморати Бухоро ва императори Русия банд мекарданд. Вале набояд фаромӯш кард, ки салтанати шахшуда

[13] Ҳодизода, Расул. Адабиёти тоҷик дар нимаи дуюми асри XVII ва охири асри XIX.– Душанбе: Дониш, 1966.

ва рӯзгори якранги ҷомеаи манғития боиси ба вуҷуд омадани ҷунбишҳои мардумӣ ҳамчун маҳсули вазъи пӯсидаи асримиёнагии сиёсӣ мебошад. Чунин менамояд, ки ҷунбиши маорифпарварии Англия, Франсия ва Олмонро маҳз ҳамин вазъ пухта расонда буд.

Аҳмади Дониш дар он замони тираву тор мардуми ғафлатзадаро бедор карда, ба сӯи рӯшноӣ хонд ва аввалин ислоҳотро дар низоми давлатдорӣ ва маориф пеш ниҳод. Зеро ӯ дониста буд, ки пешрафти кишвар ва ҷомеа ба ҳамин ду соҳа вобастагии қавӣ дорад. Устод Айнӣ инро хуб дарк карда, ҳатто ин ҷунбишро ба таъсири мусулмонони Русия вобаста медонист: «Аз бозе, ки дар байни мусулмонони Русия гапи ислоҳоти илмӣ ва мактаб баромад, ҷанҷолҳои ҷадиду қадим низ пайдо шуд(анд). Вақте ки шумораи мактабҳои нав афзуда, дар тамоми Русия паҳн шуданд, ин ҷанҷол ҳам тамоми Русияро фаро гирифт…

…Уламои мутаассиб ва манфиатпараст ва як қисм халқи авом, пайрави онҳо ҳар рӯз ғавғое мебардоштанд”[14].

Гумон меравад, ки Русия мехост ин ҷунбишҳоро ба манфиати сиёсати худ истифода намояд. Бинобар ин, мусулмонони Кавказ ва тоторҳоро ба ин сиёсат мутобиқ сохта, ба қаламрави Осиёи Марказӣ, махсусан минтақаҳои таҳти тасарруфи худ интиқол менамуд. Мутаассифона, бо баҳонаи ҷунбиши маорифпарварӣ ва ислоҳот дар ҳар ҷое, ки дасти Русия мерасид, манфиатҳои миллӣ канор мемонд. Ҳол он ки Кант раҳоии инсонро аз вазъи худсохтаи ҳақорат дар «тасмим ва хисороташ ба коргирии фаҳми худ бидуни кӯмаки дигаре» ба шумор меовард. Русия дар ин ҷунбиш тоторҳо ва озариҳоро ба аморати Бухоро фиристод. Онҳое, ки ба Тошканд, Бухоро, Самарқанд ва дигар манотиқи Осиёи Марказии тоҷикнишин фиристода шуданд, аввалан ба тарғиб ва ташкили мактаби тоторӣ ё озарии ба ном «усули нав» оғоз мекарданд. Ин буд, ки як паҳлӯи ҷунбиши маорифпарварии он замон – пантуркизм дар либоси сиёсат ва маданияти Русия мавқеи мустаҳкам пайдо мекард ва таваҷҷуҳи аҳли таҳқиқро дар ҳаёти иҷтимоӣ ва фарҳангии аморати Бухоро ба сӯи пантуркизм мекашид.

Аҳмади Дониш медонист, ки «ҷавҳараи аслии ин наҳзат

[14] Айнӣ, Садриддин. Таърихи инқилоби Бухоро.–Душанбе: Ирфон, 1986.

эътиқод ва имон ба хиради инсон, ба манзалаи ҳалоли (бадкунанда) ҳамаи мушкилоти ӯ мебошад. Бар ин асос барои ба коргирии ақли солим сабаб мешавад, то тирагии ҷаҳлу хурофот ва таассуб зудуда шавад ва инсон ба ҷои иқтоъ бар сухани наёзмуда бар таҷриба ва озмоиш эътибор кунад ва ба воситаи ҳақоиқи таҷрибашуда ва қавонини куллӣ даст ёбад» – чунин буд ҳадафи маорифпарварии Ғарб. Дар ин ҷо мо бояд дониста бошем, ки Аҳмади Дониш то кадом дараҷа ин ҳарфҳоро дарк ва ба амалӣ намудани онҳо кӯшиш кард. Ӯ воқеан роҳи зиёди ташвиқоти ин равияро пеша намуда буд. Пеш аз ҳама бо пешниҳодҳои созанда ба амир умеди ислоҳоти ҳамаҷонибаро дошт. Вале татбиқ нагаштани ақоиди тараққихоҳонаи Аҳмади Дониш умеди тамоми табақаи бедори аморати Бухороро барбод дод.

Он гоҳ Аҳмади Дониш такя ба гурӯҳи ҳамфикрони худ намуд. Ӯ мехост собит намояд, ки тартиби ормонҳои мулки Бухороро ба дараҷаи Петербург расондан мумкин аст. Чун пешниҳодоти ӯ ба амир хуш наомаданд, пас ба таълифи «Наводир-ул-вақоеъ» пардохт, то андешаҳояш ба рӯшангарони давр дастрас шавад. Далели ин нукта бо супориши Садри Зиё ба қалами Мунзим ва тасҳеҳи Айниву Мунзим рӯйнавис шудани ин китоби нодир мебошад. Устод Айнӣ дар «Таърихи инқилоби Бухоро» чунин менигорад: «Аз муосир ва мусоҳибони Аҳмад-махдум машҳуртарини касоне, ки ба авзои Бухоро бо назари танқид нигоҳ мекарданд, соҳибкамолоне, аз қабили Шариф-махдуми Муътасим, Исо махдум, Иноят махдум, Яҳёхоҷа, Қорӣ Абдулмаҷиди Зуфунун, Мулло Шарифи Соат ва Мирзо Сомӣ буданд». Ин ҷамъият оқибат дастгирӣ наёфта, пароканда гардид. Танҳо дастоварди муҳиме, ки ин гурӯҳ ба майдон овард, назари интиқодӣ ба вазъи Бухоро мебошад. Минбаъд ин пеша дар арафаи инқилоб боло рафт ва гуфтан метавон, ки як сарчашмаи асосии пайдоиши матбуоти пешазинқилобӣ гардид. Яъне, ин гуна таҳлилу баррасӣ дар ҳавлии Садри Зиё оқибат бо таъсири хориҷ боиси ба вуҷуд омадани матбуот гардид.

***

Ба навиштаи академик Муҳаммадҷон Шакурии Бухороӣ устод Айнӣ дар бораи Аҳмади Дониш аввалин бор дар асари «Материалҳо оид ба таърихи инқилоби Бухоро», ки мухтасаран

соли 1920 дар газетаи «Меҳнаткашлар товуши» ва, муфассалан соли 1926 дар шакли китоби алоҳида ба забони ӯзбекӣ чоп шуд, сухан рондааст. Дар ин ҷо асосан ҳамон таассуроти Айнӣ аз хондани чандбораи «Наводир-ул-вақоеъ» нақл шуда, инқилоби фикрие, ки аз таъсири он дар ӯ рӯй дода буд, шарҳ ёфтааст. Айнӣ пеш аз ҳама ба чунин хусусияти эҷодиёти Аҳмади Дониш, ки рӯҳониёни расмӣ ва барномаи мадрасаро сахт танқид мекунад, диққат ҷалб кардааст. Фош карда шудани ҷаҳолати уламои расмӣ ва усули мамлакатдории амиру амалдорон, ки дар асарҳои Дониш мавқеи калон дорад, боиси афзудани нафрати Айнӣ аз тартиботи замонаш гардида буд.

Дар «Намунаи адабиёти тоҷик»-и Айнӣ (1926) тафсилоти илмию эҷодии эҷодиёти Аҳмади Дониш нисбатан муфассалтар омадааст. Айнӣ дар ин ҷо чанд лаҳзаи тарҷумаи ҳоли Донишро қайд намуда, бештар ба нақши Дониш дар ҳаёти адабии нимаи дувуми асри XIX таваққуф кардааст. Вай Донишро ба он равияи нав дар афкори иҷтимоӣ ва адабиёт, ки баъди ба Русия ҳамроҳ гардидани Осиёи Миёна пайдо шуд, роҳбар ба шумор овардааст.

Дигар масъалаи муҳиме, ки дар «Намунаи адабиёти тоҷик» вобаста ба фаъолияти Аҳмади Дониш мавриди баррасӣ қарор гирифтааст, масъалаи мубориэаи вай ба муқобили пайравони Бедил аст. Айнӣ шаҳодат медиҳад, ки Дониш ба Бедил ихлоси комил дошт, вале «услуби Бедилро махсуси истеъдод ва маслаки бедилӣ медонист». Бинобар ин, бар зидди «тақлиди услуби Бедил” мубориза эълон карда, худ осори манзура ва мансурaашро дар камоли содагӣ ва равонӣ навиштанро илтизом кард».

Айнӣ аҳамияти калони ин мубориэаи Донишро таъкид кардааст. Дар шароите, ки «ҳар аҳлу ноҳал» ба даст қалам гирифтан замоно дар ҳаваси пайравии Бедил мешуд, мубориэаи Дониш ба муқобили тақлидкорон барои инкишофи минбаъдаи адабиёти тоҷик роҳ мекушод, адабиётро ба ҳаёт, ба халқ наздиктар карда, мазмуни иҷтимоии онро қувват медод.

Хизмати дигари муҳими устод Айнӣ дар «Намунаи адабиёти тоҷик» муаррифии чанд намунаи осори Аҳмади Дониш мебошад. Асарҳои Дониш, ки фақат чанд нусхаи дастнавис дошта, аз доираи Бухоро берун набаромада буданд, якумин маротиба ба воситаи ин китоби Айнӣ қисман ба хонандагони сершумор дастрас гардиданд.

Устод Айнӣ ҳанӯз аз аввали инқилоб ният дошт, ки асарҳои Дониш ва тарҷумаи ҳоли ӯро ба нашр расонад. Дар «Намунаи адабиёти тоҷик» ҳатто ваъда додааст, ки то сисолагии вафоти Дониш чунин китоберо ба хонандагон дастрас мекунад: «Умед аст, ки дар соли 1344-и ҳиҷрӣ ба муносибати соли сивуми вафоташ осораш бо тарҷумаи ҳолаш табъ ёбад». Вале, аз чӣ сабаб бошад, ки устод ин хоҳиши худро амалӣ карда натавонист.

Чунон ки аз «Ёддоштҳо» бармеояд, ҳатто дар охири умр ҳам навиштани китоберо дар бораи Аҳмади Дониш дар назар доштааст. Ӯ дар «Ёддоштҳо» гуфтааст: «Ба асоси асарҳои худи Аҳмади Дониш ва ҳамзамонони ӯ пурра навиштани тарҷумаи ҳоли ӯро ба оянда мавқуф гузошта, мехоҳам он чизҳоеро, ки дар бораи аҳвол ва зиндагонии шахсии ӯ дар хонаи Шарифҷон-махдум шунидаам ва онҳо то ҳол дар ҷое навишта нашудаанд, дар ин ҷо қайд карда гузарам»[15].

Мутаассифона, навиштани чунин асари алоҳида ба устод муяссар нашуд. Лекин дар дигар осори ӯ, хусусан дар «Ёддоштҳо» дар бораи Аҳмади Дониш маълумоти муҳим ҷамъ омадааст, ки барои муҳаққиқон ганҷинаи бебаҳост. Дар қисмҳои дувум, севум ва чоруми «Ёддоштҳо» ҳашт боб ба Аҳмади Дониш бахшида шуда ва дар баъзе бобҳои дигари он низ ба муносибате дар бораи ӯ сухан рафтааст. Агар ин бобҳо дар як ҷо ҷамъ карда шаванд, китоби мукаммал ҳосил мегардад, ки дар бораи ҳаёти Аҳмади Дониш, баъзе хислатҳои ӯ, ақидаҳои иҷтимоӣ ва адабии вай маълумоти пурқиматеро дар бар мегирад. Хусусан, дар бораи нуфузи Аҳмади Дониш дар байни зиёиёни пешқадами замон ва нақши ӯ дар инкишофи адабиёти давра, дар бораи он зиёиёни озодфикр, ки аз ақидаҳои ҷасуронаи Дониш рӯҳ гирифта, фаъолияти эҷодӣ ва ҷамъиятии худро вусъат медоданд, бисёр фактҳои муҳим оварда шудааст.

Муҳимтар аз ҳама дар «Ёддоштҳо» бо санадҳое шинос мешавем, ки барои фаҳмидани нақши эҷодиёти Аҳмади Дониш дар инкишофи фикрӣ ва ғоявии худи Айнӣ аҳамияти хеле калон доранд.

Чигунагии моҳияти «инқилоби фикрӣ», ки пас аз хондани «Наводир-ул-вақоеъ» дар Айнӣ рӯй дод, дар «Ёддоштҳо» хеле

---

[15] Айнӣ, Садриддин. Ёддоштхо. Ҷилди 7.–Душанбе: Ирфон, 1977.

муфассал шарҳ ёфтааст. Айнии ҷавон то он вақт ҳам беадолатии замонро медид, вале дар чунин ақида буд, ки Бедил гуфтааст:

Зиндагӣ дар гардан афтодааст, Бедил, чора чист?
Шод – бояд зистан, ношод – бояд зистан!

Аммо пас аз хондани «Наводир-ул-вақоеъ» дар ҷаҳони андешаҳои устод Айнӣ дигаргуниҳои ҷиддии озодихоҳӣ ва худшиносӣ ба вуҷуд омаданд. Дар тамоми осори устод Айнӣ, ки дар бораи аҳволи замонаш сухан меравад, тахминан ин хулоса бо услуби гуногун ба мушоҳида мерасад: «Ин аҳволро ислоҳ кардан лозим аст, модом ки ман ислоҳ карда наметавонам, аз вай нафрат кардан зарур аст».

Аввалин инқилоби фикрии Айнӣ аз ҳамин иборат буд. Вай аз асарҳои Аҳмади Дониш дарки ҳақиқати воқеии замон ва нафрат кардан аз «аҳволи фалокатиштимол»-и тартиботи амириро омӯхт. Нафрати бепоёне, ки Аҳмади Дониш аз амирон, амалдорон ва рӯҳониёни ислом дошт, Айнии ҷавонро низ фаро гирифт.

Бо мутолиаи «Наводир-ул-вақоеъ», ба андешаи М. Шакурӣ, устод Айнӣ аввалин бор бо аҳволи зисти уламо ва расвоиҳои мадраса, ҳақиқати ҳоли амалдорон, ҳатто ҷанги арӯсу модаршӯй, симои нафратовари баққоли хасис шинос шуд, ки бевосита аз ҳаёту маишати онрӯза гирифта шуда буданд. Ин тасвирҳо Айниро ба ҳайрат оварда буданд. Айнӣ ин ҳодисаҳоро дар асари Дониш «бо тасвири реалӣ – бо тасвире, ки худ дар зиндагӣ дида буд, дид». Ин тасвирҳо диққати нависандаи ҷавонро ба мавзӯъҳои ҳаётӣ ва воқеаҳои муқаррарии ҳаррӯза ҷалб намуданд. Аз ҳамин вақт сар карда, Айнӣ аз паи ҷутуҷӯи роҳҳои тасвири реалӣ афтод ва дар эҷодиёти ӯ ҳаёти воқеӣ бештар роҳ ёфтан гирифт.

Ҳамин тариқ, ҷустуҷӯй ва ковишҳои воқеъгаройӣ танҳо баъди Инқилоби Октябр Айниро ба комёбии ҳақиқӣ оварданд. Тасвири вусъатноки ҳаёт, тасвири воқеъбинонаи зиндагӣ ба Айнӣ фақат пас аз Инқилоби Октябр муяссар гардид. Зеро давраи шӯравӣ ба Айнӣ имкон дод, ки ба қадри имкон воқеияти даврони тираи амириро фош намуда, роҳи оиндасозии давлати миллиро нишон диҳад. Ин роҳ танҳо бо татбиқи наҳзати маорифпарварӣ ва эҳёи арзишҳои миллӣ муяссар гардид.



*Комил Бекзода*
*файласуф*

# ҶАЛОЛИДДИНИ РУМӢ ДАР ТАЛОШИ ИНСОНИ ХУДШИНОС

***«Як одамӣ ба ҳама ҷаҳон муқобила кунад»***
***(Шамси Табрезӣ)***

Месазад, ки доир ба ин сипаҳсолори олами фикр Мавлоно Ҷалолиддини Муҳаммади Балхӣ (1207-1273) гуфта шавад, ки:

**«Тавоно бувад ҳар кӣ доно бувад»!**

Ва бешак, Мавлоно яке аз донотарин шахсиятҳои ҳамаи давру замонҳост, ки асрҳо бо ҳама ҳаёҳу ва лофу газоф ба фаҳмиши «асрори худӣ»-и Мавлоно нарасидаанд.

Ӯ чун олами вуҷуд ҳамаро фаро гирифт. Вале ҷаҳони маънавии ӯро фаро гирифтан, ҳатто дар ин замон ҳам, амрест маҳол. Маҳолии амр дар ин аст, ки пешниҳоди Мавлоно аз ҳавсалаи мардуми давру замон берун аст.

Мавлоно мегӯяд, ки мо одамон бояд мансаби худоиро соҳиб шавем. Вале мардум бо чашми ҳайрат ба ӯ менигаранду халос. Чӣ гуфтанашонро намедонанд. Зеро илман ва амалан қодир нестанд, ки пешниҳоди ӯро қабул кунанд. Яке аз он ҳакимон (Фридрих Нитше) як қарн пеш то ҷое расид ва фармуд «Худо, мурдааст»! Вале баъд худи вай ин дунёи бехудоиро таҳаммул карда натавониста, ба олами ҷунун пайваст. Дигарон Худоро инкор мекунанд ва ба ҷойи он Худои дигаре ва ё бути дигареро пешниҳод менамоянд. Вале Мавлоно мегӯяд, ки танҳо Инсон сазовори мансаби худоист, на Худоҳо ва бутҳои сохта ва бофтаи хурофотӣ! «Зиҳӣодамӣ, ки ҳафт иқлим ва ҳамаи вуҷуд арзад!», - мегӯяд устодаш Шамси Табрезӣ.

Хоксории Мавлоно асоси худро аз фалсафаи шахсии худи ӯ гирифтааст. Зеро нуктаи аз ҳама болотарин дар фалсафаи Мавлоно, Инсон аст.

Пас, Инсонро бояд парастиш кард! Дар ин маъно Мавлоно раво намебинад, ки нисбат ба Инсон такаббур зоҳир кунад. Мавлоно дар ашъори чун уқёнус паҳновар ва амиқи худ ба ҳама шохаҳои дониши инсонӣ дахл карда, онҳоро мавриди арзёбӣ қарор додааст.

Шояд Мавлоно хоберо, ки мардуми ин рӯзгор (асри XX) дидаанд, таъбир кунад. Мардуми сайёраи мо ҳамагӣ як хоб дида, саросемавор дар таъбири он ҳаёҳу бардоштаанд. Хоб дидаанд, ки Парвардигор бо чеҳраи хашмолуд ба онҳо гуфааст, ки ман аз бандагоне чун шумо безорам. Дигар ба ёрӣ ва марҳамати ман умед мабандед. Аз ин минбаъд масъулияти ҳамаи шумо ба уҳдаи худи шумо аст. Ман ба куллӣ худро аз масъулияти шумо озод мекунам. Аз пайи зиндагии худ шавед!

Мардум, ки як умр ба умеди Худо нишастанро одат карда буданд, баъди шунидани ин хабар якбора худро аз даст доданд. Ҳар кас аз худ мепурсид:

Чӣ бояд кард? Неку бади моро кӣ муайян карда метавонад? Магар худи мо одамон метавонем ба ҷойи Худо дар ин масъалаҳо қазоват кунем? Оҳ, ин бисёр даҳшатовар аст. Охир меъёрҳо ва ченакҳои мо маҳдуд ва ночизанд. Рафторҳо ва кирдорҳои мо аз ин ночизтар. Чӣ бояд кард? Худои дигаре интихоб кунем? Бути дигаре тарошем? Шояд чунин кунем... Ва чунин ҳам карданд. Боз бутпарастӣ аз нав шурӯъ шуд. Мардум боз ба қабилаҳо ҷудо шуданд. Акнун ҳар як қабила бути худро дорад. Бутҳои гуногун... аз санг, аз чӯб, аз оҳан, аз тилло, аз нуқра, аз мис... Парастиш ҳам гуногун: бо саҷда, бе саҷда, бо дуо, бе дуо, бо рӯза, бе рӯза, бо намоз, бе намоз, бо закот, бе закот, бо ҳаҷ, бе ҳаҷ, бо Таврот, бе Таврот, бо Инҷил, бе Инҷил, бо ҷаноза, бе ҷаноза... Хулоса, бутпарастӣ бутпарастист... Мавлоно бо бутпарастӣ муқобил аст. Ашъори оташини ӯ саропо ба муқобили урфу одатҳои бутпарастон равона карда шудааст. Ӯ чун дигарон, ки дар муқаддимаи асарҳояшон санои Худо ва пайғамбаронро мекарданд, рафтор накарда, ба ҷойи Худо дар муқаддимаи «Маснавии Маънавӣ» ба инсон, ба дӯсти хирадманди худ Ҳисомиддин муроҷиат кардааст. Яъне, ба Инсон муроҷиат кардааст. Вале охири «Маснавӣ» бо ин бузургӣ нотамом монда... Мавлоно намехоҳад, ки қиссаи Инсон анҷом ёбад. Не, Мавлоно таманнои умри абадии инсониро дар дил мепарварид. Дунё беинтиҳост. Инсон абадист. Вале мо одамон

ҳастем, ки ба ҳукми тангназарӣ барои дунё интиҳо мебофему барои инсон маргу фано. Не, ин тавр нест. Мо одамон зарраҳои ин ҷаҳони нопайдоканорем. Инсон ва Кайҳон воҳиди ягонаанд. Байни онҳо ҷудоӣ нест. Мо хешем, бегона нестем...

*Ҷону сари ту, эй писар, нест касе ба пойи ту,*
*Оина бин, ба худ нигар, кист дигар варои ту?*
*Бӯса бидеҳ ба рӯйи худ, роз бигӯ ба гӯши худ,*
*Ҳам ту бубин ҷамоли худ, ҳам ту бигӯ санои ту.*
*Нест маҷоз рози ту, нест газоф нози ту,*
*Роз барои гӯши ту, нози ту ҳам барои ту.*
*Хез зи пешам эй хирад, то бираҳам зи неку бад,*
*Хез дило, ту низ ҳам, то накунам сазои ту.*
*Ҳам падариву ҳам писар, ҳам ту наиву ҳам шакар,*
*Кист касе бигӯ дигар, кист касе ба ҷойи ту?*
*Баста лаби ту, баркушо, чист ақиқи бебаҳо?*
*Кони ақиқ ҳам туӣ, ман чӣ диҳам баҳои ту?*
*Сояи туст, эй писар, ҳарчӣ бираст, эй писар,*
*Соя фиканд, эй писар, дар ду ҷаҳон ҳумои ту.*

Мавлоно аз айёми ҷавонӣ таълими илмии муназзам гирифта буд. Фалсафа яке аз он илмҳо ба шумор мерафт. Фалсафаро омӯхт ва баъдҳо ба дигарон омӯзонд. Набояд гумон кард, ки Мавлоно дар маънои имрӯза фалсафа мехонд ва фалсафа дарс медод. Зеро дар он замон фалсафа илме зишт ва номарғуб ба ҳисоб мерафт. Онро ошкоро хондан ва таълим додан аз рӯйи дурандешӣ набуд. Муаллифони сарчашмаҳо доир ба ин илм ва дилбастагии Мавлоноро ба он ба таври возеҳ хотирнишон накардаанд. Зеро муаллифон дар аксар ҳолат зоҳири ҳаводисро менависанд, на ботини онро. Ҳамин нуқсони таърихнависон аст, ки Волтер талаб мекард: “Таърихро бояд файласуфон нависанд. Чунки онҳо ба моҳияти ҳодисаҳо дуруст сарфаҳм меравaнд. Онҳоро амиқ дарк мекунанд. Вале муаррихон чунин нестанд”.

Мавлоно, одатан аз ҳама гуна унвону лақабҳо ва қолабу расмиёт канорагирӣ мекард. Чунки ба ақидаи Сино, «ҳамеша дар як мақом мабош, ки аксар мурғонро аз ошёнҳо гиранд»... Ин ҳикматро Мавлоно сармашқи зиндагии худ карда буд. Оё Мавлоно аз ростӣ унвону мансабе надошт? Ҷавоб ин аст, ки ӯ дорои унвонҳо ва лақабҳои гуногуне буд, ки барои ӯ танҳо

вазифаи паноҳгоҳеро иҷро мекарданд, ки Мавлоно аз он унвонҳо барои машғулиятҳои асосии худ шароитҳои мусоид фароҳам меовард...

Саргузашти Мавлоно, чуноне ки муаллифони гузашта барои мо нақл кардаанд, саропо муаммо аст. Муаммо дар ин маъно, ки ба ҳеҷ ваҷҳ, ба шахсияти маънавии Мавлоно мувофиқат намекунад... Бояд тахмин кунем, ки ба он муаллифон танҳо навиштани зоҳири ҳаводис насиб гардидаасту бас. Тазкирнависон, аз ҷумла Шамсиддин Аҳмади Афлокӣ мегӯяд, ки Мавлоно дар синни 38-солагӣ ба сурудани шеър сар кардааст. Ин қавл бовар карданӣ нест.

Зеро Мавлоно дар оилаи илмдӯст парвариш ёфта буд. Аҳли замон аз насими фараҳбахши ашъори Саноӣ ва Аттор нафас мегирифтанд. Ҳатто Шайх Аттор пешбинӣ кардааст, ки ин писар (яъне Мавлоно) шахсияти барҷастае хоҳад шуд... Хонадони Мавлоно аз аҳли тасаввуф буданд. Тасаввуф, умуман ба афкори баландпарвоз ва истилоҳоти шоирона сару кор дорад. Махсусан, тасаввуфи мардуми форс – тоҷик, ки дар домани шеъру шоирӣ парвариш ёфта буд.

Мегӯянд, ки Мавлоно дар маҷлисҳои рақсу самоъ бадеҳатан ғазалҳо месуруд ва рақс мекард. Оё ин дуруст аст? Бале, дуруст аст. Вале ин ҷо ҳам барои шак ҷой боқӣ мемонад. Ҳама медонанд, ки дар таърихи адабиёти форс-тоҷик шоироне буданд, ки бадеҳатан шеърҳо месуруданд. Вале ин бадеҳагӯӣ ҳодисае нодир ва камёб буда, ҳатто ҳамон як шоири тавоно дар зиндагии шахсии худ як ё якчанд бор бадеҳатан шеър гуфтаасту бас. Бадеҳатан шеър гуфтан натиҷаи малакаи баланди шеършиносӣ ва шеърнависӣ аст, ки ҷуз ба такрори бардавоми девонҳои шеърӣ ба даст намеояд. Ин ҳолат дар нисбати Мавлоно чӣ тавр татбиқ мешавад? Мавлоно аз кӯдакӣ дар домони шеър парвариш ёфта буд ва ашъори Саноиву Аттор мунисi ҳамешагии ӯ буданд. Ба дараҷае ки баъдҳо қасдан ва ё ба ғайри қасд мисраъҳое аз ашъори Саноӣ ва дигар шоирони пешина дар шеърҳои Мавлоно ворид мешуданд.

Пас, Мавлоно аз айёми кӯдакӣ шеър менавишт ва он ғазалҳое, ки дар маҷлиси рақсу самоъ мехонд, онҳоро пеш аз ин навишта буд ва дар он маҷлисҳо аз нав мехонд. Баъзеҳо шояд гумон кунанд, ки риоя накардани баъзе қоидаҳои шоирӣ, аз қабили вазну қофия ва ғайра далели бадеҳатан суруда шудани

ғазалҳои Мавлоно бошад. Вале асли масъала дигар аст. Назари мо ин аст, ки Мавлоно, аслан шеърро василае мешуморад, ки ба воситаи он ақидаи асосӣ ва ҷавҳарии худро тарғиб ва ташвиқ кунад. Аз ин ҷиҳат, барои Мавлоно дуруст ва расотар ифода кардани фикри шахсии ӯ муҳим буд, на равонии вазну қофияи шеър...

Барои ҳамин ҳам, ба хотири мазмун аз шакли шеър сарфи назар кардааст:

*Шеър чӣ бошад бари ман, то ки аз он лоф занам,*
*Ҳаст маро фанни дигар, ғайри фунуни шуаро.*
*Шеър чу абрест сиyaҳ, ман паси он парда чу маҳ,*
*Абри сиёҳро ту махон моҳи мунаввар ба само.*

Ҳалли ин муаммо, ки оё шоирии Мавлоно баъди ошноиаш бо Шамс сар шудааст ё пештар, душвор нест. Чунки худи Мавлоно ин муамморо кушодааст, вале бечора тазкиранависон ин эътирофи Мавлоноро нодида гирифта, як масъалаи одиро хеле мураккаб ва печида кардаанд. Мавлоно мегӯяд:

*Шамси Табрез худ баҳонаест,*
*Моем ба ҳусну лутф моем.*

Мо ин ҷо бояд чунин арз мекардем, ки аз мазмуни он фарқи ғазалҳои Мавлоно аз ғазалҳои дигар шоирони тавонои форс-тоҷик ошкор гардад. Ҳоло ки ин тавр шуд, бояд бигӯем, ки мавзӯи асосии ғазалиёти Мавлоно замзамаи ишқ аст.

Гӯё мавзӯъро ошкор кардем, вале баҳси мо аз овардани ибораи «замзамаи ишқ» муғлақтар гардид. Зеро мавзӯи ишқ дар адабиёти тасаввуфӣ як ҳодисаи универсалист. Ҳамаи шоирони сӯфимашраб дар ин боб қувваозмоӣ намудаанд. Гӯё ба ҳолате дучор шудаем, ки ба гуфтаи Иқбол:

*Ба гуфтори муҳаббат лаб кушудам,*
*Баён ин розро пӯшидатар кард.*

Чун чорае дигар надорем, аз он ки мавзӯи ишқи Мавлоноро дар ғазалиёти ӯ хотирнишон кунем. Бояд гуфт, ки ишқи Мавлоно

ҳам ба ишқи Саноиву Аттору Ҳофиз монанд аст, танҳо бо ин фарқ, ки Мавлоно хостааст ҳиҷобро аз рӯйи маҳбубаи худ бакуллӣ бардорад, то ин ки ҷамоли баркамоли ӯро тамошо кунад. Дар сурате ки шоирони мазкур ҳамвора сухан аз маҳбубае мастур ва пӯшида рондаанд. Ҳама шӯру шавқи Мавлоно ҳолати ошиқи беқарореро ба хотир меоварад, ки бо беқарории ошиқона мехоҳад ҳар чӣ зудтар ҳиҷоб аз рӯйи маҳбубаи худ бардорад... Ин ҳолат, ин ҳаяҷоне, ки хоси ин лаҳзаҳост, дар ғазалиёти Мавлоно мушоҳида мегардад.

Пас, маҳбубаи Мавлоно кист? Аз рӯйи пиндори худаш, зоти Мутлақ аст ва ба забони динҳои анъанавӣ зоти Мутлақро Худо меноманд.

Дар бораи чигунагии ин ишқ ҳар чӣ бештар шарҳ нависем, мавзӯъ печидатар мегардад ва оқибат ба кӯчаҳое мерасем, ки на мо онҳоро мешиносему на аҳли он моро. Зеро аз давраи Афлотун то давраи Карл Ясперс (асри XX) ин мавзӯъ мавриди баҳсу мунозира аст. Ва то имрӯз хулосаи возеҳе аз ин баҳс дар даст надорем. Чунки меъмор хишти аввалро каҷ ниҳодааст... Вале он чи ки дар перомуни ин мавзӯъ гуфтанием, ин аст, ки илми таҳлили нафсии муосир (психоанализ) доир ба ин мавзӯъҳо назари хоси худро дорад.

Аз таҳлили ин мавзӯъ чунин бармеояд, ки зоти Мутлақе, ки Мавлоно ошиқи он аст, аз қисматҳои зерин иборат аст:

**ЯКУМ.** Зот - ин шахсияти худи Мавлоност, зеро «ҳама олам дар як кас аст, чун худро донист, ҳамаро медонад».

**ДУЮМ.** Мутлақ- ин сифатест, ки Мавлоно мехоҳад онро соҳиб гардад.

**СЕЮМ.** Ҷиҳати фарқкунандаи зоти Мутлақ он аст, ки дорои ҳаёти абадӣ аст. Мавлоно мехоҳад, ки чун Парвардигор (яъне зоти Мутлақ) абадӣ ва ҷовидонӣ бошад.

**ЧАҲОРУМ.** Агар орзуи Мавлоноро аз ин ниқобҳо ва ҳиҷобҳо берун орем, вай мехост, ки Худоро аз вазифаи худоӣ бекор карда, Инсонро ба ин мансаб пешбарӣ кунад.

**ПАНҶУМ.** Ба сабаби он ки даъво дар асл, аз амалияи умумибашарӣ фарсангҳо дур буд, Мавлоно ҷуръат накард, ки онро ошкоро баён намояд.

Аз ҳамин сабаб, ин даъворо дар либоси анъанавӣ, вале бо шӯру шавқи навоварона, бо забони гарму ширин адо намуд...

Ашъори Мавлоно саропо мусиқӣ аст, вале ин чизи асосӣ нест...

Мусиқӣ дар ашъори Мавлоно, пеш аз ҳама, васила аст. Василае, ки ба воситаи он Мавлоно маъниҳои дилхоҳро мехоҳад ба ҳамагон гӯшзад кунад. Ин беҳтарин воситаи тарғиби ақида дар минтақаи қавмест, ки сармураббии онҳо шеъру шоирӣ буд.

Мусиқӣ чист?

Агар шеър забони фикр бошад, пас, мусиқӣ забони эҳсосот аст. Ин таъриф дақиқ нест. Чун метавонад шеър ҳам аз эҳсосот таъбир кунаду мусиқӣ ҳам аз фикр ва ақл.

Дар ҳар сурат, мусиқӣ забони иловагиест, ки аз як ҷиҳат, аз забони маъмулии мо сатҳитар ва аз ҷиҳати дигар, аз он амиқтар аст. Вале калавиши он байни сатҳӣва амиқ ба сабаби он аст, ки калимаҳои мусиқӣ ҳанӯз ба ҳукми истилоҳ надаромадаанд ва ҳар кас онҳоро ба тариқаи худ тафсир мекунад. Мусиқӣ ба таври махсус агар мулоҳиза шавад, гӯё забони фардии ҳар яки мост, ки намехоҳем дар он касе бо мо шарикӣ кунад.

Мавлоно аз ҷумлаи он шахсиятҳое нест, ки аз саргузашти ӯ китоби дарсие сохта шавад. Дунёи ӯ ба андозаи Кайҳон нопайдоканор аст. Ӯ баҳр аст. Баҳрро дар кӯза ғунҷидан кори бесамар ва бемаъност. Бинобар ин, мо мулоҳизаҳои худро доир ба Мавлоно ба фаслу бобу ҳиссаҳо тақсим намекунем. Балки он чиро ки кӯзаи танги фикрӣ фаро гирифт, пайи ҳам меоварем. Ин, албатта, нишонаи болодастии мо дар фаҳмиши Мавлоно набуда, балки аз нотавонии мо аст... Хонанда бояд аз аввал то охири мақола ин эътирофи моро ба инобат гирад. Зеро:

*Оби дарёро агар натвон кашид,*
*Ҳам ба қадри ташнагӣ бояд чашид.*

Қатъи назар аз шарҳу эзоҳоти гуногун, ки ҳамагӣ аз як пой меланганд, шояд ин ҷо эътирофи худи Мавлоноро биёварем, то худи хонанда қазоват кунад. Мавлоно баҳри афкори хешро дар як кӯза байт ғунҷонида мегӯяд:

*Ҳосили умрам, се сухан беш нест,*
*Хом будам, пухта шудам, сӯхтам.*

Ин чӣ маъно дорад? Зоҳиран, ҳамааш фаҳмост. Вале мо чизи мушаххасе аз ин байт нафаҳмидем.

Яъне чӣ: хом будам, баъд пухта шудам ва оқибат сӯхтам! Яъне сӯхтан дар вуҷуди Худо – ин назарияи ваҳдати вуҷуд аст.

Ҳар кас метавонад бо мафҳумҳои заминии маъмулӣ доир ба худ бигӯяд, ки аввал хом буда, баъд пухта шудам. Вале чун ба калимаи охир мерасад, онро ба ҳоли худ мувофиқ намеёбад. Чаро? Зеро он се калима (хом, пухта, сӯхтан) истилоҳоти кайҳонӣ ҳастанд, ки ба аҳли замин мувофиқат надоранд. Мо агар ҳатто ду калимаи аввалро ба ҳаёти худ, рӯякӣ ҳам бошад, татбиқ кунем, онгоҳ калимаи охирин (сӯхтан)-ро ба ҳеҷ ваҷҳ, дар зиндагии худ татбиқ карда наметавонем. Чаро? Зеро:

*Кори мардонро қиёс аз худ магир,*
*Гарчӣ бошад дар навиштан, шер, шир.*

Ночорем аз эзоҳи ин маъно, ки дар хатти арабӣ калимаи «шер» ва «шир» як хел навишта мешаванд, вале дигар хел хонда мешаванд. Дар хатти имрӯза, ҳам навиштан ва ҳам хонданаш аз якдигар фарқ мекунад. Ширро мехӯрӣ, вале шер туро мехӯрад. Ин ҳам шарҳи зиёдатӣ аст. Асли мақсад дар мисраи якум возеҳ ва ошкор аст. Пас, Мавлоно он се калимаро ба маънои фалсафӣ истифода бурда, саргузашти маънавии худро дар назар дорад. «Хом будам, - мегӯяд чун ҳамаи мардум. «Пухта шудам» - ҳамчун шахсияти маънавӣ бо номи Ҷалолиддин Муҳаммад.

«Сӯхтам» - чунон сӯхтане, ки ба касе муяссар нашудааст. Сӯхтан дар оташи кашфи муаммои вуҷуди одамӣ дар ҷаҳон...

Шояд ин байт таври дигаре эзоҳ талабад, вале дар тасаввури мо он чӣ ҳаст, ҳамин аст. Истилоҳи «сӯхтан» дар олами сӯфиён маънои манфӣ надорад, балки дорои маънои мусбат аст. Мавлоно ҳам ин истилоҳро ба маънои мусбаташ истифода кардааст. Яъне дар ишқи Ҳақ сӯхта фано гаштааст, ки ин мартабаи хеле олӣ дар ин мазҳаб ба шумор меравад. Ин ақидаи Мавлоност. Ҷаҳони имрӯза мегӯяд, ки не! Чаро? Барои он ки Мавлоно зери мафҳуми «сӯхтан» ҳар чиро дар назар дошта бошад ҳам, воқеан, ва ҳақиқатан, решаи орзуҳо ва армонҳои ӯ

ҳаётӣ ва заминианд. Вале Мавлоно ноком аст...Чун кафолат надорад...Кафолати расидан ба мақоми худоӣ...

Фикри Мавлоно дар ин масъала то охир устувор ва мантиқӣ нест. Ҳарчанд, ки аз алиф то ё-и эҷодиёти Мавлоноро ҳамин як фикр ташкил мекунад: «Худои ҳақиқӣ Инсон аст». Ва таъкид мекунад:

*Эй қавми ба ҳаҷ рафта, куҷоед, куҷоед?*
*Маъшуқ ҳамин ҷост, биёед, биёед.*
*Маъшуқу ту ҳамсояву девор ба девор,*
*Дар бодия саргашта шумо дар чӣ ҳавоед,*
*Гар сурати бе сурати маъшуқ бубинед,*
*Ҳам хоҷаву ҳам хонаву ҳам Каъба шумоед.*
*Даҳ бор аз он роҳ бад-он хона бирафтед,*
*Як бор аз ин хона бар ин бом бароед.*
*Он хона латиф аст, нишонҳош бигуфтед,*
*Аз хоҷаи он хона нишоне бинамоед.*
*Як дастаи гул ку, агар он боғ бидидед,*
*Як гаҳвари ҷон ку, агар аз баҳри худоед.*
*Бо ин ҳама он ранҷи шумо ганҷи шумо бод,*
*Афсӯс, ки бар ганҷи шумо парда шумоед.*

Вале амалан ин ақида ба ҷуз шиор чизе нест. Сирри дилгармие, ки мардум нисбат ба навиштаҳои Мавлоно доранд, маҳз дар ҳамин аст, ки вай ба Инсон мансаби худоиро ваъда медиҳад. Аз ин ваъда олами инсонӣ ҳамеша дилгарм хоҳад монд.



**Исомиддин ШАРИФЗОДА**
*номзади илмҳои фалсафа*

# ХУРОФАГАРОӢ ВА ПАЁМАДҲОИ ИҶТИМОИИ ОН

Хурофот ва хурофазадагӣ яке аз мушкилоти зеҳниву иҷтимоиест, ки дар ҳар давру замон вобаста аз сатҳи донишу тафаккури бошандагони ҷомеаи муайян дар шаклҳои мухталиф вуҷуд доштааст. Собит шудааст, ки ҳар қадар таассубу хурофот реша давонад, ҳамон қадар каҷравию инҳирофоти равонӣ, ахлоқӣ, маданӣ ва сиёсӣ-мафкуравӣ дар рӯҳи иҷтимоӣ тасаллут пайдо намуда, динамикаи таҳаввулу инкишофи зеҳнию ақлониро бозмедорад. Дар натиҷа, фалаҷшавӣ дар баданаҳои иҷтимоӣ ба вуҷуд меояд, ки ин хатарноктарин навъи бемории иҷтимоӣ, фикрӣ ва маънавию маданӣ маҳсуб меёбад. Барои паҳлуҳои гуногуни ин масъаларо равшанӣ андохтан дар мақолаи мазкур кӯшиш ба харҷ медиҳем, ба таври иҷмолӣ таърифи хурофот, навъҳои хурофот, шаклҳои хурофапарастӣ, коркардҳои хурофот ва омилҳои тавсеаи хурофот дар кишварро мавриди баррасӣ қарор диҳем.

Хурофотро дар фарҳангномаҳо шарҳ додаанд. Дар фарҳанги Деххудо ба маънои «Суханони парешон ва номарбут аст» ва ҳамчунин, «гӯянд Хурофа номи марде аз қабилае аз араб будааст, ки дар бепоягӣ аҳодиси ӯро мисол мезаданд»[1], омада дар фарҳанги Ҳасан Амид бошад, ба маънои «Ҳадиси ботил сухани беҳуда».[2] Дар забони инглисӣ supersteshen муодил ба маънои хурофот ба кор меравад. Таърифи ягона аз хурофот вуҷуд надорад, зеро донишмандон вобаста аз дидгоҳҳо ва бофтаҳои фикрию иҷтимоии худ таърифҳои гуногунро ба он

[1] Алиакбари Деххудо. Луғатнома, Теҳрон созмони луғатнома. соли 1334. саҳ. 387
[2] Амид Ҳасан. Луғатнома, Теҳрон интишороти Амири Кабир 1379. саҳ. 843

додаанд. Ба таври куллӣ, хурофотро метавон чунин таъриф дод: «Эътиқод, боварҳо ё анҷоми корҳое, ки ҳеҷ гуна решаи ақлонӣ надоранд. Ин боварҳо фарогири маҷмӯе аз ахбор, ақоид, андешаҳо ва одату амалҳои ғайриилмӣ ва хилофи мантиқ ҳастанд, ки дар робита ба мавзӯъҳо ва падидаҳои табиию айнӣ ба вуҷуд меоянд».

Агар ба таърихи рушди башарият назар афканем, инсоният то замони расидан ба марҳилаи тамаддун ва шинохти воқеӣ аз худ ва ҷаҳони нопайдоканоре, ки ӯро фаро гирифтааст, ҳамвора дар пайи ҷустуҷӯ ба пурсишҳое аз воқеияте будааст, ки дар паҳнои табиат мегузаштанд. Бо ҳар роҳ кӯшиш менамуд ба ин ҳаводису падидаҳое, ки дар атроф ба вуҷуд меоянд, ҷавоб ҷӯяд ва худро дар баробари сели ҳаводиси табиӣ оромиш бахшад. Дар даврони бостон-замоне ки ҳанӯз донишу огоҳии башар дар мароҳили ибтидоӣ ва устуворсозӣ қарор дошт, сабабу моҳияти ҳақиқии падидаҳо барои ӯ камтар шинохта шуд буд. Инсони ибтидоӣ дар зиндагии рӯзмарраи худ ба воқеаҳои гуногун, рӯйдодҳо ва ҳодисаҳои табиию ғайритабиӣ бархурд мекард. Он гоҳ ба дигаргуниҳои бузурге, ки дар ҳар фасл ва ё ҳар сол дар ҷаҳон рух медод, мувоҷеҳ мешуд ва бо мушкилоту машаққатҳои тамомнашуданӣ дасту панҷа нарм мекард. Ҳамеша дар хусуси сабабҳои ин дигаргуниҳои шигифтофарин ва мушкилоти ҳалнашуданӣ ба тахаюл мепардохт. Аз сӯйи дигар, ба ҷӯстуҷӯйи роҳи ҳаллу фасли мусибатҳо ва сахтиҳои бузурге буд, ки зиндагиашро таҳти таъсир қарор медод.

Бинобар ин, барои инсони ибтидоӣ ду мавзӯъ қобили аҳамият буд: аввалан, фаҳми воқеаҳо ва далелҳои рӯйдодҳои неку бад ва дувум, роҳҳои раҳоӣ ёфтан аз бунбастҳои ранҷовар, халосӣ аз мусибатҳо ва сахтиҳои озордиҳандаву ҷаҳлу нодонӣ нисбат ба сабаби воқеаву ҳодисаҳо. Саранҷом нотавонӣ дар дарки ин масъалаҳо заминаи муносибе барои пайдоишу ташаккули андешаҳои номуносиб ва мавҳумотӣ шуд, ки дар тӯли таърих идома пайдо кард. Ин хурофот ва мавҳумот ду навъи коркарди таърихӣ дар пай доштанд: аввалан, шароити ҳаводисро барои одамӣ таблиғ ва тафсир мекарданд, сониян, ба ӯ кумак мекарданд, ҳангоме ки ба воқеаҳои талх рӯ ба рӯ мешуд, роҳҳалҳоеро ба ӯ пешниҳод мекарданд. Инсон дар марҳилаи ибтидоии рушд тасаввур мекард василаи дафъи балои таҳдидгар дар дасти худи ӯст ва метавонад бо фанни ҷоду тағйири фаслро

шитоб бахшад ё кунд кунад. Бинобар ин, маросиме сохт ва ҷодуе ба кор бурд то борон биборад, хуршед битобад, ҳайвонот зоту насл диҳанд ва меваҳо ба бор оянд.[3]

Вил Дюрант муътақид аст, ки «Коҳинон ҳар ҳодисае аз валодати ғайритабиӣ то ашколи мухталифи маргро бо таъбироти сеҳри фавқулода мавриди тафсир ва таъвил қарор медоданд. Ҳаракати оби рӯдхонаҳо, ашколи мухталифи ситорагон, хобҳо, корҳои ғайриодии инсон ва ҷонварон, коршиносонро дар пешбинӣ ва пешгӯии оянда ёрӣ мекарданд»[4]. Вай муътақид буд, ки дар бунёд ва пойгоҳи ҳамаи тамаддунҳои наву куҳна даре аз сеҳру хурофапарастӣ ва ҷодугарӣ ҷараён дошта ва ҳанӯз ҳам ҷараён дорад. Мавҳумот дар ҳамаи марҳилаҳои тамаддунӣ, бидуни андак тағйире давом овардааст. Тақрибан тамоми сохтори иҷтимоии инсони бадавиро дар назар боварҳои хурофӣ ва дар амал анҷоми маносику маросими ваҳмангез фаро гирифта буд. Зеро таҷрибаи мувоҷиҳ шудан бо марг ва тарс аз воқеаҳои табиӣ (хусуф, кусуф, сел, зилзила ва ғ.), бемориҳои кушанда ва ранҷофарин ӯро нигарон мекарданд ва барои шинохташон ба тафсир эҳтиёҷ дошт. Аз ин рӯ, афсунгарӣ, ҷодугарӣ ва анҷоми маносики мухталиф тақрибан дар ҳамаи фаъолиятҳои рӯзмарраи зиндагии иҷтимоии инсони бадавӣ нақши бузурге ифо мекард. Бо рушди рӯзафзуни илмҳои навин маҷмӯи боварҳои хурофотие, ки аз шинохти нодурусти ҳодисаву воқеиёт маншаъ мегирифтанд, рӯ ба завол ниҳоданд. Пешрафти илм он даста аз ёфтаҳои ибтидоиро, ки ба воқеияти айнӣ ҳамхонӣ надошт, канор ниҳод, аммо касоне ба ин ёфтаҳо ва боварҳо дилсупурда буданд, ба тавре ки дар баробари аз даст додани онҳо муқовимат нишон медоданд ё дастикам бархе аз он боварҳо дар зери соябони тақаддус ҷой гирифта ва ё ба суннатҳои дерпо табдилшуда буданд. Одат кардан ва хӯ гирифтан ба ин гуна суннатҳои фарҳангӣ боварҳои пуштибон

---

[3]Фрезер Ҷеймс. Шохаи заррин. Тарҷумаи Козими Фирӯзманд.-Теҳрон: Нашри Огоҳ., 1384.- С.357.

[4] Вил Дюрат. Асри хирад. Тарҷумаи Исмоил Давлатшоҳӣ. –Теҳрон: Созмони интишорот ва омӯзиши инқилоби исломӣ, 1368.- С.87.

маҳсуб мешаванд. Акнун низ боварҳои хурофӣ ва баъзе маносику боварҳои хурофӣ ба осонӣ тан ба накд намедиҳанд.[5]

Иддае аз нависандагону пажӯҳишгарон бовар доранд, ки хурофот ва дину мазҳаб зоидаи нодонии афроди башар дар баробари неруҳои табиат будааст. Ин донишмандон бовар доранд, ки чун афроди башар тавони рӯ ба рӯ шудан ва пирӯзӣ ба неруҳои саҳмгини табиатро дар худ намедиданд, аз ин рӯ, дар садади сохтани ашбоҳу худоёне баромадаанд, то ба онҳо паноҳ бибаранд ва аз онҳо дархост кунанд, ононро дар баробари неруҳои тавонманди табиат ёрӣ ва кумак намоянд. Башар дар нахустин марҳилаҳои зиндагӣ бо вазъиятҳои ғайриқобили назорати табиат, монанди тулӯъ ва ғуруби хуршед, боду борон, сармову гармо, раъду барқ, оташфишонии барқӣ аз кӯҳҳо, зилзила, беморию марг рӯ ба рӯ шуда, барои ҳифозати худ дар баробари онҳо дар садади ихтирои равишҳое баромадаанд, ки намунаи боризи онҳо пайдоиши афкори хурофотӣ, дину мазҳаб ва офариниши худоён будааст. Ҳамон гуна ки башари пӯё барои рафъи ниёзмандиҳои худ ба ихтироъу иктишоф даст зад, ба ҳамон сон низ барои аз байн бурдани нигарониҳои фикрии худ дар баробари ҳодисаҳои сангини табиат ба офариниши афкори хурофӣ ва дину мазҳабу Худо пардохтааст[6].

Ҳарчанд шинохт дар ҷаҳони имрӯз бар асоси илм ва таҷрибаҳои илмӣ сурат мегирад, аммо, аз он ки илм то ҳанӯз ба иддае аз мушкилоти инсонӣ ва табиӣ роҳҳалҳоеро пешниҳод нанамудааст, аз ин рӯ, инсон ҳамвора нигарони оянда аст, ки ин сабаб мегардад, афкори хурофотӣ дубора ҷойгоҳ пайдо намоянд. Ҳамчунин изтиробҳо ва нигарониҳои аз заъфи одамӣ ба вуҷудомада дар баробари бисёре аз ҳодисаву воқеаҳо ӯро ба сӯйи пазируфтани боварҳои хурофӣ раҳнамун мекунад. Ин гурӯҳ аз боварҳо ва аъмоли хурофӣ роҳҳалҳои эҳтимолие барои раҳоӣ аз ранҷҳо ва машаққот дар ихтиёри инсон қарор медиҳанд, ки бо васоили кунунӣ наметавон аз онҳо раҳоӣ ёфт.

Ба тарзи хулоса, хурофа маҷмӯи ақидаҳо ва боварихое аст, ки ҳеҷ заминаи воқеӣ ва илмӣ надоранд. Хурофа дар ҷое намуд пайдо мекунад, ки инсонҳо ҳатто ҷузъитарини падидаҳоро бо

---

[5] Солехи Амирӣ. Хурофагароӣ. Техрон. 1387.
[6] Масъуди Ансорӣ. Аллоҳу Акбар. Сан- Франсиско, 1375 . 375 с.

омилҳои мовароӣ марбут мекунанд ва роҳи тафаккуру таҳлил ва далелҳои илми (сабабу натиҷа)-ро нодида мегиранд.

Хурофаро вобаста аз сохт ва моҳият метавон ба чунин навъҳо тақсим кард:

**А) Зоҳиргароӣ** ё қишргароӣ, яъне ин навъ хурофаҳо падидаю воқеаҳоро аз назари зоҳирӣ ба таври хаёлӣ баррасӣ менамояд. Қишргароӣ реша дар хомии зеҳн ва нопарвардагии андешаи касоне дорад, ки мекӯшанд ҳақиқати ҳастиро дар қолаби танг ва маҳдуди фаҳмҳои худ маҳдуд созанд.

**Б) Навъи дигари хурофа роззудоӣ** аст, ки рози ҳамаи ҳодисаву воқеаҳоро аз роҳи тахайюл тобеи амри мовароӣ медонанд.

**В) Сеюм навъи хурофа равандгурезӣ** аст, ки дар қолаби андеша сабабият ва қонунияти умумиро нодида гирифта, масоилро ба тарзи худ ҳал менамоянд.

Равандгурезӣ, ҳамчунин инъикоскунандаи омолу орзуҳоест, ки инсон кӯшиш менамояд аз роҳи тахаюлӣ амалӣ шудани ин орзуҳоро дар ҷаҳон имконпазир муаррифӣ намояд, ки аз идеалгароии муътадил то тахаюлгароии ифротиро шомил мешавад.

Дар **идеалгароии муътадил** одамон ормонҳои хурду бузурги худро аз тариқи эътиқод ба ҷараёнҳои муассир дар зиндагиашон дастраспазир медонад. Ситорабинӣ (толеъбинӣ) дар навъҳои ҳиндӣ, чинӣ, сурхпустӣ ва ғ. дар канори дигар шеваҳои ғайри илмӣ монанди фолбинию фолгирӣ дар ҳама шаклҳои гуногуну мухталифи худ аз ҷумлаи ҷараёнҳои ба зоҳир паҳн гардида ва таъсиргузор дар зиндагии башар шинохта мешаванд.

Ба таври куллӣ, даъвогарони ин шеваҳо мухотабони худро ба имконпазирии омол ва орзуҳои хурду бузурги онҳо аз роҳи навъи пешгӯӣ ва ғайбхоҳӣ мутақоид мекунанд. Ин қабил пешгӯиҳо бештар ба се меҳвар шахсиятшиносӣ, воқеиятшиносӣ ва оянданигарӣ шакл мегиранд. Дар меҳвари шахсиятшиносӣ муддаиёни ин шеваҳо аз равишҳои хос ва маъмул хусусияти равонии рафторӣ ва шахсияти афродро пешбинӣ ва пешгӯӣ мекунанд ва ҳатто гоҳҳо дар мақоми равоншиноси кордон ва равонкови чирадаст ба таҳлили унсурҳо ва омилҳои шахсияти афрод мепардозанд. Дар меҳвари воқеияшиносӣ низ ин муддаиён ба пешгӯии рӯйдодҳои минбаъдаи зиндагии афрод иқдом мекунанд ва ҳатто худро қодир ба фаҳми ҳодисаҳое

медонанд, ки талху ширин ва саъду наҳс дар камини одамиён нишастааст.Дар хусуси ояндашиносӣ низ ин муддаиён иддао доранд, қодиранд, ки сарнавишту ояндаи афродро пешбинӣ ва тақдиру қисмати ононро аз оянда ва ҷиҳатҳои зиндагиашон ғайбгӯӣ кунанд.

**Тахаюлгароии ифротӣ** бошад, дар афрод ва равияҳое дида мешавад, ки мекӯшанд, омолу орзуҳои хуфта ва нуҳуфтаи хешро аз равишҳои номарсуму аҳёнан номақбулу радшуда ҷомаи таҳқиқ пӯшонад. Намунаи хоси чунин ҷараёнҳоро метавон дар ҷунбишҳои ба истилоҳ, нави падидаи динӣ ва ирфонӣ мушоҳида кард. Ин қабил ҷунбишҳо ҷараёнҳои маънавӣ ё маъногарои динӣ ва ирфониро, ки аз ҳудуди соли 1988 зуҳур ва фаъол ёфтаанд шомил мешаванд. Ин ҷараёнҳо, ки бештар дар Африка, Япония ва Ҳинд нашъунамо ёфтаанд, шомили ҷараёнҳое аз қабили тариқати дил, йога, имони баҳоӣ, болосои бобо, бадани масеҳ, ҷунбиши коризмотик, фарзандони Худо, таъбиди мустақим, гитлеризми ботинӣ,бозиҳои Худо, тариқдасти чичӣ, ҷунбиши рӯҳи муқаддас ва даҳҳо фирқаву ташкилотҳои дигарро дар бар мегирад. Ин ҷараёнҳо ҳар яке ба тақозои таълимот ва ҳадафҳои назариву амалии хеш даъво пеш меоранд, ки гӯё ба ин тариқа роҳро барои саодату дастёбии одамиён ба комёбиву муваффақият ва ормонҳояшон мекушоянд.

Донишмандон ва пажӯҳишгарон муътақиданд, ки то кунун дар таърихи фарҳанги башарӣ хурофапарастӣ дар шаклҳои гуногун зуҳур кардааст, ки метавон онҳоро ба таври куллӣ, ба се навъ тақсим кард:

***1. Хурофоте, ки ҷанбаи фардӣ дорад***. Ин гуна хурофот ақоидеро дар бар мегирад, ки афрод ё ақаллиятҳои хос дар як ҷомеа ба он муътақид ҳастанд ва зиёну рафторҳои ноҳинҷори он зимни он ки ба таври мустақим ба худи ашхоси хурофапараст мерасад, ба таври ғайримустақим низ мутаваҷҷеҳи иҷтимоӣ онҳо мешавад.

***2. Хурофоте, ки ҷанбаи иҷтимоӣ дорад***. Мақсуд аз хурофоти иҷтимоӣ афкори мавҳум ва эҳсосоти ғайримантиқӣ аст, ки аксарияти ҷомеа ба он муътақид ва пойбанд мешаванду гоҳ аз онҳо ҳаводорӣ мекунанд, ки барои ҳифзу бақояшон ҳозиранд ҷону моли хешро фидо кунанд. Зиёни ин гуна пиндорҳо, ки ғолибан ба сурати ормонҳои миллӣ ё шабаҳи динӣ ҷилвагар мешавад, умумӣ аст.

***3. Хурофоти сиёсӣ*** низ шомили андешаҳои авомфиребонае аст, ки гурӯҳҳои ифротӣ ё аҳзоби хосу сиёсатмадорони худхоҳи қудратталаб барои ризоияти ҳисси бартариталабии хеш аз он суд меҷӯянд. Онҳо ба таҳрики авотифи ба зоҳир муқаддаси ақвом ва фирқаҳо, назири дин, мазҳаб, дифоъ аз миллат, обу хок ва ё бо таваҷҷуҳи фарзияҳои шабеҳи илмӣ (бартарии биологии нажодҳо) мақсадҳои тавсеаталабонаи худро тавсиф месозанд.[7]

Коркардҳои хурофотро аз ду манзар: равоншиносӣ ва ҷомеашиносӣ метавон мавриди баҳс ва баррасӣ қарор дод.

***1. Аз диди равоншиносӣ*** хурофа ба сатҳи нохудогоҳи зеҳн ҳамбастагӣ дорад, ки он аз тарсу ваҳмҳои инсон дар муқобила бо табиат ва шинохти он ба миён меояд. Ҳамчунин гурӯҳи дигаре аз равоншиносон хурофаро ба унвони навъе аз посухҳои шартӣ (рефлекси шартӣ) медонанд, ки вобаста аз ин ё он вазъ ба миён омадааст. Аз дидгоҳи равоншиносӣ, боварҳои хурофӣ ба нафарони ваҳмзада ҳисси назоратро ба рӯйдодҳое, ки намефаҳманд, медиҳад. Афрод бо боварҳо ва аъмоли хурофии худ талош мекунанд рӯйдодҳоро назорат карда, онҳоро қобили пешбинитар кунанд ва ба воситаи ҳамин эҳсос назорат бар ҳаводис ва воқеаҳоро ба миён оваранд, дар ин маврид, хурофот омили коҳишдиҳандаи изтиробанд[8].

Аз дидгоҳи равоншиносӣ тамоюл доштан ва ё надоштани фард ба хурофот ба шахсияти худи ӯ бармегардад. Аз лиҳози чигунагӣ ва тарзи вокуниш ду гуна шахсиятро дар баробари дигарон метавон ҷудо намуд:

А) Афроди ба вижагии шахсияти мустақил кунишгар, фаъол дербовар;

Б) Афроди бо вижагии шахсияти мунфаъил таслимгар ва зудбовар.

Шахсияти таслимгар шахсияте аст, ки ба сӯйи дигарон ва ҷалби назару ҳимояти онҳо ҳаракат мекунад. Бар ин асос, эҳсоси амният дар шахсиятҳои таслимгар он гоҳ зоҳир мешавад, ки онҳо бошиддат аз дигарон вобаста бошанд ва пазируфта

---

[7]Мухаммадхусайни Покдоман. Ҷомеа дар қиболи хурофот. Машҳад: Интишороти Мириндиз, соли 1378. -С. 44.

[8] Ҷоҳудо Густав. Равоншиносии хурофот. Тарҷумаи Муҳаммаднақӣ Бироҳинӣ, Теҳрон: Нашри Най, 1363.

шаванд.[9] Ҳар чӣ сохтори шахсияти фард ба самти мунфаил, ки дар он эҳсоси нотавонӣ ва вобастагӣ ба дигарон савқ пайдо намояд, таслим шудан дар баробари афкор, эҳсосот ва рафторҳои дигарон афзоиш меёбанд. Ин амр тамоили фард ба хурофотро ба воситаи сабабҳои зиёде, аз ҷумла, дар ҷамъ ва гурӯҳ қарор гирифтан, хамранги ҷамоат шудан, ниёз ба таъийди дӯстдошта шудан, истисноӣ набудан дар ҷамъ, ниёз ба ҳимояти дигарон ва ғайра тақвият мекунад.

***2. Аз назари ҷомеашиносӣ*** ҳар он чӣ дар ҷомеа вуҷуд дорад, мавзӯи баҳси ҷомеашиносӣ қарор мегирад ва ҳамчун падидаҳои иҷтимоӣ мавриди ҳаллу фасл қарор мегирад. Хурофот низ ба унвои як падидаи иҷтимоӣ дар ҷомеа шакл мегирад ва натиҷаи навъи равобит ва муносибатҳоест, ки дар тӯли замон ва ба далоили иҷтимоӣ мавҷуд будаанд.

Ҳоло ба баъзе аз коркардҳои хурофот аз дидгоҳи ҷомеашиносӣ ишора менамоем.

1) Хурофот дар алоқаи инсонҳо бо пешгӯии оянда ва ҳаводисе, ки рух хоҳад дод, худро нишон додааст.

2) Ҷоду дар коркарди муҳиме дар сохти мавқеиятҳои ғайри қобили пешбинӣ ва хатар ифо мекард[10].

3) Яке аз коркардҳои ошкор ва асли хурофот дар ҳавзаи дафъи бемориҳо ва илоҷи дардҳое буд, ки инсони ибтидоӣ роҳе барои раҳоӣ аз онҳо надоштааст. Дар ин байн бемориҳои равонӣ ва рӯҳӣ бештарин хурофотро ба худ ихтисос додааст.

4) Тавсир ва таҳлили ҳодисаҳои табиӣ ва ғайритабиӣ, беморӣ ва марг ба ин маъно, ки ҳамаи чизҳое, ки аз ҳудуди шинохти одамӣ фаротар меравандд, фаҳмида мешаванд.

5) Оинҳои ҷодуӣ ва маносик коркарди ҳувиятсоз доштаанд.

6) Ҳамбастагӣ ва инсиҷомофаринии оинҳо аз ҷумла коркардҳое аст, ки дар тамоми онҳо вуҷуд доранд.

7) Оинҳо навъи итминони хотири муҷаддад барои афрод фароҳам мекунанд ки аз тариқи он фард метавонад аз уҳдаи вазъиятҳое, ки бо абзорҳои техникӣ қобили назорат нестанд, бароядва низ метавонад сомони аз бозрафтаро бозгардонад.

---

[9] Назарияҳои шахсият. Тарҷумаи Каримӣ. Теҳрон: нашри арсборон 1381.-С. 181

[10] Дин ва сохтори иҷтимоӣ. Тарҷумаи Алии Баҳромпур, Ҳасани Муҳандисӣ. Теҳрон: интишороти Кавир 1381. –С. 14.

Аз назари ҷомеашиносӣ, силсилаи омилҳое, аз қабили ҷомеа, фарҳанги омиёна, адёни мавҷуд дар он ҷомеа, омӯзаҳои ҳоким бар онҳо ва фароядҳои тавсеа ва тараққӣ дар он барои тақвияти хурофа имконият муҳайё месозад[11].

***Вазъи хурофазадагӣ дар кишвари мо*** низ башиддат нигаронкунанда аст, зеро рафтору амали аксари мардуми мо на бар пояи илму истидлол, балки бар пояи бовару эътиқодод аст. Ҳамин аст, ки мо аксаран ин ё он ақидаро бидуни таҳлилу тафаккур қабул менамоем ва рафтору боварҳоямон сахт мазҳабӣ ва динист. Дар сатҳҳои гуногуни иҷтимоӣ мушкилро на бо он роҳҳои таҷрибашудаю собитшудаи илмӣ, балки аз диди танги хурофотӣ баррасӣ менамояд. Дунявият, дастоварди бузурги илмию сиёсии башарият аст ки онро дар тӯли ҳазорсолаҳо ба даст овардааст ва барои ин ҳад расидан ҳазорон ҷонбозиву ҷоннисориҳо ба амал омадааст. Муссалам аст, ки дунявият дар Аврупо дар заминаи рушди илмҳои табиию дақиқ ва ташаккули ҷаҳонбинии илмию гуманистӣ, ки ҳадафи он беҳбуд бахшидани зиндагии инсонӣ ва ба сатҳи шоиста расонидани он аст, ташаккул ёфтааст. Воқеияти дунявият арзиши баланди зиндагии инсонӣ ва огоҳона муносибат намудан ба худу ҷаҳон аст, аммо аксари афроди ҷомеаи мо онро дуруст дарк намекунанд ва шинохти воқеие аз он надоранд. Ҳамин аст ки аксаран онро дуруст шарҳ намедиҳанд ё дар ифои ин ё он амалу масъулият аз бовару эътиқодот кор мегиранд, ки муносиб ба диди илмӣ нест.

Пас аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ, чун дар он низом бовару эътиқод манъ буд, мардум дубора рӯй оварданд ба дину мазҳаб ва бовару эътиқод. Худшиносиро онҳо дар бозгашт ба бовару эътиқодҳои динӣ фаҳмиданд. Аз тарафи дигар, ҷанги дохилӣ ва бесуботии иҷтимоие, ки ба миён омад, хатарпазирии иҷтимоиро зиёд намуда, бо пастравии донишу огоҳии ҷомеа сатҳи хурофоту хурофазадагӣ дар ҷомеа ба шиддат ба боло рафт. Пӯшида нест, ки тайи даҳ соли охир хурофотзадагӣ ва вопасгароӣ, суннатпарастӣ дар сатҳҳои гуногуни иҷтимоӣ нуфуз

---

[11] Солеҳи Амирӣ. Хурофагароӣ.–Теҳрон; 1387. –С.97-107. (Омилҳои иҷтимоие, ки зимни пажӯҳиши хурофазадагӣ дар кишвар баррасӣ шуданд, низ ба ҳамин китоб мансубанд).

пайдо кардааст ва неруи хурофӣ имрӯз то ба сатҳи ҳокимияти давлатӣ расидааст. Ҷойи пӯшида нест, ки довталабона ва риёкорона анҷом додани талаботи шаръӣ дар байни кормандони мақомотҳои давлатӣ муд шудааст ва ин ҳолат дар шароити феълии шиддатнок шудани авзои сиёсии минтақавӣ ва ҷаҳонӣ сахт нигароникунанда аст.

Мо дар ин навишта танҳо ба тарзи иҷмолӣ баъзе аз омилҳои иҷтимоии рушди хурофа ва роҳҳалҳои онро дар кишвар пешниҳод менамоем:

**1. Яке аз омилҳои рушди хурофа ин заъфи фарҳанги накдӣ ва қавӣ будани фарҳанги нақлӣ аст.** Омили мазкур сад дар сад дар ҷомеаи мо ҷой дошта, аксари мардум аз фарҳанги нақлӣ кор мегиранд, ки хусусияти асосии он ин аст, ки ҳар чӣ гуфта мешавад, он айнан ва бидуни тардид кабул карда мешавад. Ҳамин аст, ки аз набудани донишҳои дурусти илмию мантиқӣ ва махсусан, набудани тафаккури таҳлилӣ афроди ҷомеа бо зудбоварӣ ҳар гуна фикру ақидаро бидуни интиқод кардан ва ҷиҳатҳои мусбию манфии онро арзёбӣ намудан, қабул мекунанд. Бояд қайд кард, ки чунин навъи биниш то даврони маорифпарварӣ дар Аврупо низ роиҷ буд ва аввалин нафаре, ки тафаккури интиқодиро ба фарҳанги аврупоӣ ворид кард Фрэнсис Бекон буд, ки он шубҳа карданро барои дарёфти ҳақиқат ва мавриди накд гузоштани дастовардҳои гузаштаро ба миён мегузорад. Ӯ монеаҳоро дар шинохти дурусту ҳақиқати илмӣ ба бут монанд мекунад ва масъалаи аз миён бардоштани онҳоро гузоштааст. Ин бутҳо иборатанд аз: бути тоифавӣ, бути шахсӣ, бути бозорӣ, бути намоишӣ[12]. Баъдан донишманди дигари аврупоӣ Рене Декарт ин усулро идома дода чунин меангорад: «барои озмуни ҳақиқат ҳар кас бояд дар тӯли зиндагии худ, то он ҷое ки мумкин аст, як бор дар мавриди ҳама чиз шубҳа кунад».[13]

Чунин тарзи тафаккур сабаб мешавад дар Аврупо ҳамаи дастовардҳои гузашта мавриди интиқод қарор гиранд ва як чиз мусаллам аст, ки то замони ин ки як андеша пурра накд нашавад, чизи наве дар заминаи он ба вуҷуд намеояд. Ҳамин будааст, ки

---

[12] Антология мировой философии. Том 2. Москва: “Мысл”, 1970 -С. 201

[13] Фалсафаи Декарт: шомиле қавоиди ҳидояти зеҳн, усули фалсафа ва инфиолоти нафс. Тарҷумаи Манучеҳри Сонии Дарабедид. Ал ҳудо: 1376. с 227-230

баъдан дар фарҳанги аврупоӣ тафаккури интиқодӣ рушд намуд ва сабаби коҳиш ёфтани хурофазадагӣ ва ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ гардид. Барои аз байн бурдани мушкили мазбур бояд омӯзиши фалсафа ва улуми иҷтимоӣ дар баробари илмҳои табиатшиносӣ ривоҷ дода шавад, зеро фалсафа баёнгари рӯҳияи иҷтимоию маънавӣ ва сатҳи тафаккури ақлию илмӣ аст. Муҳимтарин ва муфидтарин тафаккури фалсафӣ интиқодӣ будани он аст, ки барои рушду камоли инсоният аҳамияти беандоза зиёд доштааст. Ҷомеаи ақлбовар ва хирадгарои Аврупоро низ донишмандон ва махсусан, файласуфон аз роҳи дарку эҷоди худ ба миён овардаанд. Ҷомеаи моро низ имрӯз зарур  аст, барои паст кардани шиддати хурофазадагӣ бештар фарҳанги накдиро ривоҷ диҳем.

***2.Омили дигар, ки сабаби хурофазадагии ҷомеа мегардад қудсият бахшидан ба анвои гуногуни боварҳо ва иддаоҳои сохтаи ҷомеа мебошад.*** Мусаллам аст, ки пас аз касби истиқлол кардани ҷумҳурӣ озодиҳои динӣ дар ҷомеа ба миён омадаанд. Аммо ин озодиҳо то ҳадде пешрафт намудаанд, ки имону эътиқод аз кори фардӣ ба амали иҷтимоӣ табдил ёфт ва фарогири биниши афроди ҷомеа гардид. Аксари боварҳо хусусияти қудсӣ касб намуданд  ва ҳар касе, ки тасаввуроти ибҳому норӯшане аз дину мазҳаб дошт, онро таҷаллии қудсӣ дод ва дӯкони манфиатҳои хешро боз кард. Дар ин замина ҳатто боварҳои сода дар нисбати қудсият бахшидани ашё боло гирифтаанд, ки дар сар то сари ҷумҳурӣ деҳае ё маконе нест, ки дар он як дарахт ё санг қудсӣ набошад. Ҳамчунин мазорпарастию қадамҷойи азизу авлиё, эшонпарастию назру ниёз кардан ба ин тоифа дар сатҳи ниҳоят баланд қишрҳои ҷомеаро фаро гирифтааст. Фолбинию ҷодугарӣ ва даму дегдон ба як навъ касб ва дӯконе табдил ёфтааст, ки гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ мушкили худро на аз роҳи ақлу хирад, балки аз роҳи имону эътиқод мехоҳанд бароварда кунанд, ки саробе беш нест. Бо ин роҳи қудсият бахшидан ба худу амалҳои анҷомшаванда шахсиятҳои хурофотие дар ҷомеа зуҳур карданд, ки яке аз намунаҳои он шайх Темур ба ҳисоб меравад. Ҳарчанд даҳҳои дигарро низ дар ин замина метавон ном бурд.

3.***Омили дигар дар рушди хурофазадагӣ набудани навандешӣ ё бозандешӣ дар боварҳои умумӣ аст***. Яъне нафаре, гурӯҳе ё ниҳоде асло савол намекунад ё ҳамчун як масъалаи илмӣ – иҷтимоӣ боварҳои умумиро мавриди таҳлилу интиқод қарор намедиҳад.

Ҳамин аст, ки як бовар ҳазорон сол аз насл ба насл интиқол меёбад. Дар ин замина метавон шурӯъ карда аз унсурҳои сангпарастию дарахтпарастӣ, то хорпарастию эшонпарастиро зикр намуд ва мавриди таҳлил қарор дод.

***4.Омили дигар заъф ва набудани масъулияти иҷтимоӣ аст, ки он боиси фирор аз масъулият ва пазириши бечуну чарои боварҳо мегардад***. Дар ин замина метавон афродеро мисол зад, ки дар ҷомеа мақоми муайянро ишғол кардаанд, вале на аз нуқтаи назари вазифавиву масъулият, балки аз назари таваккалию тақдирӣ, "ҳар чӣ пеш ояд, хуш ояд", -амал мекунад. Рушди чунин ҳолат боиси заъф шудани баданаи иҷтимоӣ мегардад ва дар маҷмӯъ, ба кунд шудани суръати рушд ва ҳарҷу марҷи иҷтимоӣ оварда мерасонад.

5.***Омили дигар, ки барои рушди хурофа имкон фароҳам меоварад, фирор аз вокунишҳои қаҳромез ва тардомези дигарон аст.*** Бояд қайд кард, ки вақте хурофа биниши умумииҷтимоиро фаро гирифт, нафарони равшанфикр ва онҳое, ки ин гуна боварҳои пучу беасосро қабул надоранд, ба хотири ҳифзи ҳаётии худ аз баҳсу баррасӣ намудани ин гуна масоил канорагирӣ мекунанд. Ҳамин аст, ки гурӯҳҳои нафарони зиёде дар ҷомеаи феълӣ аз гӯишу таҳлили илмии чунин падидаҳои ғайриақлӣ худдорӣ менамоянд ва гурӯҳе низ ба хотири ризоияти дигарон баъзе амалҳоро анҷом медиҳанд, ки ё ба он бовар надоранд,ё хоси онҳо нест. Яъне, ба истилоҳ, ҳамранги ҷамоат шудаанд.

***6.Омили дигари ривоҷи хурофа дар ҷомеа ҳал нашудани мушкилоти одии зиндагӣ ба васила ва шеваҳои шинохташудаи ақлонӣ ва фикрӣ аст***, ки дар ин замина низ бо тағийри вазъ кардан ва марҳилаи гузариши иқтисодӣ, ки номуайяниро дар самти тандурустию маориф ба миён овард ва аз тарафи дигар, тангдастию фақр сабаб гардид, ки мардум имкони ҳалли мушкилоти худро бо шеваҳои шинохтаи илмӣ баровարда карда натавонист. Ин омил муҷиби он гардид, ки мардум дубора рӯй оваранд бо роҳи ғайриақлию мантиқӣ ҳал намудани мушкил ва махсусан, рӯй овардан ба фолбину ҷодугар ва эшону мулло аст. Нафарони зиранг дар ин роҳ дӯкони хурофа боз намуда ва барои баровարда кардани манфиатҳои хеш мардумро ба тарафи худ ҷалб намуданд. Тангдастӣ ва фақр муҷиб мешавад, то инсонҳо бештар ба бовару эътиқод ва аз роҳи тақаюл ҳал намудани мушкилот пардозанд. Барои кам кардани шиддати ин омил бояд

роҳҳои паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва ҳамчунин то охир ва дурусту саҳеҳу манфиатнок ба анҷом расонидани ислоҳот дар самти маориф ва тандурустӣ мебошад. Ҳамчунин барои ҳалли баъзе аз мушкили иҷтимоӣ, ки мушкилоти равонӣ – иҷтимоиянд, тавсеа бахшидан ба марказҳои равоншиносӣ ва дар маҷмӯъ, рушди ин илм барои ҷомеа ниҳоят зарур аст.

***7.Омили дигар паст будани сатҳи донишу маърифат ва поён будани арзиши илму олим ва ҷойгоҳи муносиб надоштани мутахассис дар ҷомеа аст, ки дар зеҳни умум ин ҷомеаро ба ҷой меоварад, ки дониш ва илму олим чандон нақше надоранд ва ҳалли мушкил аз тариқи қувваҳои мовароист***. Чунин тарзи биниш дар ҷомеа ду ҳолатро ба миён овардааст: Аввалан, илм ва олим мавқеи шоистаро дар ҷомеа аз даст додааст, аз ҷониби дигар, ба ҷойгоҳи шоиста сазовор будани мутахассис кам ба назар мерасад, ки онро аксар нафарон дар ҷомеа тақдирӣ талаққӣ мекунанд.

***8.Омили дигар сари вақт таҳлили воқеии илмӣ наёфтани ҳаводиси иҷтимоӣ аст ё ба тарзи дигар, вақте иттилоти дақиқ ва таҳлилҳои илмию сиёсии вазъиятҳо ва ҳодисаю падидаҳои иҷтимоӣ дар ҳама сатҳҳою самтҳо ба роҳ монда намешавад, дар зеҳнияти мардум шаклҳои таърифшуда ва эътиқодии онҳо шакл мегиранд,*** ки дар натиҷа раванди густариши хурофаро пиромуни ин масоил тарвиҷ медиҳанд. Барои ҳалли ин мушкил зарур аст, то дар сатҳҳои гуногуни ҷомеа ва махсусан, назди ҳар ниҳод гурӯҳҳои ҷомеашиносӣ ва таҳлили равандҳои иҷтимоӣ таъсис дода, пайваста ҳодисаю падидаҳои иҷтимоӣ ва вазъияту шароити хоси онҳо мавриди баррасии дақиқи илмӣ қарор дода, аз натиҷаи он тариқи воситаҳои ахбори умум ба мардум маълумот дода шавад.

***9.Омили дигар эҳсоси нотавонӣ дар афроди ҷомеа аст, ки гуё онҳо қудрати таъсиргузорӣ ба равандҳо ва шароитҳоро надоранд ва ин вазъро онҳо марбут ба тақдир медонанд. Тақдирзадагӣ як навъи хурофот мебошад, ки ҳамаи амалу воқеотро ба як қувваи мовароӣ рабт медиҳанд, ки дар натиҷа инсон ҷузъи як василае беш муаррифӣ намешавад***. Дар ин замина низ зарур аст, то хусусиятҳои инсон аз назари антропологӣ баррасӣ шаванд ва табиату моҳияти он, неруҳои моҳиятии он халлоқият ва қобилияту истеъдодаш мавриди тарғиб ва шинохти дурусти аҳли ҷомеа қарор дода шаванд.

***Хулоса.*** Хурофа ва хурофазадагӣ ҷомеаро ба вопасгароӣ, таассубият ва кундии рушд дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ меоварад ва дар маҷмӯъ, ҷомеаро дар баробари хатарҳо бемуқовимат мекунад ва онҳоро зудбовар сохта аз ҷониби дигарон тез фирефташуда оварда мерасонад, ки ин раванд метавонад дар пайи худ садҳо мушкили дигарро ба миён оварад. Аз ин рӯ, хурофа ва хурофазадагиро танҳо бо роҳи дастаҷамъӣ ва широкати ҳамаи афроди ҷомеа, бо назардошти таъсир расонидан ба омилҳои ривоҷдиҳандаи он аз байн бурдан имкон дорад.



**Пирмаҳмад НУРОВ**
*доктори илмҳои филологӣ*

# ЗАБОНИ ИЛМИИ ТОҶИКӢ ВА МЕЪЁРУ ШАРТҲОИ ИСТИФОДАИ ИСТИЛОҲОТИ ИҚТИБОСӢ ДАР ОН

Забони илмӣ як шохаи муҳими забони миллӣ буда, дар заминаи донишҳои тахассусӣ ба воситаи забони миллӣ ба вуҷуд оварда мешавад. Тавассути забони илмии миллӣ пеш аз ҳама адабиёти илмиву таълимӣ эҷод карда мешавад. Маъмулан забон илмӣ дар ҷомеа се вазифаи таърихии муҳимро иҷро менамояд: якум, захира кардани донишҳо ва аз насл ба насл интиқол додани онҳо; дуюм, густариш додани донишҳо ва баланд бардоштани тафаккури илмии ҷомеа, сеюм, таъмини муомилоту муошироти афроди илмпеша ҷиҳати ба даст овардан ва такмил додани донишҳо.

Забони илмии тоҷикӣ, ки дар замони нав рӯ ба эҳё ва эҷоди тоза дорад, дар айни вақт ба баъзе мушкилот мувоҷеҳ аст. Яке аз мушкилоти асосӣ масъалаи сохтани муодилҳои тоҷикии истилоҳоти илмии техникӣ ва муносибат ба истилоҳоти байналмилалии илмии техникӣ аст. Ба назари мо дар забони илмии тоҷикӣ низ дар мавридҳои зарурӣ пазируфтан ё худ иқтибос кардани истилоҳоти байналмилалии илмии техникӣ ногузир аст, зеро илм аз рӯйи табиати худ байналмилалист ва эабону истилоҳоти он низ табиати байналмилалӣ доранд.

Истилоҳпазирӣ аз забонҳои муқтадири илмӣ яке аз роҳҳои асосии истилоҳофарӣ дар ҳар як забони миллӣ мебошад. Ин роҳи дар шакли тайёр ва баъзан бо каме тағйирот пазируфтани истилоҳоти байналмилалӣ, хусусан истилоҳоти забонҳои классикии илм (юнонӣ ва лотинӣ) ва ҳамчунин истилоҳоти забони муосири илм (англисӣ, фаронсавӣ, олмонӣ, русӣ ва ғайра) мебошад. Ин амал бештар ба хотири аз ҷиҳати илмӣ саҳеҳ ва дақиқ омадани истилоҳот воқеӣ карда мешавад. Гузашта аз ин, мувофиқи анъанаҳои истилоҳпазирӣ

ҳар як истилоҳ аз забони асл бо мафҳумаш (яъне таърифи илмиаш) иқтибос карда мешавад.

Умуман, калимаи иқтибосӣ унсури луғавиест, ки аз як забон ба низоми чанд забони дигар дохил мешавад ва минбаъд мақоми байналмилалиро соҳиб мегардад, Зарурати ба забоне аз забони дигар ворид гардидани калимаҳои иқтибосӣ ҳодисаи танҳо сифр забонӣ набуда, балки ба омилҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, тиҷоратӣ, илмӣ, фарҳангӣ ва монанди инҳо низ вобастагӣ дорад. Сабабҳои лингвистии ба забоне ворид гардидани калимаҳои итибосӣ пеш аз ҳама пайдо шудани эҳтиёҷ ба номгузории падидаҳои нави ҷамъиятиву табиии сершумор дар фаъолияти эҷодии инсоният аст. Барои он ки калимаи бегона дар забони иқтибоскунанда мақоми байналмилалиро соҳиб шавад, он бояд аз санҷиши ин забон гузарад, серистеъмол гардад. Танҳо дар ин сурат ин унсури луғавии бегона ба захираи луғавии забони иқтибоскунанда чун унсури зарурӣ ворид гардида, боиси афзудани захираи луғавии забони миллӣ мегардад.

Мавриди зикр аст, ки дар забони илмии миллӣ иқтибос кардани истилоҳот бо ду роҳ амалӣ карда мешавад: иқтибос аз забонҳои муқтадири илм ва иқтибос аз забони миллӣ. Иқтибос ба воситаи яке аз забонҳои муқтадири илмӣ (масалан, забони русӣ) маънии онро дорад, ки истилоҳи байналмилалӣ (шояд бо каме тағйироти имлоӣ ва савтиёт) якҷоя бо мафҳуми худ вориди забони илмии миллӣ мегардад: аргумент, функсия, интеграл, дифференсиал, интерференсия, дифраксия, индуксия, аберратсия, ионизатсия, конвексия, энталпия, энтропия, энергия, потенсиал, физика, механика, динамика, оптика, статика, система, масса, линза, газ, детектор, диоптрия, люкс, люмен, импулс, индуктивият, кандела, келвин, лазер, магнит, магнетон, мазер, нейтрон, электрон, атом, нуклид, параметр, плазма, диод, триод, резонатор, генератор, реостат, симметрия, фазотрон, синхрофазотрон, анод, катод, тиристор, эмиттер, молекула, вибратор ва ғайра. Иқтибос аз забони миллӣ маънии онро дорад, ки ба сифати муодили тоҷикии баъзе истилоҳоти забони илмӣ калимае аз захираи луғавии забони адабии тоҷикӣ интихоб карда мешавад. Дар ин мавриd, калимаи ба сифати муодил интихобшуда аз маъноҳои луғавӣ ва тобишҳои маъноии худ дар забони адабӣ маҳрум гардида, бояд аз ҷиҳати маънии луғавӣ ба калимаи бегона (масалан, русӣ) наздикӣ дошта бошад, гарчанде

ки мафҳуми илмии ба дӯши ҳар ду калима (ҳам худӣ ва ҳам бегона) ба таври сунъӣ таҳмилшуда як аст. Масалан, калимаи «мавҷ», ки аз ҷиҳати бори маънавӣ ба калимаи русии «волна» наздикӣ дорад, дар забони илмии тоҷикӣ ва илмии русӣ мафҳуми илмии ягона, яъне «густариши вақтонаи ин ё он навъи ларзиш дар фазо»-ро ифода мекунанд. Дар айни замон дар забони илмии тоҷикӣ аз забони адабии тоҷикӣ масалан, калимаҳои зерин иқтибос шудаанд ва вазифаи истилоҳиро бар дӯш гирифтаанд: зарра (частица), ҳаракат (движение), ҳарорат (температура), захира, таъхир (запаздывание), аҷобат (странность), хастагӣ (утомляемость), шорой (текучесть), серӣ (насыщенность), тӯфон, талотумӣ, дараҷа, часбоӣ, чарсӣ, шабнам, самар, тасвир, шарора, тирагӣ, майдон, остона, ҷунбоӣ ва ғайра.

Иқтибоси истилоҳот аз забонҳои классикии илм (юнонӣ ва лотинӣ) ва забонҳои муқтадири илмӣ - англисӣ, русӣ, фаронсавӣ, олмонӣ ва чанди дигар яке аз тарзҳои сермаҳсули истилоҳофарӣ дар ҳар як забони муосири пешрафта мебошад. Аз як тараф, иқтибоси калима гӯё яке аз тарзҳои осони офаридани калима аст. Вале иқтибос, чун тарзҳои дигари истилоҳсозӣ (калимабандӣ, ибораоройӣ, истилоҳгардонии калима, ихтисораҳо ва ғайра) бояд тибқи қоидаҳои қатъан илмӣ, бо риояи талаботи қоидаву қонунҳои забони миллӣ амалӣ карда шавад. Танҳо дар ин сурат истилоҳоти байналмилалӣ чун калимаи арзишманд ба таркиби луғавии забони илмии миллӣ ворид шуда, воситаҳои ифодаи ин забонро ғанӣ мегардонад. Бинобар ин муайян кардани шарту меъёрҳои иқтибоси истилоҳоти байналмилалӣ дар ин давраи эҷоди забони илмии тоҷикӣ аҳамияти муҳим дорад.

Тибқи қоидаҳои эътирофшудаи истилоҳофарӣ истилоҳи байналмилалӣ дар забони илмии миллӣ дар мавриди мавҷудияти зарурат ба воҳиди нави луғавӣ бо семантикаи муайян (яъне ишораи мафҳуми нав) пазируфта мешавад. Дар ин маврид калимаи байналмилалӣ дар як вақт бояд бо мафҳуми илмии худ иқтибос карда шавад. Айни замон ба забони илмии тоҷикӣ тавассути забони илмии русӣ аксарияти истилоҳоти байналмилалии илмҳои физика, риёзиёт, ҳандаса, астрофизика, кимиё, тиб ва илмҳои дигари техникӣ бо мафҳумҳои худ ворид гардидаанд ва ворид шудан доранд.

Зимни аз забонҳои алоҳидаи илмӣ, хусусан забонҳои муқтадири илмӣ - русӣ, англисӣ, фаронсавӣ, олмонӣ ва ғайра, иқтибос кардани истилоҳоти илмиву техникӣ густариши байнизабонии истилоҳот бояд омили муҳим бошад, яъне ин гуна истилоҳот аз рӯйи навишт, талаффуз ва ё семантика бояд монанд бошанд (параметр, резонанс, энталпия, ферромагнетик, диэлектрик ва ғайра).

Ҳангоми иқтибоси истилоҳоти байналмилалӣ имкониятҳои аз он сохтани ҳосилакалимаҳоро низ ба назар гирифтан мебояд, яъне дидан мебояд, ки аз истилоҳи иқтибосшаванда имкониятҳои сохтани истилоҳоти ҳосила вуҷуд дорад ё не? Масалан калимаи «магнит» дар забони тоҷикӣ муодили худро дорад – «оҳанрабо». Вале дар сурати ба сифати муодили истилоҳи «магнит» дар забони илмии тоҷикӣ пазируфтани калимаи «оҳанрабо», аз он сохтани муодилҳои ҳосилакалимаҳои русии «магнитный», «намагничивание», «размагничивание», «магнитность», «электромагнетизм» ва монанди инҳо имкон надорад. Бинобар ин, ба назари мо дар забони илмии тоҷикӣ пазируфтани ба ин монанд истилоҳҳо ногузир аст.

Истилоҳот дар забонҳои муқтадири илмӣ аз рӯйи сохти морфологӣ ва савтиёт фарқ мекунанд, Масалан, дар забони русӣ зимни иқтибос аз забонҳои англисӣ, олмонӣ ва монанди инҳо, онҳо ба қонуниятҳои морфологиву савтиёти ин забон мувофиқ карда шудаанд. Бинобар ин зимни аз забони илмии русӣ ба забони илмии тоҷикӣ иқтибос кардани истилоҳоти байналмилалӣ зарур аст, ки савтиёт ва сохти морфологии забони тоҷикӣ, яъне шакли дурусти талаффузи иқтибосот ва мувофиқатии онҳо ба меъёрҳои савтиётии забони тоҷикӣ (низоми овозҳо ва ҳарфҳо, қонунҳои овозӣ ва ҳарфнависӣ ва монанди инҳо ба инобат гирифта шавад (модуляция - модулатсия, потенциал - потенсиал, люкс - лиюкс, люмен – лиюмен, альфа-излучение - алфа-нурафканиш ва ғайра).

Яке аз принсипҳои муҳими иқтибос кардани истилоҳоти байналмилалии илмиву техникӣ мувофиқат доштани истилоҳоти иқтибосӣ ба талабот нисбат ба истилоҳот, яъне якмаъноӣ ва дақиқии маънои он, кӯтоҳӣ ва монанди инҳо мебошад.

Ҳамин тариқ, дар мавриди дар забони тоҷикӣ пазируфтани истилоҳоти байналмилалӣ бояд шартҳои зерин низ риоя карда шаванд. Дидан мебояд, ки:

а) истилоҳи пазируфташаванда ба савтиёти забони миллӣ чӣ андоза қаробат дорад;

б) шакли истилоҳи байналмилалӣ ба қонуниятҳои калимасозии забони тоҷикӣ мувофиқат мекунад ё на?

в) аз истилоҳи байналмилалӣ имкони сохтани ҳосилаистилоҳот вуҷуд дорад ё не?

Тарзҳои дар матнҳои алоҳидаи адабиёти илмии техникии тоҷикӣ, хусусан китобҳои дарсӣ оид ба асосҳои илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва техникӣ ворид сохтани истилоҳоти байналмилалӣ ба назари мо инҳоанд:

1) дар мавриди истеъмоли истилоҳоти байналмилалӣ зарур аст, ки дар матни алоҳида аввал истилоҳоти байналмилалӣ ишорагузорӣ шуда, дар поварақ маънии луғавии он навишта шавад. Баъдан дар мавриди овардани таърифи он дар қавс шакли англисӣ ва муодили тоҷикии он низ нишон дода шавад, чунончи: дисперсия (dispersion, пошхӯрд), деформатсия (deformation, тазйиқ), ионизатсия (ionization, иониш), амплитуда (amplitude; peak value-домана, паҳноӣ; қимати авҷӣ) ва ғайра.

Минбаъд дар сурати такрор ёфтани истилоҳ дар дарозои матн ишораҳои даруни қавс бояд партофта шаванд.

2) дар мавриди истеъмоли муодили тоҷикии истилоҳоти байналмилалӣ зарур аст, ки дар матни алоҳида аввал муодили тоҷикии истилоҳ ва сипас, як маротиба дар қавс шаклҳои русӣ ва инглисии он низ нишон дода шаванд, чунончи, конун (фокус,focus), садошиносӣ (акустика, acoustic), қутбиш (поляризатсия, polarization), фаъолсозӣ (активатсия, activation), ҷӯрӣ (когерентность, coherence), раванд (протсес, process) ва ғайра.

Минбаъд дар сурати такрор ёфтани истилоҳ дар дарозои матн ишораҳои даруни қавс бояд партофта шаванд.

Ин ба хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёна ва донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии ҷумҳурӣ имкон фароҳам меорад, ки истилоҳоти илмии техникиро якбора бо се забон – тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ аз бар намоянд.

Хулоса,истилоҳоти илмии техникии байналмилалӣ аз захираҳои муҳими луғавии забони миллӣ буда, мубодилаи иттилоотро оид ба донишҳои илмӣ на танҳо дар байни олимону омӯзгорони як давлати миллӣ, балки дар байни олимону

омӯзгорони давлатҳои гуногун, ки бо забонҳои мухталиф ҳарф мезананд, осон мегардонад.



**Фирдавс МИРЗОЁРОВ**
*номзади илмҳои филология*

# ТАФСИРИ ВОЖАҲОИ ҲУҶҶАТГУЗОРӢ ДАР «ЛУҒАТИ АЙНӢ»

Марҳилаи нави рушди забони тоҷикӣ бо номи яке аз поягузорони адабиёти муосири тоҷик, устод Садриддин Айнӣ пайванди ногусастанӣ дорад, зеро устод бо таълифи осори бадеӣ, асарҳои арзишмандии илмӣ, мақолаҳои муҳими публитсистӣ ва фаъолияти ибратомӯзи хеш мероси адабию фарҳангиамонро муаррифӣ намуда, дар баробари ин манфиатҳои миллии халқи тоҷикро ҳимоя намудааст.

Муҳаққиқи тоҷик Мирзоҳабиб Аҳмадов саҳми устод Айниро дар рушду такомули забону адаби тоҷикӣ чунин қайд намудааст: «Агар ӯ бо навиштани «Намунаи адабиёти тоҷик» ҷавоби қатъие ба бадхоҳони халқи тоҷик дода, тавассути ин асар мавҷудияти тоҷиконро ҳамчун қадимтарин ва бофарҳангтарин халқи Мовароуннаҳр исбот карда бошад, бо асарҳои илмӣ ва мақолаҳои публитсистиаш паҳлуҳои дигари илму адабиёт ва фарҳанги тоҷиконро таҳқиқ кард ва бо нубуғу истеъдоди хоси худ онҳоро дар сатҳи баланд ҳал кард»[1].

Чунин ба назар мерасад, ки асосгузори адабиёти муосири тоҷик эҳсос мекард ва омодагӣ мегирифт, то бо иншои як шоҳасари дигар ба ҳамаи баҳсҳо дар атрофи забону фарҳанги тоҷик нуқта гузорад. Он шоҳасар мебоист, ганҷинаи бойи забони гуфтугӯии тоҷикон ва бахше аз калимаҳои маъмули осори адабиёти классикиро фаро мегирифт. Ӯ ба иҷрои ин кор қамар баст ва луғати тафсирии забони тоҷикиро соли 1938 ба анҷом расонид.

[1] Ахмедов Мирзохабиб. Толковый словарь Садриддина Айни и его лексикографические особенности: АКД- Худжанд, 2002. - 24 с.

Ба навиштаи муҳаққиқон: «Ин кори устод Айнӣ дар зарфи бештар аз 400 соли охири сухансанҷии Осиёи Марказӣ назир надошт, зеро охирин луғати то замони мо маҳфузмондаи мансуб ба ин минтақа «Туҳфат-ул-аҳбоб»-и Ҳофизи Убаҳӣ мебошад, ки соли 1530 дар Бухоро мураттаб шудааст. Дар фарҳанги Ҳофизи Убаҳӣ тақрибан 2,5 ҳазор калимаю ибораҳо шарҳ дода шудаанд. Аммо луғати тафсирии устод Айнӣ қариб панҷ баробар бештар моддаҳои луғавӣ дорад, ки вусъати назари муаллиф ва муҳтавои ин китобро муайян мекунад»[2](1.4).

Нимаи дуюми солҳои 30-юми асри гузашта маҳз устод Садриддин Айнӣ нахустин луғати тафсирии замони навро тартиб дод. Асари мазкур шартан «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик» номгузорӣ шудааст. Дурусттараш таҳиягарон ва нашрони ин луғат аз рӯйи нусхаи мусаввада ин унвонро гузоштаанд. Дар ин таълифоти устод калимаву ибороти зиёда аз 30 соҳа шарҳу тафсир шудааст.

Ба андешаи муҳаққиқ Мирзоҳабиб Аҳмадов, «Аз таҳқиқи ин асар бармеояд, ки онро ҳамчун фарҳанги тафсирии устод Айнӣ бояд шиносем. Асари мазкур ба тамоми талаботи фарҳангҳои тафсирӣ ҷавобгӯй мебошад ва шоистаи он мебошад, ки дар оянда ба унвони «Фарҳанги Айнӣ» ё «Фарҳангномаи Айнӣ» (монанди «Фарҳанги Рашидӣ», «Фарҳанги Ҳусайни Вафоӣ», «Фарҳангномаи Фахри Қаввос» ва амсоли инҳо) муаррифӣ шавад»[3].

Ҳадафи мақолаи мо баррасии вожаҳои соҳаи ҳуҷҷатгузорӣ дар луғати устод Садриддин Айнӣ мебошад. Барои равшантар инъикос намудани матлаб мо тасмим гирифтем, ки калимаву истилоҳоти соҳаи ҳуҷҷатгузорӣ ва коргузориро дар муқоиса бо Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ баррасӣ намоем.

Вожаи «ҳуҷҷат» дар Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ чунин шарҳ шудааст: «Ҳуҷҷат-*а.* 1. далел, бурҳон. 2. асос; *маҷ.* сарчашма, санад: ҳуҷҷатҳои қадимӣ. 3. навиштаҷот оид ба сифат, тасдиқи коре, тасдиқу тавсифи ҳоли касе ё чизе: ҳуҷҷати бойгонӣ, ҳуҷҷати расмӣ, ҳуҷҷати шахсӣ, ҳуҷҷати технологӣ» (3. 540). Ҳамин калимаро устод С. Айнӣ ба ду вожа тафсир

---

[2] Ҳамин ҷо. С.4.
[3] Ҳамин ҷо. С.8.

намудаанд, аммо на ба маънои истилоҳӣ: «Ҳуҷҷат- далел, бурҳон[4].

Дар забони адабии муосири тоҷик, алалхусус дар услуби коргузорӣ ва умуман, ҳуҷҷатнигорӣ калимаҳои зиёде истифода мешаванд, ки баромади таърихиашон тоҷикист. Чунончи, калимаҳои гувоҳнома, гузоришнома, дастур, дастурамал ва ғайра. Ин қабил калимаҳо дар фарҳангии тафсирии мураттабнамудаи устод С. Айнӣ ҳам мавҷуданд. Масалан, калимаи «дастур»-ро устод Айнӣ ҳамчун истилоҳи соҳаи коргузорӣ ва ҳуҷҷатнигорӣ дар маънои дуюм ва сеюм тафсир намудааст: «Дастур- 1. вазир.2. иҷозат, рухсат.3. қоида, қонун, тарз, равиш[5].

Калимаҳои «дафтар» ва «девон», ҳарчанд аз лиҳози решашиносӣ баромадашон тоҷикӣ набошад ҳам, аммо онҳоро устод Айнӣ чун истилоҳи соҳаи ҳуҷҷатгузорӣ ба маъноҳои якуму дуюму чорум шарҳ додааст: «Дафтар- 1. китоби ҳисобнависӣ. 2. қоғазҳои нонавиштаи муқова кардашуда, ки дар вай шеър ва ё чизҳои дигарро нависанд»[6]. «Девон- 1.маҳкама. 2.вакили дахлу харҷ. 3. нишастангоҳи одамони калон. 4. дафтари ҳисобот. 5. китоби ғазали ягон шоир»[7].

Вожаҳои зикршуда дар Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ васеъ ва батафсил шарҳ ёфтаанд:

«Дафтар I ....абзори шонамонанди бофандагон. Дафтар II .... [муарраб аз юнонӣ] 1. варақҳои коғази сафеди саҳҳофӣ ва ҷилдшуда (барои навиштан): дафтари мактабӣ, дафтари хотирот, дафтари қайд(ҳо) 2. он чи дар он дахлу харҷ ҳисоб ё асомии касон қайд карда мешавад: дафтари синф. 3. китоб; маҷмӯа; асари навишташуда, таълифот: дафтари ашъор; дафтари бағалӣ, дафтарчаи кисагӣ (барои қайдҳо); дафтари шикоят ва пешниҳод, дафтари махсусе, ки дар он харидорону муштариён фикру мулоҳиза ва пешниҳодҳои худро роҷеъ ба тарзи кори мағозаву корхонаҳо ва коргоҳҳои хизматрасонӣ баён менамоянд; дафтари ҳавлӣ дафтари махсус дар идораи хонаю ҳавлиҳо барои ба қайд

---

[4] Луғати нимтафсилаи тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик. Куллиёт. Ҷ. 12 / С. Айнӣ.- Душанбе, 1976. - С. 23-558.

[5] Ҳамин ҷо. С.96.

[6] Ҳамин ҷо. С.97.

[7] Ҳамин ҷо. С.99.

гирифтани истиқоматкунандагон; дафтари аъмол. д. ҳисоби кору кирдорҳо. 4. ҷое, ки дар он ба корҳои дафтарнависӣ машғул мешаванд; дафтари кор-- утоқи корӣ»[8].

«Девон 1.маҷмӯаи ашъори як шоир, ки ба шакли китоб даровbooarда шудааст: девони Соиб, девони Ҳофиз, девони ғазалиёти Ҷомӣ. 2. таър. вазоратхона; девони қозӣ маҳкама. 3. идораи давлатӣ, девони вазирон ҳайати ҳукумат»[9].

Калимаи «нома» дар «Луғати нимтафсилаи тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик»-и устод Айнӣ ба ду маъно тафсир шуда бошад ҳам, танҳо маънои якум марбути ҳуҷҷатгузорист:

«Нома- 1.мактуб, ки ба касе мефиристанд (дар забони зинда танҳо ба мактуби подшоҳе ё давлате ба давлате кор мефармоянд. 2. Китоб (Шоҳнома, Ҷангнома)»[10]. Мураттибони Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ бошад, онро васеътар тафсир намудаанд:

«Нома- 1.навиштае, ки ба касе ё ҷое мефиристонанд, мактуб, хат, руқъа. 2. кит. китоб,асар; ◊ номаи аъмол д. рӯйхати корҳои неку бади кас тибқи ривоёти динӣ, ки риштаҳо ба ҳисоб гирифта, рӯзи қиёмат ба дасти соҳибашон месупоранд; номаи камол шаҳодатнома дар бораи тамом кардани мактаби миёна»[11].

Устод Садриддин Айнӣ калимаи «дархост»-ро ба маънои хоҳиш тафсир намудааст, ки фарогири маънои истилоҳӣ низ мебошад: «Дархост- илтимос, пурсиши чизе»[12]. Мураттибони Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ калимаи мазкурро ба маънои дуюм ҳамчун истилоҳи коргузорӣ шарҳ додаанд:

«Дархост.- 1. хоҳиш, талаб, илтимос, дархост кардан // дархост намудан талаб кардан, хоҳиш кардан. 2. нав. хоҳиши хаттӣ бо тақозои чизе, номаи расмӣ бо талаби чизе»[13].

---

[8] Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ (иборат аз 2 ҷилд) Ҷ. 1.А – Н (нашри дувум)./Зери таҳрири С. Назарзода, А. Сангинов, С. Каримов, М. Ҳ. Султон. – Душанбе, 2010, - 996 с.

[9] Ҳамин ҷо. С.454.

[10] Луғати нимтафсилаи тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик. Куллиёт. Ҷ. 12 / С. Айнӣ.- Душанбе, 1976. - С. 267.

[11] Ҳамин ҷо. С.975.

[12] Луғати нимтафсилаи тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик. Куллиёт. Ҷ. 12 / С. Айнӣ.- Душанбе, 1976. - С. 93.

[13] Ҳамин ҷо. С.438.

Як калимаи бисёр ҷолибу сохтае дар забони мусири тоҷикӣ мавҷуд аст, ки бештар дар соҳаи бонкдорӣ ва молия истифода мешавад. Ин калима «амонаткасса» буда, дар Луғати устод Айнӣ чунин шарҳ шудааст:

«Амонаткасса-сандуқи амонатнигоҳдории ҳукуматист, ки мардум пул ва чизҳои пурқиматашонро дар он ҷо ба амонат мегузоранд ва дар вақти даркорӣ бозпас мегиранд»[14].

Истилоҳи мазкур дар Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ ба гунаи зерин шарҳ ёфтааст: «Амонаткасса- *кӯҳ.* кассаи амонатгузорӣ, ки ҳоло ба бахшҳои бонки амонатгузорӣ табдили ном кардааст»[15].

Калимаи «амр»-ро устод Айнӣ чун истилоҳи соҳаи ҳуҷҷатгузорӣ ба маънои дуюм шарҳ кардааст:

«Амр- 1. ҳукм, фармон 2. кор»[16]. Бо ҳамин маъноҳо ин калима дар Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ низ тафсир шудааст ва ин далели он аст, ки устод Айнӣ ҳар як калимаро бо маъноҳои луғавию истилоҳӣ истеъмол мекардаанд:

«Амр *а.* 1 ҳукм, фармон, дастур, фармоиш; амр кардан (фармудан) фармон додан. 2. кор; ҳодиса *ва г.;* амри маҳол // амри муҳол кори басе душвор, чизи ғайри мумкин, кори ношуданӣ; амри хайр а) кори нағз; б) *киноя аз* тӯй; амру наҳй *д.* фармонҳо ва қонуну қоидаҳои динӣ (*ҷоиз ва ноҷоиз*); амри маъруф таблиғи корҳои нек дар шариат»[17].

Истилоҳи хеле маъмулу серистеъмоли соҳаи ҳуҷҷатгузорӣ вожаи «барот», мебошад, ки онро устод Айнӣ ба гунаи зерин шарҳ додааст:

«Барот- 1. коғази навиштаест, ки мувофиқи он аз хазина пул гирифта мешавад. 2. хати қисмат ва тақдир .3. ҳуҷҷати озодӣ» [18]. Истилоҳи зикршуда дар Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ ба ду маъно омадааст:

---

[14] Луғати нимтафсилаи тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик. Куллиёт. Ҷ. 12 / С. Айнӣ.- Душанбе, 1976. - С. 23-558.

[15] Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ (иборат аз 2 ҷилд) Ҷ. 1.А – Н (нашри дувум)./Зери таҳрири С. Назарзода, А. Сангинов, С. Каримов, М. Ҳ. Султон. – Душанбе, 2010, - 996 с.

[16] Ҳамин ҷо. С.28.

[17] Ҳамин ҷо. С.63.

[18] Ҳамин ҷо. С.46.

«Барот I.*а.* -*кит.* 1. хати озодӣ, ҳуҷҷати авфи гуноҳ; бароти наҷот, раҳмнома, хати озодӣ. 2. ҳуҷҷате, ки дар асоси он пулу мол ба касе гузаронида мешавад, ҳавола.

Барот II.-номи рӯзи 15-уми моҳи шаъбон»[19].

Калимаи «васиқа» дар гузаштаи начандони дури таърихӣ чун истилоҳ дар соҳаи заминдорӣ бештар серистеъмол буд ва онро устод Айнӣ вобаста ба замон тафсир кардаанд:

«Васиқа-1. ҳаргуна ҳуҷҷат, ки чизеро устувор кунад. 2. ҳуҷҷати замин, ҳавлӣ (ба ҳамин маънӣ дар забони халқ зинда аст»[20]. Мураттибони Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ ҳам ин истилоҳро ба маънои дуюмаш чун истилоҳи ҳуҷҷатгузорӣ шарҳ додаанд:

«Васиқа *а.* -1. *кит.* аҳду паймони устувор; аҳднома. 2. *таър.* ҳуҷҷате, ки дар он ҳуқуқи моликияти касе ба чизе (*хусусан молу мулки ғайриманқул*) қайд шудааст: васиқаи замин, васиқаи ҳавлӣ; васиқа кардан»[21].

Устод Айнӣ вожаи «дабир»-ро дар маънои дуюм чун истилоҳи соҳаи ҳуҷҷатгузорӣ шарҳ додаанд, ки мувофиқу фаҳмост:

«Дабир- 1. иншонавис, дафтарнавис. 2. котиб.3. ба маънии муаллим, мактабдор»[22].

Дар Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ ҳамин вожа ба маъноҳои бештар тафсир шудааст: «Дабир -1. нависанда ва таҳриркунандаи мактубу ҳуҷҷатҳои давлатӣ, мирзо, мунший, котиб. 2. муаллим, мактабдор, омӯзгор. 3. котиби созмони иҷтимоӣ, ҳизбӣ *ва ғ.*: дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид»[23].

Калимаи «дастовез» дар ҳуҷҷатгузории муосири тоҷик, ҳарчанд серистъмол набошад ҳам, дар гузашта ба маънои ҳуҷҷат дар истеъмол будааст:

«Дастовез- чизе ки дар меҳмонӣ тӯҳфа гӯён ба мизбон баранд.2. ҳуҷҷат ё касест, ки ба вай такя карда кореро кунанд»

[19] Ҳамин ҷо С.150.
[20] Ҳамин ҷо С.62..
[21] Ҳамин ҷо С.278.
[22] Ҳамин ҷо С.85.
[23] Ҳамин ҷо С.409

(**2.**96). Ҳамин маънои истилоҳиии калимаи мазкурро мураттибони Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ қайд кардаанд:

«Дастовез -1. он чи меҳмон чун тӯҳфа ба мизбон меорад, тӯҳфа, ҳадя, армуғон. 2. чизе ё касе, ки ба вай истинод (такя) карда кореро буд мекунанд. 3. *маҷ.* васила, восита; дастовез кардан а) ба сифати тӯҳфа бо худ бурдани чизе ба ҷое (*хусусан ба меҳмонӣ, тӯю маърака ва г.*); б) баҳона кардан (*чизеро дар исботи дурустии амале*); санад ва далел қарор додан (*чизеро*) ».

Вожаи серистеъмоли «дастур», ба маънои дуюму сеюми тафсир намудаи устод Айнӣ дар ҳуҷҷатгузорӣ корбаст мешавад:

«Дастур- 1. вазир.2. иҷозат, рухсат.3. қоида, қонун, тарз равиш». Маъноҳои мазкурро моддаи луғавии «дастур» дар Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ пурратар менамояд:

«Дастур -1. роҳнамо, нишондод; барномаи амалиёт, дастуруламал; супориш, фармоиш; фармон, амр; дастур додан а) роҳ нишон додан барои иҷрои коре, омӯхтан; б) супориш додан, фармудан. 2. маҷмӯаи қонуну қоида ва тавсияҳо оид ба тарзи омӯзиши ягон фанни дарсӣ: дастури таълимӣ; дастури методӣ маҷмӯаи нишондод ё маслиҳату тавсияҳои методӣ оид ба тарзу усули гузаронидани дарсҳо аз фанне; дастури забони форсӣ китоби таълими сарфу наҳви забони форсӣ. 3. *кит.* рухсат, иҷозат. 4. *таър.* вазир, вазири соҳибмаснад»[24]**.**

Яке аз амалҳои маъмулӣ ва ҳамзамон муҳим дар ҳуҷҷатгузорӣ гузоштани имзо мебошад, ки устод Айнӣ хеле саҳеҳ шарҳ додаанд:

«Имзо-1**.** гузаронидан; иҷро кардан.2. даст мондан ба фармон, мактуб, ҳуҷҷат ва монанди инҳо»[25]. Шарҳҳои устодро тафсири Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ васеътар кардааст:

«Имзо *-а.* 1 . *кит.* гузаронидан, равон кардан, ҷорӣ кардан, иҷро кардан, иҷро; ба имзо расондан а) иҷро кардан ба амал гузаронидан; б) даст мондан, барои иҷрои коре бо роҳи имзои санади ҳуқуқӣ роз шудан. 2. *кит.* нишон, аломат, ки дар поён ё пушти фармон ё ҳуҷҷате барои иҷро мегузоранд. 3. ном ё номи

---

[24] Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ (иборат аз 2 ҷилд) Ҷ. 1.А – Н (нашри дувум)./Зери таҳрири С. Назарзода, А. Сангинов, С. Каримов, М. Ҳ. Султон. – Душанбе, 2010, - 996 с.

[25] Луғати нимтафсилаи тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик. Куллиёт. Ҷ. 12 / С. Айнӣ.- Душанбе, 1976. - С. 23-558.

хонаводагӣ, ки дар поёни мактуб ё ҳуҷҷате бо дасти худ навишта мешавад, дастина; имзои мустаор номе, ки муаллиф ба ҷои ному номи хонаводагии воқеии худ дар зери навиштаҳояш мегузорад, имзои ориятӣ, имзои пӯшида; имзо кардан (мондан) даст мондан, номи худро ба тасдиқи навиштае дар зери он сабт кардан».

Вазифаи бисёр масъул ва муҳим дар самти танзими ҳуҷҷатҳо коргузорист ва нафаре, ки ин корро ба сомон мерасонд, коргузор мебошад. Калимаи мазкурро устод Садриддин Айнӣ чунин тафсир намудаанд:

«Коргузор- касест, ки дар идораҳои ҳукуматӣ корҳоро ба коркунон тақсим карда медиҳад ва иҷрои онҳоро назорат мекунад». Тафсири дуюми мураттибони Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ аз шарҳи устод Айнӣ ба миён омадааст:

«Коргузор- 1. он ки мукотиботи расмӣ ва ҳуҷҷатҳои ҷории муассисаеро идора мекунад. 2. он ки корҳоро дар идораи давлатӣ ба коркунон тақсим карда медиҳад ва ба иҷрои онҳо назорат мекунад».

Вожаи «маъмурият» дар коргузорӣ ва ҳуҷҷатнигорӣ бештар ба маънои «роҳбарият» истеъмол мешавад. Устод Айнӣ калимаи мазкурро ба маънoии васеътар тафсир намудааст:

«Маъмурият»- андозаи корҳое, ки барои иҷро ба ягон коркуни давлатӣ ва ҳукуматӣ супурда мешавад. Дар Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ вожаи зикршуда ба ду маъно, ки маънои дуюм ифодаи истилоҳӣ дорад:«Маъмурият- *а.* -1.корҳое, ки барои иҷро ба ягон маъмури давлатӣ ё ҳукуматӣ супурда шудааст. 2. мақомоти иҷроия; роҳбарият: маъмурияти корхона, маъмурияти мактаб, маъмурияти муассиса».

Истилоҳи ҳуҷҷатгузории «мубoракнома» ба маънои аввалаш ҳамчун ҳуҷҷат дар истеъмол мебошад.Маънои маҷозии онро, ки устод Айнӣ овардааст, кам истифода мекунанд:

«Муборакнома-**1**.табрикнома 2. киноя аз фармони подшоҳӣ». Бо каме тағйирот маънoҳои мазкур дар Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ омадаанд: «Муборакнома -1. номаи табрикӣ,табрикнома. 2. *таър.*, *маҷ.* фармони подшоҳӣ».

Барои он ки инсонҳои ба ҳам кореро мувофиқа намоянд, шартнома мебандад ва онро дар шакли ҳуҷҷат омода мешавад. Чунин ҳуҷҷатро устод Айнӣ «муоҳаданома» гуфтааст:

«Муоҳаданома- коғазе ки дар вай шартҳои аҳд навишта шудааст». Дар Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ ҳамин истилоҳ

ба гунаи дигар ва бо маънои фавқ шарҳ ёфтааст: «Муоҳиданома- созишнома, шартнома».

Самти фаъолияти дилхоҳ идораву корхонаро низомнома муайян мекунад. Ин ҳуҷҷатро устод Айнӣ чунин тафсир кардаанд:

«Низомнома- қоидаҳои навишта барои ба тартибандозии чизе коре». Истилоҳи коргузории мазкур дар Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ чунин шарҳ дад шудааст: «Низомнома- қоидаҳои навишта барои ба тартиби муайян гузаронидани коре, дастур, асосномa: низомномаи интихобот».

Калимаи «нозир» нисбат ба нафароне гуфта мешавад, ки касеро назорат мекунанд. Ҳамин маънoро устод Айнӣ ба тариқи зерин шарҳ додаанд:

«Нозир- назораткунанда ва болои коркунони даркорӣ». Мураттибон Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ ин истилоҳи серистеъмолро васеътар тафсир кардаанд:

«Нозир а.- 1. назаркунанда, нигоҳкунанда, бинанда; ҳозиру нозир он ки дар ҷое ҳозир буда ва воқеаро дидааст. 2. назораткунанда, назоратчӣ; бозрас: нозири роҳ, нозири тартибот, нозири шӯъбаи назорати техникӣ. 3. кҳн. вазир; шӯрои нозирон шӯрои вазирон».

Устоди сухан Садриддин Айнӣ истилоҳи ҳуҷҷатгузории «парвона»-ро ба маънои дуюмаш ба гунаи зерин тафсир намудаанд:

«Парвона- II. хукм, фармон. Дар ин маънӣ гуфта шудааст:

*Дар сафҳаи рӯй бо хати хуб,*
*Парвонаи қатли ман навишта*».

Ба маънои дуюм истеъмол шудани истилоҳи мазкурро шарҳи Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ низ нишон медиҳад:

«Парвона II- 1.*таър.* фармони шоҳ, ҳукм. 2. иҷозатнома; роҳхат, рухсат: парвонаи духул»[26].

Дар фарҳанги устод Айнӣ истилоҳе бо номи «раҳилнома» зикр шудааст, ки айни замон дар истеъмол нест:

«Раҳилнома-номаи рухсати кӯчидан,*Раҳилнома хондан*- киноя аз мурдан:

[26] Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ (иборат аз 2 ҷилд). Ҷ. 2.О – Я (нашри дувум). /Зери таҳрири С. Назарзода, А. Сангинов, С. Каримов, М. Ҳ. Султон. – Душанбе 2010, - 1091 с.

*В-охир ба кори хеш дармонд,*
*Ӯ низ раҳилнома бархонд*».

Дар Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ танҳо вожаи «раҳил» тафсир шуддаст, чунки айни ҳол чунин бо чунин ном дар ҳуҷҷатгузорӣ вуҷуд надорад:

«Раҳил -*а.*кӯч кардан, кӯчидан, ба сафар (ба роҳ) баромадан, аз ҷое ба ҷое рафтан».

Калимаи «сак» аз ҷониби устод Айнӣ дар асари мазкур чунин шарҳ гардидааст:

«Сак- ҳуҷҷати навишта (арабикардашудаи чак). Дар ин маънӣ Шоҳин гуфта:

*Ҳар даъвие, ки аз ту ба фазлу калом рафт,*
*Барҷиз муҳр карду Уторид навишт сак*».

Истилоҳи маъмули «санад»- ро Садридддин Айнӣ ба маънои дуюм чун ҳуҷҷат тафсир намудааст:

«Санад II. 1.ҳуҷҷати навишта 2. далеле барои исботи муддао, ки ба ягон китоби муътабар ва ё одами муътабар нисбат дода мешавад». Моддаи луғавии мазкур дар Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ ба гунаи зерин шарҳ ёфтааст: «Санад -*а.* ҳуҷҷат, далели навишта барои исботи даъво ё муддаое; ҳуҷҷат, далел; санади қарз дастхате ки қарзгиранда ба қарздиҳанда медиҳад; санад овардан барои исботи даъво ё муддаое ҳуҷҷат овардан».

Шарҳи истилоҳи «ташкилот» аз тарафи устод Айнӣ хеле возеҳ мебошад:

«Ташкилот-идорае, ки бо ҷамъ омадан ва иштироки чанд кас ба вуҷуд омада бошад (монанди идораҳои советӣ, партиявӣ ва касабавӣ)». Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ ҳам тавъам ба шарҳи устод мебошад: «Ташкилот- идора ё муассисаи давлатӣ ё ҷамъиятӣ; созмонҳои гуногуни ҷамъиятӣ ё давлатӣ».

Истилоҳи машҳури коргузориву ҳуҷҷатнигорӣ «фармон» дар луғати устод Айнӣ чунин тафсир ёфтааст:

«Фармон- амри қатъӣ додан аз боло ба поин». Шарҳи Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ ҳам фарогири маънои болост: «Фармон -амр, ҳукм; ҳукме, ки аз тарафи идораи олӣ ё шахси воломақоме содир мешавад; фармон додан ҳукм кардан, ҳукм содир намудан, ба каси дигар кореро ба таври ҳукм фармудан».

Ҳуҷҷат барои гирифтани қарзро дар гузашта бо калимаи «чак» ифода мекардаанд:

«Чак-1.навиштаҳои ҳуҷҷатӣ, васиқа, санади қарзгирӣ, коғази ҳавола, хати расид ва монанди инҳо. 2.ҳудуди замин, боғ, вилоят, мамлакат». Маънои чоруми ин вожаро мураттибони Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ чун истилоҳи соҳаи ҳуҷҷатгузорӣ шарҳ додаанд: «Чак I.- 1 қатра. 2. садое, ки аз афтидани қатраи об ба вуҷуд ояд. Чак II - *гуфт.* 1. ҳисса, қисм; чак кардан тақсим кардан. 2. қуръа; чак партофтан қуръа партофтан. Чак III - *кҳн.* навиштаҳои ҳуҷҷатӣ, васиқа, санад: хату чак карда гирифтан, хату чак карда додан, чак навиштан. Чак IV-*кит.* олате, ки се ва ё зиёда шоха дошта, барои бод додани ғалла ва ҷудо кардани коҳ аз дона истифода мегардад.Чак V - буридани навдаҳои ангур ба мақсади боровар кардани дарахт, хомток. Чак//чик VI -аз чаҳор як тарафи буҷул аст, ки онро дар буҷулбозӣ «дузд» низ мегӯянд; *муқ.* пук».

Калимаи «эълон»дар луғати устод Айнӣ ба маънои истилоҳӣ шарҳ нашудааст:

«Эълон- 1. ҳозир кардан 2. ошкор кардан».

Дар луғати устод Айнӣ калимаву истилоҳоти ҳуҷҷатгузории аз забонҳои туркиву муғулӣ ба замонамон воридшуда низ тафсир шудаанд. Масалан, истилоҳи «ярлиғ» чунин тафсир ёфтааст:

«Ярлиғ- фармони подшоҳӣ. (ин калима аз забони муғулӣ ба адабиёти форсӣ-тоҷикӣ интиқол ёфтааст). маншур». Ҳамин вожа дар Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ ба гунаи «ярлиқ» омадааст: «Ярлиқ *т.* 1 *таър.* фармони подшоҳӣ. 2. фармон барои додани мансаб, рутба, номаи фахрӣ, номаи имтиёз *ва г.* 3. тамғаи мол, ки дар он таърих, навъ, миқдор ва нархаш навишта мешавад, ярлиғ».

Калимаи серистеъмоли «қарор» ҳам дар луғати устод Айнӣ ба маънои истилоҳӣ шарҳ нашудааст ва далели он аст, ки ҳуҷҷатгузории муосири тоҷик баъд аз солҳои 50-уми асри гузашта инкишоф ёфтааст: «Қарор- 1. ором, осуда. 2.қавл, аҳд».

Аз таҳлилу баррасии мавзӯи мазкур ба чунин натиҷа расидан мумкин аст, ки устод Айнӣ ҳамчун донандаи волои забони тоҷикӣ тавонистааст бо таҳияи луғати тафсирӣ забони коргузорӣ ҳам будани забони тоҷикиро собит намоянд. Зимни таҳқиқ маълум шуд, ки дар луғати устод Айнӣ зиёда аз 60 калимаву истилоҳоти соҳаи ҳуҷҷатнигориву коргузорӣ, ҳам ба маънои луғавӣ ва ҳам ба маъноӣ истилоҳӣ шарҳу тафсир

шудаанд. Ибтикороти устод Айнӣ дар самти тадвини луғати тафсирӣ маънии онро дорад, ки мавсуф аз илми луғат ва фарҳангнигории миллӣ ва арабӣ хеле хуб огоҳӣ дошта, дар заминаи омӯзишу андӯхтаҳои ҷиддӣ ба ин масъала таваҷҷуҳ зоҳир намудааст, то барои ҷомеаи тоҷикӣ мероси арзишманди фарҳангӣ гузорад.

Ин гувоҳи он аст, ки устод Айнӣ на танҳо дар фарогирии илмҳои филологӣ дасти тамом доштаанд, балки дар ҳама бахшҳои улуми инсонӣ муваффақ будаанд.[27]

---

[27] Адабиёт:

1.Ахмедов Мирзохабиб. Толковый словарь Садриддина Айни и его лексикографические особенности: АКД- Худжанд: 2002. - 24 с.

2. Луғати нимтафсилаи тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик. Куллиёт. Ҷ. 12 / С. Айнӣ.- Душанбе, 1976. - С. 23-558.

3.Луғати осори С. Айнӣ: Тарт. Х. Рауфов, Х. Муҳаммадиева, И. Шукурова, М. Ҳайдарова ва диг. / Муҳар. Р. Ҳошим ва Х. Рауфов. – Душанбе: Дониш, 1978. – 236 с.

4.Маҳмадаминов Абдулҳай. С. Айнӣ – олим. – Душанбе: Истеъдод, 2010. – 64 с.

5.Р. Ҳошим. Садриддин Айнӣ ва инкишофи лексикаи забони адабии форс. /Муҳаррири масъул. Р.Ҳошим. – Душанбе: Дониш, 1978. – 46 с.

6.Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ (иборат аз 2 ҷилд) Ҷ. 1.А – Н (нашри дувум)./Зери таҳрири С. Назарзода, А. Сангинов, С. Каримов, М. Ҳ. Султон. – Душанбе, 2010, - 996 с.

7.Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ (иборат аз 2 ҷилд). Ҷ. 2.О – Я (нашри дувум). /Зери таҳрири С. Назарзода, А. Сангинов, С. Каримов, М. Ҳ. Султон. – Душанбе 2010, - 1091 с.



**Меҳр СОБИРИЁН**
*иқтисодшинос*

# ИСЛОҲОТИ МЕЙҶӢ ДАР ҶОПОН-НАМУНА БАРОИ КИШВАРҲОИ РӮ БА РУШД

**Пешгуфтор**

Аз замоне ки инсоният низоми давлатдориро ба роҳ монд, миллатҳои соҳибдавлат таҷрибаи кишварҳои хориҷиро барои ба роҳ мондан ва такмил додани умури сиёсиву муносибатҳои тиҷоративу фарҳангии худ мавриди омӯзиш қарор медоданд. Дар ин росто, аксаран кишварҳои аз ҷиҳати ҳарбиву иқтисодӣ қавӣ кишварҳои дигарро меомӯхтанд ва дар асоси донишҳои андухтаашон тасмим мегирифтанд. Дертар ин ҳама омӯзишҳо барои мустамлика сохтани кишварҳои Шарқу Африқо низ гузаронида мешуд. Барои аз худ кардани сарватҳои табиии дигар кишварҳо ва дарёфти бозор ҷиҳати фурӯши маҳсулоти саноатии худ кишварҳои пешрафта сараввал кишварҳои мавриди назари худро меомӯхтанд ва баъд ҳадафҳои худро амалӣ мекарданд.

Дар замони муосир муҳимияти омӯзиши таҷрибаи кишварҳои дигар беш аз пеш афзудааст. Имрӯз муносибатҳои мутақобилаи фарҳангӣ, тиҷоратӣ ва амниятӣ миёни кишварҳои гуногуни ҷаҳон ба роҳ монда шудааст ва ин омӯзишҳо роҳҳои мувофиқро барои такомул додани муносибат дар байни давлатҳо ва миллатҳои гуногун фароҳам меоварад. Кишварҳои қавӣ ва тараққикарда кишварҳои дигарро барои бозорёбӣ, захираҳои табиии онҳо ва барои рушди туризм меомӯзанд. Кишварҳои рӯ ба инкишоф, дар баробари ин масъалаҳо, моделҳои сиёсиву иқтисодӣ ва фарҳангии кишварҳои пешрафтаро меомӯзанд, то аз таҷрибаи онҳо истифода карда, давлату миллати худро ба роҳи рушду шукуфоии устувор дароваранд. Ин мавзӯъ барои кишварҳои рӯ ба рушд, ки мехоҳанд кишвари худро дар баробари ҷаҳони мутараққӣ

бубинанд, аҳамияти махсус дорад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам аз ҷумлаи ин кишварҳост, ки омӯзиши таҷрибаи кишварҳои пешрафта ва истифодаи он дар рушду пешрафти мамлакат ҷиҳати ба роҳ мондани ҳамкориҳои мутақобила судманд бо ин кишварҳо дар шароити имрӯза барои мо шарт ва зарур аст.

Омӯзиши давраи Мейҷии Ҷопон (1868-1912) аз он ҷиҳат барои мо муҳим аст, ки маҳз дар ин давра Ҷопон аз низоми феодалӣ ва иқтисоди кишоварзии ақибмонда ба низоми сармоядорӣ ва иқтисоди саноатӣ гузашт. Дар ин замон ин кишвар аз давлатҳои мутараққии Ғарб ақиб монда, мавриди фишори онҳо қарор мегирифт ва таҳти таҳдиду фишорҳо шартномаҳои барои худ зиёноварро бо ин кишварҳо баста буд. Ҷангҳои дохилӣ ва нобаробарии иҷтимоӣ зиёд ба назар мерасид. Ислоҳоте, ки ҳукумати Мейҷӣ ба роҳ монд, на танҳо ба ҷангҳои дохилӣ хотима дода, баробарии иҷтимоиро таъмин кард, балки Ҷопонро аз иқтисоди кишоварзӣ ба саноатӣ расонида, дар баробари кишварҳои тараққикардаи замонаш қарор дод. “Дар давоми умри як насл, Ҷопон ба аҳдофи худ расида, дар раванди он кулли ҷомеаи худро тағйир дод. Дигаргуншавии дохилии Ҷопон бо суръату энерҷии зиёд ва ҳамдастии мардумаш сурат гирифт. Муваффақияти Ҷопон дар модернизатсия таваҷҷуҳи зиёди дигаронро ба худ ҷалб кард, ки чаро ва чӣ гуна ин кишвар имкон ёфт, то дар ин муддати кӯтоҳ институтҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии ғарбиро дар худ ҷорӣ кунад?”[1].Таъсиру фишоре, ки ба Ҷопони асри XIX аз тарафи кишварҳои мустамликадор мерасид, имрӯз ба Тоҷикистон ҳам тариқи мавҷи глобализатсия ё ҷаҳонишавӣ расида истодааст. Ҷопон тавонист аз ин мавҷи таъсирҳои беруна истифодаи дуруст кунад ва Тоҷикистон ҳам, ҷуз ин, роҳи дигар надорад. Ҷомеаи мо ниёз ба боздиди арзишҳои худро дорад ва таҷрибаи Ҷопон, ки бо аз худ кардани арзишҳои нав ҳувияти худро аз даст надод, метавонад намунаи хубе барои аксари кишварҳои рӯ ба инкишоф бошад.

Сабаби интихоби ин мавзӯъ он аст, ки тақдири Тоҷикистони мустақил низ то дараҷае бо Ҷопони Мейҷӣ ҳамгун аст. Кишвари

---

[1] The Meiji Restoration and Modernization (http://afe.easia.columbia.edu/special/japan_1750_meiji.htm)

мо ҳам мавриди фишорҳои хориҷӣ қарор дошт ва дорад, ҷанги дохилӣ ва нобаробарии иҷтимоӣ вуҷуд дошт, ки гурӯҳҳои ҷинояткор сарвати миллиро ғайриқонунӣ аз худ мекарданд. Ҳамчунин ба монанди давраҳои аввали ҳукумати Мейҷӣ иқтисоди мо ҳам кишоварзӣ аст. Имрӯз мақсади асосии Ҳукумат ва тими иқтисодии он саноатикунонии иқтисодиёт мебошад ва ин ҳамон ҳадафест, ки Ҳукумати Мейҷӣ дар Ҷопон дунбол мекард. Муваффақияти Ҷопони Мейҷӣ дар ҷодаиислоҳот, ки решаи иқтисоди пешрафтаи Ҷопони имрӯза аст, ҳар як кишвари дигари рӯ ба инкишоф, аз ҷумла Тоҷикистонро водор мекунад, то таърихи онро омӯзад ва аз таҷрибаи онҳо баҳри тақвияти иқтисодии худ истифода кунад.

Омӯзиши роҳу усулҳои ислоҳоти муваффақонаи Ҳукумати Мейҷӣ ва муайян кардани ҷанбаҳое, ки дар вазъияти имрӯзаи Тоҷикистон онҳоро истифода бурдан имконпазир аст, аз ҷумлаи ҳадафҳои мақолаи мазкур мебошад.

### Вазъияти сиёсиву иқтисодии Ҷопон дар остонаи ба вуҷуд омадани Ҳукумати Мейҷӣ

Дар ҳоле ки ҳанӯз аз асри XVII кишварҳои Аврупо ислоҳоти амиқи сиёсӣ, эътиқодӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоиро оғоз карданд ва онро “Асри равшангарӣ” унвон ниҳодаанд, Ҷопон гирифтори низоми феодалие буд, ки дар он самурайҳо раҳбарӣ мекарданд. Ин давра дар таърихи Ҷопон давраи Эдо ном дорад. Пойтахти давлати Эдо Токио буд ва онро Иэюсу Токугава асос гузошта буд. Шоҳ дар идораи давлат иштирок надошт ва танҳо мақоми расмиро дошт. Ҳукумати Эдо аз солҳои 1603 то 1867 идома дошт ва дар натиҷа Ҷопон аз кишварҳои дигари пешсафи ҷаҳонӣ ақиб монда, на аз ҷиҳати ҳарбӣ ва на иқтисодӣ бо онҳо рақобат карда наметавонист. Барои гурехтан аз таъсири кишварҳои мустамликадори Ғарб Ҳукумати Эдо дарҳои кишварашро ба рӯйи онҳо баста ва Ҷопон ба як кишвари ақибмондаи пӯшида табдил ёфта буд. Албатта, ақибмондагии он нисбат ба кишварҳои рушдкардаи Ғарб буд, на нисбат ба кишварҳои ақибмондаи Шарқ ва Африқо. Давраи Эдо рушди иқтисодии нисбӣ дошт, ки дар натиҷаи садсолаҳои инкишоф ба даст омада буд. Соҳаи кишоварзӣ, савдо ва косибӣ мунтазам рушд мекард,

вале суръати рушд кам буд ва бо кишварҳои Ғарб баробар шуда наметавонист. Ниёз барои ислоҳоти ҷиддӣ ба вуҷуд омада буд.

Моҳи июли соли 1853 ду киштии ҳарбии ИМА бо сарварии капитан Метю С. Перрӣ ба соҳили Ҷопон омада, аз Ҳукумати Эдои Ҷопон талаб мекунад, то дарҳои бозори Ҷопонро барои тиҷорат бо ИМА кушояд. Баъди муқоисаи қувваҳои худ бо рақиб ҳукумати Ҷопон ба хулосае меояд, ки қувваҳо нобаробаранд ва саранҷом соли 1854 бо ИМА шартномаи тиҷоратӣ баста, бозори худро ба рӯйи тоҷирони амрикоӣ мекушояд. Ин шартномаи нангин боиси он шуд, ки дигар кишварҳои мутараққии Ғарб ҳам Ҷопонро маҷбур карданд, то бо онҳо ҳам чунин шартномаҳо имзо кунад. Тибқи ин шартномаҳо, на танҳо дарҳои бозорҳо ба рӯйи хориҷиён кушода мешуд, балки ба онҳо имкон медод, то аз ҷавобгарӣ дар назди додгоҳи Ҷопон озод бошанд ва ҳатто тарифҳои гумрукии Ҷопонро хориҷиён муайян кунанд.

Ин фишори аҷнабиён ва шартномаҳои нобаробари таҳқиромез мардумро ба ғазаб оварда буд ва онҳо аз ҳукумат талаб мекарданд, то хориҷиёнро бадарға кунад. Аммо Ҳукумати Эдо дар баробари қувваи ҳарбии хориҷиён нотавон буд. Гурӯҳҳои алоҳида бо хориҷиён бархӯрд мекарданд ва онҳоро мекуштанд, аммо ин вазъиятро дигар карда наметавонист. Саранҷом давраи ҳукумати самурайҳо ба анҷом расид ва дар охири соли 1867 ҳукумати Эдо аз байн рафт. Дар оғози соли 1868 императори 16 -солаи Ҷопон Мутсуҳито (Mutsuhito) ҳукуматро ба даст гирифта, номи ҳукумати худро Мейҷӣ (Meiji) ниҳод, ки маънои он "идораи хирадмандона" ё "идораи равшанфикрона" мебошад.

**Ҳукумати Мейҷӣ: сохтори идорӣ ва аҳдофи он**

Ҳангоме ки императори 16 -сола дар соли 1868 қудратро ба дасти худ гирифт, Ҷопон як кишвари феодалӣ ва кишоварзии ақибмондае буд, ки зери фишори абарқудратҳои давр қисме аз мухторияти худро аз даст дода буд. Аз ҷумла тарифҳои гумрукиашро хориҷиён муайян мекарданд ва додгоҳ наметавонист ҷинояткорони аҷнабиро ба ҷавобгарӣ кашад. Императори ҷавон бо ҳалқаи мушовирони ватандӯсташ бо

ҳадафи баровардани Ҷопон аз ин вазъияти нангин ва баробар кардани кишвар бо абарқудратҳо ба фаъолият оғоз кард. Аз худ кардани дониш ва технологияи Аврупо, маорифи ҳатмии саросарӣ, низоми бонкдорӣ ва андозбандии нав, сохтори нави низомӣ ва иштирок дар тасмимгириҳо дар масъалаҳои умумиҷаҳонӣ аз аҳдофи аслии ҳукумати нав ба ҳисоб мерафт. Азхудгузаштагии император ва дар маҷмӯъ, ҳама мушовирон, низомиён, кишоварзон ва умуман, аксари мардуми Ҷопон баҳри сохтани кишвари бузург омили аслӣ ва ҳалкунандае буд, ки кафолати расидан ба ин ҳадафҳоро медод.

"Собиқ самурайҳое, ки дар ҳукумати нав фаъолият мекарданд, ба роҳ мондани ҳукумати конститутсиониро барои расидан ба ин аҳдоф бисёр зарурӣ мешумориданд. Агар Ҷопон мехоҳад ба таври кофӣ кишвари қавӣ ва сарватманд бошад, ки тавонад бо абарқудратҳои Ғарб рақобат кунад, ҳатман бояд ба ҳамин роҳ равад. Ҳамин буд, ки онҳо ҳама қувваи худро барои сохтани чунин давлат сафарбар карда буданд".[2]

Аз рӯзи аввали ташкили Ҳукумати Мейҷӣ император ҷавон ба мушовирони таҷаддудгарои худ озодии васеи фаъолият дод. Таҳти раҳбарии ин мушовирони ватандӯст ва хирадпеша, олимон ва сиёсатмадорони ҷавон ба кишварҳои Ғарб барои омӯзиши низоми сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ин қитъаи пешрафта равон карда мешуданд. Онҳо дар навбати худ тамоми кӯшишҳоро ба харҷ медоданд, то ҳарчи Ғарб медонад, бидонанд ва онро баргашта дар ватани худ амалӣ кунанд. Ҳукумати Мейҷӣ дар навбати худ, ҳар як пешниҳод ё ташаббуси онҳоро дастгирӣ ва амалӣ мекард. "Император 6 апрели соли 1868 "**Савганди маншур**"-и худро нашр кард, ки дар он ба мардум ваъда медод, анҷуманҳо барои муҳокимаи ҳамаи масъалаҳои умумидавлатӣ ташкил карда мешаванд ва расму оини зиёновар ва пӯсидаи феодалии гузашта мамнуъ хоҳад шуд".[3]

Албатта, дар ин миён норозиёни суннатгаро ҳам буданд, ки барои ислоҳоти куллӣ монеа эҷод мекарданд. Аз як ҷониб, қисме аз самурайҳо омода набуданд аз баҳри манфиатҳои худ гузаранд

---

[2] The Meiji Restoration: Roots of Modern Japan, Shunsuke Sumikawa, March 29, 1999
[3] Ҳамин ҷо

ва манфиатҳои ватану обрӯйи миллати хешро дар мадди аввал гузоранд. Аз ҷониби дигар, мардуми оддӣ ҳам то дараҷае суннатгаро буд ва намехост фарзандони худро ба мактабҳои нав равон кунад. Онҳо фикр мекарданд дар ин мактабҳои нав, ки сохти аврупоӣ доштанд, фарзандонашон беҳувият мегарданд ва гузашта аз ин, онҳо фарзандонашонро дар корҳои хоҷагӣ истифода мебурданд ва намехостанд аз ин қувваи корӣ маҳрум шаванд. Аммо ҳукумати нав дар роҳи ислоҳоти куллӣ ҷиддӣ буд. Ҳамин тариқ, самурайҳои норозиро, ки дар соли 1877 даври ҳам омада исён карданд, шикаст дод ва ин монеаро бартараф кард. Маорифи сартосариро маҷбуран ба роҳ монд ва мардум, аз ҷумла кишоварзон, ки аксарият буданд, маҷбур буданд фарзандонашонро ба мактабҳо фиристанд.

Ислоҳоти сиёсӣ ва идорие, ки дар ин давра анҷом дода шуд, муваффақона ва заминасози рушди иқтисодиву фарҳангии минбаъдаи Ҷопон буд. Таҷрибаи Аврупоро омӯхта, ҷопониҳо дар соли 1889 сарқонуни худро қабул карданд ва Ҷопонро ба давлати парлумонӣ табдил доданд. Нақши император дар он рамзӣ шуд, ки то кунун ҳамчунон боқӣ мондааст. Албатта, таҷрибаи супоридани ҳукумати иҷроия ба дигар қувваҳо дар низоми шоҳигарии Ҷопон вуҷуд дошт ва ин нав набуд. Аммо омодагии императори ҷавон барои ислоҳоти куллие, ки оқибат қудрати воқеиро бо ихтиёри худ ба дасти дигарон (парлумон) медиҳад, падидаи нодирест дар кишварҳои Шарқ. Шоҳи Чин, ҳамсояи наздики онҳо, чунин омодагиро надошт. Дар он шабу рӯз ӯ ба бозичаи дасти манфиатҷӯёни дарборӣ табдил ёфта, рӯз то рӯз кишвараш пора шудан мегирифт, аммо Ҷопон бо саривақт ислоҳот гузаронидан аз кишвари ақибмонда ба кишвари бузурги колониалӣ табдил ёфт. Камбудӣ дар он буд, ки дар ин сол танҳо як дар сади сарватманди аҳолӣ ҳуқуқи овоздиҳиро дошт, баъдан дар соли 1925 ҳама мардон ин ҳуқуқро ба даст оварданд. Ба занҳо дар соли 1945 ҳуқуқи овоздиҳӣ дода шуд.

"Сарқонуни 1889 кори дасти Ито Ҳиробумӣ буд, ки дар Аврупо таҳсил карда буд".[4] Қишри зиёӣ ва гурӯҳҳои сиёсӣ аз

[4] The Meiji Restoration: Roots of Modern Japan, Shunsuke Sumikawa, March 29, 1999

аввал талаби ҳарчи зудтар ҷорӣ кардани сарқонуни навро мекарданд. Вале раҳбарон шитоб намекарданд ва бар ин андеша буданд, ки нахуст бояд аҳолӣ омода бошад ва баъдан интихоб сари низоми демократияи Бритониёӣ ва монархияи конститутсионии Олмон осон набуд. Зиёиён ва сиёсатмадорони прогрессив ҷонибдори низоми Британия буданд, вале ҳукумат модели Олмониро мехост. "Онҳо бар ин буданд, ки озодиҳои зиёд додан ба мардуме, ки омода нест, боиси хушунат ва бесарусомониҳо мегардад".[5] Онҳо инқилоби Фаронсаро барои ин иддаояшон мисол меоварданд. "Омура Масаҷиро - сардори Департаменти ҷанг дар он замон бар ин бовар буд, ки ҳукумат, пеш аз ҳама, бояд тартиботи дохилиро таъмин кунад ва вақте ин ба даст омад, қудратҳои Ғарб маҷбур мешаванд Ҷопонро ҳамчун қудрат бишносанд ва ҳамин тариқ, шартномаҳои таҳқиромез ва нобаробари худро бо Ҷопон бознигарӣ кунанд".[6] Равшанфикрони ҷопонии он давраислоҳоти фикрии ҷомеаи худро аз ҳама муҳимтар мешумориданд. Нахуст тафаккури аҳолиро ислоҳ бояд кард ва баъдан ислоҳоти дигар имконпазир хоҳад шуд. Ин назарҳои онҳо ҳоло ҳам кӯҳна нашудаанд ва ҳоло ҳам барои кишварҳои рӯ ба инкишоф муҳиманд.

## Рушди илму маориф ва аз худ кардани технологияҳои Ғарб

"Ҳукумати Мейҷӣ низоми маорифи худро аввал дар асоси низоми маорифи Фаронса ва баъдтар дар асоси низоми маорифи Олмон ба роҳ монд. Дар миёни ислоҳотҳои онҳо аз ҳама назаррас ва давомнок ба роҳ мондани маорифи ҳатмӣ буд".[7] Дар раванди омӯзиши наврасон ва ҷавонон донишомӯзони болаёқат муайян карда шуда, ҳавасманд карда мешуданд ва аз донишу маҳорати онҳо дар раванди ислоҳотгузаронӣ истифодаи зиёд мешуд. Дар воқеъ муваффақияти Ҷопон бештар натиҷаи тақвияти зеҳнии аҳолияш буд, ки ҳукумати Мейҷӣ аз аввали

[5] The economic development of Japan. The path traveled by Japan as a developing country, Kenichi Ohno, Tokyo, February 2006
[6] Ҳамин ҷо
[7] Ҳамин ҷо

мавҷудияти худ, новобаста аз монеаҳои молиявӣ низоми маорифи ҳатмиро ҷорӣ карда буд.

Барои бо суръати баланд боло бурдани дониши аҳолӣ ва аз худ кардани технологияҳои пешрафтаи Ғарб ҳукумати Мейҷӣ аз кишварҳои хориҷӣ мутахассисони барҷастаро бар ивази маоши баланд барои мушовирӣ дар вазоратҳо ва омӯзондани донишҷӯён даъват кард. Ба баъзе аз ин мутахассисони хориҷӣ маоши баландтар аз Нахуствазири онвақтаи Ҷопонро медоданд. Ин як бори гарон бар буҷети Ҷопон буд, аммо бидуни ин расидан ба ҳадаф номумкин буд. Донишманди ҷопонӣ Мамичӣ Тсуда (1829-1903), ки дар Ғарб таҳсил карда буд, навишт, ки "Ҷопон донишҷӯест, ки илму технологияи Ғарбро меомӯзад. Барои зиёдтар ва тезтар омӯхтан мо маҷбурем ин пардохтҳои баландро кунем".[8] Ҳатто ширкатҳои хусусӣ омӯзгорони хориҷиро даъват мекарданд, то ба кормандонашон дарс гӯянд. Дар баробари ин донишҷӯёни болаёқат аз тарафи давлат ба хориҷа равон карда мешуданд ва дар он ҷо таҳсил карда ба ватан меомаданд. Ин мутахассисон таҷҳизоти хориҷиро ворид карда меомӯхтанд ва дар асоси он худ таҷҳизоти нав месохтанд. Ин амал дар замони муосир ғайриқонунӣ аст, аммо дар он давра қонунҳои байналмилалии пешгирикунандаи он вуҷуд надошт ва Ҷопон аз ин ҳолат истифода карда буд. "Ба хотири табдил додани кишвар аз кишоварзӣ ба давлати тараққикардаи саноатӣ, донишомӯзон ва муҳаққиқони ҷопонӣ ба хориҷа, мерафтанд то забон ва илми Ғарбро омӯзанд. Ҳамзамон донишмандони хориҷиро ба Ҷопон даъват карда буданд ва онҳо ба мардуми кишвар дар дохил дарс медоданд. Ҳамчунин давлат ба соҳаҳои нақлиёт ва коммуникатсия сармоягузории зиёд мекард. Дар баробари ин ҳукумат корхонаҳои муваффақро бевосита дастгирӣ мекард, махсусан, корхонаҳоеро, ки моликонашон хонадонҳои қудратманд буданд, ки онҳоро Зайбатсу (Zaibatsu) меномиданд". Ин ҳама, дар маҷмӯъ, раванди аз худ кардани илму технологияҳои пешрафтаро суръат бахшид ва Ҷопон тавонист баробарвазни кишварҳои мутараққӣ шавад.

---

[8] The economic development of Japan. The path traveled by Japan as a developing country, Kenichi Ohno, Tokyo, February 2006

## Ислоҳоти иқтисодӣ, ҳарбӣ ва тағйиротҳои иҷтимоиву фарҳангӣ дар давраи Мейҷӣ (1868-1912)

Бо мақсади сиёсӣ ва идеологӣ ислоҳотгарон дар Ҳукумати Мейҷӣ дини қадимаи худ Шинторо бар Будизми омада аз Чин тарҷеҳ медоданд. Ин ба он хотир буд, ки онҳо императорро қувваи азими муттаҳидкунандаи миллат медонистанд ва дини миллии онҳо шоҳони Ҷопонро баргузида меҳисобид. Дар макотиб дар баробари фанҳои хониш ва ҳисоб, дарси ахлоқро ба роҳ монда, ба хонандагон уҳдадорӣ дар назди императорро таъкидан меомӯзонданд. Яке аз вижагиҳои ҷомеаи онвақтаи Ҷопон он буд, ки онҳо ба фарқ аз бештари ҷомеаҳои дигар синфи рӯҳониёнро надоштанд. Баъдан масъулони давлатӣ соҳиби замини кишоварзӣ набуданд ва дар соҳаи кишоварзӣ танҳо деҳқонони воқеӣ кор мекарданд. Ислоҳоти иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дар баробари ислоҳоти сиёсиву иқтисодӣ ба роҳ монда шуд. Раванди гузаштан аз ҷомеаҳои пӯшидаи деҳотнишин ба ҷомеаҳои кушодаи шаҳрнишин ба вуҷуд омад, ки барои ба роҳ мондани иқтисоди саноатӣ шароит фароҳам овард. Дар баробари ин, низоми нави илму маориф андешаи илмӣ ва ратсионалиро ҷойгузини бовару одатҳои хурофотӣ ва ирратсионалӣ кард, ки бе ин тағйиротҳо саноатикунонии Ҷопон ғайриимкон буд.

Ба роҳ мондани ислоҳоти боровар масъулияти аввалиндараҷаи ҳукумат буд ва Ҳукумати Мейҷӣ дар он нақши муассир дошт. Дар баробари ин, нақши ширкатҳои хусусӣ ҳам, ки дар шароити нав имконоти зиёд доштанд, аҳамияти бузург дошт. Ҳамкориҳои давлат бо сектори хусусӣ яке аз вижагиҳои Ҷопони Мейҷӣ буд, ки то кунун дар ин кишвар ба мушоҳида мерасад ва ин ҳамкориҳо нақши ҳалкунандае дар рушди иқтисодии ин кишвар дошт. Бо вуҷуди ин, давлат ягона сармоягузори бузург дар иқтисоди Ҷопон буд. Дар солҳои аввали Ҳукумати Мейҷӣ ҳамаи соҳаҳои сармояталаб тариқи сармоягузории бевоситаи давлат маблағгузорӣ мешуданд. Давлат маблағҳои буҷавии зиёдеро барои дохил кардан ва аз худ кардани технологияҳои пешрафтаи замонаш равона мекард ва

корхонаҳои истеҳсолии нав месохт. Коршиносон ба ин андешаанд, ки бе чунин маблағгузориҳои давлатӣ суръати рушди иқтисодии Ҷопон ба маротиб пасттар мешуд.

Дар ду даҳсолаи аввали Ҳукумати Мейҷӣ аксари даромади буҷаи давлатиро соҳаи кишоварзӣ таъмин мекард. Тибқи Санадиислоҳоти замин, ки дар соли 1873 мавриди амал қарор гирифт, кишоварзон ба ҷойи биринҷ андози заминро бо пули нақд мепардохтанд, ки он ба 3 дар сади арзиши замин баробар буд. Ин қоидаҳои нав пеши роҳи ришвахорӣ дар соҳаро гирифта, боиси ба роҳ мондани даромади муътадил ба буҷет гардид.

То соли 1900 маҳсулоти содиротии асосии Ҷопон ба хориҷ абрешим буд. Маҳсулоти саноатӣ бо маҳсулоти аврупоӣ ва амрикоӣ рақобат карда наметавонист. Баъд аз абрешими ҷопонӣ чой ҳам содирот мешуд. Даромад аз содироти ин маҳсулотро асосан барои хариди таҷҳизот масраф мекарданд. Дар муддати кӯтоҳ ин сиёсат ба он расонд, ки воридоти маҳсулоти пахта қатъ гардида, ҷойи онро маҳсулоти пахтаи дохилӣ гирифт. “Дар охири даҳаи якуми Ҳукумати Мейҷӣ дар Ҷопон камтар аз 10 ҳазор таҷҳизоти нахресӣ вуҷуд дошт, вале то охири давра ин адад ба 100 ҳазор расид. Ҳамин тариқ то охири давраи Мейҷӣ Ҷопон ба кишвари пешсаф дар саноати нассоҷӣ табдил ёфт. Ҷопон тавонист технологияи хориҷиро ворид карда, онро аз худ намуда такмил диҳад ва саноати худро бисозад, то дар бозори ҷаҳонӣ рақобатпазир гардад”.

Дар даҳаи якуми ҳокимияти Мейҷӣ корхонаҳои зиёди давлатӣ сохта шуданд, ки муваффақ нашуданд. Аксари онҳо бар зиён кор мекарданд ва давлат онҳоро ба соҳибкорон фурӯхт. Ҳарчанд ин корхонаҳо бо нархи нисбатан паст фурӯхта шуданд ва ин норозигиҳои зиёдро ба вуҷуд овард, аммо соҳибони нави ин корхонаҳо бо ҷорӣ кардани идораи дуруст ва сармоягузориҳои иловагӣ ин корхонаҳоро судовар гардониданд. Аз ин ҷост, ки дар давраҳои баъдӣ ҳеҷ кас он соҳибкоронро барои бо нархи ночиз аз худ кардани моликияти давлат муттаҳам намекард. Бо ҳадафи танг кардани мавқеи истеҳсолкунандагони хориҷӣ давлат дар навбати худ ин корхонаҳои хусусиро то ҳадди имкон дастгирӣ мекард. Ин сиёсатро онҳо “ҷойивазкунии воридот” меномиданд ва сиёсати

"импортозамещение", ки Россия дар соли 2014 баъди ҷорӣ шудани таҳримҳои Ғарб пеш гирифт, бо он шабоҳати комил дорад.

"Яке аз вижагиҳои Ҳукумати Мейҷӣ саноатикунонии босуръат буд. Дар баробари сиёсати давлатӣ, ки институтҳои ғарбиро ҷорӣ карда, инфрасохтори нав сохт, мушовирони бодонишу таҷрибадори хориҷиро даъват кард, омӯзишу парвариш ва такмили ихтисоси густардаро ба роҳ монд, ширкатҳои истеҳсолии давлатӣ ва марказҳои тадқиқотиро сохт ва дигар амалҳои лозимаро иҷро кард, бояд эътироф кард, ки динамизми сектори хусусӣ аз ҳамаи ин фаъолиятҳои давлат муҳимтар буд. Дар табақаҳои поёнӣ тоҷирони нав ва тоҷирони собиқадор, муҳандисони соҳибихтисос, ҳунармандони сарфароз ва деҳқонони сарватманд дар саросари кишвар қувваи пешбарандае буданд, ки имкони босуръат аз худ кардани донишу технологияи пешрафтаи хориҷиро ба вуҷуд оварданд. Бе мавҷудияти ин имкониятҳои сектори хусусӣ, ҳатто сиёсати дурусти давлатӣ натиҷаи дилхоҳ дода наметавонист".

Кеничӣ Оҳно дар китоби худ "Рушди иқтисодии Ҷопон" ду шахсиятро мисол меорад, ки нақши онҳо дар рушди соҳаи нассоҷии Ҷопон ҳалкунанда буд. Соли 1877 як соҳибкор бо номи Эйичӣ Шибусава ба як донишҷӯи ҷопонӣ дар Лондон бо номи Такео Яманобэ бо чунин мазмун нома менависад: "Яманобэи азиз, як дӯстам номи шуморо ба ман гуфт. Ҷопон имрӯзҳо аз ҳад зиёд нахи пахтаро аз хориҷ ворид мекунад. Моро зарур аст, ки соҳаи ресандагии дохилии худро ташкил кунем. Мо ба одамоне ниёз дорем, ки ҳам мудирият ва ҳам технологияро донанд. Лутфан, шумо метавонед соҳаи ресандагиро омӯзед? Ман корхона хоҳам сохт". Яманобэ, риштаи иқтисод ва суғуртаро тарк карда, ба ваъдаи ҳамватани худ, ки боре надида буд бовар мекунад ва ба омӯзиши соҳаи коркарди пахта мепардозад. Эйичӣ дар навбати худ ба донишҷӯе, ки боре вонахӯрдааст, маблағ равон мекунад, то ӯ омӯзишро давом диҳад. Дар солҳои баъдӣ ин ду чеҳра ҳамкориро ба роҳ монда яке аз муҳимтарин чеҳраҳо дар сохтмони соҳаи нассоҷии Ҷопон мегарданд. Ин ҳам яке аз вижагиҳои мардуми Ҷопон буд, ки соҳибкору донишҷӯ ҳам дар лоиҳаҳои бузурги миллӣ худро масъул дониста, ҷону моли худро

дар ин роҳ ба гарав мегузоранд. Ин вижагиест, ки то кунун барои ҳар кишваре дар ҷаҳон зарур мебошад, то ба рушду пешрафти назаррас ноил гардад.

“Бо таъмин кардани шароити нави амниятии сиёсӣ ва молиявӣ, ҳукумат имконияти сармоягузории дохилиро ба саноат ва технологияҳои нав фароҳам овард”. Дар раванди бозсозӣ ва гузаштан ба низоми капиталистӣ ташкили бонкҳо зарур буд. Ҷопон дар соли 1873 низоми бонкии худро аз руйи низоми бонкии ИМА ташкил кард. Дертар барои такмил додани ин низом бонки марказии Ҷопон созмон дода шуд ва онро Бонки Ҷопон (Bank of Japan) номиданд. Баъдтар бонкҳои соҳавӣ барои кишоварзӣ ва саноат кушода шуданд. Низоми бонкдории Ҷопон давраҳои рушд ва афтишро дошт, ки омӯзиши алоҳидаро талаб мекунад ва дар доираи ин матлаб намеғунҷад. Вале нақши он дар рушди иқтисодии Ҷопони Мейҷӣ бузург аст ва яке аз соҳаҳое мебошад, ки дар гузариш аз сатҳи кишоварзӣ ба саноатӣ кумак карда буд.

Яке аз аҳдофи муҳими Ҳукумати Мейҷӣ сохтани артиш ва неруи баҳрии қавӣ ва марказонидашудае буд, ки дар асоси он Ҷопон бояд ҳамчун кишвари қудратманд дар сатҳи ҷаҳонӣ эътироф мешуд. Барои таъмини молӣ ва зеҳнии артиш давлат бо корхонаҳои хусусӣ ҳамкориҳоро ба роҳ монд, ки ба онҳо фармоишҳо медод. Ин аз як ҷониб артишро таъмин мекард, аз ҷониби дигар таъсири азиме ба рушди иқтисодӣ ва технологии Ҷопон мерасонид. Ислоҳоти низомӣ натиҷаи худро дар бархӯрд бо самурайҳои норозӣ дар соли 1877 нишон доданд ва ин пешравиҳои низомӣ дар ҷанги Ҷопон бо Чин дар солҳои 1894-1895 ва ҷанг бо Русия дар солҳои 1904-1905 дида шуд, ки пирӯзӣ дар ин ҷангҳо кишварҳои Ғарбро маҷбур кард, то Ҷопонро қудрати баробарвазн бишносанд. Пирӯзӣ дар ин ҷангҳо барои Ҷопон тақвиятгари ҳам иқтисод ва ҳам артиш буд.

Саранҷом дар поёни давраи Мейҷӣ Ҷопон ба бештари ҳадафҳои худ расид. Низоми нави давлатдории парлумонӣ, артиши қавии сатҳи ҷаҳонӣ ва иқтисоди саноатии рақобатпазир аз дастовардҳои Ҳукумати Мейҷӣ маҳсуб мешаванд. Ҳарчанд саноати вазнин дар зинаҳои аввал қарор дошт ва рақобатпазир

набуд, вале заминаҳои рушди он фароҳам шуда буд ва дертар дар ин ҷода ҳам Ҷопон ба кишварҳои Ғарб баробар шуд.

## Ҷопон дар замони Ҷанги якуми ҷаҳонӣ ва давраи пеш аз Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ

Дар аввали солҳои Мейҷӣ Ҷопон асосан ашёи хомро ба кишварҳои ғарбӣ содир карда, аз он ҷо масолеҳи саноатӣ ва таҷҳизот ворид мекард. Дар охири он давра низ вазъият тақрибан ҳамчунин буд ва ба ҷуз пахтаи Амрико Ҷопон аз ин кишварҳо ҳамоно таҷҳизоту маҳсулоти тайёр ворид мекард. Аммо дар баробари ин маҳсулоти соҳаи саноати сабуки Ҷопон бозорҳои кишварҳои рӯ ба инкишофро тасхир карда, мавқеи кишварҳои ғарбиро танг мекард. Таносуби умумии тиҷории Ҷопон дигар шуда буд. “Дар охири давраи Мейҷӣ (1912), ки каме пештар аз оғози Ҷанги якуми ҷаҳонӣ буд, Ҷопон муваффақона саноати сабуки худро ба роҳ монда буд, махсусан дар соҳаи нассоҷӣ. Аммо саноати вазнин ва мошинсозӣ дар оғози роҳи худ қарор доштанд. Рушди босуръати ин соҳаҳо дар давоми Ҷанги якуми ҷаҳон ва баъд аз он ба роҳ монда шуд”.

Ҷопон дар замони ду ҷанги худ (бо Чин ва бо Россия) ба камбудии маблағ дучор шуда аз хориҷа қарз гирифт, ки ин қарзҳо вазъи молиявии Ҷопонро бад карда буданд. Ин вазъият баъди сар задани Ҷанги якуми ҷаҳонӣ рӯ ба беҳбудӣ овард. Дар баробари гирифтор шудани кишварҳои Аврупой дар ин ҷанг содироти онҳо ба дигар кишварҳо қатъ шуд. Ҷопон аз фурсат истифода карда, молу маҳсулоти саноатии худро дар ин бозорҳо ҷойгузини онҳо кард. Ҳарчанд сифати маҳсулоти ҷопонӣ пасттар буд, вале талабот зиёд буд ва онҳо бо нархи гаронтар ба фурӯш мерафтанд. Ин шароит фурсати муносибе ҳам барои давлат ва ҳам барои шаҳрвандони Ҷопон шуд. Тоҷирону истеҳсолкунандагон босуръат сарватманд мешуданд ва буҷети давлат аз ҳисоби андозу пардохтҳо ғанӣ мешуд. Иқтисод дар маҷмӯъ босуръат пеш мерафт. Лекин ин дар як муддати кӯтоҳ, дар давоми Ҷанги якуми ҷаҳон буд ва дар солҳои бистуми асри гузашта, иқтисоди Ҷопон ба рукуд мувоҷеҳ шуд. Дар ин солҳо ба мардум озодиҳои бештар дода шуд ва ҳукумат бо ин усул

тавонист назму низомро нигаҳ дорад. Вале хатари дигаре дар пеш меистод, ки он ба дасти ҳарбиён гузаштани ҳукумат ва боло рафтани миллатгароӣ буд. Буҳрони иқтисодии соли 1928 дар ИМА таъсири худро ба дигар кишварҳо, аз ҷумла Ҷопон расонид ва Ҷопон дар солҳои 1930-1932 ба мушкилоти бештар мувоҷеҳ шуд. Ин норозигии мардумро зиёд карда, роҳи расидани низомиён ба қудратро ҳамвор мекард, ки саранҷом дар соли 1937 онҳо қудратро ба даст гирифта, ҷангро бо Чин оғоз карданд ва ҳамаи захираҳои моддӣ ва зеҳнии Ҷопон барои таъмини артиш равона гардид.

Бо вуҷуди ин мушкилот, то соли 1930 Ҷопон соҳаи саноати вазнин ва кимиёии худро тақвият дода тавонист ва дар ин давра тақрибан ҳамаи мошинолотро аллакай дар дохил истеҳсол намояд. Саноати вазнин дар солҳои сиюм бо идораи марказонидашуда, ки бо ҳадафҳои низомӣ ба роҳ монда шуда буд, бештар тақвият ёфт. Истифодаи донишу технологияи ширкатҳои гуногун барои ба роҳ мондани истеҳсоли киштиҳои ҳарбӣ, ҳавопаймоҳо ва дигар воситаҳои ҷангӣ, таъсири мусбати худро ба саноати вазнин гузошт. Ҳарчанд шикасти сангин дар Ҷанги дуюми ҷаҳон ба Ҷопон зиёни ҷиддии моддӣ оварл, вале донишу технология ва мутахассисони кордон боқӣ монданд ва дар солҳои баъдиҷангӣ, истифодаи дурусти онҳо дар бозсозӣ, ин кишварро дар муддати нисбатан кӯтоҳ ба як кишвари ободу пешрафта табдил дод.

## Хулоса

Рушди устувори Ҷопон дар давраи Мейҷӣ натиҷаи вокуниши дурусти давлат, соҳибкорон, ҷомеа ва мардум ба фишор ва таъсири беруна мебошад. Маъмулан, ҷомеаҳо дар пояи фарҳанг, иқлим ва ҷойгиршавии ҷуғрофии худ ба таври эволютсионӣ ва ором рушд мекунанд, аммо вақте фишору таъсири беруна зиёд мешавад, ба ин раванд суръат бахшида метавонад. Албатта, агар вокунишҳо ва амалҳои мувофиқ ба рушду пешрафт дар баробари ин фишору таъсирҳои беруна вуҷуд дошта бошад. "Вале агар вокунишҳо суст ва носозгор бошанд, ҷомеа метавонад ба ноором̣ӣ дучор ва ҳатто зери таъсири қувваҳои хориҷӣ ба шикаст мувоҷеҳ шавад". "Дар муқоиса бо таърихи дигар

кишварҳои ғайриғарбӣ, гуфтан мумкин аст, ки Ҷопон аз таъсиру фишорҳои хориҷӣ самаранок истифода бурда, онҳоро баҳри рушди босуръати худ истифода кардааст. Мардуми Ҷопон унсурҳои хориҷии зиёдеро, ки бо суннатҳои худ дар тазод буданд, оромона аз худ карда, ҳангоми зарурат истифода мекарданд. Ин вижагӣ махсуси ҷомеаи ҷопонӣ буда, дар дигар ҷомеаҳо ба назар намерасид".

Мутобиқ шудан бо қавонини байналмилалӣ ва ба роҳ мондани ҳамкориҳои босамари дуҷониба ва бисёрҷониба бо кишварҳои дигар ва дар айни замон аз даст надодани ҳувияти миллии худ кори саҳлу сода нест. Бисёре аз халқиятҳо дар ин гирудорҳо ҳувияти худро аз даст медиҳанд, вале Ҳукумати Мейҷӣ бо сарфи назар кардан аз баъзе суннатҳои кӯҳнашуда, тавонист аз уҳдаи ин кор барояд. "Дарки қафомондагӣ ва ифтихороти поймолшуда қувваи психологии бузурги таҳрикдиҳандае буд, ки пушти саноатикунонии Ҷопон дар давраи Мейҷӣ меистод. Шиори миллии онҳо "кишвари сарватманд, артиши қавӣ буд".

Ислоҳоти куллие, ки Ҷопон дар давраи Мейҷӣ гузарондааст, намунаи хубе барои ҳар кишвари шарқии рӯ ба инкишоф аст. Пеш аз ҳама, омодагии қишри ҳукмрон барои гузаронидани ислоҳоти куллӣ, ки манфиати давлатро аз манфиатҳои шахсии худ боло медонад, метавонад раҳнамо барои дигарон бошад. Мушовирони Императори Ҷопон, асосан ҳамон самурайҳое буданд, ки дар низоми пешина мақоми баланд доштанд, вале чун диданд, ки он низом ба бунбаст гирифтор шудааст ва Ҷопон наметавонад дар сатҳи ҷаҳонӣ манфиатҳои худро ҳифз кунад, даст ба ислоҳот заданд. Эътироф кардани ҷойгоҳи воқеии кишвари худ, гузаштан аз манфиатҳои шахсӣ ва ҷорӣ кардани тағйиротҳои куллӣ, оғози ислоҳоти муваффақонаи Ҳукумати Мейҷӣ буд, ки метавонад сароғози ислоҳоти дуруст дар ҳар кишвари ақибмондаи дигаре бошад. Тоҷикистон ҳам ин ҷо истисно нест. Наметавон бо таърифу тавсифи бепоёни "дастовардҳо" ҷойгоҳи воқеии як кишвари ақибмондаро дар ҷаҳони муосир боло бурд. Пеш аз ҳама ишқ бар ватан ва номуси миллии ҷопониҳо буд, ки раҳбаронро ба шинохти дурусти вазъият ва дарки зарурати ислоҳоти куллӣ расонид. Баъдан ин

раҳбарон дар тасмимгириҳои худ ба таассуб роҳ намедоданд ва агар як тасмими онҳо дар амал натиҷаи хуб намедод, онро дигар карда, аз пешниҳодҳои хирадмандонаи дигарон истифода мекарданд. Фарқ надошт он пешниҳод аз ҷониби кадом шахсият аст, онҳоро ба худиву бегона тақсим намекарданд. Агар дар ҳар кишвари дигаре раҳбарон ин вижагиро дошта бошанд, имконияти васеъ барои рушду пешрафтро хоҳанд дошт ва агар надошта бошанд, ояндаашон норавшан аст.

Баъдан, зиёиёни Ҷопон дар ин давра дар роҳи сохтмони давлати сифатан нав бо Ҳукумати Мейҷӣ  пайвастанд, зеро диданд, ки раҳбарон аз манфиатҳои шахсии худ гузашта, ҳадафҳоеро мехоҳанд амалӣ созанд, ки дар маҷмӯъ, ба манфиати давлат ва миллати онҳо аст. Он ҳама талошҳо дар ҷодаи аз худ кардани илму технологияи нав ва паҳн кардани ин донишҳо дар миёни оммаи васеи мардум, ки зиёиёни ҷопонӣ дар давраи Мейҷӣ мекарданд, на дар ҳама кишварҳои дигар дида мешуд ва мешавад. Хушбахтона, дар миёни ин миллат қишри мутлақгаро ва муфтхӯри рӯҳонӣ набуд. Барои қабули донишу таҷрибаи нав танҳо як ченак вуҷуд дошт ва он манфиатҳои миллии Ҷопони нав буд. Ченакҳои мазҳабӣ, ки дар бештар маврид монеи паҳншавии донишҳои нав дар Тоҷикистон мешаванд, дар Ҷопони рӯ ба инкишоф вуҷуд надоштанд. Абсурде ба монанди “равшанфикри мазҳабӣ” дида намешуд, ки мутаассифона, дар гузашта ва имрӯз яке аз монеаҳои рушду шукуфоӣ дар Тоҷикистон аст. Мутаассифона, ин гуна “равшанфикрон”-ро имрӯз дар муассисаҳои давлатӣ ва муассисаҳои илмӣ ҳам дида метавонем. Тоҷикистон ва ҳар давлати дигаре, ки донишу технологияи навро аз худ кардан мехоҳад ва мехоҳад неруи зеҳнии кишвараш баробарвазни кишварҳои пешрафта бошад, вазифадор аст, ки дасти чунин “равшанфикрон” ва умуман, андешаи диниро аз муассисаҳои давлатӣ ва махсусан, муассисаҳои илмӣ кӯтоҳ намояд. Ислоҳотгарони Мейҷӣ андешаи мазҳабиро танҳо дар як ҳолат истифода бурданд ва он ҳам аз дини миллии худашон буд, ки ба наврасон эҳтироми императорро меомӯхтанд. Дигар дар ҳама ҳолат роҳи наҷоти ватанашонро дар омӯзиши донишу аз худ кардани технологияҳои нав медиданд, на дар эҳё ва таҷдиди муқаррароти диниву мазҳабӣ.

Ҳамчунин, саҳми соҳибкоронро дар ислоҳоти Мейҷӣ наметавон нодида гирифт. Аз як тараф, соҳибкорони сарватманд бо пули худ аз хориҷа технологияҳои навро ворид карда, корхонаҳои истеҳсолӣ месохтанд. Онҳо ҷойҳои нави корӣ ва базаи андозбандии давлатро зиёд мекарданд ва донишҳои навро ба Ҷопон меоварданд. Аз ҷониби дигар, соҳибкорони дигаре, ки дар миёни тоҷирони хориҷӣ ва кишоварзону косибони ҷопонӣ миёнаравӣ мекарданд, аз вазъияти баамаломада сӯистифода намекарданд ва ҳосили заҳмати мардуми одиро бо нархҳои муносиб харидорӣ мекарданд. Кеничӣ Оҳно ин рафтори соҳибкорони ҷопониро дар китоби худ тавсиф мекунад ва таъкид мекунад, ки дар шароите ки харидорони хориҷӣ иҷозати бевосита муносибат бо истеҳсолкунандагони ҷопониро надоштанд, соҳибкорони ба ин кор машғул метавонистанд мардуми заҳматкашро истисмор кунанд, вале ин корро накарданд. Албатта, аз бештари “ҳоҷисоҳибкорон”-и масҷидсози мо чунин муносибат бо заҳматкашонро интизор шудан мушкил аст, аммо таҷрибаи Ҷопон нишон медиҳад, ки дар сохтани як ҷомеаи пешрафта, соҳибкорон ҳам бояд шарик бошанд. Мушкили дигари ҷомеаи мо соҳибкорони мансабдор ҳастанд, ки принсипи асосии иқтисоди бозаргонӣ, рақобати озодро вайрон месозанд ва монеи ҳама пешравиҳои назаррас мегарданд. Ҷопони Мейҷӣ, ҳарчанд соҳибкорони бузурги муваффақро дастгирӣ мекард, аммо мансабдорон бо сӯистифода аз мансаб соҳибкорӣ намекарданд, на бевосита на бавосита.

Саҳми кишоварзон низ дар ислоҳоти Мейҷӣ кам набуд. Дар ду даҳсолаи аввал бештари даромади буҷети давлат аз соҳаи кишоварзӣ буд ва баъдан, гарчи тадриҷан кам мешуд, вале даромад аз соҳаи кишоварзӣ дар буҷети ин кишвар ҷойгоҳи худро дошт. Баъдан бо вуҷуди дар аввал муқобилият нишон додан, ҳамин кишоварзон буданд, ки фарзандони худро дар мактабҳои нав хононда мутахассис барои соҳаи саноати босуръат рушдёбанда тайёр мекарданд. Дар мавриди ҷойгоҳи ин мутахассисон дар раванди ислоҳоти Мейҷӣ дар боло оварда будем.

Ҳама ислоҳоти сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоие, ки дар Ҷопони давраи Мейҷӣ гузаронида шуд, дар заминаи

доштани номус ва худшиносии миллӣ, фидокорӣ, меҳнати пурмашаққат ва шинохти дурусти ҷойгоҳи давлат ва миллати Ҷопон дар арсаи ҷаҳонӣ аз ҷониби император, раҳбарони сатҳҳои гуногун, зиёиён, соҳибкорон ва умуман, қишри фаъоли аҳолӣ буд. Ин вижагиҳоро новобаста аз замон, ҷуғрофиё ва ҷойгоҳашон ҳар як кишвари ақибмондае, ки ҳадафи баробар шудан бо кишварҳои пешрафтаро дорад, бояд дошта бошад. Ҷопони Мейҷӣ барои Тоҷикистони азизи мо метавонад намуна ва улгуи хубе дар тайи масири рушду пешрафт бошад.[9]

[9] Сарчашмаҳо:
1.The Meiji Restoration and Modernization (http://afe.easia.columbia.edu/special/japan_1750_meiji.htm)
2.The Meiji Restoration: Roots of Modern Japan, Shunsuke Sumikawa, March 29, 1999
3.The economic development of Japan. The path traveled by Japan as a developing country, Kenichi Ohno, Tokyo, February 2006
4.Taxation in Japan, Garrett Droppers, The quarterly Journal of Economics, vol. 6, No. 4, July 1892



**Меҳрдод ҚУРБОНИЁН**
*табиатшинос*

# ФАРҚИЯТИ ИЛМУ ХУРОФОТ

Фарқияти илму хурофот яке аз масъалаҳои муҳими методологияи илмӣ буда, талаб менамояд, ки ҳар як шахси равшанфикр ва муосир бояд аз ин фарқият огоҳ бошад. Саволе пайдо мегардад, ки оё ҳақиқати илмӣ бо хурофот робита дорад ва ҷӯёи ҳақиқат ва хушбахтии инсон кадом аст? Вобаста ба ин ва вазъи нигаркунандаи ҷомеаи мо дар мақолаи мазкур ба таври систематикӣ фарқияти илму хурофот нишон дода шудааст.

Илм маҷмӯи донишҳоест, ки дар натиҷаи омӯзиши систематикӣ ва мантиқӣ ба даст омадаанд ва дар шароити воқеӣ таҷрибашаванда ҳастанд. Мушоҳида ва таҷриба, ҳам дар илмҳои табиатшиносӣ ва ҳам дар илмҳои ҷамъиятӣ усулҳои муҳимтарини тадқиқот мебошанд. Донишҳои илмӣ дар ҳама давру замон баровarандаи мушкилоти инсониятанд ва яке аз ҳадаф ва мазмуни асосии маърифати илмӣ низ дар он аст, ки бояд олам дуруст маърифат шавад ва мувофиқан, ин донишҳо ба манфиати инсон барои пешбурди сатҳи зиндагии он сарф шаванд.

Дар пешрафт ва инкишофи сатҳи донишҳои илмии инсоният монеаҳои гуногун вуҷуд доранд, ки яке аз он монеаҳои асосӣ хурофот аст. Чунки қабули воқеияти илмӣ ба шахси боварҳои ирратсионалидошта ва анҷоми корҳои ғайримантиқӣ дастдода душвор ва ногузир аст. Хурофот ин «муътақидод, боварҳо ё анҷоми корҳоест, ки ҳеҷ решаи ақлонӣ надоранд»[1] ва ин гуна муътақидод фарогири маҷмӯи ахбор, ақоид, андешаҳо ва одату амалҳои ғайриилмӣ ва хилофи мантиқ ҳастанд. Хурофот маҷмӯи

[1] Исомиддин Ш. Чаро хурофотзадаем? Илм ва ҷомеа, №1-2, с.2015-2016. -С.131-135.

боварҳои ирратсиоаналӣ аст, ки аз ҷаҳонбинии диниву шахсӣ ва фарҳангҳо маншаъ мегирад.

Дар маърифати илмӣ исбот, тасдиқ ва нигаристан бо шубҳа вуҷуд дорад. Мушоҳида, қонун ва назария ҷузъҳои асосии илманд. Аммо хурофот бар пояи бовару эътиқод аст, ки бидуни таҳлил ва тафаккур қабул шудаанд ва аз ҷиҳати равонӣ инсонро дар раванди сарукор гирифтан бо табиат оҷиз менамояд.

Имрӯзҳо дар ҷомеаи мо мушкилиро на ба воситаи донишҳои таҷрибашуда ва бо тадқиқи системанок ва мантиқӣ бадастомада ҳал менамоянд, балки аз донишҳои ғайриилмӣ ва хилофи мантиқ, ки аз ҷаҳонбинии диниву шахсии бархе нафарони тангназару манфиатдор маншаъ мегиранд, истифода мебаранд. Бояд ҷаҳонбинӣ ва тафаккури илмӣ фарогири тамоми қишрҳои ҷомеа гардад, то ки қудсият бахшидан ба боварҳо ва амалҳои бемантиқ заиф гардад.

Хурофот ягон исбот надошта, мутаассифона ҳанӯз ҳам дар қолаби боварҳои динӣ ва шахсӣ ғолиб аст, ки аз паст будани сатҳи донишу маърифат ва поён будани арзиши илму олим дар ҷомеа далолат медиҳад. Он аз тарс ва надонистани маълумоти дуруст оиди олам ва равандҳо ба вуҷуд омада, ҳамеша маҳак ва сабабро аз қувваҳои фавқуттабиӣ мебинад.

Илм бар асоси тадқиқ созмон ёфтааст ва ба омӯзиши предмети хос равона карда шудааст. Он ба таври васеъ ба ду навъ ҷудо карда шудааст: «назариявӣ ва амалӣ». Бархе[2] мепиндоранд, ки хурофот низ як қисми назариявии илм аст. Лек хурофот ба ягон талаботҳои методологияи донишҳои илмӣ ҷавобгӯ нест.

Дар ҷадвали зер хосиятҳои асосии фарқи илму хурофот нишон дода шудааст.

| | Хурофот | Илм |
|---|---|---|
| Таъинот | Боварҳо мавҳум ва ғайримантиқӣ аст. Аз эътиқот сарчашма гирифта, бе истидлол ба миён меоянд ва хусусияти | Илм шохаи асосии дониш, ба хусус дониши таҷрибавӣ аст. Илм дар асоси тадқиқоти системанок ва мантиқӣ ба |

[2] https://oi.uchicago.edu/research/symposia/science-and-superstition-interpretation-signs-ancient-world

| | | |
|---|---|---|
| | нақлӣ дорад. | вуҷуд меояд. |
| Исбот | вучуд надорад | ҷавҳари асосӣ |
| Намуд | динӣ ва шахсӣ | бунёдӣ ё татбиқӣ |
| Мисоли шарҳи ҳаводис | Дар Чини қадим бовар доштанд, ки гирифти Офтоб он вақт рух медиҳад, ки агар аждаҳо Офтобро фурӯ барад | Гирифти офтоб ҳамон вақт рух медиҳад, ки агар Моҳтоб, Офтоб ва Замин дар як хат хобанд ва мувофиқан Моҳтоб дар мобайни Замин ва Офтоб ҷойгир шавад. Дар ин ҳолат Моҳтоб пеши нурҳои Офтобро мегирад ва дар Замин сояи Моҳтоб пайдо мегардад |
| | Мувофиқи таълимоти динӣ заминларза дар ҳамон вақт ба вуҷуд меояд, ки агар дар Замин сатҳи гуноҳкорӣ ва амалҳои бад зиёд гарданд | Сабаби асосии ба вуҷуд омадани заминларза куввaҳои тектоникӣ (ҳаракатҳои тектоникӣ ва ғ.) ва геологӣ (бархӯрди қишрҳо ва ғ.) мебошанд. |
| Донишҳо мушаххас мегарданд ба воситаи | Фарзияҳо бар асоси боварҳо ва амалҳои ғайримантиқӣ ё ирратсионалӣ | таҷриба ва тадқиқи системанок ва мантиқӣ |
| Элементҳо | Боварҳои мавҳум, амалҳои беасос ва робитаи байни онҳо | Мушоҳидаҳо, қонун ва назарияҳои асоснок |
| Вуҷуд омадан | Аз нодида гирифтан ва нотавон будан дар шарҳи равандҳо | Кунҷковӣ барои пайдо кардани сабаб бо мақсади маърифати олам |
| Вуҷуд овардан | Эҳсоси тарс ва ҳолат барои маҳв гардонидани қобилияти эҷодкорӣ | Эҷодкорӣ ва боақлона кор гирифтан бо табиат |
| Хусусияти донишҳо | Схоластикӣ ва нақлӣ | Динамикӣ |
| Натиҷа | Нотавон мондан дар маърифати аслии олам | Тавоно будан дар дуруст маърифат намудани олам ва истифода бурдани донишҳо ба манфиати |

| | | |
|---|---|---|
| | | инсоният |

Масъалаи асосӣ ва доғи рӯз ин баланд гардидани сатҳи хурофотпарастӣ ва натиҷаи асосии он таассуби мазҳабӣ аст. Бояд роҳҳои устувор ва босамар барои паст намудани сатҳи хурофа ва тарғиб намудани ҷаҳонбинии илмӣ вобаста аз вазъиятҳои фазои идеологӣ ва вазъияти фарҳангӣ пешниҳод карда шаванд. Дар мақолаи Исомиддин Шарифзода,[3] омилҳои иҷтимоии рушди хурофа ва роҳҳои ҳалли паст намудани сатҳи хурофа нишон дода шудаантд. Ба қатори омилҳои рушди хурофа ва паст намудани сатҳи он, ки дар мақолаи мазкур дарҷ гардидаанд, ин ҷо ду нуктаи дигарро низ илова бояд кард:

1. Тарғиб намудани бовару амалҳои бемантиқ аз тарафи шахсони махсус ба хотири ба даст овардани фоидаи молӣ гарм намудани бозори худ. Омили мазкур дар ҷомеаи мо ҷой дошта, яке аз бозорҳои фаъоли даромаднок ба ҳисоб меравад. Аксарияти таблиғгарони амалҳои хурофавӣ огоҳ ҳастанд, ки корҳои анҷомдодаи онҳо бар хилофи ҳақиқат ва мантиқ аст, лек барои гарм намудани бозори худ онро давом медиҳанд.

2. Таъсис намудани шабакаҳои телевизонии илмӣ (физикӣ, тиббӣ, фалсафӣ ва ғ.) бо мақсади тарғиб намудани ҷаҳонбинии илмӣ ва расонидани маълумотҳои дуруст оиди олами иҳотанамуда ва равандҳои иҷтимоӣ.

**Дарки воқеии олам, ҳалли мушкилот ба воситаи донишҳои таҷрибашудаву мантиқӣ ва шинохти арзишҳои миллӣ ягона омилест, ки барои устувор гардидани идеологияи миллӣ мусоидат менамояд. Хурофотпарастӣ ва таассубгароӣ дар ҷомеа дар устувор гардидани идеологияи миллӣ халал ворид менамоянд ва ин** вазъият нигаронкунанда аст. **Пас зарур аст, ки дар меҳвари идеология ва арзишҳои миллӣ давр зада, сатҳи хурофотпарастӣ ва бегонапарастиро дар ҷомеа паст намоем, то ки пирӯз гардидани ҷаҳонбинии илмӣ ва паст намудани зуҳуроти бегонапарастӣ даст диҳад.**

[3] Исомиддин Ш. Чаро хурофотзадаем? Илм ва ҷомеа, №1-2, с.2015-2016. -С.131-135.

## БОЗЁФТҲО ВА АНДЕШАҲО

**Абдуманнонов АБДУАЛӢ**
доктори илмҳои физика-математика, профессор, мудири
лабораторияи физикаи Маркази илмии Хуҷанди АИ ҶТ
**Абдуманнонова ФИРӮЗА**
корманди илмии Маркази илмии Хуҷанди АИ ҶТ

# ЭНЕРГИЯ: НАҚШИ КАЛИДӢ АЗ АТОМ ТО СИТОРА

*Дониш андар дил чароғи равшан аст,*
*В-аз ҳама бад бар тани ту ҷавшан аст.*
(Абӯабдулло Рӯдакӣ)
*Тавоно бувад, ҳар кӣ доно бувад,*
*Зи дониш дили пир барно бувад.*
(Абулқосим Фирдавсӣ)

**Энергия. Кори механикӣ.** Дар физикаи муосир ба мафҳуми энергия чунин таъриф дода мешавад: Энергия бузургии физикиест, ки қобилияти кор ичро кардани ҷисм ва ё система (мошин)-ро миқдоран тавсиф менамояд.[1] Яъне, агар ҷисм (ё система) кори зиёд иҷро карда тавонад, пас вай энергияи зиёд дорад. Барои иҷрои ҳама гуна кор (механикӣ, фикрӣ ва ҷисмонӣ) энергия сарф мешавад. Бе сарфи энергия ҳеҷ амал иҷро намешавад. Ҳангоми дар зери таъсири қувва ҷой иваз кардани ҷисм *кори механикӣ* иҷро мешавад. Масалан, одам аробаро ба масофае тела дода кори механикӣ иҷро менамояд. Дар ин ҳангом одам аз ҳисоби энергияи дохилиаш (эквивалент ба кори иҷрошуда) энергия сарф менамояд. Ҳамин корро машинаи ҳароратӣ аз ҳисоби энергияи сӯзишворӣ, мошини электрӣ аз ҳисоби энергияи электрӣ низ иҷро карда метавонад. Ҳангоме ки одам бореро дар китф ё дасташ бардошта меистад, вай *кори*

[1] Физический энциклопедический словарь. –М.: Сов. Энциклопедия, 1983, - 928 с.

*ҷисмонӣ* иҷро менамояд. Мушакҳо ва устухонҳо як қадар деформатсия мешаванд ва одам ба муқобили қувваи вазнинӣ кор иҷро менамояд – энергия сарф менамояд.

**Кори фикрӣ.** Ҳангоми омодагӣ ба дарс омӯзгор *кори фикрӣ* иҷро мекунад. Талаба ҳангоми ҳалли масъалаҳо, лоиҳакаш ҳангоми кор аз болои лоиҳа, сардори корхона ҳангоми андешидани роҳи ҳалли мушкилоти иқтисодӣ ва ғайра, дар маҷмӯъ, одамон ҳангоми фаъолияти ҳаррӯза ногузир кори фикрӣ иҷро менамоянд – энергия сарф мекунанд. Ҳисоб карда шудааст, ки одам барои иҷрои кори фикрӣ, хусусан барои корҳои таҳлилӣ ва тадқиқотӣ назар ба дигар корҳо бештар энергия сарф менамояд. Бо назардошти муҳимияти натиҷаи кори фикрӣ дар ҷомеаи мутамаддин маош барои иҷрои кори фикрӣ нисбат ба корҳои ҷисмонӣ ва механикӣ зиёд мебошад. Зеро, аксаран, пешрафти иқтисодиву иҷтимоии ҷомеа аз натиҷаи кори фикрӣ вобаста мебошад. Дастовардҳои беназири илмӣ-технологии ҷаҳони муосир натиҷаи кори ҳамҷояи фикрии олимон ва ихтирокорони ҷаҳон дар садсолаи охир далели раднашавандаи иддаои болоист. Пас, ҷомеаи мутамаддин барои таъмини рушди устувори худ ҳарчи бештар энергия сарф менамояд, ки қисми асосии он ба кори фикрӣ сарф мешавад.

Зикр бояд кард, ки бо баробари ихтирои мошинҳои электронии ҳисоб (МЭҲ) одамон тавонистанд корҳои якранг (такроршаванда) ва дилгиркунандаи фикриро ба зиммаи МЭҲ ва иҷрои корҳои механикиро ба зиммаи автомат ва роботҳо вогузошта, худашон бештар ба корҳои фикрии эҷодӣ машғул мешаванд. Ҳамин тавр, «интелект»-и сунъӣ имрӯз ва минбаъд дар ҳалли бисёр масъалаҳо ба инсон кумаки фавқулода намуда имкониятҳои зеҳнӣ ва ҷисмонии ӯро сарфа менамояд.

**Нақши интелекти сунъӣ.** Бинобар аз энергияи нисбатан арзони электрӣ истифода бурдан ва бо суръати хеле калон амал намудани протсессорҳо, табиист, ки ҳангоми иҷрои «корҳои фикрӣ» бо воситаи МЭҲ аз вақт ва энергия сарфаи зиёд ба даст меояд. Ҳаминро бояд таъкид кард, ки амалҳо дар компютер ба воситаи ҷараёни электрӣ иҷро мешаванд ва азбаски суръати ҷоришавии ҷараён дар протсессор хеле калон аст, бинобар он суръати иҷрои амалҳо (быстрдействия) хеле зиёд мебошад. Дар ҷаҳони имрӯза инро ба хубӣ дарк менамоянд ва компютерӣ (автоматӣ) кунонидани протсессҳои истеҳсоливу технологӣ як

раванди табиӣ ва бебозгашт дар таъмини эътимоду самаранокии истеҳсолӣ ҳисобида мешавад. Бо вуҷуди имкониятҳои бузург доштани МЭҲ ва автомату роботҳо, онҳо то ҳоло имкониятҳои зеҳнии инсонро иваз карда наметавонанд. Пас, инсон ва имкониятҳои зеҳнии ӯ дар таъмини рушди устувори ҷомеаи ҷаҳонӣ нақши калидӣ дорад. Ана барои ҳамин, дар тамоми ҷаҳон, барои рушди потенсиали зеҳнии ҷомеа таваҷҷуҳи хосса зоҳир карда мешавад - низоми маориф амал мекунад.

**Муаммоҳо дар робита бо энергия.** Солҳои охир таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳониро саволҳои зиёди ба энергия ва энергетика алоқаманд бештар ба худ ҷалб менамояд. Одамон барои иҷрои корҳои ҷисмонӣ ва фикрии хеш энергияро аз куҷо мегиранд? Дар сайёраи Замин кадом навъҳои энергия вуҷуд доранд? Мафҳуми «энергияи сабз» чиро мефаҳмонад? Буҳрони энергетикӣ аз чӣ маншаъ мегирад ва барои баромадан аз он чӣ бояд кард? Чунин аст номгӯи нопурраи саволҳо. Ҷавоб ба аксари ин саволҳо барои онҳое, ки аз физика бохабаранд ё мутахассиси соҳаи энергетика мебошанд душвор нест. Аксаран медонанд, ки одам энергияро аз хӯрок мегирад ва дар табиат навъҳои энергия (механикӣ, дохилӣ, электрӣ, рӯшноӣ, ядроӣ ...) зиёданд. Лекин ҷавоб ба саволи «аз танқисии энергия чӣ тавр халосӣ ёфт?» кори саҳл нест. Мо дар ин мақола тасмим гирифтем, ки ба чанде аз ин саволҳо ба қадри имкон ҷавоб диҳем. Чунин маълумот ба омӯзгорон, толибилмон, донишҷӯён, муҳаққиқони ҷавон ва ҳамаи онҳое, ки ҳамқадами замон будан мехоҳанд, муҳим мебошад...

**Экскурси таърихӣ.** Зарурияти зиндагӣ инсонро ҳанӯз дар ибтидои пайдоиш ба иҷрои корҳои мухталиф водор менамуд. Аз паси сайд давидан, тайёр кардани олоти шикорӣ, шудгор намудани замин ва ғайра амалҳоеанд, ки сарфи энергияро тақозо менамояд. Одами ибтидоӣ танҳо эҳсос менамуд, ки хӯрок нахӯрад, имкониятҳои кориаш кам мешавад. Ӯ фаҳмида наметавонист, ки бо истеъмоли хӯрок энергия захира менамояд. Фаҳмост, ки одами ибтидоӣ хӯрок тайёр намекард, онро аз табиат мегирифт...

Минбаъд, зимни таҷрибаи зиндагӣ инсон бо мақсади «бехатарии озуқаворӣ» фасли тобистон хӯрок (энергия)-ро барои зимистон захира мекардагӣ шуд. Ҳазорсолаҳо сипарӣ шуданд ва одамон, илова бар он ки аз табиат хӯрданиҳо мегирифтанд, хӯрокро худашон истеҳсол мекардагӣ шуданд. Чорводорӣ,

боғдорӣ ва дигар касбҳои кишоварзӣ ба вуҷуд омаданд. Тақсимоти меҳнат ба вуҷуд омад, олотҳои истеҳсолӣ инкишоф ёфтанд, дар корҳои кишоварзӣ аз қувваҳои ҳайвоноти корӣ (шутур, асп, гов, хар) истифода бурдан самараи истеҳсоли хӯрокаро зиёд намуд. Лекин, бар сари одамон дар қатори дигар таҳдидҳо, хатари гуруснагӣ (нарасидани энергия) ҳамеша таҳдид менамуд. Ин таҳдид водор мекард, ки майнаи сари одамон бошиддат кор кунад, роҳи наҷотро дарёбанд. Дар натиҷаи бошиддат кор кардани майнаи наслҳои зиёд, оҳиста-оҳиста роҳи наҷот ёфт мешуд...

Зарурият модари ихтироот, -мегӯянд, ки комилан дуруст аст. Дар ибтидо, бо мақсади осон кардани кор, аз механизмҳои сода (фашанг, ҳамвории моил, ғарғара) истифода мебурдагӣ шуданд, чарх ихтироъ карда шуд. Одамон пай бурданд, ки нисбат ба кашола карда бурдан ғелонида бурдани бор осонтар аст. Аробаҳо сохта шуданд, ки имрӯзҳо ба мошинҳо табдил ёфтаанд. Иҷрои корҳо бавоситаи механизмҳо осонтар шуд, лекин майнаи инсон ҳанӯз бошиддат кор мекард. Дар натиҷа зинаи дигар фатҳ гардид, ки 200-250 соли охирро ташкил медиҳад.

**Истифодаи қувваҳои табиат.** Ин зинаи инкишофи ҷомеаи ҷаҳонӣ – истифодаи қувваҳои табиат мебошад, ки тадқиқот дар ин самт амалан имрӯзҳо ҳам идома дорад. Ибораи «истифодаи қувваҳои табиат» он қадар саҳеҳ нест. Дурустараш истифодаи энергияи равандҳо ва падидаҳои табиӣ барои иҷрои ин ё он амал мебошад. Натиҷаи имрӯзаи истифодаи қувваҳои табиат ва дастовардҳои илм бо мақсадҳои истеҳсолӣ он аст, ки дар сурати истифодаи самараноки техника ва технология ҳамагӣ 4-5 фоизи одамони сайёра ба кишоварзӣ, ва истеҳсоли хӯрока машғул шуда, ҳамаи одамони рӯйи Заминро хӯронидаву пӯшонида метавонанд. Ин амал дар асрҳои гузашта амалан ғайримкон буд, зеро дар корҳои кишоварзӣ асосан аз қувваи кории зинда истифода мешуд, мубориза ба муқобили бемориҳо ва дигар омилҳо дар сатҳи паст қарор доштанд.

Ба аксари одамон фаҳмост, ки дар заминаи истифодаи қувваҳои табиат омӯзиши табиати ҳодисаҳо, истифодаи қонунҳои равандҳои физикавӣ, химиявӣ, биологӣ ва ғайра қарор доранд. Зимни омӯзиши табиати ҳодисаҳо олимон қонунҳои равандҳои табииро муқаррар менамоянд. Донистани онҳо ҷаҳонбинии илмии одамонро фарох ва амиқ менамояд ва

заминаи истифодаи онҳо дар амал – дар иҷрои корҳои мухталиф татбиқ мегардад.

**Қонуни бақои энергия.** Дарки моҳияти энергия, навъҳои энергия дар табиат, табдили энергия, дарёфти манбаъҳои нави энергия ва истифодаи энергия бо мақсадҳои истеҳсолӣ ва иҷтимоӣ аз самти калидии тадқиқоти физика буд, ҳаст ва боқӣ хоҳад монд. Физикаи муосир қотеъона исбот намудааст, ки дар системаи маҳдуд энергия худ аз худ пайдо намешавад, беҳуда нест намешавад, танҳо аз як навъ ба навъи дигар, аз як ҷисм ба ҷисми дигар мегузарад. Системаи маҳдуд гуфта маҷмӯи ҷисмҳоеро меноманд, ки бо берун додугирифти энергия намекунанд. Инро қонуни бақо ва табдили энергия меноманд. Қонуни бақои энергия барои ҳамаи равандҳои табиӣ (физикӣ, биологӣ, химиявӣ) бечуну чаро иҷро мешавад ва яке аз қонунҳои бунёдии (фундаменталии) табиатшиносӣ ба ҳисоб меравад.

**Аз чор то ба сад унсур.** Олимон дар замонҳои қадим мувофиқи савияи дониши замони худ табиатро аз унсурҳои мухталиф иборат медонистанд. Масалан, ҳакимони Шарқ, аксаран, чунин мепиндоштанд, ки олам аз чор унсур - об, оташ, ҳаво ва хок иборат мебошад. Яъне, ба пиндори онҳо ҳамаи мавҷудоти табиат аз ин чор унсур таркиб ёфтаанд. Мутаассифона, аксаран ҳукми (хулосаҳои) онҳо дар заминаҳои мантиқӣ сурат гирифта, асоси таҷрибавӣ надоштанд. Танҳо дар Европа пас аз ҷаҳолати динӣ халосӣ ёфтани илм, аз асрҳои 17 сар карда, ҷусторҳои илмӣ барои фаҳмонидани ҳодисаҳои табиат оғоз мешавад. Минбаъд усули таҷрибавӣ дар илмҳои дақиқ воситаи асосии омӯзиши ҳодисаҳои табиат ва дарёфти қонунияти равандҳо пазируфта шуд. Ва, асосан, дар 200-300 соли охир, бинои муҳташами табиатшиносии муосир ба вуҷуд оварда шуд, ки донишҳои физикӣ асоси бунёдии онро ташкил медиҳанд. Ба хотир меорем, ки физика умумитарин қонунҳои ҳодисаҳои табиати ғайризиндаро меомӯзад. Табиати ғайризинда аз модда ва майдон иборат мебошад. Ин ҷо мухтасар оиди таркиби моддаҳо сухан мекунем. Поёнтар нишон хоҳем дод, ки модда ва майдон шаклҳои зоҳиршавии энергия мебошанд.

Омӯзиши таҷрибавӣ ва дақиқ нишон дод, ки табиат аз унсурҳои зиёд иборат мебошад. Ба хотир меорем, ки соли 1869, вақте ки олими рус Д.И.Менделеев ҷадвали унсурҳои химиявиро тартиб медиҳад, дар он ҳамагӣ 63-то элементи химиявӣ вуҷуд

дошту халос. Алҳол, мувофиқи маълумоти навтарин, дар табиат вуҷуд доштани 118 унсури химиявӣ исбот шудааст. Яъне табиати моддӣ на аз чаҳор унсур, балки зиёда аз яксаду ҳаждаҳ унсури химиявӣ бунёд ёфтааст. Омӯзиш нишон додааст, ки дар табиат миқдори хеле ками унсурҳои химиявӣ дар ҳолати озод/тоза вомехӯранд.

**Моддаҳои тоза ва таркибаҳо.** Моддаҳо дар табиат аз пайвастагиҳо ва омехтаҳои хеле зиёди унсурҳои химиявӣ таркиб ёфтаанд. Дарки ин воқеият барои ба вуҷуд омадани ду самти мухталифи тадқиқот замина гузоштааст. Якум, ба роҳ мондани корҳои тадқиқотӣ барои ба даст овардани моддаҳои аз ҷиҳати химиявӣ тоза ва омӯхтани хосиятҳои бунёдии онҳо. Таҷриба нишон дод, ки ҳосил намудани моддаҳои «тоза» амали душвор аст, зеро аксаран лозим меомад, ки барои моддаҳои мухталиф усулҳои хоси физико-химиявӣ кор карда баромада шавад. Бо вуҷуди ин, дар ин самт, дар садсолаи охир, аз тарафи муҳаққиқон корҳои назаррас ба сомон расонида шудаанд. Натиҷаҳои миқдорӣ ва хулосаҳои илмии зимни омӯзиши хосиятҳои моддаҳои тоза ба даст омада дар соҳаҳои технологияи химиявӣ, аз ҷумла дар дорусозӣ (фарматсевтика) револютсияи технологиро ба амал овардаанд.

Самти дигари корҳои тадқиқотиро олимон дар ҳосил намудани маводҳои таркибӣ ва омӯхтани хосиятҳои онҳо марбут медонанд. Фаҳмост, ки аз комбинатсияи унсурҳои химиявӣ шумораи амалан номаҳдуди модда ва маводҳои дорои хосиятҳои мухталифи физикиву химиявӣ ҳосил кардан имконпазир аст. Омӯхтани хосиятҳои физико-химиявии моддаҳо ва таркибаҳо яке аз вазифаҳои муҳими илми муосир буда, дар ин самт, тӯли 30-50 соли охир, натиҷаҳои ҷолиб ба даст оварда шудаанд. Мақсад аз омӯхтани хосиятҳои физикиву химиявии моддаҳо ва пайвастагиҳо истифодаи ин хосиятҳо дар амалия мебошад. Натиҷаи таҷрибаҳои лабораторӣ ва хулосаҳои назариявӣ асоси технологияи ҳосил кардани маводҳои хосияташон пешгӯишавандаро ташкил медиҳад, ки талабот ба чунин маводҳо дар ҷаҳони муосир торафт меафзояд. Идомаи ин масъалаи доманадорро ба мавриди дигар гузошта бармегардем ба мафҳуми энергия.

Аз ретроспективаи хеле мухтасар, ки дар боло овардем, дида мешавад, ки табиати моддӣ аз чор унсури олимони Шарқ то ба

саду ҳаждаҳ унсури химиявии замони муосир афзоиш ёфтааст. Ин вусъати ҷаҳонбинии илмии одамони имрӯзаро оиди олами моддӣ ифода менамояд. Ин ҷо бояд ҳаминро зикр кард, ки дарёфти унсурҳои химиявии нав то рафт мушкил мешавад ва вақти зисти онҳо ҳиссаҳои ҳазорӣ ва милёнии сонияро ташкил медиҳанд. Яъне унсурҳои химиявии адади массавиашон калон (нав) хеле ноустуворанд ва зуд ба дигар унсурҳо табдил меёбанд. Физикаи муосир ба саволи барои чӣ унсурҳои адади массавиашон калон ноустуворанд низ ҷавоби пурра додааст, ки мо онро поёнтар хоҳем овард. Зимни омӯзиш ва таҳлил исбот шудааст, ки шумораи унсурҳои химиявӣ дар табиат маҳдуд мебошад.

**Нисбияти фазо ва вақт.** Дар физикаи классикӣ (механикаи Галилей-Нютон) фазо ва вақтро беисбот бузургиҳои мутлақ, тағйирнопазир қабул карда шуда буданд. Дар ибтидои асри 20 аз тарафи Алберт Эйнштейн назарияи нисбӣ пешниҳод карда шуд. [2]. Ӯ дар заминаи фактҳои мавҷуда (таҷрибаҳои Майкелсон), бо роҳи назариявӣ исбот менамояд, ки фазо ва вақт бузургиҳои мутлақ (тағйирнопазир) нестанд. Фазо ва вақт аз суръати ҳаракати система вобастаанд, яъне бузургиҳои нисбӣ мебошанд. Хулосаҳои назарияи нисбӣ солҳои 40-50-уми асри гузашта дар таҷрибаҳо исботи худро ёфтаанд. Бояд тазаккур дод, ки то дар таҷриба тасдиқ шудани хулосаҳои назарияи нисбӣ, ба муқобили он садҳо мақолаву китобҳо навишта шудаанд.

**Робитаи масса ва энергия.** Эйнштейн зимни назарияи нисбӣ робитаи байни масса ва энергияро муқаррар кардааст, ки аз муҳимтарин натиҷаҳои физикаи муосир пазируфта шудааст. Формулае, ки робитаи математикии байни масса ва энергияро ифода менамояд, яке аз формулаҳои «бузурги»-и физика ҳисобида мешавад.

$$E = m \cdot c^2 \qquad (1)$$

дар ин ҷо m-масса, $c=3\cdot10^8$ м/с –суръати рӯшноӣ дар вакуум (доимии электродинамикӣ). Азбаски бузургии с доимист, пас масса бо энергия эквивалент мебошад. Ин чунин маъно дорад, ки дар шароити мусоид масса ба энергия ва баръакс энергия ба масса табдил ёфта метавонанд. Фаҳмидан душвор нест, ки бинобар бузургии суръати рӯшноӣ хеле калон ва он дар квадрат буданаш, миқдори хеле ками масса ба энергияи бузург эквивалент мешавад. Аниқтараш, миқдори хеле ками масса ба

энергияи фавқулодда зиёд табдил ёфта метавонад. Мисоли хеле равшани табдили масса ба энергия ба вуҷуд омадани энергияи бандиши ядроӣ ва ҳосилшавии энергия дар ситора дар натиҷаи реаксияи термоядроӣ мебошад.

**Энергияи бандиши ядро.** Физикаи муосир исбот намудааст, ки ҳангоми аз нуклонҳо (протон ва нейтронҳои ядрои атом) ташкилёбии ядро зери таъсири қувваи бузурги ядроӣ нуклонҳо бо шитоби калон бо ҳам наздик шуда дар ин ҳолат мавҷи электромагнитӣ (гамма нурҳо) мебароранд.[2] Яъне, як ҳиссаи массаи худро ба сифати мавҷи электромагнитӣ (энергия) хориҷ менамоянд. Дар натиҷа массаи ядрои ҳосилшуда аз суммаи массаи нуклонҳои таркиби ядро кам мешавад ва бандиши ядровӣ ба вуҷуд меояд. Фаҳмиши энергияи бандиши ядро имкон медиҳад, ки устувории ядрои атом ва равандҳое, ки сабаби хориҷ шудани энергияи ядрои атом мегардад фаҳмонида шавад.

Протон ва нейтронҳоро, ки ядрои атомро ташкил медиҳанд, умумӣ карда нуклонҳо меноманд. Нуклонҳоро дар ядро қувваҳои ҷозибавии ядроӣ нигоҳ медоранд. Қувваҳои ядроиро «боҳамтаъсири зӯр» низ меноманд, ки танҳо дар масофаҳои хеле хурд (масофаҳои ба андозаи ядрои атом ҳамченак) $10^{-12} - 10^{-13}$ см амал мекунанд. Барои ядроро ба нуклонҳо тақсим кардан ба муқобили қувваи ядроӣ кори зиёд бояд иҷро кард. Яъне ба муқобили бандиши нуклонҳо (ба муқобили қувваи ядроӣ) энергия сарф бояд кард. Энергияе, ки барои ба нуклонҳо тақсим намудани ядро (ҳаста) сарф мешавад, энергияи бандиши ядро меноманд. Бинобар зӯр будани қувваи ядровӣ энергияи бандиши ядро низ хеле зиёд мебошад. Барои ҳисоб намудани энергияи бандиши ядро аз формулаи вобастагии масса ва энергия (1) истифода бурда мешавад.

Ченкунии хеле саҳеҳи массаи ядроҳо нишон медиҳад, ки массаи оромии ядро $M_я$ ҳамеша аз суммаи массаи оромии протон ва нейтронҳои ядроро ташкилдиҳанда кам мебошад.

$$M_я < Z \cdot m_p + N \cdot m_n \qquad (2)$$

Дар ин ҷо Z –шумораи протонҳо ва N шумораи нейтронҳои ядро, $m_p$ ва $m_n$ мувофиқан массаи протон ва нейтрон мебошад.

---

[2] Мухин К.Н. Экспериментальная ядерная физика. Т.1. Физика атомного ядра. – М.: Атомиздат, 1974, - 584 с.

Ин фарқиятро, ки дар формулаи (3) оварда шудааст, дефекти массаи ядро ($\Delta M$) меноманд.

$$\Delta M = (Z \cdot m_p + N \cdot m_n) - M_я \qquad (3)$$

Камшавии массаи ядро ҳангоми ҳамҷояшавии нуклонҳо чунин маъно дорад, ки энергияи система ба миқдори энергияи бандиши ядро ($E_б$) кам мешавад. Ҳангоми ҳосилшавии ядрои атом қонуни (принсипи) минимуми энергия «кор» мекунад. Дар қонуни зикршуда қотеона исбот карда мешавад: ҳамаи системаҳои физикӣ ба минимуми энергия «мекӯшанд». Яъне, ҳангоми ба ядрои атом табдилёбии маҷмӯи нуклонҳо энергияи нуклонҳо як миқдор кам мешавад ва ин миқдор энергия ба энергияи бандиши ядро табдил меёбад.

$$E_б = \Delta M \cdot c^2 = [(Z \cdot m_p + N \cdot m_n) - M_я] \cdot c^2 \qquad (4)$$

Бузург будани энергияи бандиши ядроро мисоли зерин равшан нишон медиҳад: Ҳисоб карда шудааст, ки ҳангоми ташкилёбии 4 г гелий энергияи хориҷшуда ба энергияе, ки ҳангоми сӯхтани қариб 2 вагон ангиштсанг ҳосил мешавад, баробар аст.

Нисбати энергияи бандишро бар шумораи нуклонҳо энергияи хоси бандиши ядро меноманд. Вобастагии энергияи хоси бандиш аз ададИ массавӣ, оиди хосияти ядроҳо маълумоти муҳим дода метавонад. Чунин вобастагӣ дар расми 1 оварда шудааст. Аз расм дида мешавад, ки ба истисноИ якчанд ядроҳои сабук, энергия хоси бандиш барои аксари ядроҳо тақрибан ба 8 МэВ/нуклон баробар будааст. Бояд қайд кард, ки энергияи робитаи электрон бо ядрои гидроген, ки ба энергияи ионизатсия баробар аст, аз энергияи хоси бандиши ядро қариб миллион маротиба кам аст.

Дар ин хати каҷ максимуми суст дида мешавад. Дида мешавад, ки унсурҳои (элементҳои) рақами тартибиашон аз 50 то 60 аз қабили оҳан, никел ва гайра энергияи бандиши хоси максималӣ (тақрибан ба 8,6 МэВ/нуклон) доранд. Бинобар он ядрои ин элементҳои химиявӣ устувории калон доранд.

Бо афзоиши шумораи протонҳо дар ядро, бинобар зиёд шудани теладиҳии кулонии протонҳо, энергияи хоси бандиши ядроҳои массив як қадар кам мешавад. Қувваҳои кулонӣ ба муқобили қувваҳои ядровӣ амал карда «кӯшиш» менамоянд, ки

ядроро пора намоянд. Ноустувории ядроҳои унсурҳои химиявии ададн массавиашон калон ҳамин тавр фаҳмонида мешавад.




*Расми 1. Вобастагии энергияи бандиши хос аз адади массавии ядро*

**Порашавии ядроҳои массив.** Ҳамин тавр, худ аз худ (спонтанӣ) ва ё бо таъсири нейтронҳо ба қисмҳо (ядропораҳо) тақсимшавии ядроҳои адади массавиашон калон, масалан ядрои атоми уран, имконпазир мегардад. Ҳангоми порашавии ядроҳои уранӣ ядропораҳои атомҳои дар мобайни системаи даврӣ ҷойгиршуда, ду се нейтрон, гамма нурҳо афканда ва энергияи зиёд хориҷ мешавад. Ҳисобкунӣ ва таҷрибаҳо собит намудаанд, ки ҳангоми порашавии ядрои уран-235 тақрибан 200 МэВ энергия хориҷ мешавад, ки ба ҳар як нуклон тақрибан 1 МэВ рост меояд (1эВ=$1{,}6\cdot10^{-19}$ Ҷ). Миқдори энергияе, ки ҳангоми тақсимшави ядроҳои уранӣ ҳосил мешавад дар ягон навъи реаксия химиявӣ хориҷ намешавад. Қисми зиёди ин энергияро (тақрибан 170 МэВ) энергияи кинетикии ядропораҳо ташкил медиҳанд. Бояд тазаккур дод, ки энергияи ҳангоми порашавии ядро хориҷшаванда табиати электростатикӣ дорад. Яъне, ҳангоми тақсимшавӣ ядропораҳо зери таъсири қувваҳои кулонӣ ба суръати калон (тақрибан $10^{7}$ м/с) парида мераванд. Аз

энергияи ҳангоми порашавии ядроҳои унсурҳои массив хориҷшаванда (энергияи ядровӣ) бо мақсадҳои ҳарбӣ (барои сохтани бомбаҳои атомӣ/ядровӣ) ва бо мақсадҳои осоишта, барои истеҳсоли энергия, истифода бурда мешавад. Дар нерӯгоҳҳои электрии атомӣ (мухтасари русӣ - АЭС) аз энергияи ҳангоми порашавии ядро хориҷшаванда истифода бурда энергияи электрӣ истеҳсол карда мешавад. Бо вуҷуди хатарзо ва таҳдид ба муҳити зист доштани АЭС-ҳо, дар ҷаҳон, дар мамлакатҳои мутараққӣ, зиёда аз 300 нерӯгоҳҳои электрии атомӣ амал мекунанд ва энергияи электрии зиёд истеҳсол карда мешавад. Норасоии кадрҳои баландихтисос ва душвории кафолати бехатарии кори АЭС-ҳо имкон намедиҳад, ки мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ аз энергияи атомӣ истифода баранд.

**Замин дар Низоми офтобӣ.** Тибқи маълумоти астрофизикаи муосир Офтоб яке аз ситораҳои қаторӣ дар коинот мебошад. Вай аз лиҳози дурахшонӣ ва андоза ба қатори ситораҳои зард ва миёна дохил мешавад. Офтоб дар маркази Низоми офтобӣ воқеъ буда дар гирди он сайёраҳо (Уторид, Зӯҳро, Замин, Миррих, Муштарӣ, Зуҳал, Уран, Нептун ва Плутон) дар гардиш мебошанд. Замин саюмин сайёраи Офтоб буда дар фазои коинот муаллақ дар гирди Офтоб бо суръати хаттии тақрибан 30 км/с дар гардиш мебошад. Масофа аз Замин то Офтоб қариб 150 000 000 км –ро ташкил медиҳад. Фосилаи вақте, ки сайёраи Замин дар гирди Офтоб як маротиба давр мезанад соли астрономӣ меноманд. Дақиқан ҳисоб карда шудааст, ки соли астрономӣ, алҳол, ба 365 шабонарӯзу 5 соату 48 дақиқаву 46 сония баробар аст. Элипсияти мадори Замин тақрибан 0,017 –ро ташкил медиҳад. Ин чунин маъно дорад, ки мадори гардиши Замин ба давра хеле наздик мебошад.[3]

**Офтоб манбаи асосии энергия дар Замин.** 70-80 сол муқаддам Офтобро манбаи ягонаи энергия дар рӯйи Замин меҳисобиданд. Ин дуруст аст, зеро он вақтҳо энергияи ядроӣ ва термоядроӣ ба инсон дастрас набуд. Имрӯзҳо ҳам миқдори хеле бузурги энергияе, ки заминиҳо истифода мебаранд, энергияи Офтоб мебошад. Сӯзишвориҳои анъанавӣ (нефт, ангиштсанг, гази табиӣ, торф, ҳезум) эргияи дар Замин захирашудаи Офтоб

[3] Воронцов-Вельяминов Б.А. Астрономия. –М.: Просвещение, 1989, -160 с.

мебошад. Геофизикаи муосир исбот кардааст, ки энергияи дар олами наботот ва зиндаи Замин тӯли миллионҳо сол захирашудаи Офтоб зимни равандҳои геологӣ зери хок монда захираҳои энергетики(сӯзишвори)ро ба вуҷуд овардаанд. Энергияи дар нерӯгоҳҳои электрии обӣ ва бодӣ истеҳсолшаванда низ энергияи Офтоб мебошад. Энергия аз Офтоб бо воситаи рӯшноӣ ба коинот афканда мешавад, ва қисми хеле ками он ба Замин мерасад ва Заминро «зинда» нигоҳ медорад.

**Нақши энергияи рӯшноӣ.** Вуҷуд доштани якчанд омил дар сайёраи Замин шарти асосии мавҷудияти олами зинда мебошад: ҳарорати мусоид, атмосфера ва вуҷуд доштани оксиген дар он, вуҷуд доштани гидросфера (об дар се ҳолат) ва майдони магнитии Замин. Рӯшноӣ ҳамчун ноқили энергия ду вазифаи барои ҳаёт муҳимро иҷро менамояд. Аввалан ҳарорати (температураи) сайёраи Заминро барои зистан мусоид нигоҳ медорад. Хотиррасон менамоем, ки ҳарорат дар нуқтаҳои гуногуни Замин дар давоми сол аз минус 60 то плюс 60 $^{0}$C тағйир меёбад. Дуюм, бо таъсири нури рӯшноӣ дар натиҷаи ҳодисаи фотосинтез дар растаниҳо энергияи рӯшноӣ ба моддаҳои органикӣ-хӯрока (сафеда, қанд, крахмал, равған, витаминҳо ва ғайра) табдил меёбад, оксиген «истеҳсол» мешавад, ки бидуни чунин моддаҳо олами ҳайвонот ва инсоният вуҷуд дошта наметавонад. Пас нақши рӯшноӣ дар вуҷуд доштани ҳаёт дар сайёраи мо фавқулодда бузург мебошад. Дигар нақши муҳими рӯшноӣ дар зиндагии инсон он аст, ки одам бо воситаи рӯшноӣ оламро мебинад, маълумот мегирад, дунёяш «равшан» аст.

**Рӯшноӣ чист?** Ба ин савол одамон (олимон) садсолаҳо ҷавоб ҷустаанд. Драмматизми муборизаи ақидаҳои илмӣ дар бораи табиати рӯшноиро (аз Исаак Нютон то Макс Планк) сарфи назар карда ба таърифи имрӯзаи физика меоем. Рӯшноӣ як навъ мавҷи электромагнитиест, ки аз атоми ҷисмҳои тафсон бо портсияҳо афканда мешавад. Портсияи энергияи рӯшноигиро кванти рӯшноӣ меноманд. Кванти рӯшноиро Эйнштейн фотон номидааст. Энергияи фотон (Е) бо формулаи зерин ҳисоб карда мешавад.

$$E = h\cdot\nu \quad (5)$$

Дар ин ҷо $h = 6{,}6267\cdot10^{-34}$ Ҷ·с – доимии Планк, $\nu$ - басомади мавҷи рӯшноӣ. Формулаи (5) –ро олими немис М.Планк зимни

таҳлили нурафкании ҷисмҳои тафсон пешниҳод намудааст ва онро низ яке аз формулаҳои бузурги физика меҳисобанд.

Барои аз Офтоб ба Замин интиқол додани энергия ду хосияти муҳими мавҷи электромагнитӣ (рӯшноӣ) истифода мешавад. Якум, суръати бағоят калон ($3 \cdot 10^8$ м/с), дуюм дар вакуум ҳам паҳн шуда тавонистани мавҷи электромагнитӣ. Зеро фазои коинот вакууми кайҳонӣ мебошад ва дар вакуум мавҷҳои механикӣ паҳн шуда наметавонанд.

**Офтоб аз куҷо энергия мегирад?** Физикаи муосир исбот намудааст, ки Офтоб (ва ҳама гуна ситора) энергияро аз ҳисоби *реаксияи термоядроӣ* мегирад. Дар температураҳои баланд (тақрибан миллион градус) ядроҳои сабук як шуда ядроҳои нибатан массивро ҳосил менамоянд. Ҳодисаи дар температураҳои баланд ҳамҷояшавии ядроҳои сабукро *реаксияи термоядроӣ* меноманд. Барои ҳамҷояшавии ядроҳо онҳо бояд то масофаи таъсири қувваи ядроӣ $10^{-12}$ см наздик шаванд. Дар температураи баланд энергияи кинетикии ядроҳо барои бартараф намудани қувваи теладии кулонӣ кифоягӣ мекунад ва онҳо ҳамҷоя шуда метавонанд. Ҳангоми реаксияи термоядроӣ дар натиҷаи табдили масса ба энергия энергияи фавқулодда зиёд хориҷ мешавад. Дар Офтоб дар натиҷаи реаксияи термоядроӣ изотопҳои гидроген ба ядрои гелий табдил меёбанд ва дар натиҷа энергияи зиёд ҳосил шуда Офтобро «гарм» нигоҳ медорад. Масалан, ҳангоми ҳамҷояшавии дейтерий ( $^{2}_{1}\mathrm{H}$ ) ва тритий ( $^{3}_{1}\mathrm{H}$ ) ядрои гелий ҳосил мешавад ва энергияи хориҷшуда ба ҳар як нуклон тақрибан 3,5 МэВ –ро ташкил медиҳад, ин энергия нисбат ба энергияи ҳангоми тақсимшавии ядроҳои массив хориҷшаванда 3 - 4 маротиба зиёд мебошад.

Яъне дар ситора масса бефосила ба энергия табдил меёбад ва яке аз нишонаҳои ситора маҳз дар ҳамин аст. Азбаски массаи Офтоб хеле бузург ($\approx 2 \cdot 10^{30}$ кг !!) мебошад, ҳангоми бо тавоноии кунунӣ нур афканданаш «сӯзишвории» вай барои миллиардҳо соли дигар мерасад.

Дар шароити замин реаксияҳои зерин бештар имконпазир мебошад.

$$^{2}_{1}\mathrm{H} + ^{2}_{1}\mathrm{H} \rightarrow \begin{matrix} ^{3}_{2}\mathrm{He} + n, & Q = 3{,}25\ \text{МэВ} \\ ^{3}_{1}\mathrm{H} + \mathrm{p}, & Q = 4{,}03\ \text{МэВ} \end{matrix} \qquad (6)$$

$$ {}^{2}_{1}H + {}^{3}_{1}H \rightarrow {}^{4}_{2}He + n, \quad Q = 17{,}6 \ \text{МэВ} \qquad (7) $$

Дар ин ҷо миқдори миқдори гармии Q ҳангоми реаксияи мазкур хориҷшаванда низ оварда шудааст. Дарвоқеъ, чӣ тавре, ки зикр шуд, энергияи ба ҳар як нуклон ростоянда дар реаксияи (7) q=Q/A=17,6/5=3,5 МэВ, баробар мебошад, ки нисбати энергия ҳангоми порашавии ядроҳои уранӣ ҷудошаванда q=200/238≈0,85 МэВ хеле зиёд аст.[4]

Реаксияи термоядроиро дар шароити Замин ҳангоми тарконидани (санҷидани) бомбаҳои термоядрой амалӣ намудаанд. Лекин реаксияи теромоядроии идорашаванда алҳол ба инсоният дастнорас мебошад. Мушкилии асосӣ набудани «зарф»-е аст, ки дар он реаксия амалӣ карда шавад. Зеро ҳамаи моддаҳои маълум дар ҳарорате, ки реаксияи термоядрой имконпазир аст, бухор мешаванд. Пешниҳоди бо воситаи майдони магнитӣ нигоҳ доштани плазмае, ки дар он реаксияи термоядрой амалӣ мешавад, бинобар ноустувории плазма натиҷаи дилхоҳ надодааст. Лекин дар реҷаи импулсӣ амалӣ намудани реаксия имконпазир гардидаст. Дар сурати ба даст овардани реаксияи термоядроии идорашаванда инсоният дар ҳазорсолаи наздик аз норасогии энергия озод мегардад. Зеро изотопҳои зикршудаи гидроген дар оби уқёнуси ҷаҳон ба миқдори кофӣ вуҷуд доранд.

**Чанд афзалияти энергияи электрӣ.** Одамони имрӯза ба энергияи электрӣ одат кардаанд, аз он дар рӯзгор, истеҳсолот ва коммуникатсия васеъ истифода мебаранд. Агар гӯем, ки аз ин мӯъҷиза истифода бурдан, танҳо 150 соли охир имконпазир гардидааст бовар намекунанд. Зиндагии имрӯзаро бе истифодаи энергияи электрӣ тасаввур карда намешавад. Сатҳи зиндагиро дар мамлакатҳои пешрафта аз рӯйи миқдори энергияи электрии ба ҳар сари аҳолӣ тӯли сол истифодашуда баҳодод карда мешавад...

Зимни омӯзиши ҳодисаҳои электромагнитӣ физикҳо дар асри 19 нишон доданд, ки дигар навъҳои энергияро ба энергияи электрӣ табдил додан мумкин аст. Дар ҷаҳони муосир аз ҳисоби

[4] Мухин К.Н. Экспериментальная ядерная физика. Т.1. Физика атомного ядра. – М.: Атомиздат, 1974, - 584 с.

дигар навъҳои энергия тавассути генераторҳо миқдори зиёди энергияи электрӣ истеҳсол карда мешавад. Зеро энергияи электрӣ нисбати дигар навъҳои энергия афзалияти калон дорад. Аввало, энергияи электриро ба масофа нақл кардан нисбатан осон. Дигар, ин ки аз энергияи электрӣ истифода бурда амалҳои зиёдро иҷро кардан имконпазир аст. Ҳосил кардани равшанӣ, гармӣ ва хунукӣ, ба кор андохтани дастгоҳҳои истеҳсолӣ, радио, телевизор, телефон, компютер, дастрасӣ ба шабакаи иттиолотии интернет ва ғайра бидуни энергияи электрӣ имконнопазир аст.

Тавре ки аз диаграммаҳо дида мешавад, дар ҷаҳон қисми зиёди энергияро тавассути нерӯгоҳҳои барқии сӯзишворӣ (ТЭС)-ҳо истеҳсол карда мешавад (ба расмҳои 2 ва 3 нигаред). Дар нерӯгоҳҳои аловӣ зимни сӯхтани сӯзишвориҳои органикӣ (ангишт, газ, маҳсулоти нефт) энергияи электрӣ истеҳсол карда мешавад. Дар натиҷа, ҳар сол, ба атмосфера миллионҳо тонна $CO_2$ партофта мешавад. Ин ба тадриҷан гармшавии сайёраи Замин ва вайроншудани муҳити зист меорад ва хатарҳои глобалиро дар пай дорад. Аз ин рӯ олимон ва одамони тараққипарвари ҷаҳон бонги изтироб мезананд, ки пеши роҳи ин раванди барои инсоният хатарнок гирифта шавад.

**Энергияи “сабз”.** Нерӯгоҳҳои обӣ, шамолӣ ва офтобиро манбаъҳои барқароршавандаи энергия меноманд. Дар ин гуна нерӯгоҳҳо таъсири манфӣ ба табиат минималӣ аст. Иқтисодиёти ба манбаъҳои барқароршавандаи энергия асосёфтаро “иқтисодиёти сабз” ном мебаранд. Аз ин лиҳоз Тоҷикистон дар байни шаш малакати пешсафи сайёра қарор дорад, зеро 98 фоизи энергияи электрӣ тавассути нерӯгоҳҳои обӣ истеҳсол мешавад.[5]

[5] Паёми Президенти Ҷумҳурии Точикистон, Пешвои Миллат Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. ш.Душанбе, 22.12.2017. //Рӯзномаи “Ҳақиқати Суғд”, 23.12.2017, №153(17834) С. 1-3.




*Расми 2. Сохтори электроэнергетикаи ҷаҳон дар соли 2008: а) иқтидорҳо бо ГВт, б) истеҳсоли энергия бо млрд кВт·соат*[6]




*Расми 3. Сохтори истеҳсоли электроэнергия дар Русссия*[7]

[6] Тарҳи CASA – 1000 унсури калидии бозори энергетикии минтақа мебошад. Суханронии Президенти Тоҷикистон, Пешвои Миллат Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқоти сарони давлатҳо ва ҳукуматҳои кишварҳои иштирокчии CASA – 1000 . Ноҳияи Варзоб, 6 июли с.2017.// Рӯзномаи "Ҷумҳурият" аз 7.07.2017, С.1.

[7] Ҳамин ҷо

Ҳисобкуниҳо нишон додаанд, ки захираҳои гидроэнергетикии Тоҷикистон дар як сол ба 527 миллиард кВт·соат баробар мебошад [6]. Алҳол, дар як сол тавассути нерӯгоҳҳои обии электрӣ тақрибан 15 млрд кВт·соат энергияи электрӣ истеҳсол мешавад, ки ин ҳамагӣ 2,39% потенсиали солонаро ташкил медиҳад. Яъне, дар ин самт захираҳои истифоданашуда хеле зиёданд ва Ҳукумати Тоҷикистон аз ҳамаи имкониятҳо истифода мебарад, то ки потенсиали гидроэнергетикии кишварро ба кор андохта, рушди устувори мамлакат ва минтақа бо энергия таъмин карда шавад.

Расидан ба истиқлолияи энергетикӣ, ки яке аз ҳадафҳои стратегии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, солҳои наздик, бо ба кор даромадани Нерӯгоҳи электрии Роғун (иқтидори лоиҳавиаш 3,6 млн кВт) ҷомаи амал хоҳад пӯшид. Тибқи нақша агрегати якуми нерӯгоҳи Роғун (бо иқтидори 600 ҳазор кВт) декабри соли 2018 ба кор оғоз хоҳад кард.

Тибқи маълумоти коршиносони соҳа захираҳои гидроэнергетикии Тоҷикистон нисбат ба Қирғизистон ду баробар зиёд мебошад.[8] Асоси ин потенсиалро кӯҳҳои сар ба фалак кашида, пиряххо ва дарёҳои тезҷараёни кӯҳӣ ташкил медиҳанд, ки чунин шароити табиӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ нодир мебошад. Дар дигар давлатҳои ҳамсоя энергия асосан аз ҳисоби сӯхтани сӯзишвориҳо истеҳсол карда мешавад. Масалан, дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон 86 фоиз, дар Ҷумҳурии Қазоқистон 87 фоиз ва дар Ҷумҳурии Туркманистон 99 фоизи энергияи электрӣ зимни сӯхтани ангишт, газ ва мазут истеҳсол карда мешавад. Манбаъҳои анъанавии энергия бинобар маҳдуд будани захираҳо торафт кам ва дар натиҷа арзишашон баланд ва дастнорас мешавад. Бинобар он, дар солҳои минбаъда, гидроэнергетика дар иқтисодиёти кишвари мо ва минтақа нақши калидӣ хоҳад бозид.

**Лоиҳаи CASA – 1000.** Дар мавсими баҳору тобистон нерӯгоҳҳои барқии обӣ бо иқтидори максималии худ кор карда метавонанд, зеро дарёҳои кӯҳӣ пуроб мешаванд. Лекин талабот ба энергия дар фасли гармо нисбатан кам мешавад. Бо мақсади

[8] Нозир Ёгорӣ Кай ба истиқлолияти энергетикӣ ноил мешавем? //Рӯзномаи “Ҷумҳурият” аз 3.11.2007, С.2.

самаранок истифода бурдани захираҳои гидроэнергетикӣ дар баҳору тобистон давлатҳои ҳамсоя тасмим гирифтанд, ки хатҳои нави интиқоли энергияи электрӣ таҳия намоянд. Сохтани хати интиқоли энергияи электрӣ, ки тибқи лоиҳаи байналхалқии CASA – 1000 амалӣ мешавад[9], имкон медиҳад, ки ҳар сол Қирғизистон тақрибан 1 млрд кВт·соат ва Тоҷикистон 2 млрд кВт·соат энергияи электриро ба Афғонистон ва Покистон содирот намоянд. Корҳои сохтмонии лоиҳаи мазкур аз моҳи маи соли 2016 расман ифтитоҳ шудааст. Амалӣ шудани лоиҳа барои рушди иқтисодӣ иҷтимоии Осиёи Марказӣ ва Ҷанубӣ ва баланд шудани сатҳи зиндагии миллионҳо одамони минтақа мусоидат менамояд, пас аҳмияти бузурги гуманитарӣ дорад.

.

[9] Тарҳи CASA – 1000 унсури калидии бозори энергетикии минтақа мебошад. Суханронии Президенти Тоҷикистон, Пешвои Миллат Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқоти сарони давлатҳо ва ҳукуматҳои кишварҳои иштирокчии CASA – 1000 . Ноҳияи Варзоб, 6 июли с.2017.// Рӯзномаи “Ҷумхурият” аз 7.07.2017, С.1.



**Номвар ҚУРБОНОВ**
табиатшинос

# ТАЪРИХИ ФИЗИКА: АЗ ХРОНОЛОГИЯ ТО КАШФИЁТ

Ҳарчанд таърихи физика ҳамчун илми мустақил танҳо аз асри XVII оғоз меёбад, вале заминаҳои бунёдии он аз замонҳои хеле қадим, аз вақте ки одамон ба системаи аввалини донишҳо оид ба муҳити атроф таваҷҷуҳ пайдо карданд, ибтидо мегиранд. Ин донишҳо то Замони нав ба фалсафаи табиӣ тааллуқ доштанд ва фаҳмишҳо оид ба механика, астрономия ва физиологияро дар бар мегирифтанд. Таърихи ҳақиқии физика ба туфайли таҷрибаҳои табиатшиноси италиявӣ Галилео Галилей ва шогирдони вай ибтидо мегирад. Ҳамчунин, ин илмро олими англис Исаак Нютон бунёд гузошт.

Дар асрҳои XVIII-XIX истилоҳоти калидии энергия, масса, импулс ва ҳоказо пайдо шуданд. Дар асри XX бошад, маҳдудияти физикаи классикӣ ошкор гардида, дар заминаи он назарияи нисбият, физикаи квантӣ, назарияи зарраҳои бунёдӣ, электродинамикаи квантӣ ва монанд ба инҳо ба вуҷуд омаданд. Дар замони муосир донишҳои илмии табиатшиносӣ мукаммал гардидаанд, вале то ҳол масъалаҳои ҳалталаб ва саволҳои беҷавоб оид ба табиати сайёраи мо ва тамоми кайҳон хеле зиёданд.

*Аҳди қадим.* Бисёре аз динҳои ашёпарастонаи (фетишистонаи) Дунёи қадим ба астрология ва донишҳо оид ба ахтарон асос гузоштанд. Ба туфайли тадқиқотҳои шабонаи осмон илми оптика ташаккул ёфт. Бо мурури вақт ҷамъ гардидани донишҳои астрономӣ ба рушди математика таъсири амиқ расониданд. Бо вуҷуди ин дар он замон ба таври назариявӣ шарҳ додани ҳодисаҳои табиӣ ғайриимкон буд. Зеро коҳинон ҳодисаи гирифти Офтоб ва оташакро ба ғазаби илоҳӣ нисбат медоданд.

Дар он вақт, дар Мисри Қадим ба омӯзиши ченакҳои дарозӣ, вазн ва кунҷ оғоз карданд. Ин донишҳо ба меъморон барои сохтмони аҳромҳо ва маъбадҳои азим зарур буданд. Дар ин ҷо механикаи татбиқӣ такмил ёфта, сипас ба дасти бобулиҳо гузашт. Зеро онҳо аллакай, донишҳои мукаммали астрономӣ доштанд ва барои чен кардани вақт шабонарӯзро истифода мебурданд.

Таърихи физикаи Чини Қадим аз асри VII оғоз мегардад. Таҷрибаҳои дар асоси ҳунармандӣ ва бинокорӣ ҷамъомада, аз нигоҳи илмӣ таҳлил мегардиданд ва натиҷаи онҳо дар адабиёти фалсафӣ ифода меёфтанд. Маъруфтарин муаллифи ин адабиёт Мотсзи буда, дар асри IV пеш аз мелод зиндагӣ кардааст. Ӯ аввалин кӯшишашро барои ифода кардани қонуни асосии инертсия (қобилияти ҳолати пештараи худро нигоҳ доштани ҷисм) равона кардааст. Дар он вақт чиниҳо аллакай қутбнаморо ихтироъ ва қонунҳои оптикаи геометриро кашф намуданд. Онҳо аввалин шуда, назарияи мусиқӣ ва акустикаро ба вуҷуд оварданд, ки дар Ғарб муддатҳои тӯлонӣ оид ба он тасаввурот надоштанд.

*Замони антиқа.* Таърихи антиқии физика бо шарофати заҳматҳои файласуфони юнонӣ нисбатан маълум мебошад. Зеро тадқиқотҳои онҳо ба донишҳои геометрӣ ва алгебравӣ асос гузошт. Масалан, пифагорчиён аввалин шуда эълон карданд, ки табиат тобеи қонунҳои универсалии математикӣ мебошад. Ин қонунияти юнониҳо дар оптика, астрономия, мусиқӣ ва дигар илмҳо дида мешавад.

Таърихи рушди физикаро бе заҳматҳои Фалес, Анаксимен, Пифагор, Анаксагор, Ксенофан, Гераклит, Афлотун, Арасту, Эпикур, Архимед ва дигарон тасаввур кардан ғайриимкон аст. Аксар навиштаҳои онҳо то ин замон ба таври комил боқӣ мондаанд. Файласуфони юнонӣ аз дигар ҳамзамонони худ аз мамлакатҳои мухталиф тафовути калон доштанд, чунки онҳо қонунҳои физикаро на аз фаҳмишҳои мифологӣ, балки аз нуқтаи назари илмӣ маънидод мекарданд. Таърихи рушди физика бо шарофати мутафаккирони Юнон ба бунёди устувор ноил гардид, чунки натурфалсафаи онҳо то асри XVII илми асосии байналхалқӣ буд.

*Саҳми юнониёни Искандария.* Демокрит аввалин шуда, назарияи атомҳо ва таносубан аз зарраҳои хеле хурд ва

тақсимнашаванда иборат будани тамоми ҷисмҳоро маънидод кард. Эмпедокл низ қонуни бақои моддаро пешниҳод намуд. Архимед ба асосҳои гидростатикаю механика бунёд гузошта, назарияи фишанг ва бузургии қувваи болобурди моеъро баён кард. Ҳамзамон, вай муаллифи мафҳуми «маркази вазнинӣ» аст.

Олими юнонии дигари Искандария Ҳерон яке аз бузургтарин муҳандисон дар таърихи башарият ба шумор меравад. Ӯ аввалин турбинаро сохта, ба донишҳо дар бораи чандирияти ҳаво ва фишурдашавандагии газҳо умумият дод. Идомаи таърихи рушди физика ва оптика ба тадқиқотҳои Евклид оид ба назарияи оина ва қонунҳои перспектива робита дорад.

*Давраи асримиёнагӣ.* Баъд аз сарнагуншавии Империяи Рим шикасти тамаддуни антиқӣ оғоз гардид. Бисёре аз донишҳои дар замони антиқа ҷамъ гардида ба нобудӣ расида, дар Аврупо қариб тӯли ҳазор сол рушди илм боздошта шуд. Қасрҳои илмии дар замони антиқа бунёдгардида, ба дайрҳои насронӣ табдил ёфтанд ва ба онҳо муяссар гардид, ки бархе аз осори гузаштагонро нигоҳ доранд. Вале ин раванди боздории худи калисоҳо буда, онҳо илму фалсафаро тобеи доктринаи (ақоиду назариёти илмӣ, фалсафӣ ва сиёсӣ, ки асоси фаъолияти сиёсиро ташкил медиҳанд) фақеҳӣ мекарданд. Олимону донишмандонро бо азобу шиканҷа аз марзи кишвар берун меронданд ё ба воситаи инквизитсия (ташкилоти судии тафтишотии калисои католикӣ, ки дар асри XIII ташкил ёфта буд) сахт ҷазо медоданд.

Дар ин замина, густариши илмҳои табиӣ ба мусалмонон гузашта, таърихи пайдоиши физикаи арабҳо ба тарҷумаи осори антиқии олимони Юнон алоқаманд мебошад. Дар асоси ин мутафаккирони Шарқ якчанд кашфиётҳои муҳим карданд, ки яке аз онҳо ихтирои аввалин зонунавард аз тарафи Абулазиз ал-Ҷазарӣ мебошад.

Таназзули аврупоӣ то давраи Эҳё давом карда, дар ин давра айнак ихтироъ гардид ва сабабҳои пайдоиши тирукамон маънидод карда шуд. Файласуфи олмонӣ Николайи Кузанӣ дар асри XV аввалин шуда, беохир будани кайҳонро баён намуд. Баъд аз чанд даҳсола рассоми итолиёвӣ Леонардо да Винчи аввалин шуда, ҳодисаи капиллярнокӣ ва қонуни соишро кашф кард. Инчунин, вай барои сохтани ҳаракатдиҳандаи абадӣ кӯшиш кард, вале аз уҳдаи ҳалли ин масъала набаромад, зеро ба

таври назарияӣ исбот шудааст, ки амалишавии чунин лоиҳа ғайриимкон аст.

*Давраи Эҳё.* Соли 1543 астрономи лаҳистонӣ Николай Коперник асари асосии дар тамоми умр эҷодкардааш - «Оид ба чархзании ҷирмҳои осмонӣ»-ро нашр намуд. Дар китоби мазкур аввалин шуда, модели гелиомарказии олам пешниҳод гардид ва мувофиқи он Замин дар атрофи Офтоб чарх мезанад. Ин модел баръакси модели геомарказии Птолемей, ки калисоҳои насронӣ аз он пайравӣ менамуданд, буд. Бисёр олимони физика иддао доранд, ки то ин давра кашфиётҳои зиёде ба амал омаданд, лекин ибтидои инқилоби илмӣ, маҳз аз нашри китоби «Оид ба чархзании ҷирмҳои осмонӣ» оғоз мегардад. Зеро пас аз нашри он на танҳо физикаи муосир, балки дар маҷмуъ илми муосир ташаккул ёфт.

Дигар олими машҳури Замони нав, табиатшиноси итолиёвӣ Галилео Галилей мебошад, ки ӯ бештар ҳамчун ихтироъкори телескоп (ихтирои ҳароратсанҷ низ ба ӯ тааллуқ дорад) маъруф аст. Ба ғайр аз ин, Галилей қонуни инертсия ва принсипи нисбиятро мухтасаран ифода кард. Маҳз бо шарофати кашфиётҳои вай механикаи комилан нав ба вуҷуд омад. Бояд гуфт, ки агар кашфиётҳои Галилей он замон рӯйи кор намеомаданд, физика чун илми мустақил солҳои дароз наомӯхиа мемонд. Бо вуҷуди ин, ӯ ба монанди дигар муосиронаш ба муқобили калисои насронӣ мубориза мебурд.

*Асри XVII.* Ҷараёни ташаккул ёфтани илм дар асри XVII ба авҷи аъло расид. Дар ин давра механик ва математики олмонӣ Иоганн Кеплер қонуни ҳаракати сайёраҳои Системаи офтобиро (қонунҳои Кеплер) кашф намуд. Ӯ нуқтаи назари хешро дар китоби «Астрономияи нав», ки соли 1609 аз чоп баромад, баён кард. Кеплер хулоса баровард, ки сайёраҳо дар атрофи Офтоб аз рӯйи мадори эллипсӣ чарх мезананд. Инчунин, вай дар рушди оптика саҳми арзанда дошта, фаҳмиши меҳвари оптикию фокусро ба илм дохил кард ва назарияи линзаро мухтасаран маънидод намуд.

Файласуфи фаронсавӣ Рене Декарт ба илми нав - геометрияи таҳилӣ бунёд гузошт. Илова бар ин, вай қонуни инъикоси рӯшноиро пешниҳод кард. Корҳои асосии Декарт дар китоби «Ибтидои фалсафа», ки соли 1644 нашр шудааст, баён гардидаанд.

Яке аз олимони маъруф ва кашшофи бисёр қонунҳои физикаю риёзӣ Исаак Нютон буда, соли 1687 китоби инқилобии «Ибтидои математикаи фалсафаи табиӣ»-ро ба чоп расонид. Вай дар ин китоб қонуни ҷозибаи умумиҷаҳонӣ ва се қонуни асосии механикаро (бо номи се қонуни Нютон машҳуранд) баён кард. Нютон дар бораи назарияҳои рӯшноию оптикӣ ва ҳисобкуниҳои интегралию дифферентсиалӣ тадқиқотҳои арзишманд анҷом додааст. Аз ин рӯ, таърихи физика ва таърихи қонунҳои механика ба кашфиётҳои Нютон пайванди ногусастанӣ дорад.

*Сарҳадҳои нав.* Дар асри XVIII олимони маъруф ба арсаи илм қадам ниҳоданд, ки яке аз онҳо математик ва механики швейтсарӣ, олмонӣ ва россиягӣ Леонард Эйлер буда, дар бахшҳои физикаю риёзӣ, аз ҷумла таҳлили математикӣ, механикаи сферӣ, оптика, баллистика (як қисми механикаи назарӣ, ки қонунҳои ҳаракати ягон ҷисми вазнини ба фазо партобшударо меомӯзад), мусиқӣ ва ғайра беш аз 850 рисолаҳои илмӣ эҷод кардааст. Академияи илмҳои Петербург Эйлерро ба аъзогӣ қабул кард ва ӯ дар ин ҷо ба таҳлили математикӣ бунёд гузошт.

Тавре мо медонем, рушди илми физика дар тӯли таърих, на танҳо натиҷаи заҳматҳои олимони касбӣ, балки бештар натиҷаи хидматҳои дӯстдорони тадқиқотҳои физикӣ мебошад. Намунаи барҷастатарини худомӯзони физика сиёсатмадори амрикоӣ Бенҷамин Франклин аст. Вай ихтироъгари асбоби барқгардон буда, дар омӯзиши ҳодисаҳои электрӣ саҳми назаррас дорад ва таҳқиқодҳояш бештар ба падидаи магнетизм алоқамананд.

Дар интиҳои садсолаи XVIII олими итолиёвӣ Александро Волта «сутуни волтҳо»-ро бунёд кард ва ихтирои мазкур аввалин батареяи электрӣ дар таърихи инсоният гардид. Ҳамчунин, дар ин аср Габриэл Фаренгейт ҳароратсанҷи симобиро ихтироъ намуда, мавриди истифода қарор дод. Дигар кашфиёти муҳим ин садсола ихтирои машинаи буғӣ мебошад, ки соли 1784 сохта шудааст. Ин кашфиёт таҷҳизотҳои нави истеҳсолӣ ва бозсозии саноатиро ба вуҷуд овард.

*Кашфиётҳои амалӣ.* Агар таърихи физика аз ибтидо ба шарҳ додани сабабҳои пайдоиши ҳодисаҳои табиӣ оғоз гардида бошад, дар асри XIX вазъият дар илм тамоман тағйир ёфт. Акнун фаҳмиши комилан нав ба вуҷуд омад ва аз физика идоракунии қувваҳои табиӣ талаб карда мешуд. Дар робита ба

ин, рушди босуръати илм на танҳо ба таҷрибаҳо, балки ба физикаи татбиқӣ алоқаманд аст. «Нютони электр» - Андре-Мари Ампер фаҳмиши нави қувваи электриро ба илм ворид намуд ва дар ин соҳа Майкл Фарадей низ хеле корҳоро ба сомон расонид. Фарадей ҳодисаи индуксияи электромагнитӣ, қонунҳои электролиз, диамагнетизмро кашф намуд ва истилоҳоти физикии анод, катод, электролит, парамагнетизм, диамагнетизм, диэлектрик ва ғайраро ба илм дохил кард.

Баъд аз ин кашфиётҳои бузург соҳаҳои нави илмӣ ба вуҷуд омаданд. Термодинамика, назарияи чандирӣ, механикаи статистикӣ, физикаи статистикӣ, радиофизика, сейсмология ва метеорология, ки ҳамагӣ манзараи муосири ягонаи оламро ташкил медиҳанд, маҳз дар ин давра пайдо шуданд.

Дар қарни XIX фаҳмишҳо ва моделҳои нави илмӣ ба вуҷуд омаданд. Томас Юнг қонуни бақои энергияро исбот кард ва Ҷеймс Максвелл назарияи электромагнитии худро пешниҳод намуд. Химики рус Дмитрий Менделеев муаллифи системаи машҳури даврии элементҳо гардид, ки он ба тамоми физика таъсири назаррас расонид. Дар нимаи дуюми ин аср электротехника ва муҳаррикҳои дарунсӯз пайдо шуданд. Ин дастовардҳо самараи физикаи татбиқӣ мебошанд, ки ба ҳалли масъалаҳои муайяни технологӣ нигаронида шудаанд.

*Фаҳмишҳои нави илмӣ.* Оид ба таърихи физика дар ибтидои асри XX мухтасар гуфтан мумкин аст, ки моделҳои назариявии классикӣ дар ин давра ба буҳрон гирифтор шуданд. Мухолифати формулаҳои илмии қадима ба маълумоти нави илмӣ оғоз гардид. Масалан, тадқиқотчиён нишон медоданд, ки суръати рӯшноӣ аз системаи сарҳисоб вобастагӣ надорад. Дар баробари ин, дар охири асри XIX электрон, радиоактивият ва нурҳои рентгенӣ кашф карда шуданд.

Дар натиҷаи ҷамъшавии муаммоҳои зиёд физикаи классикӣ аз нав таҳлилу баррасӣ гардид. Муҳимтарин ҳодисаи инқилоби илмии навбатӣ асосноксозии назарияи нисбият буд. Муаллифи он Алберт Эйнштейн мебошад, ки ӯ аввалин шуда оламиёнро ба робитаи ногусастании вақту фазо шинос намуд. Дар ин давра бахши ҷадиди физикаи назариявӣ - физикаи квантӣ ба вуҷуд омад. Дар инкишофи ин илм як қатор олимони маъруфи ҷаҳонӣ: Макс Планк, Эрвин Шрёдингер, Вернер Гейзенберг, Луи де

Бройл, Пол Дирак, Нилс Бор, Волфганг Паули, Макс Борн, Паул Эренфест ва дигарон иштирок доштанд.

